**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**Донишгоҳи Давлатии Самарқанд ба номи А. Навоӣ**

**КИБРИЁ ҲАСАНОВА**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯИ ПЕДАГОГИКА

Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ўзбекистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо ба нашр тавсия кардааст

ТОШКАНД
«IQTISOD-MOLIYA»
2008

**74.00**

Муқарризон: ***профессор*** **О.Ҳасанбоева**
***дотсент*** **Ю.Аҳроров**

**Ҳасанова Кибриё**
**Х-31** **Асосҳои назарияи педагогика.** / К.Ҳасанова; Муҳаррири масъул А. Тоҳириён; Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ўзбекистон, Донишгоҳи Давлатии Самарқанд ба номи А.Навоӣ; – Т.: «IQTISOD-MOLIYA», 2008. - 244 саҳ.

*Китоби мазкур мувофиқи барномаи таълими назарияи педагогика дар донишгоҳҳо таҳия шудааст. Он умдатарин масъалаҳоеро, ки ба сифати асосҳои назарияи педагогика эътироф гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, чун ҷамъбасти афкори назарии илми педагогика пешкаш мегардад. Дастур дар самти раҳнамоӣ таълиф ёфта, алоқамандони назарияи таълиму тарбияро бештар ба муаммоҳои ҳалталаб ошно мекунад.*

**ВВК 74.00я73**

**ISBN 978-9943-13-070-8**

© «IQTISOD-MOLIYA», 2008
© К. Ҳасанова, 2008

# САРСУХАН

Аз рӯзе, ки инсоният ба зиндагии мутамаддин рӯ овард, масъалаи тарбияи насли наврас, ба шуури ворисон ҷой додани асосҳои бунёдии тарзи зист ва тафаккури аҷдод яке аз масъалаҳои умдатарини ҷомиа буд. Дар ҳар гуна шароити хоси таърихӣ, вобаста ба ниёз ва эҳтиёҷи ҷамъият, ақлу заковати инсонӣ ҳамеша беҳтарин ва самараноктарин роҳҳои таълиму тарбияро ба арсаи олами маънавӣ пешниҳод мекард. Хирадмандон ва мутафаккирони варзидаи замон таҷрибаҳои зиндагӣ ва таҳқиқоти илмиро ҷамъбаст намуда, барои умум назарияҳои мукаммалу суфта ба миён меоварданд. Ҳамин тариқ, назарияи педагогика чун як соҳаи асосии педагогикаи умумӣ масъалаҳои муҳимро чун моҳият, роҳу усулҳо, қоидаҳои ташкили таълиму тарбия ва камолоти насли наврасро мавриди баррасӣ қарор медод.

Истиқлолияти Республикаи Ӯзбекистон барои инкишофи минбаъдаи шаклҳои миллии таълиму тарбия имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Биноан, акнун назарияи тарбия ба таҷрибаи бою ғановатманди мутафаккирони Осиёи Марказӣ ва педагогикаи халқие, ки ба тарбия робитаи ногусастанӣ дорад, низ такя мекунад. Назарияи тарбия барои асоснок намудани қоидаҳои худ, барои пурра ва мукаммал омӯзонидани таълимоти худ аз маълумотҳои илмҳои гуногун, аз қабили фалсафа, сотсиология, этика, эстетика, физиология, психология истифода мебарад. Назарияи тарбия бо қисмҳои ҷудогонаи педагогика — асосҳои умумии педагогика, назарияи таълим, шинохти мактаб (мактабшиносӣ) узван пайваст аст.

Зимни таҳияи асосҳои назарияи педагогика панди Абдулло Авлонӣ “Тарбия барои мо масъалаи ё ҳаёт, ё мамот, ё наҷот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат аст” чун шиори

рӯз қабул шудааст. Яъне, кори басо пурмасъулият ва муҳим будани ҷараёни пиёда намудани таълиму тарбия дар назар дошта шудааст. Аз ин ҷост, ки дар мамлакат “Барномаи миллии тайёр кардани кадрҳо” дар сатҳи қонуни давлатӣ қабул гардидааст. Ислом Каримов дар асари барҷастаи худ “Насли комил – пойдевори тараққиёти Ӯзбекистон” таъкид мекунад, ки “ҳама бояд донем, ки дар бораи насли оянда ғамхорӣ кардан ва барои тарбия намудани насли баркамоли солим кӯшиш намудан хусусияти миллии мо мебошад. Мо боз як ҳақиқатро фаҳмида истодаем. Танҳо одами маърифатноки мукаммал қадри инсонро, арзишҳои миллатро медонад, бо як сухан ифода кунем, метавонад барои худшиносӣ, дар ҷамъияти озод ва обод зиндагӣ кардан ва барои дар ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро ишғол кардани Ӯзбекистон фидокорона мубориза барад” .

Дар айни замон барои иҷрои “Барномаи миллии тайёр кардани кадрҳо” тамоми имконият ва воситаҳо истифодаву сафарбар мешаванд. Аз ҷумла, кормандони соҳаи маориф низ масъулияти худро дар назди ҷамъият ҳис намуда, барои таълиму тарбияи насли наврас, ҷустуҷӯ ва дарёфти қобилияти эҷодӣ, истеъдоди ҳар як тарбиятгиранда ва аз онҳо ба камол расонидани одами ҳарҷониба инкишофёфтаи ҷамъият ташаббус нишон медиҳанд. Зеро, ҷамъият дар назди мактаб ҳамеша талаботи нав ба нав мегузорад ва муваффақияти кори мактаб ба он вобаста аст, ки муаллим чӣ андоза ба ин талабот мувофиқ аст. Бинобарин танҳо муаллиме, ки маълумоти васеи педагогӣ дошта бошад, вазифаҳои педагогиро дуруст ва пухта ҳал карда метавонад. Донишҳои педагогӣ ба шарте ба амалиёт раҳбар шуда метавонанд, ки дар байни омӯзиши маводи назариявӣ ва мушоҳида, инчунин таҳлили ҷанбаҳои гуногуни кори мактабу муаллим робита барқарор бошад. Набояд фаромӯш кард, ки бе татбиқи комёбиҳои назарияи педагогика кори таълиму тарбияро дар ҷамъият пеш бурдан душвор аст.

Талаботи педагогикаи муосир чӣ аз ҷиҳати назарӣ ва чӣ аз ҷиҳати амалӣ дар Стандарти давлатии таълим низ мавриди назар аст. Дар он мазмун, шакл, восита, усул ва тартиби баҳогузорӣ, инчунин низоми арзёбии сифати дониши шогирдон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Тавассути стандарти давлатӣ шартҳои зарурии дараҷаи барқарории таълим иҷро мегардад. Стандарти давлатии таълим аз рӯи моҳияти худ барои офариниши дастурҳои хониш, китобҳои дарсӣ, дастуруламалҳо, низомҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, чун асос хизмат мекунад. Ин санади муҳим аз рӯи сохтор ва мазмуни худ манфиати давлат, муассисаҳои таълиму тарбиявии онро акс намуда, қатъиян дар рӯҳияи ташаккули шахсияти устувори маънавӣ, баланд бардоштани қобилияти маърифатӣ ва шавқмандии сердоманаи донишомӯзон тартиб ёфтааст.

Китоби мазкур барои донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикии мактабҳои олии Республикаи Ўзбекистон пешбинӣ шудааст.

Ҷиҳати ҷолиби дастур, ба назари мо ин буд, ки дар таҳлилу таҷзияи масъалаҳои пешгузошташуда кӯшиш ба харҷ дода шуд, то он масъалаҳо аз нуқтаи назар ва мавқеи фарзандони давлати соҳибистиқлол баррасӣ шуда, дар такя ба асосҳои илмии мероси бойи хазинаи маънавияти аҷдод инъикоси худро ёбанд.

Ҳангоми тайёр намудани китоб мо ба ҳуҷҷату қонунҳои давлатӣ оид ба соҳаи илми педагогика, асарҳои И.Каримов такя намуда, ҳамвора аз китобҳои дарсии муаллифон С.Раҷабов, А. Мунавваров, Р. Мавлонова, О.Тӯраева, О.Ҳасанбоева ва Ҷ.Ҳасанбоев, Х.Ҳамидов ва аз дастурҳои намунавии Н.Ғайбуллаев, Н.Азизхӯҷаева, С.Юзликаев, Ш.Авазов, М.Иномова, С.Мадярова, ки шохаҳои гуногуни муаммоҳои мавҷудаи фанни педагогикаро мукаммал фаро гирифтаанд, истифода бурдем ва барои ҳамаи онҳое, ки дар анҷоми кор бо маслиҳату машварати худ саҳме доштанд, изҳори миннатдорӣ менамоем.

# БОБИ I.
# ФАННИ ПЕДАГОГИКА, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Дар Ўзбекистони соҳибистиқлол соҳаи таълиму тарбияи насли наврас дигаргуниҳои муҳим ва чашмрасро соҳиб шуда, тағйиротҳои қобили таваҷҷӯҳро ба амал овардааст. Дар боби бозсозии маънавияти ҳалқ, такмил ва пешбурди он тадбирҳои пурманфиат пиёда мешаванд. Зеро, ҳар як давлат ва ҳар як миллат на танҳо бо сарватҳои зеризаминиву рӯизаминии худ, қудрати ҳарбӣ ва иқтидори истеҳсолии худ, балки пеш аз ҳама, бо фарҳанг ва маънавияти волои худ муқтадир аст. Аз ин рӯ, акнун саҳифаҳои пештар пурсояи осори пурмаънии алломаҳои гузашта аз қаъри таърих рӯ ба равшанӣ меоранд.

Фанни педагогика ҳам дар заминаи тағйир ёфтани мақсади таълиму тарбия, ки вобаста ба талаботи ҷамъият ва хусусиятҳои пешрафти он ба вуҷуд омадааст, ба худ мазмун ва моҳияти нав касб намуда, пайваста роҳҳои самарабахши таълиму тарбия, робитаи қисмҳои таркибии педагогика, танзими ҳамкории онро бо дигар илмҳои ҳамравия ҷустуҷӯ менамояд. Иҷрои чунин вазифаҳо, пеш аз ҳама ба ривоҷ ва пешрафти назарияи педагогика вобаста аст. Маҳз назарияи педагогика таҷрибаҳоеро, ки дар соҳаи таълим ва тарбия мавҷуданд, умумӣ намуда, истиқболи ривоҷи минбаъдаи педагогикаи умумӣ ва роҳҳои амалӣ намудани онро баррасӣ мекунад.

Дар Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи таълим» гуфта шудааст, ки соҳаи таълим дар тараққиёти иҷтимоии Республикаи Ўзбекистон дар ҷои устувор қарор дорад. Вазифаи таълиму тарбия, қабл аз ҳама, офаридани имкониятҳои ақливу амалӣ барои ҷавонон буда, он бояд

ба ошкор сохтани қобилияти эҷодӣ, таъмини ривоҷи интеллектуалии наврасон, интихоб ва мукаммал омӯхтани касби дилхоҳи онҳо нигаронида шавад.

Дар ҷамъияти инсонӣ аз азал саволе ба миён гузошта мешуд: дар боби таълиму тарбия чӣ бояд кард, бо кадом роҳ бояд пеш рафт, ба чӣ бояд эътибор дод, то авлод аз аҷдоди худ хубтар зиндагӣ кунанд ва саодати бештаре дошта бошанд? Ба ин ва дигар саволҳои шабеҳи он ҳамеша фанни педагогика ҷавоб медод ва медиҳад. Манбаъҳо шаҳодат медиҳанд, ки аз замони зуҳури ҷамъияти инсони барои таълими таҷрибаҳо ба насли оянда эҳтиёҷ пайдо гардид. Дар натиҷа нахустин омилҳои таълим ва тарбия падид омаданд. Дар асоси таҷрибаҳо оид ба табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ донишҳои муайян рӯз аз рӯз такмил ёфтанд. Мураббиёне, ки бо кори таълиму тарбия машғул буданд, ба сифати ҳомиёни касбу ҳунар ҷудо шудан гирифтанд. Фаъолияти онҳо дар соҳаи таълиму тарбия ва таҷрибаҳои андӯхтаи онон ва мавриди истифода қарор гирифтани он ҳама, боиси пайдоиши фанни педагогика гардид. Дар ҳамин асно муассисаҳои ибтидоии амсоли мактаб ба вуҷуд омада, тараққӣ ёфтанд. Ниҳоят, педагогика ба фанне табдил ёфт, ки мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбия, мазмун, усул ва шаклҳои ташкилкунандаи онҳоро дар бар мегирад.

Маълум аст, ки тарбия санъати бағоят нозук ва ҷараёни басо ноҳамвор буда, ба худ муносибати ҷиддӣ мехоҳад. Алалхусус, касонеро, ки кори педагогиро барои худ касб интихоб кардаанд, лозим аст ин фанро амиқ ва пухта донанд. Мураббиёне, ки аз илми педагогика бехабаранд, боиси ба вуҷуд овардани камбудиву нуқсонҳо дар тарбия ва албатта дар хулқу атвори насли наврас мешаванд. Онҳо наметавонанд истеъдоди шогирдонро инкишоф диҳанд, ба тараққиёти савияи дониши онҳо халал мерасонанд.

Фанни педагогика тақозо мекунад, ки он чӣ аз ҷиҳати назарӣ ва чӣ аз бобати амалӣ хеле мукаммал омӯхта шавад. Дарки мақсади таълиму тарбия ва дар заминаи он додани донишҳои нав шарти ҳатмӣ ва дурусти тарбия аст.

Илова бар ин, маҳз меҳнати беғаразонаи тарбиятгар, меҳнати фидокоронаи ӯ самаранокии тарбияро таъмин хоҳад кард.

Пас, педагогика фаннест, ки барои чун инсони солимфикр ба воя расонидани насли наврас, барои муайян намудани мазмуни таълиму тарбия, қонунҳои умумӣ ва роҳҳои татбиқи онро дар амал меомӯзад.

Аҳамияти илми педагогикаро дар ҷамъият ба инобат гирифта, давлат ва ҷамъият бояд кафили инкишофи доимӣ ва такмили мунтазами системаи маориф ва тайёркунии мутахассисон бошанд. Дар ин замина ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз панҷ тамоилҳое, ки модели миллии Ӯзбекистон ном гирифтааст, гузаронидани ислоҳот дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ мебошад ва он марҳилаи зина ба зина ҷорӣ намудани ислоҳотро пешбинӣ карда, вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

— истифодаи самараноки иқтидори илму истеҳсолот барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар таълимгоҳҳои шакл ва хелашон гуногун;

— муайян намудани пешомади талаботи умумидавлатӣ, минтақавӣ ба мутахассисони соҳибиқтидор аз рӯи тахассус ва сатҳи касбии онҳо;

— такмили фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятии тамоили касбӣ;

— тарбияи ҷавонони ватандӯст, некӯахлоқ ва бомаърифати ба меҳнат виҷдонан муносибат дошта;

— таъмини пурраи муассисаҳои маориф, пеш аз ҳама мактабҳои таълими ҳамагонӣ аз ҷониби давлат, вусъат додани меъёрҳои молиявӣ ва моддию техникӣ ва такмили механизми онҳо;

— истифодаи васеи имкониятҳои моддиву молиявии ниёзмандони системаи тайёркунии кадрҳо барои мустаҳкам намудани базаи моддию молиявии мактабҳои касбҳои техникӣ ва таълимгоҳҳои олӣ;

— дар чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ вогузории ҳуқуқи мустақилона муайян сохтани нақшаи таълим, барнома ва да-

стурҳо, истифодаи усули худидоракунӣ ба муассисаҳои маориф ва ба мактабҳои олӣ.

## Тарбия ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ

Таълиму тарбия аз замони пайдоиши ҷамъияти инсонӣ вуҷуд дорад. Дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ таълиму тарбия кори умум ба шумор мерафт. Дар замони ҷамъияти ғуломдорӣ байни тарбияи фарзандони ғуломдор ва ғулом тафовут пайдо шуд. Агар дар давраҳои аввали тараққиёти ҷамъият, одамони калонсол бачагонро дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ тарбия кунанд, дертар баробари тараққиёти ҷамъият, чунин талқин кардани дониш ва таҷриба ба талаботи ҳаёт ҷавоб дода натавонист. Ва дар натиҷа ба тарбиядиҳӣ шахсони донишманду таҷрибанок машғул шуданд. Оҳиста-оҳиста масканҳои илм пайдо гардида, толибилмон бисёр шуданд ва соҳибони касби махсус – педагогҳо ба миён омаданд.

Тарбия, ки аз эҳтиёҷи додани таҷриба ва дониши насли калонсол ба насли хурдсол ба миён омада буд, ҳамқадами доимии ҷамъияти инсонӣ шуд. Тадриҷан силсилаи қонун ва қоидаҳое арзи вуҷуд карданд, ки доираи таълиму тарбия, хусусиятҳои урфу одатҳоро муайян менамуданд, инчунин доираи фаъолияти омӯзгор-тарбиятгар ривоҷ ёфта, талаботи дар назди ӯ гузошташуда рӯз ба рӯз такмил меёбад.

Аммо таҷрибаҳое, ки дар ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ ғун гардидаанд, мазмун ва моҳияти тарбияро ташкил намоянд ҳам, барои омӯзонидани онҳо ба насли наврас имкон набуд. Фақат қисми муайяни таҷрибаҳоеро, ки ба туфайли силсилаи таълими ҳалқӣ фароҳам омада буданд, фаро гирифтан мумкин буд. Ин ҷо низ муаммо пеш омад. Оё тамоми шаклҳои ҳама гуна таҷриба мазмуни тарбияро ташкил карда метавонад, таҷрибаҳои марбути тарбияи насли навро чӣ тавр метавон ҷудо кард, бо ин кор кӣ бояд машғул шуд?

Табиист, ки на ҳамаи шаклҳои таҷриба мазмуни тарбияро ташкил карда метавонад. Чунки:

— якум, дар ҳар кадом таҷрибаи собиқ ҷиҳатҳои аз лиҳози ҷисмонӣ, маънавию ахлоқӣ кӯҳнашуда, ношоям низ мавҷуд аст;

— дуюм, дар педагогика, хусусан дар тараққиёти педагогикаи ҳалқҳои Шарқ, паҳлуҳои басо мураккаб вуҷуд доранд, ки ҷавонон онҳоро наметавонанд зуд аз худ намоянд. Масалан, омӯхтани фалсафа ё мероси маънавии мутафаккирон бо сабаби пурра баҳраманд набудани мо аз фалсафа, фанҳои табиию гуманитарӣ ва манбаъҳои динӣ, бо душворӣ муяссар мегардад;

— сеюм, бино бар нокифоягии асосҳои чӣ усулӣ, чӣ моддӣ барои фаро гирифтани тамоми таҷрибаҳои ғуншуда имкон нест ва ҳоказо.

Муҳимтар аз ҳама, мазмуни тарбияро бояд мувофиқи эҳтиёҷоти инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият ва ба ҳисоб гирифтани дигаргуниҳое, ки минбаъд ба амал омаданаш мумкин аст, ташаккул дод. Масалан, усулҳои тарбияи ҷамъияти ғуломдориро ба ҷамъияти капиталистӣ татбиқ намудан мумкин нест. Кӯшиши ҷорӣ намудани унсурҳои таълиму тарбияи аврупоӣ ба таркиби тарбияи ҳалқҳои Шарқ, кӯтоҳандешӣ хоҳад шуд. Роҳи мақбули ҳалли муаммои мазкур иборат аз он аст, ки ҳар як ҳалқ барои расидан ба камолот бояд таълиму тарбияи ба худ мувофиқро ҷорӣ кунад ва баробари ин бояд ҷабҳаҳои самарабахши таҷрибаҳои ҷамъовардаи умумибашариро интихоб ва амалӣ намояд. Мо хоҳем, нахоҳем, ҳар як ҷомеа ба таълиму тарбияи хоси худ мӯҳтоҷ аст ва онро ҳатман меофарад. Ҷиҳатҳоеро, ки ба ҷамъият зарар мерасонанд, қабул намекунад, балки барои нест кардани он мубориза мебарад ва роҳи пайдо намудани усулҳои худро меҷӯяд.

Вазифаи педагогикаи ҳалқҳои Шарқ, аз он иборат аст, ки таълиму тарбияро мутобиқи орзую умедҳои миллат ва ҳалқиятҳои гуногуне, ки дар ҷамъият иқомат доранд, ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ ҳал намояд. Ин имконият

медиҳад, ки аз таълимоти алломаҳои олами ислом гирифта то таълимоти олиму фозилони кунунӣ ҷиҳатҳои ҳамоҳангро кофта ёбем, зеро ҳоло ба ҳокимияти яккамафкурагӣ хотима гузошта шудааст.

Барои он, ки имрӯз анъанаҳои неки аҷдодӣ аз нав эҳё гарданд ва мустаҳкам дар ҳаёти мо ҷорӣ шаванд, замони истиқлолият шароитҳои басо мусоиде ба вуҷуд овардааст. Ин бешубҳа, ба дӯши аҳли зиё, илму адабу маърифат вазифаҳои басо бузург ва пурмасъулиятро бор мекунад.

Воқеан, танҳо шахси соҳибмаълумот ва соҳибтарбия метавонад, ба қадру қимати инсон бирасад, суннатҳои миллиро ҳифз намояд, худшиносии миллиро баланд бардорад, барои дар ҷамъияти озод зиндагӣ кардан, худхоҳона мубориза барад, барои он ки давлати соҳибистиқлоли мо дар ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ ба мавқеи муносиб ва бонуфузе соҳиб шавад, саъю кӯшиш намояд.

Хуллас, тарбия ин ҳодисаи иҷтимоӣ буда, худи маънои вожаи педагогика низ аз он дарак медиҳад. “Педагогика“ аз калимаи лотинии “пайдагогос” гирифта шуда, “паине” — кӯдак ва “агогеин” — маънои “роҳнамоӣ”-ро ифода менамояд. Дар Юнони қадим дар асрҳои III—I қабл аз замони солшумории мо ғуломон-тарбиятгаронеро, ки ба бача хӯрок дода, ӯро ба сайру тамошо мебароварданд ва дар оғӯши табиат бозӣ медорониданд, “педагог” меномиданд. Фарзанди ғуломдорро шахсони алоҳида раҳнамоӣ карда, ба мактаб бурда меоварданд. Омӯзгоронеро, ки дар мактаб кор мекарданд, “дидаскалон” (дидаидо — ман меомӯзонам) мегуфтанд. Дар замони феодализм ба воситаи ҳамкории одамони ҳар ду касб касоне пайдо шуданд, ки махсус бо кори таълиму тарбия машғул мешуданд. Онҳоро “педагог” номиданд ва ин калима ҳоло ҳам нисбат ба касоне, ки машғули кори таълиму тарбия мебошанд, истифода мегардад.

Бо калимаи қадимӣ ва лотинии “педагог” (муаллим) номбар шудани қисми назарияи таълими фанни педагогика бесабаб нест. Объекти асосии педагогика асосан хо-

нандагони мактаб мебошанд, маводи он бошад, назария ва амалияи таълим ва тарбияест, ки ба хонандагон дода мешавад.

## Соҳаҳои илми педагогика

Дар рафти инкишофи таърихии худ, педагогика аз чунин соҳаҳо таркиб ёфтааст:

1. ***Педагогикаи умумӣ,*** ки қонуниятҳои асосии тарбияро тадқиқ мекунад.

2. ***Педагогикаи синнусолӣ,*** ки хусусиятҳои тарбияи одамро дар давраҳои гуногуни инкишоф меомӯзад. Педагогикаи томактабӣ, педагогикаи мактабӣ ибтидоӣ, педагогикаи мактабӣ миёна бомуваффақият инкишоф ёфта истодаанд. Дар шароити васеъ ривоҷ ёфтани маълумоти миёнаи касбӣ ва олӣ кор карда баромадани педагогикаи маълумоти касбию техникӣ, педагогикаи мактабӣ олӣ аҳамияти калони рӯзафзун пайдо мекунад.

3. ***Педагогикаи махсус,*** ки дар навбати худ ба як қатор соҳаҳо тақсим мешавад: а) сурдо-педагогика, қонуниятҳои таълим ва тарбияи кару гунгҳоро меомӯзад; б) тифло-педагогика, қонуниятҳои таълим ва тарбияи нобиноҳо ва хирачашмонро меомӯзад; в) олигофрено-педагогика, қонуниятҳои таълим ва тарбияи бачагони камақлро тадқиқ мекунад.

4. ***Методикаи таълими*** фанҳои гуногун – забон, математика, таърих ва ғайра, ки ҳамчун назарияи таълимии ин ё он фан ва такомули тарбияи хонандагон дар ҷараёни омӯзиши ин фанни амиқ инкишоф меёбад.

5. ***Таърихи педагогика*** инкишофи ғояҳои педагогӣ ва тарбиявии давраҳои гуногуни таърихиро меомӯзад.

6. ***Педагогикаи ҳалқӣ.*** Истифода бурдан аз эҷодиёти даҳонии ҳалқҳои гуногунмиллат (фолклор) ва аз мероси маънавии мутафаккирони Шарқро дар назар дорад.

7. ***Педагогикаи оилавӣ.*** Таҷрибаҳои бисьёрсолаи тарбияи фарзанд дар оиларо меомӯзад.

## Мафҳумҳои асосии педагогика

Ҳангоми тавсифи фанни педагогика калимаҳои "таълим", "тарбия" ва "маълумот"-ро истифода намудем. Калимаҳои мазкур бо ҳам вобаста буда, ҳамдигарро такмил медиҳанд. Ин калимаҳоро чун мафҳумҳои асосии педагогика, ба қалам медиҳем. Ғайр аз ин, калима-истилоҳҳое ба монанди "хонанда", "муаллим", "усул", "интизом", "ҷомеа", "ирсият", "муҳит", ва ғайра ҳастанд, ки дар хусуси онҳо ҳангоми баҳс аз рӯи мавзӯъҳои дахлдор алоҳида сухан хохем ронд.

***Тарбия ҷараёнест,*** ки аз вақти таваллуди кӯдак то охири умри ӯ давом мекунад. Аз ин ҷост, ки калимаи "тарбия" дар бисёр мавридҳо мазмуни корҳоеро ҳам мефаҳмонад, ки ба ҷараёни таълим ва маълумот дохил мешаванд. Тарбия натиҷаҳои таълим ва маълумотро дар худ акс менамояд.

***Таълим ҷараёнест,*** ки аз тарафи касони махсус тайёр карда шуда амалӣ мегардад, хонандагонро бо дониш, таҷриба ва малака мусаллаҳ месозад, дониш ва қобилияти онҳоро вусъат дода, ҷаҳонбиниро ташаккул медиҳад.

Агар тарбия аз вақти таваллуди кӯдак оғоз ёфта, то охири умри вай дар оила, мактаб ва бо таъсири аҳли ҷомиа шакл гираду камол ёбад, таълим дар доираи маҳдуд (масалан, дар синф, лаборатория ва ҳуҷраҳо-кабинетҳо) таҳти роҳбарии муаллим-тарбиятгар сурат мегирад.

***Маълумот*** маҷмӯи дониши дар натиҷаи таълиму тарбия ҳосилшудаву ба низом даромада, таҷриба, малака ва ҷаҳонбинии ташаккулёфта мебошад.

Таълим, тарбия ва маълумот ҷараёни ягонаи ба ҳам муттаҳид буда, муаллим-тарбиятгар барои ташаккули онҳо раҳнамоӣ хоҳад кард. Муаллим ҳангоми дарс дар мактаб хонандагонро аз навигариҳои олами фан бохабар намуда, баробари он дар ҳастии онон сифатҳои инсониро низ ташаккул медиҳад ва тарбият менамояд. Барои парвариши фазилатҳои неки инсонии хонандагон аз қабили боақлӣ,

хушахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ кӯшиш карда бо маънавияти баланди хеш ба саъйу ҳаракати ҳаррӯза ва феълу атвори онҳо ҳамеша таъсир мекунад. Муаллим фазилатҳоеро ба монанди эҳтироми падару модар, калонсолон, муомилаи боодобонаро ташаккул медиҳад, камоли муттасили онҳоро таъмин менамояд.

Таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки агар инсон таҳсил кунад, омӯзад, дар такмили хеш мунтазам кор кунад, ҳатман соҳиби маълумот мегардад, асрори илму оламро медонад. Барои соҳиби ҳақиқии камолот шудан лозим аст, ки ба замми донишу маълумот фазилатҳои олии инсонӣ дар замири шахс ҷой пайдо кунад. Шахсеро, ки соҳиби чунин фазилатҳост, шахси тарбиядида мешуморанд.

## Робита ва ҳамоҳангии педагогика бо фанҳои дигар

Фанни педагогика ба сурати танҳо мукаммал шуда наметавонад. Вай низ монанди фанҳои дигар аз дастовардҳои фанҳои иҷтимоӣ баҳраманд гардида, бевосита инкишоф меёбад. Дар замони мо донишҳое, ки аз ҷониби аҳли илму адаб офарида шудаанд, навигариҳое, ки марбути таълим мебошанд, метавонанд барои фанни педагогика нақши манбаъро бозӣ кунанд. Чун фанҳои дигар, педагогика ҳам барои камолоти иҷтимоии инсон хизмат менамояд. Вай ба маълумотҳои оид ба ривоҷи табиат ва ҷамъият асос меёбад ва ба сифати фанни иҷтимоӣ низ беш аз пеш тараққӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, бо фанҳои фалсафа, таърих, иқтисод, психология, сотсиология, этика ва эстетика робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҳар як талаба ва мураббӣ бояд таърихи кишвари худро донад ва ватанпарвар бошад. Аз ҷумла, таърихи таълиму тарбияро надониста, аз таърихи фанни педагогика воқиф нашуда, мураббӣ шудан кори душвор аст. Барои амиқтар донистани назарияи педагогика таърихи пайдоиш ва тараққиёти собиқи онро омӯхтан шарт аст.

Масалан, таърихи педагогика, бо ҷараёни таълиму тарбияи замони пеш, тадриҷан хусусиятҳои нав пайдо намудани ғояҳои педагогӣ, ба туфайли тағйири шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мазмуни нав касб кардани моҳият ва услуби кори муассисаҳои тарбиявӣ ва ҳоказо шинос менамояд.

Фалсафа барои фанни педагогика ба сифати асоси методологӣ хизмат менамояд. Чунки муваффақиятҳои ҳозираи таълиму тарбия маҳсули мубориза и афкори фалсафӣ ва тараққиёти он ба шумор меравад. Фанни фалсафа педагогикаро бо усулҳои илмӣ мусаллаҳ месозад, дар роҳи корқарди объективии қоидаву қонунҳои таълиму тарбия барои вай ҳамчун манбаъ хизмат мекунад.

Фанҳои этика ва эстетика ба қисми назарияи тарбияи илми педагогика робита доранд. Ин фанҳо дар бобати меъёри хулқу одоби хонанда, ҳамчунин фаҳмонидани маънои ҳақиқии зебоӣ баҳс ронда, дар шуури онон завқи эстетикиро нисбати паҳлӯҳои ҷозибавӣ ва нафосатии ҳаёт бедор менамояд. Фанни педагогика бо анатомияю физиологияи бачагон, гигиенаи онҳо низ алоқаи мустаҳкам дорад. Хулоса, фанҳои мазкур ҳамдигарро пурра мекунанд.

Объекти фанни педагогика сол то сол меафзояд, дар натиҷа соҳаҳои он низ ба чанд гурӯҳ тақсим шуда истодааст. Онҳо бахшҳои фанни педагогика ном доранд.

Равшан аст, ки ҷиҳатҳои назарӣ ва амалии таълими хонандагонеро, ки аз соҳаҳои гуногуни илм дониш меомӯзанд, фақат фанни педагогика ба танҳоӣ наметавонад муфассал ошкор созад. Бахшҳои фанни педагогика дар ҳалли мусбати ин муаммоҳо омили муҳим ба шумор мераванд.

Ҳоло педагогика ба чанд бахш ҷудо шудааст. Аз ҷумла педагогикаи умумӣ, педагогикаи тарбияи томактабӣ, педагогикаи маданӣ-равшаннамоӣ, педагогикаи таълими ҳунару техника, педагогикаи ҳарбӣ ва ҳоказо, ки дар табодули донишҳо бо дигар фанҳои иҷтимоӣ ривоҷ меёбанд.

# УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ ИЛМИИ ПЕДАГОГИКА

Ҳар як фан усулҳои тадқиқи илмии худро доро аст, ки ба воситаи ин усулҳо мазмунан бой шуда, хусусиятҳои тоза касб менамояд. Дар зиндагӣ ва назарияи дарки дунёи объективӣ масъалаҳое, аз қабили чиро бояд омӯхт ва чӣ тавр бояд омӯхт, киро бояд тарбия намуд ва чӣ навъ бояд тарбия кард, мавҷуданд, ки онҳо бо якдигар пайванди узвӣ доранд. Байни муаммоҳои чӣ бояд кард ва онро чӣ тавр бояд амалӣ намуд, ягонагии узвӣ-диалектикӣ мавҷуд аст.

Педагогика барои ғанӣ гардонидан ва нав кардани мазмуни худ ҳодиса ва ҷараёнҳои педагогиро тавассути усулҳои ба худ хос бо мақсад ва вазифаҳои муайян мувофиқ, меомӯзад. Ба ин маънӣ, маҷмӯи муносибатҳои тадқиқ ва алоқаи дохилии онҳо, усулҳо ва воситаҳоеро дар назар дорем, ки дар бобати тарбия ва таълими насли наврас ба ҷараёни воқеӣ мувофиқ меоянд.

Илми педагогика чунин тарзи омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёнҳои таълиму тарбия аст, ки татбиқи моҳияти масъалаҳои зеринро салоҳ медонад:

1. Робитаи умумӣ, тақвияти ҳамдигарии илм, фарҳанг, ахлоқ, санъат, таълим, тарбия сарфи назар аз макони амал дар ҷараёни умумии таълиму тарбия;

2. Ба миён овардани вазифаҳои таълиму тарбия, шаклу усулҳои таълим, ҷиҳати мураккабияти ба амал татбиқ намудан ва номумкинии сурат гирифтани таълиму тарбия ба андозаи ҳамранг ва якхела;

3. Дар пешрафти бачагон ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии онҳо, такя намудан ба меъёрҳои фаъолияти ақлию ахлоқӣ, ягонагии гуфтор ва амал;

4. Ба ҳисоб гирифтан ва донистани таъсири урфу одат, расму русум ба камолоти бачагон;

5. Донистан ва аз нигоҳи фанни педагогика талқин намудани категорияҳои фалсафӣ чун ҳодиса ва моҳият, сабаб ва натиҷа, зарурат ва тасодуф, мазмун ва шакл, им-

կոният ва ҳаққоният, таърихият ва мантиқият, умумият ва хусусият.

Усулҳои тадқиқоти илмии педагогика ҳар қадар дуруст интихоб шавад, нав кардан ва такмил додани мазмуни таълим ва тарбия ҳамон андоза беҳтар мегардад, фанни педагогика низ ривоҷ меёбад. Бинобарин усулҳои тадқиқоти илмии педагогика муносибати эҷодкоронаро тақозо мекунад. Аз ҷониби дигар, силсилаи усулҳои тадқиқоти илмӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст.

Усулҳои зерин аз таҷриба гузашта ва ба ғояҳои илмию тадқиқотӣ такя намуда, эътироф пайдо кардаанд:

1) усули мушоҳида;
2) усули сӯҳбат;
3) усули омӯзиши эҷоди бачагон;
4) усули тест, саволномаҳо;
5) усули таҳлили ҳуҷҷатҳои мактаб;
6) усули таҷриба, озмоиш санҷиш;
7) усули таҳлили маълумоти оморӣ (статистикӣ);
8) усули математикӣ ва кибернетикӣ.

Акнун ҳар яке аз ин усулҳои номбаршударо мухтасаран дида мебароем ва бо моҳияти онҳо шинос мешавем.

## Усули мушоҳида

Мушоҳида фақат барои мушоҳидаи ҳодисаҳои оддӣ, ҷамъоварии далелҳои ҷудогона, ба ҳисоб гирифтан ва муайян кардани онҳо набуда, балки барои ба амал беҳтар ва комилтар ҷорӣ намудани ҷараёни таълиму тарбия низ истифода мешавад.

Одатан ба воситаи мушоҳидаи табиӣ фанҳоро аз бар намудани хонандагон, ба ҳисоб гирифтани тағйироти хулқу атвор, муомилаи онҳо ва пайдо намудани роҳҳои таъсири зарурии таълиму тарбия ба онон муқаррар карда мешавад. Аммо мушоҳидаи илмӣ нафақат фаъолияти табиии хонандагон, балки ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо, қувваи ҷараёни фикр ва фаъолияташонро дар хулосаба-

рори таъин менамояд ва ба таҳлил мегирад. Чунин мушоҳидаҳо дар ниҳояти кор боиси такмили мазмуни фанни педагогика хоҳанд шуд.

## Усули сӯҳбат

Усули сӯҳбатро дар бобати беҳтар намудани ҷараёни таълиму тарбия, ё ки муқаррар сохтани дурустии фаразу гумонҳои илмӣ истифода мебаранд. Ин усул одатан ҳангоми кор бо хонандагони мактаб ва ҷамоаи муаллимон, бо падару модарон ва ҷамоаи васеъ ба тарзи якка ва гурӯҳ истифода мешавад. Дар ин маврид, қабл аз ташкили сӯҳбат, нақшаи гузаронидани он тартиб дода мешавад, роҳҳои амалӣ гардониданаш муайян, натиҷаҳояш ҷамъбаст шуда, хулосаҳо бароварда мешаванд. Сӯҳбатро ташкил намудани муҳаққик, онро ба самти зарурӣ равон кардани ӯ, мувофиқи ҳолати рӯҳии ҳамсӯҳбат риоя намудани оҳанги сухан аз ҷониби вай бағоят муҳим аст. Барои ин:

1) Тартиб додани саволҳо пеш аз сӯҳбат;

2) Муқаррар кардани вақт ва ҷойи гузаронидани сӯҳбат;

3) Огоҳӣ аз микдори аҳли сӯҳбат ва касбу кори онҳо;

4) Ба вуҷуд овардани шароити мувофиқ ва шароити гуфтугузори озодона;

5) Худдорӣ аз маҳмадоногӣ ва суханронии кӯдакона;

6) Фаромӯш кардани кӣ ва чикорагии ҳамсӯҳбат;

7) Фавран таҳлил намудани натиҷаҳои сӯҳбат, баровардани хулосаҳои зарурӣ, зимни зарурат дохил намудани иловаҳо ва албатта, ба ҳаёти мактаб татбиқ намудани он аз лиҳози педагогӣ хеле арзанда аст.

## Усули омӯзиши эҷоди бачагон

Дар байни тадқиқотҳои педагогӣ усуле мавҷуд, ки он бо омӯхтани ҳолати табиии эҷоди талабагон ва хулосаҳои илмӣ баровардан аз онҳо машғул хоҳад шуд. Ба воситаи ин усул омилҳои фаъолияти фардии ба худ хоси хонанда-

гони мактаб таҳлил шуда, хулосаҳои муайяне баровларда мешавад. Мақсад аз ин, ташаккул додани образҳои типӣ ва хислатҳои наҷиби ҷавонони Ӯзбекистони мустақил аст. Аз ин ҷост, ки навиштаҳои гуногуни дафтарҳои ҷавонон, қайдҳои рӯзонаашон, хатҳои навиштаашон, шеъру ҳикояҳояшон, нақшаҳои ҳаётиашон, иншоҳо ва ҳисоботҳои хаттии гуногунашон барои омӯхтани маънавияти онҳо ба сифати манбаъ хизмат хоҳанд кард.

Дар натиҷа барои аз байни мактабхонҳо сари вақт муайян кардани ҷавонони қобилиятноку боистеъдод, намоён гардидани лаёқати онҳо имконияти банақшагирӣ ва фароҳам овардани шароит пайдо мешавад. Манбаи омӯзиши истеъдоди талабагон бисёр буда, онҳоро ин тавр номбар кардан мумкин аст: олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои мавзӯӣ, намоишҳои дохили мактаб, мусобиқаҳо, саёҳатҳо ва ҳоказо.

## Усули тест, саволномаҳо

Муҳимтарин усул ин истифода аз тест ва саволномаҳо аст. Саволнома-анкета (калимаи франсавӣ буда, маънои тафтишро дорад) бо мақсади донистан ва аниқ намудани навигарии тахмину фарзияҳои офаридашуда, фаҳмидани фикри якка ё гурӯҳии хонандагон, таъин кардани рағбати онҳо ба ину он касбу ҳунар, донистани орзуву дархостиояндаи онҳо ва хулосаҳои даркорӣ баровардану додани тавсияҳо, гузаронида мешавад. Дар Осиёи Марказӣ аввалин шуда дар республикаи мо усули тест дар силсилаи таълими мактаб, донишгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсус татбиқ гардид. Мақсад аз санҷиши тестӣ ин аст, ки дониши талабагон дар муддати кӯтоҳ саросар муайян ва арзёбӣ шавад.

Барои ин ниҳоят аниқ ва оқилона сохта шудани саволномаҳои тест, ҳалалнопазирии онҳо ба ҷараёни фикр бояд дар назар дошта шавад. Мақоми саволҳои тест ва сохтани онҳо бо мазмунҳои рангоранг фикри мустақилонаи хонандагонро ривоҷ медиҳад, қобилияти воқеъбинона акс

намудан ва арзёбӣ кардани ояндаро дар шуури онҳо ривоҷ медиҳад.

### Усули таҳлили ҳуҷҷатҳои мактаб

Иҷрои қарорҳо ва дастуруламалҳои роҳбарияти республикаро оид ба таълими ҳалқ аз рӯи усуле метавон муайян кард, ки ба таҳлили ҳуҷҷатҳои ҷорӣ такя намоянд. Ин усул усули таҳлили ҳуҷҷатҳои мактабӣ ба шумор меравад.

Ба воситаи таҳлили ҳуҷҷатҳои мактаб ҳам дар бораи аҳли хонандагон ва ҳам дар бораи аҳли муаллимон ва фаъолияти педагогии онҳо маълумотҳо ба даст медароянд.

Умуман, зери таъбири ҳуҷҷатҳои синф, мактаб шумораи хонандагону муаллимон, журналҳои синф, дафтарҳои ёддошт, дафтарҳои фармон, қарори шӯрои муаллимон, нақшаи маблағи мактаб ва ҳуҷҷатҳои истифодаи он, дафтарҳои гуногуни ашёҳо фаҳмида мешаванд.

Дар таҳлили ҳуҷҷатҳои мактаб ба чунин масъалаҳо бояд эътибор дода шавад: тавсифи теъдоди умумии хонандагон, афзоиш ё коҳиши ин адад ва сабабҳои он, дараҷаи азхудкунии талабагон аз фанҳои алоҳида, тадбирҳои дар рафти соли хониш ба нақша гирифташуда, рағбатнок кардан ва ҷазодиҳии хонандагон, базаи моддии мактаб. Дар натиҷаи амалӣ намудани чунин тадбирҳо ва аз назар гузаронидани ҳисоботҳо, дуруст ё нодурустии онҳоро муайян намуда, бо афзоиши фаъолиятмандии хонандагон муқоиса намудани онҳо мумкин аст. Инчунин умумигардонии таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, татбиқи онҳо ва ниҳоят, тафтиши фаъолияти муаллимон-тарбиятгарон ва муқаррар намудани чораю тадбирҳо имконпазир мегардад.

### Усули таҷриба-озмоиш-санҷиш (эксперимент)

Вожаи лотинии “эксперимент” маънои “санҷидан”, “таҷриба кардан”-ро дорад. Корҳои экспериментали-таҷ-

рибавӣ асосан бо мақсади тафтиш ва таъин кардани фараз-ҳои илмии марбут ба ҷараёнҳои таълиму тарбия ёки ҷараёни татбиқи корҳои амалӣ сурат мегиранд.

Ин ҷо ба аҳамияти дидактикӣ ёки амалии фаразҳои илмӣ эътибор дода мешавад.

Корҳои таҷрибавӣ барои муқаррар намудани алоқаи байни таълиму тарбия, татбиқи усулҳои нав, дар асоси натиҷаҳо афзудани самаранокии таълиму тарбия сурат мегирад. Ин усул ҳамчунин барои қаблан дида тавонистани рафти ҷараёни таълим ва тарбия, сохт ва натиҷаҳои он имкон хоҳад дод.

Усули эксперимент мувофиқи шароит дар се тарз гузаронида мешавад: 1) эксперименти табиӣ; 2) эксперименти лабораторӣ; 3) таҷрибаи амалӣ.

Эксперименти педагогӣ аз рӯи муаммоҳои дидактикӣ, тарбиявӣ, мактабшиносӣ амалӣ мегардад.

Ба гузаронидани корҳои эксперимент-таҷриба талабҳои зерин мавҷуданд:

а) таҳияи нақшаи муайян намудани фарази дақиқ ва илман асоснокшудаи кор ва натиҷаи чашмдошти он;

б) таъин намудани объекти муайян барои кори илмӣ ё фаъолияти педагогӣ;

в) муқаррар кардани вақт ва муддати таҷриба;

г) муҳайё сохтани асбоб ва ускунаҳое, ки барои таҷриба лозиманд;

д) таҳлил, хулоса ва додани тавсияҳо аз рӯи натиҷа.

## Усули таҳлили маълумоти оморӣ (статистикӣ)

Тадқиқотӣ педагогӣ бидуни маълумоти оморӣ ва таҳлили онҳо наметавонад комёб бошад. Чунки нафақат соҳаи тадқиқотҳои илмӣ, балки соҳаи таълими халқ, аз ҷумла зиёд кардани маблағҳои таъиншуда, пайваста афзудани муассисаҳои таълими халқ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим, асбобҳои айёнӣ, тайёр намудани кадрҳои омӯзгор, сохтмони мактаб, шартномаҳои хоҷагӣ ва маблағҳои

аз онҳо гирифташаванда низ ба воситаи усули оморӣ (статистикӣ) муқаррар хоҳанд шуд.

Гуфтан мумкин аст, ки тамоми муассисаҳои таълиму тарбияи республика бо маълумотҳои оморӣ таъмин буда, дорои нақшаҳои пешрафти минбаъда мебошанд.

Пеш аз истиқлол чигилию мубҳамиҳои оморӣ, барзиёд ҳамроҳ карда навиштанҳо дар соҳаи таълими халқ низ мавҷуд буд. Сустии назорат дар он замон ба ҳамин натиҷа оварда буд. Ислоҳотҳои соҳаи таълими халқ ба ин гуна бенизомиҳо хотима гузошт. Аз ин мебарояд, ки омили оморӣ дақиқ, ҳаётӣ бошад, арзиши корҳои иҷрошудаистодаи таълиму тарбия ва тадқиқот баланд мешавад. Пас, омилҳои омориро ба ҳар шакле, ки дар зиндагӣ ҳаст, ифода кардан гарави комёбиҳо хоҳад буд.

## Усулҳои математикӣ ва кибернетикӣ

Саноати республика, фан ва техникаи он фавран ҷорӣ намудани муваффақиятҳои соҳаи математика ва ҳисобу китобро ба хоҷагии халқ тақозо дорад.

"Кибернетика" вожаи юнонӣ буда, маънои "нақшро иҷро мекунам", "идора менамоям"-ро мефаҳмонад. Кибернетика қоидаҳои умумии идоракунии истеҳсолот, техника, организмҳои зинда, фаъолияти инсонро, инчунин воситаҳои чунин идоракуниро кор карда мебарояд. Мазмуни вай дар баёни ахбор, ба дастур даровардан ва сохтани алгоритмҳо, силсилаи идоракунӣ, қолиб (модел) барин назарияҳои асосӣ ба зуҳур меояд. Татбиқи усули мазкур дар педагогика ҳам тақвият меёбад.

Дар назария ва амалияи таълим ба воситаи математикаи ҳисоббарор ва мошинҳои кибернетика ҷараёнҳое аз қабили тарҷима аз як забон ба забони дигар, таълими дастурӣ ва идора кардани он бо ёрии мошин, таҳкими таълим ба туфайли арзёбӣ, афзудани самаранокии таълим ва тарбия, таълими дифференсиалӣ ва фардӣ (индивидуалӣ), назорати ҳисоботи мактаб тавассути мошинҳо иҷро мешаванд.

Дуруст аст, ки дар мактабҳо воситаҳои таълимӣ монанди кино, техникаи садо, фото, телетасвир мавҷуданд. Аммо масъалаи истифода аз онҳо, бо баъзе сабабҳо, ҳоло паст аст.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Мафҳуми асосии фанни педагогикаро номбар кунед.
2. Усулҳои тадқиқоти илмиро номбар кунед.
3. "Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо"-ро таҳлил намоед.
4. Аҳамияти робитаи фанни педагогикаро бо дигар фанҳо фаҳмонед.
5. Мушоҳида чист?
6. Усули омӯзиши эҷоди бачагон чист?
7. Таҷриба-озмоиш-санҷиш чист?
8. Аҳамияти усули математикию кибернетикӣ дар чист?
9. Аҳамияти компютерҳо дар шароити имрӯза чӣ андоза бузург аст?
10. Дар бораи навигариҳои таълиму тарбия дар кадом саҳифаҳои маҷалла ва рӯзномаҳои муосир хондаед?

## БОБИ II

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

Барои чун инсонҳои солимфикр тарбия ёфтани насли ҷавон аҳли республикаамон кадом роҳро бояд интихоб намояд ва ба чиҳо эътибор диҳад? Чи кор кардан лозим аст, ки натиҷаҳои хуб ба даст дароянд? Чунин саволҳо имрӯзҳо ҳам аз муҳимтарин муаммоҳои фанни педагогика ба шумор меравaнд

Барои таҳкими истиқлолияти Ӯзбекистон, тараққиёти минбаъда ва пешомадҳои он, ҳамчунин барои устувории заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маданию маънавӣ ба ҷавонон дар андозаи талаботи ҷаҳонӣ додани дониш чун обу ҳаво зарур аст. Пас яке аз вазифаҳои асосӣ, тарбияи инсони комил, ба фидоиёни бошуури республика табдил додани ҳар як шаҳрванд, шахсҳои ҳар як миллат, қавм ва фарзандҳои онҳост, ки дар сарзамини Ӯзбекистон сукунат доранд. Чунки дар сафи давлатҳои пешқадамтарини ҷаҳон ҷой гирифтани Ӯзбекистон бе инсони комил, ҷавонони ӯҳдабаро ва фидоӣ, ки бо дониш, қобилият ва истеъдоди худ дар роҳи манфиати ҷамъият омодаанд, амри маҳол аст.

Аз ин рӯ, дар Ӯзбекистон ҳангоми гузаронидани ислоҳоти соҳаҳои таълиму тарбия ҳам, маҳз ҳамин раванд — зина ба зина ҷорӣ намудани он қабул гардид.

***Зинаи якум,*** давраи гузариш аст, ки таи солҳои 1997—2001, яъне тӯли чор сол амалӣ гардид. Дар ин давра иқтидори системаи тайёркунии кадрҳо нигоҳ дошта шуд, барои пешрафти ҳуқуқӣ, меъёрӣ, илмию услубӣ, молиявию моддӣ шароит ба вуҷуд омад. Дар ин давра инчунин вази-

фаҳои аз қабили татбиқи Барномаи миллии тайёр намудани кадрҳои педагогие, ки ҷавобгӯи талаботи нав бошанд, офаридани меъёрҳое оид ба бозомӯзӣ ва таҳия сохтани барномаҳои нави хониш, бозсозии сохтори мактабҳои таълими ҳамагонӣ, омода сохтани асоси таълими сесола дар мактабҳои миёнаи махсус ва ҳунарҳои техникӣ, коллеҷҳои касбӣ ва литсейҳои академӣ, ҷорӣ намудани тадбирҳое, ки барои таълиму тарбияи мустаҳкам асос мегарданд, ҳал карда шуданд.

***Зинаи дуюм,*** солҳои 2001—2005-умро дар бар мегирад. Ин давра дар миқёси васеъ амалӣ гардонидани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳоро пешбинӣ намуд. Табиист, ки дар асоси самарабахшии фаъолияти система ва бо назардошти бозори меҳнат, шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ғояҳо ва мазмуни барнома дигаргуниҳо ворид мешаванд.

***Зинаи сеюм,*** (пас аз соли 2005) ҷараёни инкишоф ва такмили тайёркунии кадрҳоро дар асоси таҳлили таҷрибаи андӯхта ҷамъбаст намуда, такмил ва инкишофи онро тибқи тағйири шароити иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ мекунад.

Дар тарбияи ҷавонон истифода аз мероси маънавии мутафаккирони Шарқ нақши муҳим дорад. Ташкили кор дар ин самт дар такя ба таълимоти иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафии хирадмандоне чун Форобӣ, Яссавӣ, Нақшбанд, Бухорӣ, Берунӣ, Сино, Хоразмӣ, Фарғонӣ, Фирдавсӣ, Амир Темур, Навоӣ, Бобур ва дигар вакилони аҳли ақлу заковат таъсирнокии тарбияро бештару мукаммалтар хоҳад кард.

Фазилатҳои инсоние аз қабили поксозии ахлоқ, имон, диёнат, ору номус, меҳру оқибат, ҳурмати калонсолон, ки барои тараққиёти ҷамъият ва камолоти шахс заруранд, худ аз худ пайдо намешаванд. Дар заминаи ҳамаи инҳо додани таълиму тарбия ба авлоди ҷавон дар оила, дар мактабҳои таълими умумӣ, дар дигар силсилаи таълиму тарбия меистад.

Умуман, барои сазовори рӯҳи замон, инсони камолёфта шудани насли наврас ба қисмҳои таркибии тарбия (ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ, тарбияи эстетикӣ ва таълими политехникӣ) ва роҳҳои амалӣ гардонидани он эътибори ҷиддӣ додан лозим аст.

## Тарбияи ақлӣ

Тарбияи ақлӣ қисми асосии тарбияи инсони камолёфта ба шумор рафта, аз ҷониби хонандагони ҷавон фаро гирифтани силсилаи донишҳои марбут ба табиату ҷамъият ва тафаккури шахс, дар онҳо — хонандагон парваридани ҷаҳонбинии илмӣ, ҳислатҳои шуурнокии баланд, хабардор намудани онҳо аз асосҳои фан, афзудани қобилияти тафаккур ва маданияти нутқи онҳоро мадди назар дорад.

Тарбияи ақлиро чунон бояд ташкил намуд, ки хонандагони соҳиби ақлу заковат, ба пуррагӣ идроккунандаи дунёи воқеӣ, худшинос, эҳсосгари мавқеи худ дар ҳаёт, иҷрокунандаи бошууронаи вазифаҳои худ, бузургдори қадру қимати инсоният гарданд. Касби илм дар ҳаёти инсон аз бузургтарин фазилатҳост.

Барои ривоҷ ва такмили ақлӣ ҷавонон, вазифаи аввалин даъват намудани онҳо ба донишомӯзист. Аз бар намудани барномаи таълими мактабӣ барои донистани тараққиёт ва қонуниятҳои ҷамъияти инсонӣ имконият хоҳад дод. Бидуни мусаллаҳ кардани хонандагон бо асосҳои фан ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо номумкин аст. Тарбияи ақлӣ бе ҷаҳонбинии илмӣ ба ҷуз ҳарза ва сафсата чизи дигаре нест.

Ҳангоми тарбияи ақлии хонандагон дар навбати аввал дар хусуси ривоҷи қобилияти фикркунӣ, ҳиссу идрок, тасаввур, хаёл ва хотира, такомули дунёи маънавии онҳо бояд фикр кард. Чуноне, ки Абулқосим Фирдавсӣ фармудааст:

*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад.*

Алишер Навоӣ дар достони “Фарҳод ва Ширин” ба туфайли илм ба ақлу идрок, заковат, ҳунармандӣ, фурӯтанию хоксорӣ, инсонпарварӣ, иродаву эътиқод соҳиб гаштани Фарҳодро нишон додааст.

Юсуф Хос Ҳоҷиб дар асарҳои худ илмро басо қадр кардааст. Ӯ дар хусуси дарки илм ва илмдонӣ, зарурати фаҳмиши он, ҳамбастагии зичи илмдонӣ бо тарбия, мавқеи аҳли илм дар ҷомеа чунин гуфтааст:

*Дошта бошад ҳар ки ақл, илм, зеҳн,*
*Ситоиш кун варову марди комил дон.*
*Фаровон бошад касеро ақлу донишу илм,*
*Агарчи ҷавону хурд аст, васфаш бихон.*

Дар китобҳои ҳадис зарурати илм барои ҳар як мӯъмин, мусулмон баён ёфтааст. Ҳадиси пурмаъноӣ “Зи гаҳвора то гӯр дониш омӯз” далели ин нукта аст. Дониш фақат бо донистани дунё маҳдуд намешавад, балки вай инчунин дар такмили маънавияти шахс низ ба сифати асосӣ хизмат менамояд. Ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом дар ҳадисҳои худ фармудаанд: “Ба дониш аз роҳи омӯхтани дониш хоҳанд расид”. Гарчи ба Хитой рафтан лозим ояд ҳам, илму ҳунар биёмузед... Соҳиби илм гардед. Илм дар биёбон ҳамсафар, муттако дар зиндагӣ, аниси дами танҳоӣ, раҳнамои замони хушиҳо, мададгори айёми нохуш, зеби миёни мардум, сипари муқобилияти душманон аст”.

## Тарбияи ахлоқӣ

Ахлоқ яке аз шаклҳои шуури иҷтимоӣ, маҷмӯи қоидаву қонунҳои хулқу одоб аст, ки муносибати ба худ, ба оилаи худ, ба ёру бародарон, аъзоёни ҷомеа ва табиат доштаи одамонро ба низом медарорад. Таъсире, ки аз ҷорӣ намудани қонуну қоидаҳои мазкур дар шуури хонандагон, зиндагии онон ба амал меояд, тарбияи ахлоқӣ номида мешавад.

Ахлоқ дар муносибати инсон ба оила, меҳнат ва ҷамъият падид меояд. Мардуми Осиёи Марказӣ дар боби ахлоқшиносӣ соҳиби таҷрибаи ниҳоят бой мебошанд.

Афкори ибратомӯзе, ки дар осори мутафаккирон ва хирадмандони классикии мо доир ба ахлоқ ҷой доранд, урфу одатҳои миллие, ки тӯли асрҳо дар ҳаёти ниёгон таркиб ёфтаанд, то ба имрӯз қимати худро гум накардаанд ва он ҳама дар тарбияи ҷавонон аҳамияти бузург доранд.

Имом Ал-Бухорӣ фармуда буд: “Агар оллоҳ таоло чунин чаҳор хислат: хубии ахлоқ, покизагии таом, ростӣ ва хиёнат накардан ба амонатро насиби ту гардонида бошад, гарчӣ аз корҳои дунявӣ барканор монда бошӣ, зараре надорад”

Пас, асоситарин қисми таркибии тарбияи инсони баркамол — тарбияи ахлоқӣ, воситаи офарандаи сифатҳои инсонӣ, ташаккулдиҳанда ва ба мукаммалӣ моилкунандаи ин сифатҳо аст. Чунон, ки Абдулло Авлонӣ таъкид карда буд, илме вуҷуд дорад, ки одамонро ба некӣ даъват мекунад, онҳоро аз бадӣ бармегардонад. Инҳо китобҳоеанд, ки хубии хулқу кирдорҳои воло ва парҳезро аз бадии хулқу кирдорҳои ношоиста ба воситаи мисолу далелҳо собит месозанд.

Айнан ба ҳамин маънӣ ахлоқ дар хулқу атвор, эътиқоду имон, рафтору кирдор, ҳаёти ҳаррӯза, фикру мулоҳиза, мушоҳида ва мулоқоти одамон намоён мегардад. Одами хушахлоқ худро эҳтиром мекунад, дар вай интизоми ботинӣ бақувват мешавад. Ӯ табъи дили ҳамсӯҳбат гап мезанад, дили касро озор намедиҳад, бо муомилаи зоҳирӣ табъи вайро мешукуфонад, ба одоби мулоқот риоя менамояд. Фикрҳои боло аз он далолат медиҳанд, ки нерӯмандии ҷамъият дар қатори тараққиёти фан ва техника ва боигарии моддӣ инчунин сарвати маънавӣ, маънои ҳаёт — камолоти ахлоқӣ ба шумор меравад.

Ҳар як саъйу ҳаракат дар оила, мактаб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд ахлоқан зебо бошад, ба қалби одамон роҳат ва фароғат бахшад. Омӯзгорон-тарбиятгарон бошанд аз ин,

ки чунин хислатҳоро тарбия мекунанд ва машғули ин гуна касби олиҷанобанд, бояд ифтихор намоянд. Ҳақ бар ҷониби Кошифӣ, ки овардааст:

*Эи толиби хулуду бақои давоми умр,*
*Боқӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ.*
*Ҳеч аст қадру ҳашмату молу манолу ҷоҳ,*
*Чун оқибат фаност саранҷоми одамӣ.*
*Ҳарчанд фикр мекунам аз ҳарчӣ дар ҷаҳон,*
*Номи накуст ҳосили аиёми одамӣ.*

## Тарбияи ҷисмонӣ

Яке аз қисмҳои тарбияи инсони солимфикр тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади олии ин навъи тарбия ҳамин аст, ки насли ҷавонро ҷисман солим, тавоно гардонад ва онҳо барои ҳимояи Ватан бо шуҷоату ҷасорат омода бошанд, инчунин аз илмҳои ҳарбӣ ва яроқу аслиҳа истифода бурда тавонанд.

Тарбияи ҷисмонӣ ба талабагон дар мактаб тавассути бозиҳои серҳаракат, гимнастика, спорт дода мешавад.

Ба воситаи тарбияи ҷисмонӣ дар бораи анатомия, физиология ва гигиена низоми муайяни илм низ омӯзонида, таҷриба ва малакаҳо ба вуҷуд оварда хоҳад шуд.

Тарбияи ҷисмонӣ бо тарбияи ахлоқӣ вобастагии узвӣ дошта, онҳо ҳамдигарро тақвият мебахшанд. Марди асил, ҷисман обутобёфта дар соҳаи меҳнат ҳам худро метавонад нишон диҳад. Дар чунин одамон фазилатҳои ахлоқии аз қабили ҳақиқаткорӣ, қаноат, бурдборию покӣ, бавиҷдонӣ, адолатпешагӣ, диёнатнокӣ, баинсофӣ ва баръакс дар одамони тарсову танбал бадандешӣ, оҷизӣ, маккорӣ, ҳасуд, адоват, душманию разолат, дурӯягӣ, хиёнаткорию ноинсофӣ барин иллатҳоро дучор омадан мумкин аст.

Тафовути байчи марду номардро Алишер Навоӣ чунин ба қалам додааст: “Мард хурӯсест, ки “бо тоҷи лаъл” бонг мезанад” Номард мокиён, лаққӣ ва беҳудагӯй аст.

Мисли он, ки хурӯс дар вақти муайян "нидо" мебарорад, мард ҳам дар мавриди муносиб фикри худро арз мекунад.

Мақсади ниҳоии тарбияи ҷисмонӣ ҷисман қавӣ, хушчақчақ, меҳнатдӯст, далер, ватанпарвар, хушахлоқ, маънан базеб шудани ҷавонон аст.

## Тарбияи меҳнатӣ

Меҳнат ва тарбияи меҳнатӣ асоси камолоти инсон, манбаи ҳаёт, маънию мазмуни умр ба шумор меравад. Мақсад аз тарбияи меҳнат дар навбати аввал ин аст, ки ба моҳияти меҳнат, мазмуни он дақиқ назар афканда, натиҷаи муайян бардошта шавад. Агар кас натиҷаи меҳнати худро бинад ва эҳсос намояд, аз натиҷаҳои он қонеъ гардад, ҳаловат барад, меҳнат аҳамияти тарбиявӣ касб менамояд.

Меҳнати ҳалол мазмуни зиндагии шахсро ташкил медиҳад. Донишмандон оиди меҳнат бесабаб суханҳои ҳикматнок ва зарбулмасалҳои зерини суфтаву равонро эҷод накардаанд: "Меҳнат — роҳат аст", "Сатҳи оби дарёро абри найсон афзояд, қадри инсонро меҳнат", "Ҳар кас ки кор кунад, хӯрок мехӯрад", "Аз меҳнат матарс, аз миннат тарс", "Ҳусни одам дар меҳнат аст", "Зар дар оташ санҷида мешавад, одам дар меҳнат", "Меҳнати ҳалол одати хубест, ки туро саодат бахшад".

Ҳикмати алломаи бузург Баҳоуддин Нақшбанд "Дил ба ёру даст ба кор" дар рӯзгори мо низ қадру қимати худро гум накардааст. Ӯ ҳангоми қабули толибилмон ба мадраса мепурсидааст, ки "ту ягон касб дорӣ?". Каси беҳунарро ба хондан қабул намекардааст. Ба фикри аллома "Агар кас ҳунарманд бошад, ӯ дониши худро ба ҳақиқат мебахшад, аз ҳисоби меҳнати худ рӯз мегузаронад, фараз кардем, ягон касбу коре надошта бошад, донишашро сарфи зистан менамояд, меҳнати ҳалолро фаромӯш мекунад".

Дар ҷараёни меҳнат дар одамон эҳсосоти дӯстӣ, бародарӣ, ҳамҷиҳатӣ ва тамоми сифатҳои тарбиявӣ ташаккул

ва камол меёбад. Аз ҳама муҳимаш меҳнат касро аз мӯҳтоҷию мустамандӣ, бекорхӯҷагӣ, иллати қалб, вайронии ахлоқӣ нигаҳ медорад. Инсон тавассути меҳнат худро мешиносад, ба қадру қимати худ мерасад, чунин каси меҳнатдӯсти меҳнатқаринро ҳалқу Ватан азизу мукаррам медорад. Симои дурахшону нурполои каси меҳнатдӯст дар қалби писару духтарон, наберагон, ёру дӯстон, ҳамкасбону шогирдон ҳамеша ҷой мегирад.

Аҷдоди мо дар тарбияи ҷавонон ба ҷалб кардани таваҷҷӯҳи онҳо ба меҳнат эътибор дода, шавқу ҳаваси онҳоро ба касбу ҳунар бедор мекарданд. Лаёқат ва қобилияти меҳнатиро ривоҷ медоданд.

Барои ба амал баровардани ҳамин гуна вазифаҳо падару модарон, устоз ва мураббиҳо, оммаи васеъ бояд меҳнати худро дареғ надоранд, алалхусус дар хонандагони мактаб муносибати ба меҳнат ва аҳли меҳнат доштаи онҳоро дуруст ташаккул диҳанд, ба идроки дурусти вазифашиносии онҳо саҳм гузоранд. Ҳамин нукта низ бағоят муҳим аст, ки шавқу ҳавас ва имконияти хонандагонро сари вақт пай бурда, ба онҳо маслиҳат дода, бо роҳи ба маҳфилҳо ҷалб намудани мактаббачагон онҳоро омодаи ҳаёт созанд.

## Тарбияи эстетикӣ

Эстетика аз калимаи лотинии “эстечид” буда, маънои “зебоиро ҳис мекунам”-ро дорад. Тасаввури тарбияи ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва меҳнатӣ бе эстетика номумкин аст.

Мақсад ва вазифаи тарбияи эстетикӣ дар хонандагон бедор кардани идроки зебоиҳои табиату ҷамъият, дуруст пай бурдану фаҳмонидани он, дар ин замина барангехтани завқу шавқи саршор, арзёбӣ кардани чунин зебоӣ ва дар ҳамин асно ба дида тавонистани ҷиҳатҳои зебоии рӯзгори шахсии худ, боз ҳам назаррабову фараҳманд кардани чунин ҳаётро омӯзонидан аст. Тарбияи эстетикӣ барои пайдо кунонидани қиёфаи хушхулқӣ, ташаккули меъёрҳои мусбии хулқу атвор, ривоҷ додани қобилияти эҷодии

хонандагон таъсири калон мерасонад. Дарсҳои мусиқа, расм, суруд, адабиёт ва дигар фанҳое, ки дар мактабҳо таълим дода мешаванд, воситаи тарбияи эстетикӣ ба шумор мераванд.

Тарбияи эстетикӣ ҳамсафари кўдаки навзодест, ки ўро аз гаҳвора то поёни умраш мушойинат мекунад. Аз ин сабаб он нафақат дар мактаб, балки дар тадбирҳои берун аз синфу мактаб, анҷуманҳо ба чунин қувваи таъсиррасонии тарбия молик аст, ки дар насли наврас ҳисси зебоипарастиву нафосатҷўиро бармеангезад.

Мардуми донишманди мо тавассути мақол ва ҳикматҳои ҳалқии "Сафед беиллат набошад ҳам, поку ҳалол бошад", "Покизагиву поктинатии мо гарави сиҳатмандии туст", "Саломат бошам гўӣ, озода бош", "Саломатии ман — сарвати ман", "Либоси хуб ороиши ҷон" ҷавононро ба дида тавонистани зебоиҳои табиату ҷамъият, қадр карданӣ онҳо тарбия намудаанд.

Тарбияи эстетикӣ фақат донистани моҳияти ашёву ҳодисаҳоро, ҷиҳатҳои зебоии онҳоро не, балки эҳсос намудани зебоиву фараҳмандии ботиниро ҳам тақозо дорад, ба соҳиби хулқи зебо, ахлоқи ҳамида ва рафтори писандида гардидани инсон мусоидат намуда, онро арзёбӣ мекунад.

Зебоии инсон дар ақл, вазифашиносӣ, имон, инсоф, хоксорӣ, лутфи сухан, лафзи ҳалол, меҳнатдўстӣ, меҳру шафқат, хушандомиву мулоиматӣ, покӣ, некўӣ ва дигар ҷиҳатҳо намоён мегардад.

Маорифпарвар Аҳмади Дониш, ки фарзанди барўманди асри XIX буд, ба фарзандони худ насиҳат карда "на сурат, яъне намуди зоҳирии худ, балки афъолу саъю эҳтимоми худро ислоҳ кунед" гуфта буд. Яъне маслиҳат дода буд, ки нури дидагонаш сират, яъне ахлоқи ботинии худро зери назорати қатъӣ гиранд.

Ҳамин тавр, намуди берунии инсон, тарҳи рўй, шакл, қадду қомати ў чӣ андоза зебову назаррабо набошад ҳам,

агар чунин кас бадахлоқу зишт бошад, ӯ ба дили мардум роҳ ёфта наметавонад.

Хулоса, ки тарбияи эстетикӣ барои тарғиб намудани сифатҳои зебои инсон, фаҳмонида додани ҷиҳатҳои нафиси табиат ва ҷамъият хизмат хоҳад кард.

***Савол ва супоришҳо***

1. Вазифаҳои асосии тарбия аз чӣ иборат?
2. Кадом фазилатҳои умуминсониро медонед?
3. Манбаъҳои тарбияи шарқиро номбар кунед.
4. "Пирӯзнома"и Абӯалӣ ибни Синоро хонда маъноящро фаҳмонед.
5. Аҳамияти асосии таълиму тарбия дар шароити муосир аз чӣ иборат аст?

# БОБИ III

# ТАРБИЯ ВА РИВОҶИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДА

Аз исми шахс аъзои муайяни ҷамъият фаҳмида мешавад. Одам бинобар тараққиёти рӯҳӣ, доро будани хусусият ва сифатҳои худ аз махлуқоти дигар фарқ мекунад.

Ҳар як фарзанди одам чун шахс ба тарзи гуногун намоён мешавад. Вай аз ҷиҳати феълу атвор, рағбат ва қобилият, дараҷаи ривоҷи ақл, эҳтиёҷ ва муносибат ба фаъолияти меҳнатӣ хусусиятхо дорад. Инҳо хусусиятҳои хоси шахс буда, дар натиҷаи ривоҷ ёфта, ба зинаи муайян расидани аломатҳои рӯҳии мазкур ӯро инсони мукаммал, инсони комил шуморидан мумкин аст.

Муносибати шахс ба воқеияти иҷтимоӣ, ба меҳнат, ба одамон, ба ҷамъият гуногун мебошад. Дараҷаи фаъолиятмандии ҳар одам дар ҷамъият ба худ хос аст. Дараҷаи фаъолияти мадании вай, фазилатҳои ахлоқу одоби ӯ низ ба ҳар ранг аст. Барои соҳиби номи шахс шудан чиҳо лозиманд?

## Камолоти шахсияти хонанда

Муслиҳиддин Саъдӣ яке аз шоирони бузург инсониятро як узви бутун, одамони алоҳидаро узвҳои ҷудогонаи он шуморидааст. Ба фикри ӯ, чунон ки агар дар як узви одам дард пайдо шавад, узвҳои дигари он ҳам осоиши худро гум мекунанд, одамон ҳам бояд аз азобу машаққати якдигар мутаассир шуда, худро дар осоиш нашуморанд ва дар ҳаққи якдигар ғамхорӣ кунанд:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту ки аз меҳнати дигарон бегамӣ,*
*Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ.*

Саъдӣ аз ҳамин нуқтаи назар дар назди тарбия ва тарбиятгар мақсаде пеш мегузошт, ки насли наврас бояд чун инсон ва инсонпарвар тарбия ёбад. Вай мувофиқи талаботи замон сифатҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои рафтори инсонпарвариро, ки идеали тарбияи ӯ буданд, муқаррар кардааст.

Аз гуфтаҳои Саъдӣ ба нақши бузурги тарбия дар ташаккули шахсияти инсон чунин хулосаи муҳим бармеояд, модоме, ки инсон танҳо дар натиҷаи тарбия ба хусусиятҳои инсонӣ соҳиб мешудааст, пас тарбия ҳам танҳо ба инсон хос будааст ва модоме, ки тарбия танҳо ба инсон хос будааст, вай ҳодисаи иҷтимоӣ буда, бояд бошуурона ҳосил шавад.

Одам то он, ки ба сифати мавҷудоти иҷтимоӣ номи шахсро бигирад, барои ӯ ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва тарбия лозим аст. Ба ин ваҷҳ фанни педагогика бояд ривоҷи кӯдакро чун шахс, қонунияти камолоти ҳамаҷонибаи он, омилҳои объективӣ ва субъективии ба вай таъсиркунанда, давраҳои марбути инкишофро таъин намояд. Дар ин асос лозим аст. ки фанни педагогика зинаҳои таълим, тарбия ва фаъолиятмандии кӯдак, худтарбияро муайян созад.

## Камолот чӣ маънӣ дорад?

Инсон мавҷудоти зиндаи биологӣ аст. Аз ин рӯ, барои ривоҷи вай қонунҳои табиат, қонуниятҳои биологӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ узван таъсир мекунанд, инсонро ба камол мерасонанд. Инсон дар давоми фаъолияти зиндагӣ тадриҷан тағйир меёбад, шакл мегирад ва тараққӣ мекунад. Дар айёми тифлӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ ривоҷ ёфтан бағоят қувватнок хоҳад буд. Дар асоси ин омил ва омилҳои боло ба

мафҳуми камолот чунин таъриф додан мумкин аст: афзоиши вазн, камолоти устухону мушакҳо, аъзоҳои таносул, фаъолияти асаб ва ташаккули ақлу заковати кӯдакро камолот меноманд.

Қувваи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ ба камолоти инсон ва хулқи он ҳамеша як хел нахоҳад буд. Чунки ба хулқ, муносибатҳо, алоқаҳои вай, синну сол, дониш, одатҳо, таҷрибаҳо ва ниҳоят, вазъият низ таъсир мекунад. Масалан, ба ҳолати таъсири якхела ҳар кӯдак ҳар хел муносибат менамояд, ин дар айни ҳол ба чигунагии эҳтиёҷи кӯдак низ вобаста аст. Мутаассифона, тарбиятгарон дар натиҷаи ба ҳисоб нагирифтани ҳамин гуна ҷиҳатҳои муҳим ба хатоҳо роҳ медиҳанд.

Барои дуруст баҳо додан ва донистани ривоҷи ҳолати шахс ӯро дар доираи муносибатҳои гуногун гузоштан ва дар ҳамин ҳол ба мушоҳида гирифтан лозим аст.

Хӯш, махсусияти кӯдакон, гуногун шудани ҷараёни рӯҳии онҳо, фарқҳои назарии онҳоро ба хулқу атвор кадом омил муайян менамояд? Омили биологӣ, ё омили иҷтимоӣ ва ё омилҳои таълиму тарбия? Дар таърихи тараққиёти инсоният барои ҷавоб додан ба ин саволҳо ва саволҳои дигар, ки ба фаъолияти шахс алоқа доранд ва ҳалли назарию амалии онҳо бисёр кӯшишҳо шудаанд.

Педагогика муқаррар мекунад, ки камолоти инсон ҷараёни мураккаб ва зиддиятнок аст. Барои он, ки инсон ба камолот расад, ирсият (омили биологӣ), муҳити иҷтимоӣ, таълим ва тарбияе, ки мувофиқи мақсад амалӣ мегардад ва ниҳоят, фаъолияти шахсӣ аҳамияти муҳим дорад.

## Омилҳои таъсирбахши камолоти шахс

Шахс дар кадом ҷамъияте ҳаёт ба сар барад, мувофиқи қонунҳои ҷории он ба камол мерасад. Аз сарватҳои моддӣ ва маънавии ҳамон ҷамъият баҳраманд мегардад. Дар офаридани боигариҳои моддӣ ва маънавии он ширкат меварзад. Агар сатҳи моддӣ ва маънавии ҷамъияти мазкур ба-

ланд бошад, вай ба шахс ба ҳамин дараҷа таъсир мебахшад ва ё баръакс. Аз ҷониби дигар шахс дар давоми фаъолияти худ ба туфайли меҳнат дар ҷараёни офаридани сарвати моддию маънавӣ шуур, ҳаёт, шароити зиндагии худро низ беҳтар менамояд. Чунин фаъолиятҳои иҷтимоӣ дар навбати худ боиси такомули навъҳои меҳнат хоҳанд гардид. Техника ва технология (автоматика, телемеханика, механиконӣ, технология, электриконидан, газ гузаронидан ва ғайра) рӯ ба мукаммалӣ меорад. Оқибат онҳо ҳам, дар навбати худ, боиси ақлан ва ҷисман дигар шудани инсон мешаванд.

Одам чӣ қадаре, ки ҳастии воқеиро бештар донад, дараҷаи шуурнокии вай ба ҳамон андоза боло меравад, доираи фикркунӣ васеъ мешавад, соҳиби маҳорат ва малакаҳои нав мегардад. Аз ин мебарояд, ки камолоти шахс ба ривоҷи ҷамъият низ сахт вобаста аст.

## Таъсири ирсият ба камолоти инсон

Таҳти мафҳуми ирсият хусусиятҳо ва монандиҳои биологие фаҳмида мешаванд, ки аз падару модар ва умуман аҷдоди наздик, яъне аз насл ба насл ба кӯдак мегузаранд.

Мувофиқи фикри ҷараёни преформизм, ки дар фалсафаи асри XVI ба вуҷуд омада буд, фарзанди одам аз рӯзи пайдоиши худ дар батни модар, ба ҳама хусусиятҳои инсони оянда молик мешавад, камолот бошад, аз афзоиши чунин хусусиятҳо иборат аст.

Ҷараёни дигаре, ки ба таъсири омили биологӣ дар ривоҷи шахсият ва тарбияи инсон аз ҳад зиёд баҳо дода, омӯзиши шахсро алоқамандона ба насл талқин мекард, ҷараёни бихевиоризм ба шумор меравад. Назар ба таълимоти ин ҷараён ҳамаи хусусиятҳои шахс, аз он ҷумла қобилияти шуур ва ақлӣ низ аз насл ба насл сироят мекунад, гуё ҷиҳатҳои анатомие аз қабили чашм, дандон ва панҷаҳо ҳам табиатан муқаррар карда хоҳанд шуд.

Пири педагогикаи прагматизми амрикоӣ Ҷон Дюи тараққиёти шахсро аз назари биологӣ асоснок намуд. Ӯ ме-

гӯяд: "Тарбияи ҳақиқӣ чизе нест, ки аз берун ворид шавад, вай хусусият ва қобилиятеро, ки бо одам ба дунё омадааст, равнақ мебахшад".

Ба фикри олимони биогенетика ривоҷи рӯҳии кӯдак тарзе сурат мегирад, ки дар аввалҳои асри XX дар асоси қонуни биологӣ кашф карда буданд. Яъне, ҳар як организм дар тараққиёти эмбрионии худ ҳамаи зинаҳои пештар аз худро такрор менамояд, организми фардӣ аз ҳуҷайраи тухмӣ то расидан ба ҳолати мукаммал як қатор шаклҳои аз сар гузаронидаашро ба он тарзе, ки аҷдодаш паси сар кардааст, ба тариқи мухтасар, мӯъҷаз такрор мекунад.

Рӯҳшиносон ривоҷи ахлоқии кӯдакро ҳам ба ирсият вобаста менамояд. Баъзе аз онҳо чунин ба қалам медиҳанд, ки дар тараққиёти рӯҳии бача тағйироти аппарати эндокринни сохти бадан ва мисли инҳо аҳамияти калон дорад.

Биогенетикхо далел меоранд, ки сурати кашидаи кӯдак ба сураткашии одамони ибтидоӣ монанд мебошад. Дар асл сабаби монандӣ дигар аст: одами ибтидоӣ расмкаширо наметавонист. Агар одами калонсол ҳеҷ гох сурат накашида бошад, аввалин сурати кашидаи ӯ монанди сурате хоҳад буд, ки кӯдак ё одами ибтидоӣ кашидааст.

"Бачае, ки гапзаниро ёд гирифтааст, ба дараҷаи одами ибтидоӣ меистад, ки нав сухан карданро омӯхтааст", гуфтан ҳам чандон боварибахш нест. Одами ибтидоӣ дар ҷараёни меҳнат нутқи худро офарида рафтан гирифт. Аммо бача аз муҳите, ки зиндагӣ дорад, забони тайёрро ба ҳамон сурат аз бар менамояд. Вай ба туфайли нутқ ва дониш тафаккури замони зиндагонии худро соҳиб мегардад. Ӯ аз аввали рӯзҳои ҳаёти худ зери таъсири муҳите, ки ӯро иҳота кардааст, ба воя мерасад, камол меёбад.

Дар байни баъзе педагог ва рӯҳшиносон нисбат ба кӯдак назари дигаре ҳам мавҷуд аст. Назар ба фикри онҳо, камолоти инсон ба ду омил — ба ирсият ва муҳити иҷтимоӣ вобаста аст.

Ирсият ҳаст ва омилҳои биологиро рад намекунем. Лекин чунин ҳисоб кардан ҳам дуруст нест, ки ирсият гуё

тамом тағйирнопазир бошад. Агар ба дастовардҳои фанни антропология такя намоем, маълум мешавад, ки дар натиҷаи тараққиёти таърихию иҷтимоӣ аломатҳои анатомӣ-физиологии одам (устухони сар, даст, по қобилиятҳои ақлии вай) метавонанд тағйир ёбанд. Чунин дигаргуниҳо аз авлод ба авлод гузашта, мустаҳкам шуда рафтан мегиранд.

Пас, зери мафҳуми таъсири насл ба камоли шахсияти кӯдак такрори аломатҳои биологиеро бояд фаҳмид, ки монандиҳои бо падару модар, авлоду аҷдодро ифода менамоянд. Ҳар як кӯдак ба сифати мероси падару модар бо намуди биологии монанд ба волидайн (сохти бадан ва мутаносибии он, мӯй, чашм, ранги пӯст, қаду қомат) ба дунё меояд. Инҳо хусусиятҳои ҷисмонӣ ба шумор мераванд. Дар баробари ҳамин намуди фаъолияти асаби олӣ (холерик, сангвиник, флегматик, меланхолик) низ модарзодӣ мегузарад, ки ин хусусияти физиологӣ ҳисоб меёбад.

Кӯдак бо якчанд хусусият ва инстинктҳои модарзод таваллуд меёбад. Мо онҳоро рефлексҳои бешарт меҳисобем. Масалан, шикамаш гурусна монад, гиря мекунад, равшаниро ҳис менамояд, ба тарафе, ки овоз баромадааст, менигарад, ба гармию сардӣ муносибати худро маълум месозад ва ҳоказо. Масалан, қобилияти меҳнати ақлӣ ё ҷисмонӣ, ривоҷи тафаккур ва нутқ ва мисли инҳо. Аммо инҳо ҳама имконияти модарзод буда, фарзанди инсон барои ривоҷи онҳо бояд дар муҳити инсони зиста, бо онҳо дар робита бошад, ба меҳнати иҷтимоӣ ширкат варзад. Ба монанди ҳамин барои сабзиш ва ба камол расидани ақле, ки бо роҳи ирсият гузаштааст, мавҷудияти фаъолияти ақл ва шарту шароит лозим аст. Чи тавре, ки дар урфият мегӯянд: “Ҳеҷ кас аз паси худ чизе нашуд, ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд”.

### Таъсири муҳит ба камолоти кӯдак

Таҳти истилоҳи муҳит маҷмӯи воқеаҳои берунӣ фаҳмида мешавад, ки ба инсон таъсир мекунад. Ба ин муҳити табиӣ (ҷуғрофӣ), муҳити иҷтимоӣ, муҳити оилавӣ (микро-

муҳит) ва дигарҳо дохил мешаванд, ки ба ривоҷи кӯдакон таъсири алоҳида доранд.

Агар кӯдак дар шароити мусоид ба лаёқати модарзодӣ сабзида, бо фаъолияти зарур машғул гардад, лаёқат барвақттар намоён шуда, ривоҷ меёбад, дар сурати вуҷуд надоштани чунин муҳит баръакс хавфи нест шудан ё дар ҳолати “пинак” боқӣ мондани он ба миён меояд.

Кӯдак баробари таваллуд шудан, ба шароити ҳаёти иҷтимоӣ, шаклҳои шуури иҷтимоӣ рӯбарӯ мешавад. Ӯ зери таъсири шароити меҳнат калон мешавад, инкишоф меёбад. Дар натиҷаи мулоқоти байниҳамдигарии одамон нутқи кӯдак шакл мегирад, тараққӣ мекунад. Пас, метавон гуфт, ки сабзиш ва ба камол расидани аломатҳои ирсии кӯдак ба шароити зист ва тарбия вобаста аст. Дар ин хусус таърих мисолҳои фаровонеро медонад. Навоӣ аз модар шоир, Эйнштейн физик, Улуғбек ситорашинос, Сино табиб таваллуд наёфтаанд. Барои ривоҷи муғчаи қобилияти онон ва ба истеъдод табдил ёфтани онҳо муҳити иҷтимоӣ ва таълиму тарбия нақши муҳим бозидааст.

Абӯнасри Форобӣ ба масъалаи таъсири муҳит ба тарбия аҳамияти калон медод. Ӯ муҳитро тарбиятгари асосӣ, таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули одам мешуморид. Ба фикри Форобӣ, дар табиати инсон чунин қуввае ҳаст, ки мутобиқи шароит тағйир ёфта ба симои ахлоқии ӯ табдил меёбад. Одам покахлоқ, ё бадахлоқ таввлид намешавад ва ӯ зотан накӯкор ё бадкирдор набуда, балки ботадриҷ дар натиҷаи таъсири омилҳои муайяни ахлоқӣ дорои хулқу атвори хос мегардад.

Табиист, ки агар муҳити хубу вазъияти солими иҷтимоию психологӣ ва ахлоқӣ муҳайё бошад, он ба таълим ва тарбияи шахс таъсири хуб мерасонад. Дар чунин муҳит ҳар гуна рафторҳои ношоиста, беадолатӣ, бадахлоқӣ ва ғайра маҳкум ва фазилатҳои ахлоқии хуби инсон таърифу тавсиф карда мешавад.

Фарзанди инсон агар на дар муҳити иҷтимоии инсонӣ, балки дар муҳити дигар, гӯем ки, дар муҳити ҳайвонот

афтода монад, дар вай нумӯи биологии баъзе аломатҳои ирсӣ боқӣ мемонад, аммо фикр, фаъолият ва саъйу ҳаракати инсонӣ намешавад. Масалан, Маугли.

### Таъсири таълим ва тарбия ба камолот

Таъсири ҷамъият ба шуури бачагон асосан ба воситаи таълим ва тарбия сурат мегирад. Бача аз хурдӣ бо одамони атроф мулоқот намуда, дониш, таҷриба ва малакаҳоро азхуд мекунад. Вай аввал дар шароити оила, пас дар муассисаҳои томактабӣ, баъдтар дар мактаб таълиму тарбия мегирад.

Муҳит, меҳнат ва забон, ки бачаро иҳота кардааст, оқибат ба воситаи тарбия табдил меёбанд. Ба ин ваҷҳ, дар камолоти инсон ба афзалияти таълим ва тарбия имкон додан лозим аст. Чунки:

1. Дар ҷараёни таълим ва тарбия одам чизҳоеро азхуд менамояд, ки онҳоро сабзиши организм ва таъсири стихиявии муҳит дода наметавонад. Масалан, бача забони модарии худро бо таъсири муҳите, ки ӯро иҳота кардааст, метавонад омӯзад. Аммо хондан ва навиштанро маҳз ба туфайли таълим ёд мегирад. Меҳнати махсус, техника, дониш, таҷриба ва малакаҳоро фақат дар ҷараёни таълим соҳиб мешавад.

2. Туфайли таълиму тарбия ислоҳи баъзе камбудиҳои модарзодӣ низ мумкин аст. Одамон баъзан сарфи назар аз иллатҳои модарзод, бо одамони солим, одамоне, ки аз нуқсонҳои модарзод фориғанд, баробар дар фаъолият шуда метавонанд. Чунончӣ, баъзе кӯдакон кӯр, кар, бо забони лакнатдор ва ҳоказо таваллуд меёбанд, аммо тавассути ёрии таълиму тарбияи махсус ақли онҳо пурра тараққӣ мекунад.

3. Тавассути таълиму тарбия баъзе нуқсонҳоеро, ки таҳти таъсири муҳит пайдо шудаанд (картабозӣ, авбошӣ, сигоркашӣ ва ғайра), бартараф кардан мумкин аст.

4. Зимни таълиму тарбия дар бача фақат дониш, малака ва таҷриба не, балки ҷаҳонбинии илмӣ низ ташаккул

ёфта, тадриҷан камол меёбад. Дониш барои ҷисман ва маънан сабзидани вай ёрӣ мерасонад.

Пас, вазифаи асосӣ ва муҳим аз он иборат аст, ки қобилият ва истеъдоди бачагон сари вақт муайян шуда, барои камолоти онҳо шароит муҳайё гардад.

## Аҳамияти фаъолияти шахсӣ барои камолоти инсон

Камолоти инсонро фақат пайваста бо ирсият, муҳити иҷтимоӣ ва таълиму тарбия омӯхтан ва талқин намудан ҳам, комилан ба ҳақиқат рост намеояд. Чунки дар ҳаёти иҷтимоӣ худи шахс низ фаъол иштирок мекунад.

Муҳити иҷтимоӣ, таълиму тарбия маҳз ба туфайли иштироки фаъоли шахс боиси бедор шудани истеъдоди модарзодӣ мегардад, истеъдод ва қобилиятҳои ӯро месабзонад. Агар кас кори худро дӯст дорад, истеъдоди вай дар ин соҳа зудтар ва зӯртар ба зуҳур меояд.

Чунин ҳолатҳо низ ба назар мерасанд, ки шахс гоҳо ба соҳае рағбат зоҳир менамояду қобилияти вай дар соҳаи дигар намоён мегардад. Ин гуна ҳодисаҳо аксаран вақте ба вуқӯъ меоянд. ки қобилияти шахс комилан падид наомада ва ба пуррагӣ шакл нагирифта бошад.

Барои зуҳури қобилият ва истеъдод ба замми рағбати инсон ба фаъолияти муайян, барои такмили худ кор кардани вай низ аҳамияти муҳим касб менамояд. Одамони боистеъдод барои пурра намоён кардани истеъдоди хеш бояд нисбати худ мунтазам кор кунанд, меҳнат намоянд.

Барои мисол, суханронии нотиқи машҳури Юнон — устоди нутқ Демосфен дар байни ҷомеа аввал муваффақият пайдо накард, ӯро ҳатто масхара мекунанд. Забони Демосфен лакнат дошта, овозаш паст буд, кӯтоҳ-кӯтоҳ нафас мегирифт, ҳамеша як китфи худро парронда меистод. Вай бо маслиҳати ҳунарпеша барои такомули нутқи худ шурӯъ кард ва ҷиҳати рафъи нуқсонҳои худ ирода ва қатъият нишон дод: дар даҳони худ сангча гузошта, талаффузи калимаҳоро машқ кард, дар соҳили баҳр пеши

садои мавҷҳои пуртуғён сухан ронд, ба теппаҳо баромада бо овози баланд шеърҳо қироат намуд, рӯ ба рӯи оина истода ҳаракатҳои рӯяшро ба тартиби муайян даровард, дар шифти хона шамшерашро овехта монд, ки ҳангоми аз рӯи одат боло кардани китфонаш шамшер халида озораш медод. Демосфен ҳафтаҳо аз хона набаромада маҳорати нотиқиро омӯхт, барои он ки аз хона берун набарояд, нисфи мӯи сарашро тарошида партофт.

Ин гуна мисолҳои бисёр овардан мумкин аст. Дар ҳаёт ҳолатҳое ҳам дучор мешаванд, ки дар баъзе касон сарфи назар аз мавҷудияти муҳити қулай, нишонаҳои истеъдоди модарзод ва қобилият дида намешавад, аммо дар натиҷаи кори ҷиддӣ ва мустақилона, ғайрат ва қатъияти онҳо ба сифати соҳибони қобилияти бузург фаъолият мекунанд.

Саргузашти шахсони бузург собит менамояд, ки дар фаъолияти эҷодии онҳо чизи асосӣ пайгирона кор карда тавонистан, моҳҳову солҳову даҳсолаҳо саъю ҷадал ва мубориза намудан барои расидан ба мақсад, бурдборона ҷустани роҳҳои ноил гардидан ба он аст.

Аз ин ҷост, ки ҳар як мураббӣ дар давраи фаъолияти педагогии худ баробари таълиму тарбияи хонандагон бояд ҳамвора хислатҳоеро аз қабили мақсадгузорӣ дар назди худ ва саъю кӯшиш барои муваффақ шудан ба он, ҷустуҷӯи таҳаммул, меҳнат кардан, иродонокӣ ва қатъиятпешагиро дар онҳо тарбия намояд.

Табиист, ки барои комёб шудани хонандагон ба бахти худ дониш, малака ва таҷрибаҳои дар мактаб гирифта басанда нест. Дар роҳи расидан ба мақсади олӣ монда нашуда кор кардан, бо одамон мулоқот намудан, бештар бо мутолиаи китоб машғул шудани онҳо шарт аст.

Ҳар як бачаро тарбия кардан мумкин аст, хуб хондани вай низ аз имкон берун нест. Вазифаи аввалиндараҷаи муаллим ин аст, ки ҳар хонандаро бодиққат ҳаматарафа омӯзад, шавқу ҳаваси ба кадом соҳа доштаи ӯро муқаррар созад, сипас, мувофиқи ҳамин шавқу ҳавас ва майли вай чораву тадбирҳо бубинад, умуман, фаъолияте, ки аз лиҳо-

зи педагогӣ дуруст ташкил меёбад, дар бобати ривоҷи тарбияи ақлӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ҷисмонии шахсияти кӯдак таъсири мусбат хоҳад расонид.

## Тавсифи давраҳои ҷавонии бачагон

Барои дуруст тарбия намудан ва самарабахш таълим додани бачагон тағйироти ривоҷ ва хусусиятҳои ба давраи ҷавонӣ хоси онҳоро донистан ва ба ҳисоб гирифтан шарт аст. Чунки сабзиш, инкишоф, тараққиёти рӯҳии бачагон дар давраҳои гуногуни ҷавонӣ ҳар хел хоҳад буд. Агар мураббӣ тарбияи ҳамаҷонибаи бачаро мақсади худ қарор дода бошад, дар ин ҳол лозим аст, ки бачаро ҳам ҳартарафа омӯзад, донад. Ҳамчунин усулҳои таъсири педагогии бамуддаоро низ бояд соҳиб шавад, синну соли бачагон, хусусиятҳои фардии онҳоро дар ҳолати сабзиши доимӣ, равнақ, тағйирот аз назар гузаронад ва фикру андеша намояд.

Аз рӯи тавсияҳои фанҳои тиб, анатомияи бачагон, физиология, психология, педагогика гурӯҳбандии овони ҷавонии бачагон ба сурати зер қабул шудааст:

1. Давраи кӯдакӣ — туфулият (аз таваллуд то яксолагӣ);
2. Давраи яслӣ — аз яксолагӣ то сесолагӣ;
3. Синни тарбияи томактабӣ — аз 3-солагӣ то 6-7 солагӣ;
4. Хонандагони хурдсоли синни хурди мактабӣ — аз синни 6-7 то 11-12 солагӣ;
5. Хонандагони синни миёнаи мактабӣ — аз 12 солагӣ то 15-16 солагӣ;
6. Хонандагони калонсоли синни мактабӣ — аз синни 16 то 18 солагӣ.

Хусусиятҳои анатомӣ, физиологӣ ва рӯҳие, ки марбути синни муайянанд, хусусиятҳои ҷавонӣ номида мешаванд. Чи тавре ки, дар боло таъкид кардем, барои фарқ кардани хусусиятҳо ва давраҳои ҷавонии як давра аз хусусиятҳои ҷавонии давраи дуюм илоҷ, чора нест.

Умуман, дар хусуси тамоми марҳилаи синни хонандагон, дигаргуниҳои тараққиёти ҷисмонию руҳӣ, хусусиятҳои хосаи онон маълумоти кофӣ доштани мураббиён шарт аст. Чунин маълумотҳо барои ҳалли мусбати масъалаҳои ҷудогона, ҳамчунин дар бобати сохтани нақшаи муассири педагогӣ ба хонандагон барои муаллим заруранд.

Пас, мақсади асосии педагогҳо дар қалби шогирдон коштани тухми некӣ, фазилатҳои инсонист. Ва бояд кӯшиш намуд, ки насли ҷавон худро ҳамчун аъзои аслӣ ва даркории ҷамъият ҳисобида, дар иҷрои ҳар як амр ба манфиати модар-Ватан эҳсосоти инсонӣ зоҳир намоянд. Чуноне, ки Рӯдакӣ фармудааст:

*Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,*
*На бад-он чашм, ки андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ.*

***Савол ва супоришҳо:***

1. Ба камолоти шахс чи гуна омилҳо таъсир мерасонанд?
2. Ба омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ чиҳо дохил мешаванд?
3. Фазилатҳои инсониро номбар кунед.
4. Дар бораи таъсири муҳит ба камолоти инсон маълумот диҳед.
5. Аҳамияти тарбия дар камолоти инсон чӣ андоза муҳим аст?
6. Дар камолоти шахс тарбияи оилавӣ чи аҳамият дорад?
7. Давраҳои синну солиро номбар кунед.
8. Хусусиятҳои дигаргуншавии ҷавониро фаҳмонед.

# БОБИ IV

## МУАЛЛИМ – УСТОДИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ

Муаллим! Чӣ сухани азиз, арҷманд ва муқаддасест! Дар замири ин ҳафт ҳарф чӣ қадар маъно маҳфуз аст. Муаллим – бахшандаи нури донишу маърифат, меҳру оқибат, илму заковат аст. Муаллим офарандаи инсон аст.

*Муаллим устоди аввалин аст,*
*Сафобахшанда дар рӯи Замин аст.*
*Диҳад илму адаб бар насли наврас,*
*Бузургии муаллим дар ҳамин аст.*

Иҷрои вазифаҳои соҳаи маорифи халқ ба муаллимон вобаста аст. Ташаккули фаъолияти гуногуни хонандагон ҳамчун инсони донишманд, баодоб, боэътиқод, меҳнатдӯст, ба зиммаи муаллим вогузор мешавад. Беҳуда нагуфтаанд:

*Агар ҳаёт зар бошад, заргар муаллим,*
*Агар ҳаёт баҳр бошад, гавҳар муаллим.*

Мутафаккири бузург — Абӯалӣ ибни Сино дар рисолаи “Тадбири манзил” фармудааст: “Омӯзгор ва мураббӣ ё хирадманд бошад ва ба роҳи тазҳиби ахлоқ ва парваришу тарбияти бача ошно ва бино буда, бовиқору сангин, бомурувввату покдоман ва назиф бошад ва роҳи муоширатро бидонад”.

Муаллимӣ касби бисёр бошараф, аммо мураккаб аст. Барои муаллими нағз шудан фақат касби педагогиро фаро гирифтан кифоя нест, чунки дар назарияи педагогӣ дар хусуси таълим ва тарбияи бачагон қоидаву қонунҳои

умумӣ, ғояҳои усули умумишуда баён мешаванд. Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ҷавонӣ ва фардии хонандагон таъкид меёбад. Ҳаёти мактаб, ҷараёни амалии педагогӣ басо гуногун аст. Вазъиятҳое дучор меоянд, ки ба назарияи педагогӣ мувофиқ нестанд. Ин аз муаллим дониши васеъ, тайёрии пухтаи амалӣ, маҳорати баланди педагогӣ ва эҷодкориро талаб мекунад.

Бинобар ин, муаллиме, ки дар мактабҳои таълими умумии Ӯзбекистони соҳибистиқлол кор мекунад, бояд:

— дар фаъолияти педагогӣ қобилиятнок, эҷодкор, тадбиркор бошад;

— донандаи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, илмҳои дунявӣ, воқиф аз илмҳои динӣ, маънан баркамол бошад;

— донишҳои марбути ихтисос, дониш ва маҳоратҳои доир ба педагогика, психология ва илмҳои назариявиро мукаммал фаро гирифта бошад.

— муаллим бояд бачагонро дӯст дорад, барои ривоҷёбӣ ва одами хуб шудани ҳар як хонанда аз таҳти дил бовар кунад, барои ҳамчун шахс ривоҷ ёфта, чун инсон ба камол расидани онҳо мусоидат кунад;

— озодона ва эҷодкорона фикр кунад, серталаб, адолатпеша, баодоб бошад.

## Фаъолияти педагогӣ

Фаъолияти педагогӣ заҳмати пайвастаи шахсони барои таълиму тарбия махсус тайёршуда аст, ки ба омода сохтани ҷавонон ба ҳаёт ва меҳнат дар назди халқ масъул ва ҷавобгаранд. Фаъолияти меҳнатии муаллимони мактаб барои ташаккули шахсияти инсон нигаронида шудааст. Ҳар як бача дорои хулқу атвор, характери худ аст. Дар тарбияи бачагон омӯхтан ва ба ҳисоб гирифтани ҳамин хусусиятҳои ба худ хоси онҳо ниҳоят мушкил ва мураккаб мебошад. Барои ин, аз усулҳои махсус истифода бурда мешавад, ки муносибатҳои мураккаби байни одамонро дар худ

акс менамоянд. Ҷавононе, ки ба фаъолияти педагогӣ тайёрӣ мебинанд чунин хусусиятҳоро бояд донанд. Ин хусусияти ихтисосии педагогӣ дар профессиограмма ифода меёбад.

Профессиограмма 1) хусусиятҳои шахсии муаллим; 2) талабот ба омодагии руҳию педагогии муаллим; 3) ҳаҷм ва мазмуни омодагии махсус; 4) мазмуни усули омодагии доир ба ихтисосро дар бар мегирад.

## Қобилият ва маҳорати педагогӣ

Ҳар як муаллим барои он ки бомуваффақият кор кунад, бояд маҳорати педагогиро донад. Соҳиби маҳорати педагогӣ бо андак меҳнат натиҷаҳои зиёд ба даст медарорад. Эҷодкорӣ ҳамсафари доимии вай хоҳад буд. Дар кори педагогӣ танҳо он кас маҳорати педагогиро аз бар менамояд, ки соҳиби қобилият ва истеъдод бошад.

Қобилият дар ҷараёни фаъолият пайдо мешавад ва равнақ меёбад. Қобилият аз малака ва ӯҳдабарой фарқ мекунад. Агар малака ва ӯҳдабарой натиҷаи машқ ва таълим ҳисобида шавад, барои ривоҷ ёфтани қобилият боз истеъдод, хоҳиш ва зеҳн, яъне мавҷудияти хусусиятҳои анатомию физиологӣ дар силсилаи асаби инсон зарур аст. Дар ҳамин заминаи табиӣ хусусияти руҳӣ, ки қобилият меномaнд тараққӣ мекунад. Барои бомуваффақият сурат гирифтани фаъолияти педагогӣ мавҷудияти чунин навъҳои қобилият дар муаллим ва ба воситаи тарбия омода будани онҳо лозим аст:

***1. Қобилияти донистан.*** Ин қобилиятест, ки ба соҳаҳои дахлдори фан (математика, физика, биология, адабиёт ва ғайра) оид аст. Муаллиме, ки соҳиби чунин қобилият аст, фанро нафақат дар ҳаҷми курси таълим, балки хеле васеъ ва амиқтар медонад, кашфиётҳои дахлдори фанни худро пайваста мушоҳида менамояд, маводро саропо медонад, ба вай бо шавқи тамом муносибат мекунад, корҳои оддии тадқиқотӣ мебарад.

*2. Қобилияти фаҳмонидан.* Ин қобилиятест, ки маводи хонишро ба тарзи фаҳмо баён намуда, шавқу ҳаваси хонандагонро ба фикррони мустақил равона месозад. Лозим аст, ки муаллим дар ҳолатҳои ногузир маводи хонишро тағйир диҳад, мавзӯъҳои душворро ба тарзи равон, матни мураккабро ба шакли оддӣ, мафҳумро ба намуди равшану амиқ ба хонандагон манзур карда тавонад.

*3. Қобилияти мушоҳидакорӣ.* Қобилияти ба дунёи дохилии хонанда, тарбиягиранда дохил шуда тавонистан, шахсияти хонанда, ҳолати руҳии муваққатии ӯро ба хубӣ муоина кардан қобилияти мушоҳидакорӣ ба шумор меравад. Ин гуна муаллим дигаргуниҳои ба чашм ноаёни рӯҳияи хонандаро ҳам фавран дарк мекунад. Хонандагон дар ҳаққи чунин муаллим одатан мегӯянд: "Нигоҳ накардагӣ барин менамояду ҳама чизро мебинад", "Дилтангӣ ва ё нотайёрии хонандаро ба дарс аз чашмонаш мефаҳмад".

*4. Қобилияти нутқ.* Бо ёрии нутқ ва имою ишора фикр ва ҳиссиёти худро равшан ва дақиқ ифода карда тавонистан қобилияти нутқ номида мешавад. Ин барои касби муаллимӣ бағоят муҳим аст. Зеро нутқи муаллим дар дарс ҳамеша ба хонандагон нигаронида мешавад. Вай хоҳ ҳангоми фаҳмонидани мавзӯи нав, хоҳ дар вақти таҳлили ҷавоби хонанда ё танқиди он ҳамеша аз ҷиҳати зӯри дохилӣ, бовариnокӣ, шавқмандӣ ба сухани гуфтаистодаи худ бояд эътибор диҳад. Ифодаи фикр бояд ҳамеша дақиқ, содда ва фаҳмо бошад. Нутқи муаллим бояд аниқ, ҷоннок, боҳаяҷон бошад, дар он хатоҳои услубӣ, нуқсонҳои грамматикию фонетикӣ набояд ҷой дошта бошад.

*5. Қобилияти ташкилотчигӣ.* Ин хели қобилият, якум, муттаҳид намудани ҷамоаи хонандагон, рӯҳбаланд кардани ононро дар иҷрои вазифаҳои муҳим, дуюм, дуруст ташкил кардани кори худро аз ҷониби онҳо мадди назар дорад. Вақте ки ташкили дурусти кори худ мегӯем, дуруст ба нақша гирифтани кор ва назорат карда тавонистани иҷрои онро ифода менамояд. Дар муаллимони ботаҷриба хосияти

ба худ хоси дарки вақт — корро мувофиқи вақт дуруст тақсим кардан, иҷро намудани он дар мӯҳлати худ ҳосил мегардад.

Гоҳҳо дар давоми дарс ба тарзи ғайричашмдошт ҳолати сарфи зиёди вақт рӯй медиҳад. Аммо муаллими ботаҷриба ҳангоми зарурат метавонад нақшаи дарсро тағйир диҳад.

*6. **Қобилияти обрӯафзоӣ.*** Таъсири бевоситаи ҳиссию иродавӣ расонидан ба хонандагон ва дар ин асос ҳосил намудани обрӯ қобилияти обрӯафзоӣ ҳисоб меёбад. Обрӯ нафақат дар ин замина, балки ба туфайли мавзӯи дарсро хуб донистани муаллим, самимият, меҳрубонӣ, назокатмандии вай ва ғайра низ ба даст медарояд. Ин қобилият ба маҷмӯи сифатҳои шахсияти муаллим, чунончи, сифатҳои иродаи ӯ (далерӣ, пурбардоштӣ, қатъият, серталабӣ ва амсоли инҳо), инчунин ба ҳисси масъулияти таълиму тарбияи хонандагон, боварии ҳаққонияти худ, расонида тавонистани чунин ҳаққоният ба хонандагон ва мисли инҳо низ вобаста аст.

*7. **Қобилияти муомилаи дуруст*** — ин наздик шуда тавонистан ба бачагон, ташкили муносибатҳои самарабахш аз нуқтаи назари педагогӣ бо онҳо шаҳодати мавҷудияти назокати педагогист.

*8. **Қобилияти пешбинӣ.*** Ин қобилият дар дида тавонистани оқибати кори худ, тасаввур карда тавонистани чи гуна шахс шудани хонанда дар оянда, аз аввал гуфта тавонистани зарурати такмили кадоме аз фазилатҳои тарбиятгиранда ифода меёбад. Ин қобилият ба хушбинии (оптимизми) педагогӣ ва қудрати тарбия вобаста аст.

*9. **Қобилияти тақсими диққат.*** Чунин қобилият ривоҷ додани тамоми хусусиятҳои диққат — ҳаҷм, қувват, тағйирпазирӣ, идорапазирӣ, сафарбарнокӣ ва назири инҳоро фаро мегирад. Бомаҳорат тақсим карда тавонистани диққат дар ҷараёни фаъолият барои муаллим аҳамияти алоҳида касб менамояд. Муаллими қобилиятнок, ботаҷриба мазмун ва шакли баёни дарс, фикри худро (ё хонандаро) бо диққат муоина мекунад, якҷоя ҷамоаи хонандагонро му-

шоҳида карда меистад, аломатҳои мондашавӣ, беэътиборӣ, нофаҳмиро ҳушёрона ба эътибор мегирад, ҳолатҳои беинтизомиро аз назар дур намекунад, ниҳоят, рафтору ҳаракати худро низ зери назорат мегирад.

Муаллим ба замми қобилиятҳои мазкур ба чандин сифатҳои мусбат мисли тасаввури аниқи мақсад, қатъият, меҳнатдӯстӣ, фурӯтанӣ ва ғайра низ бояд соҳиб бошад. Агар чунин хусусиятҳо дар вай набошанд, аз дараҷаи педагогӣ миёнаҳол боло баромада наметавонад.

## Сифатҳои касбии муаллим

Дарки эътиқод, одоб, вазифаи инсондӯстӣ сифатҳои асосии муаллим ба шумор меравад. Лозим аст, ки муаллими мактаб намунаи шахси дорои фазилатҳои умумиинсонӣ бошад.

Муҳаббат ба бачагон муҳимтарин фазилати муаллим, ин меҳру муҳаббатест, ки серталабӣ ва қатъият бо адолатпешагӣ дар он омезиш ёфтааст. Шахсе, ки дорои ин хусусиятҳост, вақт ва нерӯи зиёди худро сарфи бачагон хоҳад кард. Вай тайёр аст, ки асnои зарурат, ҳавас ва хоҳиши худро қурбон намуда, барои манфиати бачагон, эҳтиёҷи худро маҳдуд созад. Чизи рағбатовар боиси ҳусни таваҷҷӯҳ мебошад.

Дарки фаъолияти иҷтимоӣ ва вазифаи инсондӯстӣ сифати хоси муаллим аст, чунки педагоги ҳақиқӣ ба маънои пурраи сухан, ҷамоатчӣ ҳисоб ёфта, ба бачагон дар амал ҳолати фаъолиятмандии иҷтимоиро нишон медиҳад.

Фазилати муаллим — бо одамон зуд ҳамроҳӣ гирифтан, ба мағзи ҷомеа даромада тавонистан, дӯст ва дилкаш будан, инҳо ҳама ифодаи маданияти баланди муомила дар ӯ ба шумор меравaнд. Зеро лозим меояд, ки муаллим ҳамеша бо одамон дар робита бошад ва бо онҳо кор кунад. Муваффақияти кори муаллимро дар фаъолияти ҳаррӯза қобилияти алоқа карда тавонистан бо калонсолон ва бачагон, бо гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида таъмин менамояд.

Муаллим он вақт нисбат ба одамон меҳрубон ва босаховат шуда метавонад, ки дорои одоб ва маданияти баланд бошад. Ин гуна омӯзгорро ҳама ҳурмат хоҳанд кард. Барои ин дилкушо, босубот ботамкин ва пурбардор будани вай зарур аст. Лозим аст, ки дар ҳама шароит худро нигоҳ дошта тавонад. Муаллим дар баробари серталабӣ нисбат ба бачагон ба шахси худ, бояд аз дидгоҳи танқид назар карда тавонад, чунки пеш аз гуфтани сухане фикр бояд кард, сухан аз андеша карда гуфтан пуртаъсиру судмандтар мегардад. Аз андеша бомағз гардад сухан.

Одоби муаллим хусусияти касбию ахлоқиест, ки категорияҳои ахлоқ, қоида ва меъёрҳои умумибашариро бо хусусиятҳои хоси таълиму тарбия мувофиқ месозад ва дар муносибати педагог бо хонандагон, ҷомеаи муаллимон, падару модарон ва вакилони аҳли ҷамъият падид меоянд.

Педагог бояд меъёрҳои этикаро аз бар намояд, дар таҷриба бисанҷад, бо ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи ахлоқии худ муқоиса намояд. Дар натиҷаи фикру эҳсос ва озмоиш дар зиндагӣ, қоидаҳои этикаи педагогӣ ба эътиқоди муаллим, бо саъю ҷадал ба сифати ахлоқӣ шахсии вай табдил меёбад.

Мафҳумҳои асосии назокати педагогӣ ба категорияи ахлоқи умуминсонӣ созгор меоянд ва онҳоро ба тарзи марбут бо фаъолияти муаллим як дараҷа аниқ менамоянд. Дар назокати педагогӣ хислатҳои инсондӯстӣ, адолатпешагӣ, бовиҷдонӣ, ҳалолкорӣ, накӯкорӣ ва ғайра пайваста бо фаъолияти омӯзгорӣ таҳлил меёбад.

Назокати педагогӣ мафҳуми некиро дар вобастагӣ бо фаъолияти муаллим таъин менамояд. Дар он ягонагии манфиати муаллим ва ҷамоаи хонандагон, ягонагии мақсади муаллим ва хонанда, ягонагии саъю кӯшиш барои самаранокии таълиму тарбия акс меёбад. Фазилати хубӣ, накӯкорӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубон будани ҳар ду тарафро тақозо менамояд. Барои он, ки некӣ қарор бигирад, бо бадӣ муросо кардан нашояд. Бо хоҳиши нек ягонагии хушмуомилагӣ, хушхӯӣ, хушрафторӣ воҷиб аст.

Яке аз аломатҳое, ки ахлоқи шахсро муайян месозад, масъулият ба шумор меравад. Масъулияти муаллим, дар ҳолате, ки мазмуни мафҳуми масъулиятро батамом нигоҳ медорад, фаъолияти муаллим ва вазифаҳои аниқи чараёни таълим ва тарбияро низ фаро мегирад. Муаллим бояд ба хонанда маълумоти назарии амиқ диҳад, ӯро ба ҳаёт ва меҳнат тайёр намояд. Дар баробари ин, лозим аст, ки хоҳиш ва қобилиятҳои бачаро ҳис намуда, бо муносибати фардӣ сифатҳои мусбати ахлоқии ӯро эҳтиёткорона такмил диҳад.

Муаллим дар синф ба сифати вакили ҷомеа бо ҷомеаи хонандагон ба танҳоӣ кор мебарад. Дар ин шароит масъулияти муаллимӣ хулқи ӯро ба тартиб медарорад, қувваи раҳнамо, меъёри асосии дараҷаи таъсирбахшии вай ба хонандагон ҳисоб меёбад.

Муаллиме, ки соҳиби одоби педагогист, дар байни талабагон обрӯ пайдо мекунад. Омӯзгор ҳар қадар зиёд обрӯ пайдо намояд, таълим ва тарбия моҳиятан ба ҳамон андоза бомуваффақият сурат мегирад.

Муаллим, гуфтан мумкин аст, ҳар рӯз бо хонандагон вомехӯрад, бо онҳо саволу ҷавоб карда, корҳои нағзашонроméписандад, донишашонро арзёбӣ мекунад, агар рафтори ношоиста содир намоянд, танбеҳашон медиҳад. Дар фикру мулоҳизаҳои муаллим аломатҳои нисбӣ, субъективӣ мавҷуд буда метавонад. Мумкин аст, ки ба ҳамаи хонандагон ягона муносибати дуруст карда натавонад. Лекин ҳама бояд боварии комил дошта бошанд, ки вай нисбат ба ҷамоаи хонандагон нияти пок ва холисона дошта, барои некӣ кардан ҳаракат менамояд ва шахси адолатхоҳ аст.

Фаъолияти педагогӣ моҳиятан хосияти эҷодӣ дорад. Маълум аст, ки фақат ҳангоми қарор гирифтани муаммое дар назди инсон барои эҷодкорӣ эҳтиёҷ пайдо мешавад. Фаъолияти муаллимӣ дорои чунин хосият аст. Моҳияти асосии эҷодкории педагогӣ бо мақсад ва хосияти фаъолияти педагогӣ вобаста мебошад. Фаъолияти педа-

гогӣ ҷараёни ҳалли чандин масъалаҳои педагогии тобеи мақсади умумист, аз қабили ташаккули шахсияти инсон, ҷаҳонбини, эътиқод, шуур, хулқу атвори вай. Фаъолияти эҷодкории муаллим дар пайдо кардани усулҳо ва ҷустуҷукорона ёфта тавонистани роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо ифода меёбад.

Манбаи эҷодкории педагогӣ таҷрибаи педагогист. Таҷрибаи педагогӣ аз вазъиятҳои муаммоӣ саршор аст. Таҳти мафҳуми таҷрибаи пешқадами педагогӣ муносибати эҷодкоронаи муаллим нисбат ба вазифаи худ, бо роҳи ҷустуҷӯи дарёфту истифода намудани роҳу воситаҳои нав ва самарабахш дар таълиму тарбияи хонандагон фаҳмида мешавад.

Таҷрибаи педагогии пешқадам ҳам он шакл, усул, услуб ва воситаҳои кориест, ки муаллим дар кори таълиму тарбия ба кор мебарад. Тавассути онҳо дар кори таълиму тарбия ба натиҷаҳои бисёр баланд метавон ноил шуд.

Омӯхтани таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, ҳалли ҳодиса ва қонуниятҳои нави педагогӣ ва дар асоси онҳо ба ҷараёни таълим тағйироти сифатии нав дохил намуда, барои раҳнамоӣ кардан ба фаъолияти азхудкунии хонандагону моделонидани навъи тозаи ҷараёни таълим сабаб мешавад.

Муаллиме, ки эҷодкорона фаъолият нишон медиҳад, на фақат бо тарбия ва таълими муваффақиятноки бачагон, балки боз ба омӯхтани таҷрибаҳои муаллимони пешқадам, ба кори тадқиқотӣ низ соҳиб мешавад.

Тараққиёти ҳозираи фан ва техника аз муаллим талаб менамояд, ки эҷодкор бошад, доир ба муаммоҳои муҳими илму фан озодона мулоҳиза ронад, аз комёбиҳои фан хабардор буданро ба зиммаи хонандагон вогузор кунад, ниҳоят, хонандагонро ба тадқиқот, фаъолияти эҷодӣ омӯзонида тавонад. Бинобар ин, муаллим бояд даставвал малакаҳои тадқиқотӣ илмиро аз бар намояд. Муаллим дар давоми иҷрои тадқиқотӣ илмӣ омилҳоро ҷамъ ва таҳлил менамояд, дар асоси онҳо хулосаҳои лозима мебарорад. Вай

дар ҷараёни истифодаи хулосаҳои фан дар фаъолияти амалӣ бисёр фазилатҳои муҳимро касб менамояд, ки барои муаллими замони ҳозира заруранд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Хусусиятҳои шахсии муаллимро номбар кунед.
2. Қобилият ва маҳорати педагогӣ чист?
3. Сифатҳои касбии муаллим аз чиҳо иборатанд?
4. Таҷрибаҳои муаллимони пешқадамро номбар кунед.
5. Дар бораи муаллими дӯстдошта иншои озод нависед.

## БОБИ V

## НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Сохтори ҷамъи муассисаҳои таълиму тарбияро, ки ба тараққиёти дохилӣ ва хориҷии мамлакати муайяне таъсир мерасонад ва дар асоси қоидаҳои муайяне ташкил ёфтааст, низоми маорифи ҳалқ меноманд.

Низоми маорифи ҳалқи Ўзбекистон аз соҳаҳои устувори инкишофдиҳандаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданиии республика ба шумор меравад. Мақсади вай ташаккул додани шахсони озоди баркамолест, ки дар соҳаи ақлу заковат ва илм, қуввату иқтидор дар назди ҷамъият, оила ва давлат масъулияти худро дарк намояд.

Низоми таълими ҳалқ дар асоси Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва қонунҳои оид ба асосҳои истиқлолияти давлатии Республикаи Ўзбекистон ташкил ва назорат карда мешавад. Чунон, ки дар моддаҳои 18 ва 41 Конститутсия таъкид ёфтааст, ҳамаи шаҳрвандоне, ки дар сарзамини республика истиқомат мекунанд, сарфи назар аз ҷинс, ирқ, миллат, забон, дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоии худ барои гирифтани таълим ҳуқуқ доранд. Ҳамчунин бепул гирифтани таълими умумии шаҳрванд дар кафолати давлат аст. Ин ҳуқуқ дар заминаи бепул гирифтани илм дар ҳама соҳа, амалӣ гардонидани таълими миёнаи умумии ҳатмии ҷавонон, дар робита ба меҳнати фоидабахш ривоҷ додани таълим шарҳу тавзеҳ меёбад. Ба хонандагон ва талабагон стипендияи давлатӣ ва имтиёзҳо таъин мешавад.

Аз табаддулоти октябр то кунун дар низоми таълими халқии кишвар бисёр дигаргуниҳо рўй доданд, аз ҷумла, соли 1929 хати арабӣ ба хати лотинӣ, соли 1941 хати

лотинӣ ба хати кириллӣ иваз карда шуд. Навъҳои гуногуни таълими миёна, миёнаи махсус ва олӣ таъсис ёфтанд. Таълими мактабҳои ҳунару техника афзуд ва ғайра.

1 сентябри соли 1991 республика мустақил эълон карда шуд. Ба ин муносибат дар навбати аввал дар асоси таҷрибаҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълими ҳалқ масъалаи ислоҳот ба миён гузошта шуд. Ниҳоят қонун "Дар бораи таълим" 2 июли соли 1997 қабул шуд, ки ба ҷиддан нав кардани низоми таълим сабаб гардид.

## Стандарти давлатии таълими миёнаи умумӣ. Қоидаҳои умумӣ

Стандарти давлатии таълими (СДТ) таҳсилоти миёнаи умумии дараҷаи маҷбуриву минималиеро, ки барои тайёрии умумтаълимӣ ва савияи хонандагон лозим аст, муайян менамояд. СДТ мазмун, шакл, восита, усул ва тартиби баҳогузории сифати донишро муайян месозад.

Тавассути СДТ дар муассисаҳои маориф шарти дараҷаи барқарории таълим иҷро мегардад. Он аз рӯи моҳияти худ барои офариниши дастурҳои хониш, китобҳои дарсӣ, дастуруламалҳо, низомҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, чун асос хизмат мекунад.

СДТ таҳсили миёнаи умумӣ аз рӯи сохтор ва мазмуни худ манфиати давлат, ҳудуд, мувозинати мактабро акс менамояд, инчунин устувории шахси хонанда, кӯшиш қобилият ва шавқмандии ӯро муайян менамояд. Иҷрои СДТ ба ҳамаи муассисаҳои таълим сарфи назар аз шакли мулкдорӣ ва ҷавобгарии идоравӣ, ки дар ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон фаъолият доранд, ҳатмӣ аст.

Барои ташаккули СДТ ҳуҷҷатҳои зерин чун асос қабул гардидаанд:

Қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон "Дар бораи таълим", "Дастури миллии тайёр кардани кадрҳо":

Фармон, фармоиш ва асарҳои Президенти Республикаи Ўзбекистон дар боби ислоҳи соҳаи таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳо:

Қарорҳои Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон “Дар бораи ҷорӣ ва коркарди СДТ барои соҳаи таълими пайдарпай” (5-уми январи соли 1998) ва “Дар бобати ташкили таълими миёнаи умумӣ дар Республикаи Ўзбекистон” (13-уми майи соли 1998).

Дар ҳолати ба ҳисоб гирифтани фарқ аз қонунҳои қабулшудаи пешина чунин қоидаҳои нави низоми таълими ҳалқӣ ҷорӣ ва иҷрои ҳатмии он қайд карда шуд. Дар асоси Конститусияи Ўзбекистон ва қарорҳои давлатӣ қоидаҳои мазкур ҷорӣ карда шуд:

***1. Инсонпарварӣ ва демократӣ будани таълиму тарбия.*** Моҳияти ин нукта аз он иборат аст, ки таълим ва тарбияе, ки дар тамоми муассисаҳои ба низоми таълими ҳалқӣ дохилшаванда дода мешавад, камолоти моддӣ ва маънавии одамон, рушди ақлу заковати онон, дурахши фаъолияти инсонӣ ва ниҳоят, худшиносӣ, муборизи ҳаққу ҳуқуқи худ, ватанпарвари ҳақиқӣ шуда ба камол расидани онҳоро мадди назар дорад.

***2. Пайваста ва пайгирона будани таълиму тарбия.*** Таълим ва тарбияе, ки дар муассисаҳои таълими ҳалқ дар Ўзбекистон ҷорист бо ҳам алоқаманд мебошанд. Ҳар як зинаи таълим дар асоси нақша ва барномаҳо бо зинаи пасояндаи таълим мувофиқ кунонида шудааст, бинобар ин, зинаҳои баъдӣ ба сифати давоми зинаҳои пешин фаъолият хоҳанд кард. Ин, дар навбати худ, барои гузаштан аз як мактаб ба мактаби дигар, аз як донишкадаи олӣ ба дигар донишкадаи олӣ имконият ба вуҷуд меорад. Таълим бошад дар асоси нақша ва барномаи хониш муназзам ва пайгирона фаъолият менамояд.

***3. Илмият ва дунявияти низоми таълими давлатӣ.*** Дар ҳамаи муассисаҳои таълими республика донишҳои дунявӣ дода мешавад. Ин донишҳо асосҳои илмӣ дошта, ба туфайли навтарин комёбиҳои илму техника ва ақлу закова-

ти инсоният ҳамеша такомул меёбанд. Онҳо барои бевосита донистани дунёи воқеӣ ва хулосаҳои лозима баровардани хонандагон, муайян кардани мавқеъ ва вазифаҳои худ дар ҷамъият, аз худ намудани ягон касбу пеша нигаронида шудааст.

***4. Устувории умумиинсонӣ ва миллию маънавӣ дар таълим.*** Донише, ки ба воситаи тамоми масканҳои низомӣ таълим дода мешавад, ба омилҳои моддӣ ва маънавие такя дорад, ки дар таҷрибаҳои ҳалқ, аҷдод дар давоми ҳазорсолаҳо шакл гирифта, камол ёфтааст, ҳамчунин вай ба асарҳои бебаҳое такя менамояд, ки симоҳои бузург ба мо мерос мондаанд. Ин дониш барои намоён сохтани худ моро бо ғояҳои воҷиби умумиинсонӣ мусаллаҳ менамояд ва дар ин бобат арзишҳои пешқадами умумиинсониро қадр мекунад.

***5. Муҳаиё намудани имконият барои таълими ҳамагонӣ мувофиқи қоидаи стандарти давлатии таълим.*** Чуноне, ки дар моддаи 4-уми қонуни нав таъкид шудааст, дар Республикаи Ўзбекистон сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ, ҷинс, забон, синну сол, қавм, миллат, эътиқод ва муносибат нисбат ба дин, аҳволи иҷтимоӣ, навъи машғулият, ҷои истиқомат, вақти зиндагонӣ дар ҳудуди республика барои таълим гирифтан ба ҳама ҳуқуқи баробар кафолат дода мешавад.

Шартҳои қабул ба муассисаҳои таълим бо қоидаҳое, ки аз ҷониби идораҳои давлатӣ тасдиқ гардидааст, муқаррар мешавад. Ба падару модарон кафолат дода мешавад, ки фарзандонашонро ба кадом мактаб ва забоне, ки хоҳанд, ба таҳсил диҳанд. Низоми таълим дар Ўзбекистон мувофиқи таълими стандарти ҷаҳонӣ ташкил меёбад.

***6. Ҳатмӣ будани таълими умумӣ (дар ҳаҷми нўҳ синф).*** Соли 1930 ба таълими ибтидоӣ, соли 1949 ба таълими ҳафтсола, соли 1958 ба таълими ҳаштсола, соли 1970 ба таълими ҳатмии умумӣ асос гузошта шуд. Аз соли 1984 сар карда таълими ҳатмии ёздаҳсола ҷорӣ гардид.

Ба шарофати истиқлолият дар ин масъала низ дигаргунӣ ба вуқӯъ омад. Қонуни нав ба ҷои таълими ҳатмии ёздаҳсола таълими ҳатмии нӯҳсоларо тасдиқ намуд.

Таълими умумӣ маҷбурӣ ба шумор рафта, ба таълимгирандагон ҳуқуқ медиҳад, ки хонданро дар муассисаҳои таълими миёна ва ҳар гуна донишгоҳҳои миёнаи махсус давом бидиҳанд.

***7. Муносибати ягона ва табақавӣ дар интихоби барномаи таълим, тарбия ва маънавию ҷисмонӣ.*** Низоми таълими халқ нақша ва дастуруламалҳои ягона ва табақавии Вазорати маорифи халқи республикаро тасдиқ менамояд, ки мувофиқи тараққиёти ҳозира ваояндаи давлат дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои ҷавон ва фардии хонандагони тамоми муассисаҳои мактабӣ мураттаб шудаанд. Аз болои иҷрои онҳо назорат мекунад, алоқамандии фанҳоро ба ҳисоб гирифта, соатҳои таълимиро муайян менамояд, таълифи китобҳои дарсии ба онҳо мувофиқ ва нашри ин китобҳоро таъмин месозад.

***8. Ҳавасмандгардонии дониш ва истеъдод.*** Дар муассисаҳои таълим ва тарбия ҳавасманд гардонидани хонандагоне, ки соҳиби дониш ва истеъдоданд, дар назар дошта шудааст. Мувофиқи таҷрибаи республика ҳавасманд сохтани хонандагони донишманд дар шакли додани стипендия, ҳар гуна тақдирномаҳои тавсифӣ, ёрии моддӣ сурат мегирад. Дар ҳузури мактабҳои олӣ барои талабагони соҳибистеъдод доир ба фанҳои математика, физика, биология ва ғайра шӯъбаҳои ғоибона мавҷуданд.

***9. Муҳайё намудани шароит дар муассисаҳои илмӣ барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ, таърихи дин ва маданияти ҷаҳонӣ.*** Дар асоси низоми таълими ҳалқ ва қонуни нав ба мақсади ташаккули дониш ва истеъдод, сифатҳои ватанпарварии хонандагон ва ба камол расонидани онҳо барои амалан омӯхтани забонҳои хориҷӣ шароит ба вуҷуд оварда шуд. Мактаб, литсей ва гимназияҳое таъсис ёфтанд, ки ҷиҳати амиқ омӯхтани забонҳои хориҷӣ имконият хоҳанд дод. Дар роҳи тарбия намудани хонанда-

гоне, ки таърихи Ватани худро амиқ медонанд ва аз таърихи маданияти ҷаҳонӣ воқифанд, тамоми шароиту имкониятҳо омода карда мешаванд. Доир ба таърихи маданият ва дин дар нақшаҳои мактаб фанҳои нав дохил карда шуданд.

***10. Озодии муассисаҳои таълим аз таъсири партияҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ.*** Ба мақсади донишҳои дунявӣ додан ба насли наврас, комилан тайёр намудани онон ба ҳаёт ва зиндагӣ, вайрон накардани фикр ва роҳ надодан ба гурӯҳбозӣ чунин қарор карда шуд, ки муассисаҳои таълиму тарбия аз партияҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ озоданд.

***11. Эҳтироми тарбиятгарон ва таълимгирандагон.*** Ба низоми таълим масъулияти таълими хонандагон ба дараҷаи талаби давлат аз ҷониби омӯзгорон, гузаронидани дарсҳои маҷбурӣ аз рӯи нақша ва дастурҳои таълим, ҳурмат намудани қадру қиматҳои инсонии тарбиятгарон ва таълимгирандагон (озодии виҷдон, озодии ахбор, муҳайё кардани шароит барои ифодаи биниш ва эътиқоди худ) вогузор мешавад.

Ба таълимгирандагон низ гирифтани таълим мувофиқи Стандартҳои давлатӣ, хусусиятҳои ҷавонӣ ва фардӣ, мувофиқи истеъдод ва рағбати онҳо тавсия карда шуд. Риояи масъулияти низом ва қонунҳои дохилии муассисаҳои таълим ба тарзи равшан муқаррар гардид.

***12. Эҳтироми шахсияти муаллим ва мавқеи иҷтимоии он.*** Қонуни нав аз қонуни пешина фарқ карда, зарурати эҳтироми шахсияти муаллим ва мавқеи иҷтимоии онро таъин намуд. Ҳимояи шаъни муаллим-тарбиятгар, роҳи васеъ кушодан ба ташаббуси онҳо дар интихоби шаклу усул ва воситаҳои таълим, мукофотонидани муаллими шӯҳратманд бо ордену медалҳои давлат, интихоби онҳо ба органҳои намояндагии деҳот, ноҳия, шаҳр, вилоят ва республика чун вазифаи умумихалқӣ дониста шуд.

Дар баробари ин ба зиммаи онҳо риояи қоидаҳои ахлоқу одоб, ҳурмат кардани қадру қимати шахсияти кӯдак,

хонанда, дар рӯҳи эҳтиром муносибат намудан ба қадриятҳои умумиинсонӣ гузошта шудааст.

***13. Баробарҳуқуқии муассисаҳои таълим дар асоси қонунҳои ҷорӣ ба тамоми шаклҳои мулкдорӣ, мустақилияти онҳо.*** Муассисаи таълим шахси юридикии мустақил ба шумор рафта, мувофиқи тартибе, ки дар қонунҳо муқаррар шудааст, барпо хоҳад шуд. Муассисаи таълимие, ки дар тасарруфи давлат нест, ҳангоми гузаштан аз рӯихати давлатӣ ҳуқуқи шахси юридикиро ба даст медарорад.

Додани мақоми муайяне ба муассисаҳои таълим (гимназия, литсей, дорулфунун, академия) дар асоси аттестатсияи идораҳои дахлдори роҳбарикунанда ба амал меояд.

Муассисаҳои таълим барои бастани шартнома дар байни ҳамдигар, дохил шудан ба таркиби комплексҳои таълиму тарбия, иттифоқу иттиҳодияҳо соҳибҳуқуқ мебошанд. Вазифа, ҳуқуқ ва маҷбурияти муассисаҳое, ки ба чунин иттиҳодияҳо дохил мешаванд, дар низомномаи онҳо таъин карда мешавад.

Барномаи миллӣ бар он аст, ки дар таъмини меъёрҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, шароитҳои маънавию маърифатӣ баҳри интихоби бошуурона ва барномаҳои касбиву таълимиро азхуд намудани онҳо кӯмак бирасонад. Он барои тарбияи писарон ва духтарони мо, ҳамчун шахсиятҳое, ки масъулияти худро дар назди ҷамъият, давлат ва оила амиқан идрок месозанд.

Офаридани барномаҳои умумитаълимӣ, дар зинаҳои тарбияи томактабӣ, ибтидоӣ, маълумоти ҳамагонӣ ва маълумоти беруназсинфӣ ба мақсад мувофиқ мебуд. Ба фикри мо агар тартиби зерин ҳамчун асос қабул гардад, натиҷаҳои хуб дастрас хоҳад шуд.

**Таълими томактабӣ.** Он аз сесолагии кӯдак ибтидо гирифта, то 6—7-солагӣ идома меёбад ва дар оила, дар кӯдакистон, навобаста аз шакли моликият, дар дигар муассисаҳо ҷорӣ карда мешавад.

**Таълими ибтидоӣ.** Он синфҳои 1—4-ро дар бар гирифта, аз 6—7-солагии кӯдак сар мешавад.

**Таълими ҳамагонӣ.** Толибилмон дар синфҳои 5—9 таълим ва тарбия мегиранд. Бояд қайд кард, ки мактаби таълими ҳамагонӣ барои ҳама ҳатмист ва дар он бояд ба фарзандон асосҳои дониши умумӣ омӯзонида, ҷаҳонбинии онҳо ташаккул дода шавад.

**Таълими миёнаи махсус ва касбҳои техникӣ.** Литсей ва коллеҷҳои академию касбӣ, ки таҳсил дар онҳо аз се сол кам намешавад.

**Таълими олии махсус.** Он чун қоида аз синни 18—19-солагӣ сар мешавад ва на камтар аз чор сол давом мекунад.

Таълими олии махсус ба ду марҳила — ***бакалавр*** ва ***магистратура*** ҷудо мешавад.

**Бакалавр** — яке аз самтҳои дарёфти асосҳои таълими олӣ аст. Таҳсил дар бакалавр на камтар аз чор сол идома меёбад ва бо дарёфти дипломи маълумоти олӣ ва соҳиб шудан ба ихтисосе анҷом мегирад.

**Магистратура** — маълумоти олии махсус оид ба ихтисоси муайяне буда, дар пояи дараҷаи бакалавр муддати ду сол идома меёбад. Аттестатсияи давлатии баҳогузорӣ ва ҳимояи рисолаи магистрӣ анҷоми хониш ба ҳисоб меравад

**Аспирантура** — дар пояи анҷоми таҳсили магистрӣ сар шуда, муддати таҳсил се сол аст.

Мақсади аспирантура ташаккул додани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогист, ки оид ба тахассусҳои муайяне маълумоти олӣ доранд. Таҳсил дар аспирантура бо имтиҳоноти академӣ ва баҳодиҳӣ, ҳамчунин дифои рисолаи номзадӣ барои дараҷаи илмӣ ба охир мерасад. Бино бар натиҷа доир ба тахассуси интихобгардида дараҷаи илмии "номзади илм" дода мешавад.

**Докторантура** – се сол давом меёбад ва дар пояи дараҷаи илмии номзади илм шурӯъ шуда, бо дифои диссертатсия анҷом мепазирад. Баъд аз ҳимояи диссертатсия дараҷаи илмии "доктори илм" дода мешавад. Ба тарзи дигар гуем, дар ин соҳа низоми пешина нигоҳ дошта мешавад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Қонун “Дар бораи таълим”-ро пурра хонда таҳлил намоед.

2. “Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо”-ро хонда таҳлил намоед.

3. Муассисаҳои таълиму тарбиявии Республикаи Ўзбекистонро номбар кунед.

4. Қобилият ва маҳорати педагогӣ аз чӣ иборат аст?

5. Низоми ягонаи таълим чиро дар бар мегирад?

6. Таълими касб ва техника чӣ дараҷа тараққӣ ёфтааст?

7. Коллеҷҳои касбӣ-техникӣ дар Республика чӣ андоза ташаккул ёфтааст?

8. Шумораҳои муассисаҳои берун аз мактабӣ афзуда истодааст ё не?

9. Илмомўзии мустақилона чӣ аҳамият дорад?

10. Оё таълим дар оила аҳамият дорад?

# БОБИ VI

# НАЗАРИЯИ ТАЪЛИМ

## Фанни дидактика ва вазифаҳои он

Дидактика фаннест, ки қонуниятҳои умумии таълимро меомӯзад. Он калимаи юнонӣ буда, аз калимаҳои "дидаико" — таълим ва "дидаскол" — омӯзанда пайдо шудааст. Дар тарҷума "дидактика" назарияи таълимро мефаҳмонад. Назарияи таълим мафҳуми ҷараён ва моҳияти таълим, қонунҳо, услубҳои таълим ва шаклҳои ташкили онро дар бар мегирад. Дидактика назди худ вазифа мегузорад, ки қонунияти умумии таълимро, ки барои тарбияи ҳамаҷонибаи хонандагон мувофиқ бошад, омӯзонад. Вазифаи асосии таълим мусаллаҳ сохтани насли ҷавон бо низоми донишҳои илмӣ, маҳорат ва малака аст.

Аз ин мебарояд, ки дидактика ба саволҳои "ба чӣ бояд омӯхт", "чиро бояд омӯхт" ва "чӣ тавр бояд омӯхт"-и педагогика ҷавоб меҷӯяд. Дидактикаи умумӣ дар навбати худ, бо усулҳои марбути фанҳои алоҳида вобастагии қавӣ дорад. Ба маълумоти ин усулҳо такя намуда, қонунияти умумии таълимро ҳал менамояд ва дар баробари ҳамин барои усули таълими ҳар як фанни омӯзиш ба сифати асос хизмат менамояд.

Дар сабақҳои фаровони алломаҳои ниёгон дар бобати воситаи омӯзиш будани илмҳо аз қабили тиббиёт, мантиқ, мусиқа, адабиёт, ҷуғрофия, риёзиёт фикру ғояҳои муҳими тарбияи наслҳо пеш ронда шудаанд. Дар асарҳои "Қобуснома"-и Кайковус, "Саодатнома"-и Носири Хисрав, "Қутадғу билик"-и Юсуф Хос Ҳоҷиб, "Ҳибат-ул-ҳақоиқ"-и Аҳмади Югнакӣ, "Маҳбуб-ул-қулуб"-и

Алишер Навоӣ бисёр фикрҳои пешқадами педагогӣ низ талқин ёфтаанд.

Дар рисолаи “Таҳсили саодат” Форобӣ қайд мекунад, ки таълим бояд аз омӯхтани масъалаҳои содда ибтидо ёфта, бо азхудкунии муаммоҳои метафизикӣ анҷом пазиранд.

Дидактика, ки дар ҷараёни педагогии мероси маънавии Шарқу Ғарб мавқеи марказӣ дорад, ҳамвора ривоҷ меёбад. Дар равнақи дидактика педагоги чех Ян Амос Коменский низ ҳиссаи сазовор гузоштааст. Асари ӯ “Дидактикаи бузург” дар такмили таълим таъсири бениҳоят калон расонида ҳамчун китоби сармизии муаллимон қарор гирифтааст.

Ташкил ва тараққиёти дидактика дар Ӯзбекистон бо номи педагогҳо ва олимони номдоре ба монанди Абдулло Авлонӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Муҳаммадрасул Расулӣ, Қори Ниёзӣ алоқаманд аст.

Таълим санъат аст. Вай санъати мураккаб, нозук, серсоҳа ва ба худ хосе мебошад, зеро дар он ду кас – муаллим ва хонанда иштирок мекунанд. Натиҷаи таълим дар сифати дониш, дараҷаи дониши хонанда инъикос меёбад.

Таълим фаъолияти муаллим – таълимдиҳӣ ва фаъолияти хонанда – омӯзишро дарбар мегирад. Он ҷараёни донишдиҳӣ ва азхудкунии донишу маҳорату малакаҳо мебошад.

Азхудкунии қуллаҳои илм аз таълими хондан, навиштан, ҳисобкунӣ, андозакунӣ ба хонандагони синфи якум оғоз меёбад. Ҳар як насли нав ба ҳаёт қадам монда таҷрибаи наслҳои пешгузаштаро меомӯзад ва танҳо дар ин асос дар илм, техника ва ҳаёти ҷамъиятӣ роҳҳои нав меҷӯяд. Бо донишҳо мусаллаҳ намудани насли наврас вазифаи муҳимтарини таълим мебошад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои назариявии мундариҷаи маълумот ва таълим, шакл ва методҳои онро дидактика меомӯзад, ки вай як қисми педагогика аст.

## Чараёни таълим

Дар фанни педагогика таълим чун фаъолияти идрок (донистан) ба чандин маънои асосӣ соҳиб аст, яъне, дар хонандагон ҳосил кунонидани дониш, малака ва одатҳо; ташаккул додани ҷаҳонбинӣ, афкору эътиқод; ба дараҷаи муайян муваффақ шудан бар ин, ки хонандагон соҳибилм, бомаданият ва қобилиятнок шаванд.

Таълим фаъолиятест, ки ҷиҳатҳои муайяни таҷрибаи инсоният, яъне мувофиқи талаботи имрӯзаи тараққиёти иҷтимоӣ ба дараҷаи бояду шояд илм омӯхтан ва тарбият ёфтани хонандагонро таъмин менамояд.

Мазмуни ҷараёни таълимро дониш, маҳорат ва малака ташкил медиҳад. Пас, хонандагон ба туфайли хондан ба илм мусаллаҳ хоҳанд шуд. Барои ин фақат худи илм кофӣ нест. Онро тарзе бояд истифода кард, ки дар зиндагӣ натиҷаҳои пурбаракат бахшад. Дар ин бобат пайдо кунондани маҳорат ва малака ба хонанда зарур аст.

Маҳорат маҷмӯи ҳаракатҳоест, ки дар натиҷаи машқ ҳосил мешавад. Қобилият ва маҳорат ба воситаи машқ ва такрор ба малака табдил меёбад.

Дар асоси дониш маҳорат ва малака ба вуҷуд меояд. Агар илм бебаҳс вуҷуд дошта натавонад, маҳорат дар меҳнат, дар тағйир додани дунё зарур аст. Бинобар ин, ташкил намудани баҳсу мунозира, озмунҳо ва мушоираҳо дар мактабу донишгоҳҳо миёни хонандагони хушзеҳну зирак фоидаовар аст.

## Дониш — асоси методологии ҷараёни таълим

Хонандае, ки ба ҷараёни дониш гирифтан ҷалб шудааст, дар ҷараёни таълим аз дониши нодуруст ва ноаниқ рӯз то рӯз роҳи пурратар ва дақиқтару аниқтар донистанро тай менамояд. Дар асоси мушоҳида, тасаввур, тафаккури муҷаррад фактҳо умумӣ карда шуда, дар натиҷа ху-

лосаҳои илмӣ, назарияҳо, қонунҳо ва категорияҳо офарида мешаванд.

Дониш маҳсули предметҳо ва ҳодисаҳои воқеият, қонунҳои табиат ва ҷамъиятро дарк кардани одамон мебошад. Дар донишҳо таҷрибаи чандинасраи инсоният, тасаввурот ва фаҳмишҳои ӯ дар бораи ҳодисаҳои муҳит ҷамъбаст карда шудааст. Донишҳо дар шакли фактҳо, принсипҳо, қонунҳо вуҷуд доранд.

Дониш гирифтан ба ду бахш – назария ва амалия ҷудо мешавад. Назария фикрест, ки дониши нав, аз худ намудани ягон чизи навро ифода менамояд. Вай дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад: аксиома, теорема, қонун, формула, график, рақам ва ғайра. Дар назария ғоя шакл мегирад.

Амалиёт мезонест, ки ҳаққонияти донишҳоро нишон медиҳад. Мушоҳида, таҷриба, тағйир додан, офаридан ба шаклҳои амалиётии бачагон дохил мешавад.

Амалиёт дар соҳаи донистани ҷараёни мураккаби ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳақиқӣ барои одамон силоҳи асосӣ ба шумор меравад. Чунончи, мушоҳидаи моҳро бигирем. Ба ёрии мушоҳидаи зинда ва тафаккури муҷаррад мо ба моҳ дастгоҳҳо мефиристем, маводи тавассути дастгоҳи илмӣ гирифташударо дар лабораторияҳо месанҷем. Маҳз ҳамин аст амалиёт.

Вазифаи донистан фақат бо ошкор кардани моҳияти ҳодисаҳо, қонунияти ривоҷи онҳо маҳдуд намешавад, балки нишон додани сабабҳои дараҷаи зуҳури ягон қонуниятро низ дар бар мегирад.

Омили илмӣ унсури донистан буда, мушоҳида дар асоси таҷриба ба даст медарояд. Донише, ки ба омили илмӣ асос наёфтааст, барои фаъолияти амалӣ аҳамияте надорад. Бинобар ин, мақсади асосии дониши илмӣ ва фан ёфтан, ошкор сохтани моҳияти алоқаву вобастагиҳои умумиест, ки дар заминаи илмҳо қарор гирифтаанд.

Барои самаранокии зиёди азхудкунии дониш зарурати муқоиса, таҳлил ва ҷамъбаст намудани чизи даркшударо

фаҳмондан ниҳоят муҳим аст. Муаллим чи қадар тез ба хонандагон ин корро ёд диҳад, идроки маводи таълим ҳамон қадар пурра, чуқур ва ҳаматарафа мешавад. Дар натиҷаи ҷамъбасткунӣ ва фаҳмида гирифтани дониш мафҳумҳо ҳосил мешаванд. Мафҳум шакли тафаккурест, ки бо ёрии он нишонаҳои муҳими предмету ҳодисаҳо ҷамъбаст мешаванд.

Ҳиссиёт манбаи тамоми донишҳои марбути инсонанд. Лекин дар бобати илмро аз худ кардан, масалан, дар бобати фаъолияти олим ва хонанда бо вуҷуди мавҷудияти умумии дарбайнбуда, онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Олимон оламро фаҳмида ҳақиқатҳои наверо кашф мекунанд, ки пештар дар илм номаълум буд. Онҳо қонуниятҳои навро маълум менамоянд, ба туфайли ин барои ривоҷ ёфтани фан имкониятҳои нав ба нав ба вуҷуд меоранд. Хонандагон бошанд дар ҷараёни таълим оламро фаҳмида чизи наверо аз худ менамояд, ки то ҳол номаълум буд. Он аз тарафи ягон фан кашф карда шудааст ва дар амалиёти иҷтимоию таърихии одамон аз санҷиш гузаштааст. Муаллим барои омӯзонидани ин қонуниятҳо, хонандагонро бо роҳу воситаҳои сабук мусаллаҳ намуда тез азхуд карданро мефаҳмонанд.

## Маҳорат — қобилияти дар асоси таҷрибаи ҳосилшуда иҷро намудани ягон амал

Маҳорат бо малака алоқаи зич дорад. Малака — амалиётест, ки андозаи баланди азхудкуниро ифода мекунад. Одаме, ки ин ё он малакаро ҳосил кардааст, гӯё ба таври автоматӣ кор мекунад ва дар рафти кори ӯ назорати шуурро пай бурдан ниҳоят душвор аст. Бинобар ин малакаю маҳорат дар ҳаёти инсон аҳамияти калон дорад.

Дидактика на танҳо азхудкуни ва татбиқи дониш, балки инчунин маҳорати донишҳосилкуниро вазифаҳои таълим мешуморад. Аз ин рӯ, ташаккули ансамбли томи маҳоратҳои интеллектуалӣ: маҳорати диққати худро ба чизи

асосӣ ҷалб кардан, ҳодисаҳоро муқоиса ва таҳлил кардан, онҳоро ҷамъбаст намудан, кори худро бо намунааш муқоиса кардан, санҷидан ва баҳо додан ба сифати кори худ ва дигар хонандагон аҳамияти калон пайдо мекунад. Хонандагон бидуни ин маҳоратҳо ба азхудкунии дониш-ҳо ноил намешаванд.

Маҳорату малакаҳои ба таври стихиявӣ пайдошуда ноустуворанд. Роҳи бовариноки ташаккули малака ва маҳорат таълими идорашаванда мебошад. Малакаю маҳоратҳои бо ин роҳ ҳосилшуда бо шуурнокӣ, мувофиқӣ, бовариноკии натиҷаҳо, қобилияти кориҷрокунӣ дар шароити тағйирёбанда фарқ мекунанд. Дар ин ҳол хондан осон ва шавқовар мешавад.

Ташаккули маҳорату малакаҳо дар ҷараёни машқҳо ба амал бароварда мешавад. Машқ — такроран иҷро кардани амалҳои мунтазам ба мақсади азхудкуни ё баланд бардоштани сифати он аст. Самаранокии машқҳо дар ташаккули малакаю маҳоратҳо аз бисёр ҷиҳат ба методикаи ташкили онҳо вобаста аст.

### Хусусияти дутарафаи ҷараёни таълим

Ҷараёни таълим ду фаъолият — фаъолияти муаллим ва хонандаро дар бар мегирад. Фаъолияти муаллим аз баёни маводи таълим, шавқманд кардани хонандагон ба фан, роҳбарӣ кардан ба машғулиятҳои мустақилона, тафтиши дониш ва малака, бедорсозии майл ба хониш, ҳавасмандгардонӣ, холисона баҳо додан ба дараҷаи дониши онҳо иборат аст.

Фаъолияти муаллим тарафи зоҳирии ҷараёни таълимро ташкил менамояд, чунки вай таълим медиҳад, меомӯзонад. Фаъолияти хонанда ҷиҳати ботинии ҷараёни таълимро фаро мегирад, зеро ӯ донишеро, ки муаллим медиҳад, аз худ мекунад, мефаҳмад, қабул мекунад.

Тарафи дуюми ҷараёни хониш аз фаъолияти хонанда иборат буда, ӯ маводи фаннеро, ки таълим дода мешавад,

аз бар мекунад. Таълим аз дониш фарқ мекунад ва дар тахти роҳбарии муаллим ба амал меояд. Мақсад ва вазифаи асосии таълим аз он иборат аст, ки насли ҷавонро бо донишҳои илмӣ, одат ва малакахо мусаллаҳ намояд. Соҳиб шудан ба дониши илмӣ дарки алоқаи байни фанҳои муайян, эзоҳ дода тавонистан, мустақилона ҷамъбаст намудани онҳо ва хулоса бароварда тавонистанро дар бар мегирад. Дар асоси ин хонанда соҳиби мушоҳидакорӣ, тафаккур, хотира барин қобилиятҳо мешавад.

Аз ин мебарояд, ки тамоми дастовардҳои илмии инсониятро донистан лозим аст. Дар ҷараёни таълим муҳимтарин ва зарууртарин ҷиҳатҳои фан омӯхта мешавад. Ин аст, ки муаллим бо роҳи аз содда ба мураккаб, аз умумӣ ба хусусӣ рафтан ба хонандагон дониш меомӯзад, онҳоро ба ин роҳ ҳидоят менамояд, дар бобати хулоса бароварда тавонистан аз ҷиҳатҳои омӯхтаашон, ба ҳаёт ва истеҳсолот татбиқ карда тавонистани ин донишҳо ёд медиҳад. Муаллим фанни худро ҳар қадар бо усули содда фаҳмонад, зарур аст, ки дақиқ ва илмӣ бошад.

Муаллим дар ҷараёни донишдиҳӣ зимнан имконияти хонандагонро меомӯзад, душвориҳоро муайян менамояд ва онҳоро бартараф мекунад. Муаллими эҷодкор хоҳ дар мавод, хоҳ дар усули ба худ хоси педагогӣ ташаккул меёбад.

## Марҳилаҳои фаъолияти донистан дар ҷараёни таълим

Муаллим хонандагони мактабро барои идроки фаъоли донишҳои нав ва дар ҳаёт татбиқ карда тавонистани онҳо омода месозад. Ин ҳодисаи тасодуфӣ нест ва мантиқи ҷараёни таълим ҳаминро тақозо дорад. Азхудкунии ҷараёни дарсҳои муаллим аз ҷониби хонандагон аз марҳилаҳои идрок кардани донишҳо, фаҳмидан, мустаҳкам намудан ва дар амал истифода кардани онҳо иборат хоҳад буд.

Донишҳоро аз худ намудан аз эҳсос ва идроки ашё ва руйдодҳои ҳаёти воқеӣ шурӯъ мешавад. Дар бобати фаро гирифтани дониш аҳамияти ин марҳилаҳо ниҳоят бузург аст.

Идрок акси ҳастӣ дар шуури инсон аст (мо дарахт, одам, ҳайвон ва мисли онҳоро идрок карда метавонем). Идрок ҷараёни мақсади муайянест, ки мувофиқи дараҷаи дониши хонандагон ва таҷрибаи амалии онҳо бояд воқеъ гардад. Муаллим зимни идрок ва ё ба роҳ мондани мушоҳидаи бевосита сарчашмаҳои онро бо диққат интихоб мекунад.

Марҳилаи дуюми фаъолияти донистани хонандагон фаҳмидан ва умумӣ кардани донишҳост. Дар ҷараёни ҳосил шудани мафҳумҳо масъалаҳои фикр кардан, аз қабили индуксия ва дедуксия мавқеи бузургеро ишгол менамояд. Индуксия роҳи фикрронии аз ҳолати хусусӣ ба ҳолати умумӣ, дедуксия бошад, аз ҳолати умумӣ ба ҳолати хусусӣ рафтан аст.

Марҳилаи сеюми фаъолияти донистани хонандагон иборат аз мустаҳкам намудан ва истифода бурдани донишҳост. Моҳияти мустаҳкамсозӣ пухта кардани алоқамандии муваққатии дар вақти идроки маводи нав ҳосилшуда аст. Дар ҷараёни мазкур алоқамандиҳои сусту ноустувор мустаҳкам шуда рафтан мегиранд.

Барои афзудани фаъолиятмандии хонандагон дар мавриди аввалини мустаҳкам намудани мавод, танҳо гузоштани саволҳо оиди он қаноат ҳосил кардан мумкин нест. Барои ин аз мустақилона корбарии хонанда бо китобу китобҳои дарсӣ, иҷрои машққои гуногуну машғулотҳои амалӣ, аёният, кор кардан бо компютер, низ истифода кардан мумкин аст. Мустаҳкам кардани маводи минбаъда дар рафти иҷрои вазифаи хонагӣ давом мекунад. Такрори мавод дар ҳар як дарси нав, дар охири мавзӯъ ё бахш гузаронидани такрори ҷамъбастӣ — усулҳои зарури мустаҳкамсозӣ ба шумор меравад.

Яке аз воситаҳои бомуваффақият аз худ кардани дониш, одат ва малака, дар амал фоида бурдани донишҳои аввал фарогирифташуда мебошад. Дар вақти вазифаҳои амалӣ ба донишҳо эҳтиёҷ пайдо мешавад, ин ҳол барои аз худ кардани донишҳои нав таконе мерасонад.

Усули нави таълим, назорат кардани ҷараёни таълим, ва ё идора кардани таҷрибаҳои пешқадам, ташкил ва таҳлил намудани ҷараёни таълим, муносибати нисбатан тару тоза ба ин соҳаҳо — ин ҳамаро технологияи педагогӣ ё худ технологияи таълим меноманд.

Ба назари мо, чун технологияи педагогӣ ном бурдани ягон усули нави таълим ва ё шаклҳои он эҳтимол бемаврид бошанд. Мафҳуми технологияи педагогиро бобати ташкил додан, идора кардан, арзёбӣ (баҳогузорӣ) ва таҳлил намудани тамоми ҷиҳат ва ё ягон соҳаи муайяни ҷараёни таълим истифода бурдан айни муддаост, ки ин ҳама бо назардошти фаро гирифтани тамоми марҳилаҳои муносибати нав ба илму амал, техникаву технологияҳои информатсионӣ бояд ба кор бурда шавад.

Технологияи таълим чунин маъно дорад, ки тибқи он барои бурдани кори таълиму тарбия, ривоҷ додани шуури таълимгирандагон, маҷмӯи маҳорати санъаткорӣ, маҳоратнокӣ ва тарзу усулҳои гуногун истифода мешаванд.

Технологияи нави педагогӣ танҳо фикру мулоҳизаҳои гуфташударо намефаҳмонад. Он ба вуҷуд овардани маҷмӯи таълиму тарзу усули нави замонавиро (ноанъанавиро), аз ҷиҳати дидактикӣ таъмин намудани кори хонишу тарбияро мефаҳмонад. Дар айни ҳол усули нав ва самаранокии ҷараёни таълимро, асл ва моҳияти онро дар назар дорад, ки ба истифодаи пурсамараи воситаҳои хониш асос ёфта, дигаргуниҳои сифатии дар ин ҷараён дар хонандагон содиршавандаро пеши чашм меоварад.

Баробари мафҳуми технология, мафҳуми харитаи технология ҳам вуҷуд дошта, ин ҳарду байни ҳамдигар узван алоқаманд мебошанд. Харитаи технологӣ шакли ҳуҷҷати технологӣ буда, дар он рафти коркарди ашё ба қайд гирифта шудааст, амалиёт (оператсияҳо) ва қисмҳои таркибии он нишон дода мешавад. Дар он аз ҷумла мавод (материалҳо) таҷҳизоти истеҳсолот, режимҳои технологӣ кардани чизу чора лозим аст, соҳибтахассусии (квалификатсия) хидматгузор ва монанди инҳо ҳатман қайд карда шаванд.

Технологияи педагогӣ ба консепсияи педагогикаи илмӣ такя мекунад. Барои расидан ба мақсад ба асосҳои дидактикӣ, руҳӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ ва фалсафӣ истинод менамояд. Технологияи педагогӣ системаи худро дорост. Дар ин маврид пайдарҳамию муназзамӣ, алоқамандии байниҳамдигар, яклухтии ягона нигоҳ дошта мешавад.

Хулоса, технологияи педагогӣ, ин бешубҳа, муносибати ба худ хоси инноватсионӣ нисбати таълим мебошад. Он дар педагогика ифодаи тарзи фикрронии иҷтимоию муҳандисӣ, тасвири шуури (фаҳмиши) илмии техникавиест, ки дар соҳаи таълим ҷараёни хонишро ба стандарт андохта муайян мекунад.

## Мазмуни таълим

Мазмуни таълим аз мақсади он ба вуҷуд меояд. Таҳти мафҳуми таълим доираи аниқ муайяншудаи дониши лозимӣ гирифта ва ба система дохил кардашуда, малака ва маҳорат фаҳмида мешавад, ки хонандагон бояд дар ҷараёни хониш соҳиби онҳо гарданд.

Мазмуни таълиме, ки дар мактабхо дода мешавад, дорои хусусиятҳои таърихӣ ва синфист. Дар ҳама давраҳои тараққиёти таърихии ҷамъият мазмун ва ҳаҷми таълим, ки дар мактаб ба ҷавонон дода мешавад, бо талабҳо ва эҳтиёҷоти иқтисодии ҳамон сохти иҷтимоӣ ва дараҷаи тараққиёти илму техника муайян шуда омадааст.

Дар таърихи педагогика барои интихоб ва муайян намудани мазмуни фанҳои омӯзиш дар мактабҳои таълими умумӣ ба ду қоида амал кардаанд:

1. Бисёре аз тарафдорони аҳли назарияи "маълумоти шаклӣ" талқин мекарданд, ки фанҳое, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, на барои мусаллаҳ кардани ҷавонон бо асосҳои фан ва системаи донишҳои илмӣ, балки дар роҳи сабзиши қобилият тасаввур ва хотираи онҳо бояд хизмат намоянд. Тарафдорони "маълумоти шаклӣ" ғояеро пеш ронданд, ки мувофиқи он фанҳои дар мактаб омӯхташа-

ванда мебоист аз фанҳое иборат мешуданд, ки барои қобилияти фикр кардан ва ақлро инкишоф додан хизмат менамоянд — амсоли забонҳо, забонҳои лотинӣ ва юнонӣ, математика ва монанди инҳо.

Дар Россия ин назария дар нақшаи гимназияҳои русӣ акси худро ёфт. Дар гимназияҳо дар қатори забони қадими русӣ, омӯзиши забонҳои қадими Юнон ва Рим, адабиёт ва таърихи дунёи қадим, ёд кардани қоидаҳои забон ва матнҳои қадимӣ қариб аз се ду қисми нақшаҳои таълимро ташкил менамуд. Фанҳои табиӣ омӯхта намешуданд, гимназия тамоман аз зиндагӣ ҷудо шуда монда буд.

2. Дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX мактабҳое, ки дар асоси "маълумоти шаклӣ" амал мекарданд, талаботи сохти капиталистии навтараққиро қонеъ накунонида, дар мактаб ҷараёни наве — назарияи "маълумоти моддӣ" пайдо шуд. Тарафдорони ин назария ақидаеро пеш ронданд, ки мувофиқи он системаи таълими мактаб бояд маълумотеро фаро гирад, ки барои ҳаёт зарур, ва зиндагии инсон судбахш бошад.

Педагоги рус К.Д.Ушинский, демократхо Н.Г.Чернишевский ва Н.А.Добролюбов собит намуданд, ки таълими мактаб набояд яктарафа тибқи қоидаи таълими маълумоти "шаклӣ" ё "моддӣ" сурат гирад.

Ҳамаи мактабҳо аз талабҳои иҷтимоию муҳити ҳамон замон ба миён омада буданд ва онҳо дар иҷрои мақсадҳои иқтисодию маънавии он айём хизмат мекарданд.

Мазмуни таълими мактабҳои ҳозиразамон аз он иборат аст, ки ҷавонони соҳиби фазилатҳои умумиинсонӣ, касони боимон ва эътиқодмандро тарбия намуда ба камол расонад. Инчунин талаб пеш омадааст, ки ба ҷавонон на донишҳои хушки илмӣ омӯзонда шаванд, балки фанҳое таълим дода шаванд, ки барои зиндагӣ зарур буда, ҳунармандӣ, асосҳои табобат, дастурҳои одобу ахлоқро фаро гиранд. Аз ин рӯ, дар мактабҳо омӯзондани фанни "Одобнома" ва "Таърихи маданияти ислом" айни муддаост. Табиист, ки ҳалли мусбати чунин масъалаҳо дар мак-

таб ба ҷамъият, кори таълиму тарбия фоидаи бузург хоҳад овард.

Хулоса, мазмуни таълим дар нақшаи хониш, барнома ва китобҳои дарсӣ ифодаи худро меёбад.

## Нақшаи таълим

Нақшаи таълим ҳуҷҷати давлатӣ аст. Вай ҳуҷҷатест, ки бояд дар тамоми мактабҳои таълими умумӣ ҳатман амал намояд. Дар он фанҳое, ки дар синфҳои алоҳида омӯзонидан лозим аст ва соатҳои муайяншуда барои таълими ин фанҳо акс меёбанд. Нақшаи ягонаи таълими мактаб аз ҷониби Вазорати таълими халқ тасдиқ карда мешавад.

Нақшаи таълим ҳуҷҷати давлатиест, ки дар он фанҳои омӯзиш, соатҳои таълими онҳо ва сохтори хониши солона муқаррар карда шудааст. Дар сохтани нақшаи таълим омилҳои зерин ба асос гирифта мешаванд:

1. Нақшаи таълим ба мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбия асос меёбад. Мақсади он додани дониши илмӣ, омӯзонидани татбиқи илмҳои омӯхташуда ба ҳаёт аст.

2. Ягонагии мактабҳо ба қоидаҳои худ асос меёбад (яъне алоқаи байни ҳамдигарии мактаби ибтидоӣ — синфҳои I—IV, мактаби миёнаи нопурра — синфҳои V—IX, литсейҳои академикӣ ва коллеҷҳо).

3. Дар мактабҳои миёнаи нопурра ва миёна ба хонандагон дониши расо, пурра дода мешавад.

4. Ҳаҷми фанҳо, таълим дар синфҳои алоҳида ва соатҳои омӯзиши онҳо мувофиқи синну сол ва савияи дониши бачагон сабт меёбад. Ҳаҷми фан, душворию осонӣ ва аҳамияти дидиактикии он низ ба эътибор гирифта мешавад. Фанҳое, ки ба нақшаи таълим дохил карда шудаанд, дар навбати аввал барои амалӣ гаштани мақсад ва вазифаҳои тарбияи умуминсони нигаронида шудаанд. Дар он илмият ва ғоянокии таълим, дар назар дошта мешавад.

Дар нақшаи таълим фанҳои табиӣ — ҷуғрофияи табиӣ, биология, физика, астрономия, кимиё, математика мавқеи марказӣ доранд. Дар қатори фанҳои иҷтимоӣ донишҳои илмии матбут ба таърих, забон — забони модарӣ, забони англисӣ, забони русӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ, асосҳои осори бадеӣ ва санъат, адабиёт, санъати тасвири, мусиқи ва суруд; асосҳои тарбияи ҷисмонӣ барои таълими меҳнат соатҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.

Ғайр аз инҳо барои қонеъ намудани шавқу ҳавас ва ривоҷ додани қобилияти хонандагон дар нақшаи таълим доир ба фанҳои алоҳидаи табиӣ, хусусан, математика, информатика, физика, баъзе фанҳои гуманитарӣ машғулиятҳои факултативӣ (ихтиёрӣ) сабт ёфтаанд.

## Барномаи таълим

Барои таълими ҳар як фан барномаи таълим таҳия мешавад. Барномаи таълим дар асоси нақшаи таълим тартиб меёбад. Барномаи таълим ҳуҷҷати давлатиест, ки ҳаҷми дониши таъиншудаи таълими ҳар як фан, сохт ва тамоюли ғоявию сиёсии онро муқаррар менамояд.

Дар барномаи таълим дониши илмии марбут ба ҳар як фан, ки дар давоми сол ба хонандагон омӯзонида мешавад, ҳаҷми маҳорат ва малака нишон дода хоҳад шуд. Дар барнома мазмуни ҳар кадом фанни таълим аз рӯи мавзӯъҳои муайян пайгирона ифода меёбад.

Дониш, маҳорат ва малакае, ки омӯхтани талабагон аз мавзӯи муайян лозим аст, мухтасаран қаламдод мешавад.

Барномаи таълим дар ҳолати риояи қоидаҳои зерин тартиб дода мешавад:

*1. Қоидаи қатъияти барнома.*

Барномаҳои таълим бояд он дараҷаеро, ки фан, техника, истеҳсолот, ҳамчунин муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳар давраи тараққиёти ҷамъият аз сар мегузаронад, инъикос намояд. Ин нукта чунин маънӣ надорад, ки онҳо ҳар сол

аз дигар тахрир шаванд, баръакс бояд муваффақ шуд, ки барномаи ҳар як фан дар тӯли чанд сол ба сурати қатъӣ амал намояд. Барномаи қатъӣ барои таълими китобҳои дарсии қатъӣ дорои аҳамияти калонест. Чунин китобҳои дарсӣ бояд дарозумр бошанд ва дар ҷараёни таълим солҳои зиёд мавриди истифода қарор бигиранд.

***2. Қоидаи илмият дар барномаи таълим.***

Дар барнома маводи боварибахше дохил карда мешавад, ки ҳастиро аниқ, ҳаққонӣ акс намояд, дар асоси илмӣ аз тафтиш гузашта бошад.

Монанди он ки донишҳои илмӣ рӯз то рӯз инкишоф меёбанд ва маълумотҳои татбиқи онҳо дар истеҳсолот боиси дохил намудани тағйирот дар китобҳои дарсии мактабӣ хоҳад шуд, масъалаҳои ҷудогонаи кӯҳнашуда низ аз барномаи таълим тарк мешаванд.

***3. Дар барномаи таълим*** барои интихоби дурусти мазмуни маводи омӯзиш, ба интихоби маводи фан, дуруст мувофиқ ва ҳамоҳанг кардани исботҳо, мисолҳо, натиҷа ва хулосаҳои мантиқӣ дар он эътибори алоҳида дода мешавад. Агар мисолҳо мувофиқ ва аниқ набошанд, фаҳмидани маводи омӯхташаванда аз ҷиҳати назарӣ маҳол аст.

***4. Қоидаи ягонагии назария бо амалия.*** Дар қоидаи ягонагии назария ва амалия дар барнома пеш аз ҳама мавқеи дониши илмӣ дар зиндагӣ, амалиёти истеҳсолот нишон дода мешавад. Дониши илмӣ дар алоқаи мустаҳками байни маҳорат ва малака, ҳамчунин дар истифодаи маълумотҳои назарии ҷараёни таълим дар амалия акси худро меёбад.

***5. Қоидаи таърихият дар барномаи таълим.*** Барномаҳои таълим дар ҳолати риоя намудан ба қоидаи таърихият тартиб дода мешаванд. Дар ин маврид хосияти фанҳо ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, агар ҳангоми таълими фанни таърих воқеаҳои таърихӣ пайгирона ва ба тарзи хронологӣ (пай дар пай) ифода ёбанд, дар вақти омӯзиши фанҳои математика, информатика, физика ва як қатор фанҳои дигар ҳодисаи илмии муайяне дар олами фан, пай-

доиши қоида ва қонунҳо, маълумотҳои марбут ба ояндаи он сабт меёбанд.

*6. Маводи таълим* дар барнома ба ду тарз — ба тарзи пай дар пай (мунтазам) ва консентрик (марказиятёфта) метавонад ҷойгир шавад. Дар сурати пай дар пай ҷойгир шудан, ҳар як қисми маводи омӯзиш баён ёфта, дар давоми он қисми ояндаи мазмуни мавод ва ҳар кадом қисм дар ҳолати дастрасии он ба хонандагони синфи мазкур ба тарзи пурра тасвир меёбад.

Дар тарзи марказиятёфта, маводи таълими марбут ба ягон фан дар даврахои минбаъдаи таълим ба сурати мураккабтар такрор меёбад.

Сохти барномаи мактаб ва омӯзишгоҳҳои ҳунару техника аз се қисм иборат шуда, дар қисми якум дар бораи истифодаи дастури мазкур маслиҳату дастурҳо — тавзеҳот; дар қисми дуюм мазмуни маводи таълим ва дар қисми сеюм рӯйхати адабиёт, ки ба тарзи илова омӯхтани хонандагон лозим аст, дарҷ хоҳад ёфт.

## Китоби дарсӣ

Китоби дарсӣ қисми зарури ҷараёни таълим аст. Замонҳои зиёдест, ки вай муҳимтарин воситаи омӯзиш ба шумор меравад. Китоби дарсӣ "муаллими" дуюми хонандагон ҳисоб меёбад.

Мазмуни ҳар як фан дар китоби дарсӣ батафсил баён меёбад. Китоби дарсӣ васоити таълимест, ки асосҳои илмии марбут ба фанҳоро мувофиқи талаби барнома ва дидактика изҳор менамояд.

Дар қатори китобҳои дарсӣ барои баъзе фанҳои таълим васоити таълим низ тартиб дода мешавад. Китобҳои маҷмӯаи масъалаҳо, машқҳо, хрестоматияҳо, атласҳо, китобҳои луғат ва мисли инҳо аз ҳамин ҷумлаанд.

Аз васоити таълим истифода бурдани хонандагон, мунтазам кор кардан бо маводи хониш, дар бобати боз ҳам

мукаммалтар мусаллаҳ шудан бо дониши илмӣ, маҳорат ва малака имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меорад.

Хонандагон бо китобҳои дарсӣ ва васоити таълим ҳам дар вақти дарс, ҳам дар шароити хона мустақилона кор мекунанд. Китоби дарсӣ дорои аҳамияти калони тарбиявист. Кор бо он дар тарбияи ақлии хонандагон, ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқу одоб, ривоҷи тафаккур ва нутқ, мустақилияти онҳо дар кор ёрманди хоҳад кард.

Ислоҳоти мактаб ва бозсозии таълими халқӣ дар назди таълифгарони китоби дарсӣ чандин талаб мегузорад.

1. Дар китобҳои дарсие, ки барои ягон фан навишта мешаванд, системаи донишҳои илмӣ ва ҳаҷми онҳо бояд ба талабҳои барнома ва синни хонандагони ҷавони синфҳои алоҳида мусоид бошад.

2. Лозим аст, ки асосҳои назарӣ ва равиши ғоявии донишҳои илмии дар китоби дарсӣ баёншаванда бонизом ва пай дар пай, далелҳои овардашуда боварибахш бошанд, онҳо дуруст таҳлил ва таъриф ёбанд, хулосаҳои дахлдор бароварда шаванд, то ба ин восита дар хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ, хубтарин фазилатҳои инсонӣ парвариш ёбанд.

3. Донишҳои назарӣ бояд бо амалияи истеҳсолот алоқаманд шуда бошанд.

4. Талаб карда мешавад, ки мувофиқи хосияти маводи китоби дарсӣ қоидаю таърифҳо ва далелҳо зикр ёбанд, ҳамчунин китоб бояд нағз ороиш дода шуда, баъзе маводҳо бо расм, ҷадвал, диаграмма ва дигар мусаввараҳо таъмин шуда бошанд.

5. Китоби дарсӣ бояд бо забони зинда, забоне, ки барои хонандагон фаҳмо ва дастрас аст, нависта шавад, дар баробари ҳамин фикрҳое, ки дар он баён мешаванд, бояд аниқ ва мухтасар бошанд.

6. Зоҳир ва ороиши китоби дарсӣ бояд ба диди эстетикии бачагони синфе, ки китоб барои онҳо таъин шудааст, мувофиқ ояд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дидактика чист?
2. Асоси методологии ҷараёни таълим чист?
3. Ҷараёни таълим чист?
4. Нақшаи таълимӣ аз барномаи таълимӣ чи фарқ дорад?
5. Таълими Стандартӣ гуфта чиро мефаҳмед?
6. Марҳилаҳои асосии донишро фаҳмонед?
7. Китоби дарсӣ чи аҳамият дорад?
8. Шумо аз ҳама фанҳо китоби дарсӣ доред?
9. Оё аз китобҳои дарсиатон қонеъ ҳастед?

# БОБИ VII

# ҚОНУНИЯТ ВА ҚОИДАҲОИ ТАЪЛИМ

Маълум аст, ки қонуният муносибат ва робитаҳои муҳими устувору зарури байни ягон ҳодиса ва ҷараён ҳисоб меёбад. Эҳтиёҷҳои иҷтимоӣ ва шароити хоси ҷараёни хониш, вазифа, мазмун, шаклҳо, усулҳо воситаҳои онро ба тарзи қонунӣ таъин менамояд. Агар таълим талаби ҷамъиятро ба эътибор нагирад, дар он сурат онро аз дигар сохтан ва такмил додан лозим меояд. Пас, таълим, тарбия ва ривоҷи умумии хонандагонро якҷоя, дар ягонагӣ ба амал ҷорӣ намудан зарур аст.

Муҳим аст, ки ҳар як муаллим бифаҳмад: ташкили самараноки ҷараёни хониш дар ҳалли масъалаҳои марбут ба шароити нав ба таври эҷодӣ истифода намудани қонуниятҳои педагогӣ ва қоидаҳои дидактикӣ, истифодаи онҳо ба таври пурра ва дар робитаи байни ҳамдигар ба шумор меравад. Барои интихоби тарафҳои муқобили таълим, ягонагии тамоми қонуниятҳо ва қоидаҳои дидактикии онро бояд ба эътибор гирифт.

Аз қонунияти таълим дар бобати ташкили самараноки он талабҳои муҳиму муайяне пеш меояд, ки онҳоро қоидаҳои таълим меноманд. Донистани қоидаҳои таълим барои бовариноктар интихоб намудани усулҳои зарури таълим имкон хоҳад дод.

Қоидаҳои таълим қонуни асоси ва дастур – раҳнамои фаъолияти омӯзгор ва аз худ намудани донишҳои илмӣ, ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳои дахлдорро аз ҷониби хонандагон дар бар мегирад. Дар айни замон қоидаҳои таълим ҳар ду фаъолиятро, яъне чандин талабҳоеро ҳам ба

таври ҷамъбастшуда талқин менамояд, ки дар бобати иҷрои муваффақиятноки вазифаҳои назди худ гузоштаи муаллим ва хонанда имконият медиҳанд. Аз ин ҷиҳат қоидаҳои таълим асоси дуруст ҳал кардани ҷиҳатҳои назарӣ ва амалии таълим ба шумор меравад.

Дар адабиёти педагогие, ки солҳои охир таълиф ёфтаанд, қоидаҳои дидактикӣ ба тарзи гуногун гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар асоси ин тадқиқотҳо қоидаҳои таълимро ба ин тарз нишон додан мумкин аст:

*1. Қоидаҳои илмияти таълим.* Донишҳои илмӣ инъикоси ҳаққонии воқеят ба шумор мераванд. Донишҳое илмӣ ҳисоб меёбанд, ки қонуниятҳои олами моро ифода карда, махсусияти муҳими дохилии ашёву ҳодисаҳо ва робитаи байни онҳоро инъикос менамоянд.

Қоидаи илмии таълим барои он зарур аст,ки хонандагон қонунияти маводи хонишро дар майна акс намоянд, барои фаҳмидан ва азхуд кардани онҳо шароити дуруст муҳайё карда шавад. Фаҳмидани қоидаҳои назарӣ аломати муҳими эзоҳи илмии мавод буда, хусусияти фаъолияти фикркунии хонандаро таъин менамояд. Донишҳои илмӣ дар ҳолати нигоҳ доштани илмият воқеиятҳоро ба ҳар дараҷа метавонанд акс намоянд.

Қоидаи илмӣ талаб мекунад, ки ба ҳама гурӯҳҳои ҷавон ва хонандаҳои таълимгоҳҳои гуногун маълумотҳое омӯзонида шаванд, ки аз ҷиҳати илмӣ боварнок буда, дар амал санҷида шудаанд.

Дар ҷараёни соҳиб гардидан ба маълумоти илмӣ дар хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқод шакл мегирад, тафаккур ривоҷ меёбад.

Қоидаи илмияти дидактикӣ нафақат бо мазмуни таълими мактаб, балки бо усулҳои таълим низ алоқаманд аст. Вай дар ҷараёни таълим такмил додани усулҳои таълимро, ки аз комёбиҳои фан ва техника истифода бурда тавонад, талаб менамояд.

***2. Қоидаҳои муназзамӣ ва мунтазамии таълим.*** Таҷрибаи таърихии мактаб дар ҳар давраи тараққиёти иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки иҷрои вазифаи таълим бидуни силсилаи муайян номумкин аст. Низоми фаҳмонидани маводи дониш ба ғояҳои равшану аниқ баёнёфтаи маводи хониш ба кадоме аз ин ғояҳоро хоҳиши фаҳмонидан доштани муаллим, ба синну соли бачагон, ба чӣ андоза имконият додани онҳо ҷиҳати донишҳоро аз бар кардани хонандагон, ба нек ё бад донистани муаллим, ба хосияти фаъолияти фикрии бачагон дар синну сол ва савияи муайян,ба тарзи фаҳмидани ҷараёни аз худ намудани донишҳои дар дарс додашаванда вобаста аст.

Дидактикаи имрӯза ба қоидаи классикии аз хусусӣ ба умумӣ рафтан дигаргуниҳо ворид кард. Аз синфҳои ибтидоӣ сар карда дар бисёр мавридхо имконпазирии рафтан аз ҳолати умумӣ боз ба ҳолати хусусӣ исбот шуд. Ба ин муносибат хеле вақт сарф мешавад. Дар кори ривоҷ додани тафаккури хонандагон муваффақиятҳо ба даст хоҳад даромад.

Риояи пайдарҳамӣ дар таълим лозим аст, то ки илмҳои дирӯз омӯхтаро мустаҳкам намоянд ва барои илмҳое, ки рӯзи дигар омӯхта мешаванд, замина гузоранд, яъне дар ин маврид алоқамандии фан ва ё маводи нави ифодаёбанда бо дониши илмии пеш аз бар намудаи хонандагон, дар айни ҳол тавассути аз худ кардани маводи тоза, барои омӯхтани донишҳои оянда ва муҳайё сохтани замина ба марҳилаи нави таълим дар назар дошта мешавад.

Мунтазамии таълим ба пайдарҳамии он алоқаманд аст. Хусусияти таълиме, ки ба муназзамӣ асос ёфтааст, чунин аст: дар заминаи дониш ва малакаи қаблан аз бар кардаи талабагон дар онҳо дониш, малака ва маҳорати нав ҳосил менамояд, алоқаи байни онҳоро такмил медиҳад, дар ҷараёни баёни маводи нав, дониш, маҳорат ва малакаҳои пеш омӯхтаро боз ҳам амиқ, васеъ ва мустаҳкам мекунад.

Мунтазамӣ ва пайдарҳамӣ дар бобати нишон додани алоқаи узвии байни фанҳои омӯхташаванда ба хонандагон низ дорои аҳамияти муҳим аст.

Қоидаи муназзамии таълим барои он хизмат менамояд, ки маводи мавриди баён, мустаҳкам ва он чи ки пеш омӯхта шудааст пурра карда шавад. Вай ҳамчунин кори мустақилона ва мунтазами хонандагон, дониши азхуд кардa, маҳорат ва малакаҳои ҳосилкардаи онҳоро ҳам фаро мегирад.

*3. Қоидаи ягонагии таълим ва тарбия.* Таълиму тарбия ва ривоҷи умумии талабагонро дар ягонагии комил, ба тарзи ҷудонопазир амалӣ намудан лозим аст. Дар низоми таълим қоидаи ягонагии таълим ва тарбия қоидаи асосӣ ва устувор ба шумор меравад. Вай асли моҳияти қонунҳои дидактикии омӯзониданро ифода менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳар як фан ҳатто мавзӯъ ва зермавзӯи он дорои хусусияти тарбиявист.

Пас, дар як ҷараёни таълими пурра, ду ҳодисаи ба ҳам алоқаманд – ҷараёни омӯхтани ҳаёт ва ташаккул додани муносибат бо он, ҷудо шуда меистад. Ягонагии ҷудонопазир, ки тамоми ҷараёни педагогии таълим ва тарбияи мактабиро таъмин менамояд, ҳамеша вуҷуд дорад.

Ягонагии ҷудонопазири таълиму тарбия аз бисёр ҷиҳатҳо ба ташкили дурусти ҷараёни таълим ва фоида гирифта тавонистан аз тарзу усулҳои гуногуни таълим вобаста аст. Бахусус, барои таъмини ягонагии таълиму тарбия зарур аст:

а) маводе, ки баён мешавад , ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати ғоя дуруст ташкил ёбад;

б) донишҳои илмии пухта ва мустаҳкам дар зиндагӣ ба амал татбиқ карда шаванд;

в) дар таълим ба вуҷуд овардани ҷараёни муаммо, тақвияти эътибор ба таъмини шавқмандӣ, фаъолиятмандӣ ва ташаббускории хонандагон таъмин шавад;

г) дар ҷараёни таълим дар талабагон ҳисси муташаккилӣ, интизомнокӣ, машғулиятҳои саволу ҷавоб, ҳиссиёти ёрирасонӣ тарбия карда шавад.

***4. Пайваста омӯзонидани назария бо амалия дар таълим.*** Дар дидактика гузаронидани таълим пайваста бо зиндагӣ ва амалиёти истеҳсолот, қоидаи аз ҳама асоси ва бонуфуз аст. Донишҳои илмӣ аз талаби эҳтиёҷи истеҳсолии одамон пайдо мешаванд. Азбаски донишҳои илмӣ ба ҳамин фаъолият хизмат мекунанд, ба ҳаёт вобастаанд, барои ба онҳо соҳиб шудан фақат ба омӯхтани мазмун кифоят накарда, татбиқи онҳоро дар зиндагӣ низ донистан воҷиб аст.

Ин қоида ба қонуни илмияти таълим алоқаи мустаҳкам дорад. Модоме ки, хонандагон ба илм мусаллаҳ мешудаанд, илмро аз лиҳози назарӣ меомӯхтаанд, пайдоиши илмро аз эҳтиёҷи амалӣ, тарзи тараққӣ карда истодани қувваҳои истеҳсолот, илмро ҳамвора ривоҷ бахшидани навигариҳои соҳаи илму техника ва дар навбати худ ёрмандии илмро барои такомулоти истеҳсолот ва беҳтар намудани ҳаёт бояд бидонанд. Аз ин рӯ, мақсад ва вазифаҳои тарбияи инсон, ҳам мазмуни таълим, ҳам усулҳои таълим ва шаклҳои ташкилии он ба ягонагии назария ва амалия асос меёбад.

Дар низоми таълими мактаб қоидаи ягонагии назария ва амалия пеш аз ҳама дар ҳолати алоқамандии мазмуни фан ва хусусиятҳои ба худ хоси он дар ҷараёни таълим ба амал оварда мешаванд.

Ин ягонагӣ дар ҳолати амалиёти руҳӣ, аз қабили пухта аз худ намудани донишҳои илмӣ, амалӣ намудани онҳо, идроку фаҳми маводи хониш, ҳамчунин ҳифзи он дар хотир, ҷараёни ягонаи комилро ташкил менамояд.

Донишҳои назарие, ки талабагон аз фанҳои математика, физика, биология, кимиё, астрономия ва ғайра аз худ менамоянд, маҳорат ва малакаи онон дар хонаҳо ва лабораторияҳои санҷишӣ, воситаҳои техникии замонавӣ, дар заминаҳои таҷрибавӣ ва ҷараёни истеҳсолӣ истифода хоҳанд шуд. Чунин машғулотҳо онҳоро барои татбиқ карда тавонистани илмҳои мураккаби назарӣ дар амал, бо таҷрибаҳои заруру ногузир мусаллаҳ менамоянд.

Тайёр намудани хонандагон ба фаъолияти амалӣ дар ҷараёни касби донишҳои назарӣ шурӯъ мешавад. Дертар, он дар машғулоти лабораторӣ ва амалӣ идома меёбад. Дар ин машғулиятҳо хонандагон таҳти роҳбарии муаллим, дар шароити таҷрибаи дуруст донишҳои гирифтаро месанҷанд, мустаҳкам ва амиқ менамоянд, барои татбиқ кардани донишҳояшон дар амалия малака пайдо мекунанд.

Таълими истеҳсолот дар бобати фаъолияти амалии хонандагон марҳилаи муҳим ба шумор меравад. Онҳо дар асоси донишҳои назарии омӯхта доир ба касбҳое, ки интихоб кардаанд, маҳорати меҳнат ҳосил менамоянд. Дар айни ҳол ба донишҳои назарии худ равшанӣ ворид месозанд.

Машғулиятҳои амалие, ки хонандагон дар корхона-истеҳсолот мегузаронанд, дар соҳаи пайваста бо ҳам амалӣ намудани таълим ва меҳнат марҳилаи ҷамбастӣ ҳисоб меёбад. Дар машғулиятҳои амалӣ ба туфайли иҷрои тамоми корҳо дар хонандагон барои омӯхтани асосҳои фан шавқмандӣ, кӯшиш дар бобати меҳнат беш аз пеш меафзояд, муҳаббат оид ба меҳнат, ҳурмату эҳтиром ба аҳли меҳнат камол меёбад.

***5. Қоидаи шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва мустақилӣ дар таълим.*** Ин қоида тарзи ташкил намудани таълимро дар назар дорад, ки дар он хонандагон донишҳои илмиро дар амал бошуурона ва фаъол меомӯзанд. Дар онҳо ташаббускории эҷодӣ ва дар фаъолияти хониш мустақилият, тафаккур, маданияти нутқ ва ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқод, ташкил меёбад.

Қоидаи шуурнокии таълим талаб менамояд, ки хонандагон ҳангоми идроки маводи нав фақат ба ифодаи таърифҳо, теоремаҳо, шеърҳо ва амсоли инҳо қонеъ нашуда, балки моҳияту мазмуни бо воқеаҳои ҳаёт ва ҷараёни он алоқамандро низ фаҳманд. Дар акси ҳол сатҳият дар хониш авҷ мегирад, мавод хушк ва сатҳӣ ёдакӣ мешавад. Хонандагон онро гашта такроран гуфта тавонанд ҳам,

моҳияташро намефаҳманд ва дар фаъолияти амалии худ истифода намебаранд. Аз ин рӯ, танҳо муносибати фаъолонаи хонанда барои афзоиши саъю ҳаракати ӯ дар омӯхтани илмҳо ёрманди хоҳад намуд.

Қоидаи шуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар ҷараёни таълим ривоҷи тафаккур ва нутқро дар хонандагон мадди назар дорад. Тафаккури мустақил ба воситаи усулҳои гуногун ба амал оварда мешавад. Яке аз усулҳое, ки боиси ташаккули тафаккур хоҳад шуд, гузориши ҳалли мустақилона ва вазифаҳои муаммост.

Фаъолии хонандагон дар ҷараёни таълим, қабл аз ҳама, фаъолияти ақлӣ — фаъолияти фикр кардани онҳост. Аз ин ҷост, ки қоидаи бошуурона аз бар намудани таълим, аз як тараф, мустақил, фаъол фикр кардани хонандагонро аз ҷониби дигар, айнан дар давоми ҳамин ҷараён ба воситаи тарбия, мунтазам такмил додани мустақилӣ ва фаъолии хонандагон, инчунин фаъолияти мантиқан фикр кардани онҳоро дар назар дорад.

Тавсияҳои ҳуҷҷатҳои доир ба мактаб, истифодаи шаклҳои фаъоли ташкили дарс, якҷоя гузаронидани машғулиятҳои лексия ва семинар дар синфҳои боло, экскурсия дар ҷойи истиқомат, дар давоми меҳнати босамар, иҷро намудани супоришҳои мувофиқ ба хосияти таълим ва дигарҳо, айнан ба ҳамин мақсад хизмат менамоянд. Ба туфайли ривоҷ додани фаъолнокии хонандагон ва такмил додани фаъолияти таҳсили онҳо дар таълим ба самаранокии баланд метавон ноил шуд, яъне ҷараёни таълим суръат хоҳад гирифт.

***6. Қоидаи аёният дар таълим.*** Қоидаи аёнияти таълим яке аз қоидаҳои дидактикӣ буда, сифати ҷараёни таълимро боло мебардорад, донишандӯзии хонандагонро осон мекунад. Аёнияти таълим собит менамояд, ки дар ашё ва ҳодисаҳои мавриди омӯзиш таҷрибаи ҳиссию амалии вобаста ба идоракунии бевосита мавҷуд бошад, онҳо донишро бошуурона меомӯзанд. Ин қоидаи узвҳои ҳиссиро, дар

ҷараёни таълим дар хусусӣ объекти омӯзиш сафарбар намудани аз қабили узвҳои биноӣ, сомеа (шунавои), бӯиш, чашидан, ломиса (ба воситаи пӯст ҳис кардан), мушак-ҳаракат талаб менамояд.

Қоидаи аёният барои амалӣ гардидани қоидаю қонун ва талабҳои асосии таълим ба сифати восита хизмат хоҳад кард. Чунончи:

1. Дуруст ва самарбахш истифода намудани маводе, ки ба мавзӯи мавриди омӯзиш мувофиқ бошад, завқи хонандагонро барои азхуд кардани он таъмин менамояд.

2. Асбобҳои аёнии истифодашаванда равшан, аниқ ва образнок идрок намудани хонандагонро таъмин намоянд ва узвҳои ҳиссӣ ба объекти мушоҳида ҳар қадар бештар сафарбар шаванд, маводи таҳсил ҳамон андоза зуд, бисёр мувофиқ ва осон омӯхта мешавад, дер муддат дар хотир нақш мебандад. Дар натиҷа, пухта омӯхта шудани маводи таълим муяссар хоҳад шуд.

3. Ба воситаи маводи аёнӣ, хонандагон бо чизҳо ва воқеаҳои ҳаётӣ, воқеӣ, хусусият ва аломатҳои онҳо шинос мешаванд. Дар натиҷаи дарк намудани образҳои равшани ҳодисаҳои мавҳум, қобилияти ба тарзи мантиқӣ фикр кардани онҳо ривоҷ мегирад. Кор бо нақша, ҷадвал, диаграмма ва муқоисаву таҳлил, ҷамъбасту хулосаи хусусиятҳои мавод аҳамияти калон дорад.

4. Аёнӣ сурат гирифтани маводи хониш хонандагонро бо маҳорат ва малакаҳое мусаллаҳ месозад, ки донишҳои илмии омӯхтаашонро дар таҷриба ва истеҳсолот татбиқ карда метавонанд.

Барои натиҷаи хуб додани аёният дар таълим, чунин ҷиҳатҳои дигари онро ҳам бояд ба ҳисоб гирифт:

Аввал, асбобҳои аёние, ки истифода мешаванд, бояд синну соли хонандагони ҳар синф, ба савияи ба худ хос ва дараҷаи тайёрии умумии онҳо созгор ва мувофиқ бошанд. Дуюм, асбоби аёнӣ бо мавзӯи дарс ва хизмати ин асбоб барои кушода додани моҳияти дарс мувофиқат кунад. Сеюм, барои он ки асбобҳои аёнии мавриди истифода дар

ҷараёни дарс натиҷаҳои дилхоҳ ва самарабахш диҳанд, усулҳои муносиби таълим бояд дуруст интихоб гарданд.

Маводҳоеро, ки дар мактабҳо истифода мешаванд, ба тарзи зер метавон гурӯҳбандӣ кард.

1. Маводҳое, ки зарф ва чизҳоро ба сурати аслӣ, табиӣ нишон медиҳанд: намоиши растаниҳо ва таркиби онҳо, ҳайвонот, маъданҳо, маҷмӯи гиёҳҳои хушк, коллексияҳо, ашё, асбобҳо ва модели мошинҳо, ҳамчунин реаксияҳои кимиёвӣ, ҳосил кардани разрядҳои барқӣ ва монанди инҳо дар шароити синф;

2. Асбобҳои ҷадвалӣ-графикӣ: лоиҳаҳо, диаграммаҳо, нақшаҳо ва воситаҳои дигари ба инҳо монанд;

3. Асбобҳои тасвирӣ: нақшаву расмҳо, фотосуратҳо, диафилмҳо, диапозитивҳо ва филмҳои беовоз;

4) Асбобҳои шунавоӣ: грампластинкаҳо, хонишҳои бадеии дар лентаҳои магнитӣ сабтёфта, маводҳои марбут ба талаффузи дурусти луғатҳои забонҳои хориҷӣ ва назири онҳо.

Аёнияти таълим аз масъалаҳои хеле муҳими мактабҳои замони ҳозира буд ва алҳол низ дар бобати самарабахш истифода бурдан аз он корҳои зиёде анҷом мегиранд.

***7. Қоидаи созгории таълим ба хонандагон.*** Зери мафҳуми қоидаи созгории таълим мувофиқ омадани мазмуну ҳаҷму хусусияти маводи таълим ва ривоҷи ҷисмонии хонандагони ину он синф ва тайёрии умумии онҳо, яъне лоиқ будани он ба савия ва имкониятҳои талабагони ҳар синф фаҳмида мешавад.

Қоидаи созгорӣ ду тарафи таълимро ба эътибор мегирад;

1. Мувофиқ омадани хусусият, мазмун ва ҳаҷми маводи таълими ягон синф ба савияи хонандагони он.

2. Ҳаҷми донише, ки барои ҳар синф муқаррар шудааст, бояд ба савияи хонандагони он лоиқ ва созгор бошад.

Намояндагони пешқадами педагогикаи классикӣ доир ба созгор овардани таълим ба фаҳми хонандагон як қатор

қоидаҳо пешкаш кардаанд. Яке аз онҳо "аз осон ба душвор рафтан" аст.

Қоидаи дуюми созгорӣ "аз маълум ба номаълум рафтан" мебошад. Дар бобати амалӣ намудани ин қоида дар зимни дониши илмӣ ва таҷрибаи қаблан мавҷуди хонандагон бо маълумоти нави то ҳол номаълум мусаллаҳ кардани онҳо фаҳмида мешавад.

Қоидаи сеюми созгори "аз содда ба мураккаб рафтан" ба шумор меравад. Ҳама он чизҳое, ки мо фаҳмидем, азбар намудаем, аксаран содда, аммо чизҳои нафаҳмидаамон аз бар накардаамон чизҳои мураккаб менамояд.

Қоидаи созгорӣ боз ба чандин талабҳо амал намуданро тақозо мекунад. Махсусан барои ташкили имконият донишҳои илмии дарсро нағз омӯхтани хонандагон ба нақшаи пухта ва мустаҳкам амал намудан, аз маводи баёншаванда хулосаҳои равшану мухтасар баровардан; барои баровардани мавод мисолу далелҳо овардан, аз асбобҳои аёнӣ истифода бурдан, маводи баёншавандаро алоқамандона бо зиндагӣ, таҷрибаҳои шахсии хонандагон таълим додан талаб карда мешавад. Ҳамчунин лозим аст, ки усулҳои таълим мувофиқи хусусияти маводи омӯзиш дуруст интихоб шуда бошанд.

***8. Қоидаи пухта азхуд намудани дониш, маҳорат ва ихтисос дар таълим.*** Қоидаи пухта аз худ намудани таълим мусаллаҳ карданро бо талаб ва қоидаҳои муҳими дидактикӣ, яъне аз ҷониби хонандагон муназзам ва бошуурона азхуд кардани дониш, мустаҳкам намудан, дар хотир нигоҳ доштан ва малакаи донишҳои илмии омӯхтаро дар фаъолияти илмии худ истифода бурда тавонистани ононро дар назар дорад.

Пас, аломати хоссаи омӯзиши пухта ин аст, ки таълим дар хотир мустаҳкам бимонад. Бо ибораи дигар, ин қоида ба фаъолияти хотираи хонандагон, яъне ба маводи хонишро дар хотир нигоҳ доштан, дар ёд махфуз доштан ва дигарбора ба хотир овардан барин ҷараёнҳои хотира вобаста аст.

Маводи хонишро дар хотир мустаҳкам нигоҳ доштан ба он вобаста аст, ки маводи таълими дар дарс баёншаванда муназзам ва бошуурона омӯзонида шавад. Дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки дар машғулиятҳои аввала ҳосил шудааст, дар бобати аз худ намудани маводи мураккабтар чун зина, замина хизмат хоҳад кард.

Ба ҳамин тариқ, ба мустаҳкам ёд гирифтани дониш, маҳорат ва малака вақте ноил шудан мумкин аст, ки аввалан, тамоми қоидаҳои таълим: фаҳмоӣ, муназзамӣ, пайдарҳамӣ, алоқамандии назария бо амалия, аёният, қоидаҳои шуурнокӣ ва фаъолнокии хонандагон дар амал иҷро шаванд. Муваффақияти омӯзиши пухта аз бисёр ҷиҳат ба такрору машқ кардан низ вобаста аст.

Аҳамияти такрор аз он иборат аст, ки дар ҷараёни он фақат маводи пеш омӯхта ёдовар нашуда, балки маълумотҳои нав ба наве, ки ба ин мавод алоқамананд, дода мешаванд, ҷойҳои норавшан ва торики донишҳои азхудшуда равшан ва пурра карда мешаванд.

Такроре, ки харрӯза гузаронида мешавад бо мақсади алоқаманд кардани байни маводи дарси нав бо маводи дарси пешина сурат хоҳад гирифт. Барои муназзамӣ ва мустаҳкамсозӣ дар охири сол доир ба масъалаҳои асосӣ такрори умумӣ ташкил меёбад.

Хели дигари такрор бозгашти махсус аст. Чунин такрор баъди таълими мавзӯи калоне ё аз рӯи маводе, ки дар доираи ягон чоряк омӯхта шудааст, гузаронида мешавад.

Навъи хеле паҳншудаи такрори махсус дар охири сол аз рӯи соатҳое, ки алоҳида ҷудо карда шудаанд, сурат мегирад.

***9. Қоидаи риояи хусусиятҳои хоси хонандагон дар таълим.*** Ҳама ҷиҳатҳои таълиму тарбия дар ҳолати риояи хусусиятҳои махсуси ҷамоаи умумии хонандагони синф ба роҳ монда мешавад. Аммо ҳар як хонанда ба хусусиятҳои хоси ҷисмонӣ, ахлоқӣ, руҳӣ ва ғайра соҳиб аст, ки ин ҳама ба фаъолияти таҳсилии он таъсири калон мерасонад.

Аз ин рӯ, дар ҷараёни таълим ба ҳисоб гирифтани хусусияти хонандагони тамоми синф ва инчунин хусусияти хоси ҳар як хонанда аҳамияти муҳими дидактикӣ дорад.

Омӯхтани имконияти воқеии хонандагон, ҷиҳатҳои ривоҷи онҳо дар шароити имрӯза ҳамин тавр на танҳо хоҳиш, балки талаби маҷбурӣ ба шумор меравад.

Хусусиятҳои барои ҳамаи ҷамоаи хонандагони синф хос, пеш аз ҳама, дар ривоҷи ҷисмонӣ, ақлӣ ва руҳии хонандагони синфи муайян падид намеоянд. Дар бобати бомуваффақият сурат бастани таълим мушоҳида ва омӯхтани хусусиятҳои ба худ хоси хонандагон ва мувофиқи он хусусият муомила намудан мақоми ҳалкунанда дорад.

Дар дарс пурра ба ҳисоб гирифтани хусусияти махсуси ҳар як хонанда бисёр душвор буда, илоҷи он на ҳамеша мумкин аст. Педагог кори дар ҷараёни дарс, машғулотҳои амалӣ ва иҷрои вазифаҳои хонагӣ кардаи хонандагонро мушоҳида менамояд, дониш, корҳои хаттӣ, материалҳои аёнии сохтаи онҳоро тафтиш менамояд. Дар вақтҳои берун аз дарс муносибати онҳоро бо рафиқонашон ва дигарон, хулқу атвор, сифатҳои иродавиашонро меомӯзад, бо онҳо сӯҳбат мерояд. Дар ҷараёни мушоҳида вай ҷиҳатҳои пурқувват ва сусти хонанда, хусусиятҳои махсуси шавқу ҳавас, тафаккур, нутқ, хотира, диққати вайро мефаҳмад, қобилиятҳои ҳаётӣ ва меҳнатии хонандагонро меомӯзад. Сабабҳои қисме аз маводи барномаро суст аз худ кардани хонандагон ё аз фан ақиб мондани онҳоро муайян менамояд. Муаллим баъд аз омӯхтани инҳо барои аз таъсири ҳолатҳои ногувор ҳалос кардани онҳо чораҳо меандешад.

Масалан, қобилияти биноӣ ё шунавоии хонанда нағз набошад, ӯро дар қатори якум мешинонад. Ин нукта ба хонандагоне, ки диққаташ парешон аст, низ дахл дорад. Гузашта аз ин, онҳоро тез-тез мепурсад, барои такрор намудан ё пурра кардани ҷавоби рафиқонаш ва ё баён намудани фикраш дар ин бора водор менамояд.

Дар дарс ва супоридани вазифаҳои хонагӣ истифода намудани унсурҳои таснифёфтаи таълим воситаи муҳиммест, дар бобати риояи хусусиятҳои махсуси хонандагон.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Қоидаҳои таълим аз чанд намуд иборатанд?
2. Қоидаи илмияти таълим ба чи асос ёфтааст?
3. Қоидаи ягонаии таълим ва тарбия чи аҳамият дорад?
4. Шуурнокӣ ва мустақилият ба чи лозим аст?
5. Оё компютерҳо ба қоидаи аёният дохил мешаванд?
6. Созгории таълим ба хонандагон лозим аст ё не?
7. Хусусиятҳои хоси хонандагон дар таълим чи аҳамият дорад?
8. Малака ва маҳорат бо азхудкунӣ чи вобастагӣ дорад?

# БОБИ VIII

## УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ

Ҳоло дар низоми таълими мактаб дар бобати усули таълим хазинаи пурсарват ҷамъ омадааст. Агар мо дар таълим усули дуруст интихоб намоем дар муддати кӯтоҳ метавонем ба натиҷаи матлуб бирасем. Мафҳуми “усул” дорои маънои васеъ буда, фаъолияти назарӣ ва амалиеро мефаҳмонад, ки ба ноил гаштан ба мақсадҳои таълим, омӯхтани объекти муайян дахл доранд.

Вақте ки усули таълим мегуем, фаъолияти муштараки муаллим ва хонандагон дар ҷараёни таълим фаҳмида мешавад, ки барои ба даст овардани мақсади муайян нигаронида хоҳад шуд. Ба ибораи дигар усулҳои таълим ҳар ду фаъолиятро, яъне роҳҳои хонандагонро бо дониш, маҳорат ва малакаҳо мусаллаҳ намудани муаллим ва тарзҳои дар фаъолияти хонандагон барои омӯхтани ин дониш, маҳорат ва малакаҳои истифодашавандаро фаро мегиранд. Аз ин ҷо, усули таълим барои таъмини фаъолиятмандии ягонаи ҳар ду тараф нигаронида шудааст. Аммо ин ду фаъолият ҳамеша як хел ва дар як равиш шуда наметавонад. Мувофиқи хусусияти маводи омӯзиш дар ҷараёни дарс фаъолияти муаллим ва хонанда метавонад дар равиши гуногун ба амал ояд. Гуногунии фаъолият, ки дар ҷараёни таълим барои иҷрои мақсади муайян нигаронида мешавад, усулҳои нав ба навро ба миён меорад.

Дар низоми таълими мактаб дар қатори усули таълим истилоҳҳои “услуб” ва “восита” низ истифода мешаванд.

Услуб дар таълими мавод дар қатори усули асосӣ, кор фармудани унсурҳои ҷудогона услуби дуюмро мефаҳмонад. Чунончӣ, дар давоми ифодаи мавзӯи муайян бо усу-

ли маърӯзаи мактабӣ, саволу ҷавоб ба кор бурда шавад ё ки материалҳои аёнӣ истифода ва шарҳ дода шаванд, равиши усули асоси тағйир меёбад ва нисбат ба ҳамин усул услуб шуда мемонад. чунки услубиёти хусусӣ, усул ва услубҳои хоси худро дорад.

Лекин услубҳои хусусие, ки дар таълими фанҳои алоҳида истифода мешаванд, бо усули умумии таълим алоқаи мустаҳкам доранд.

Усулҳои таълим роҳҳоеанд, ки дар ҷараёни таълим мувофиқи хусусияти маводи таълим интихоб мешаванд ё мумкин аст, ки ин услуб ва воситаҳоро дар худ фаро гирифта бошанд. Аммо зарурати истифода бурдан аз ягон усули таълим, услуб ва воситахо, пеш аз ҳама, ба хусусияти хоси ину он фан вобаста аст. Масалан, монанди он ки фанҳои физика, кимиё, биологияро бидуни машғулиятҳои лабораторӣ таълим додан ва азхуд кунонидан мумкин нест, ҳамчунин бе истифодаи машқ, мисол ва масъалахо дар дарсҳои математика, граматикаи забони модарӣ ноил шудан ба мақсад имкон надорад.

Миқёси донишҳои илмие, ки ба хонандагон дода мешавад зарурати васеъ намудани доираи усул ва шаклҳои таълимро тақозо дорад.

Хелҳои ҳикоя, сӯҳбат, маърӯза, зикри мисолу далелҳо, нишон додани асбобу ускунаву афзор, иҷрои машқхо, супоришҳои меҳнатӣ, ҳалли таҷрибаҳои лабораторӣ, фоида бурдан аз бозиҳо, усулҳои услуби маводҳои педагогикаи ҳалқӣ, ки ба донистан кӯмак мерасонанд, мунозираҳои таълимӣ, рағбатманд намудан ва танбеҳ дар фаъолияти таълим, ба тарзи муаммо баён кардани маводҳои таълим, сӯҳбатҳои муаммонок, истифодаи таҷрибаи тадқиқот, фоида бурдан аз мулоҳизаҳои қиёсӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, кор кардан дар болои китоб, ба кор бурдани усулҳое ба монанди мустақилона истифода намудан аз мошинҳои омӯзанда, пурсиши даҳонӣ, корҳои хаттӣ, корҳои назоратии лабораторӣ, бо ёрии насбҳои автоматикӣ фоида бурдан аз усулҳои назора-

тии барномавӣ ва мисли инҳо барои хонандагон басо фаҳмо ва дастрасанд.

Бо назардошти имкониятҳои мусоиди донишомӯзӣ ба хонандагон дар низоми таълим усулҳои таълимро ба тарзи зер гурӯҳбандӣ ва тавсиф намудан мумкин аст:

***Усули таълими шифоҳӣ-даҳонӣ.*** Усули таълими шифоҳӣ ҳамеша фаровон истифода шудааст. Дар илми дидактика ба усули шифоҳӣ-даҳонӣ ҳикоя, сӯҳбат ва маърӯзаи мактабии муаллим дохил мешаванд.

Аз усулҳое, ки бо нутқи муаллим алоқаманд мебошанд, дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ ба тарзи гуногун истифода бурда мешавад. Дар синфҳои ибтидоӣ ҳикояи равшан ва таъсирбахши муаллим бартарӣ дошта, сонитар он бо усули сӯҳбат васеътар такмил дода мешавад. Дар синфҳои боло, хусусан, дар вақти таълими фанҳои таърих, ҷамъиятшиносӣ, адабиёт, ҷуғрофия мувофиқи имкониятҳои хониши талабагони ин синфҳо аз маърӯзаҳои мактабӣ истифода хоҳад шуд.

Дар усули баёни шифоҳӣ ягонагии ҳар ду фаъолият, яъне аз як тараф, маводи таълимро бо маҳорат даҳонӣ ифода намудани муаллим ва аз ҷониби дигар, ба маводи баёншударо бо диққат гӯш карда, шуурона ва мустаҳкам ёд гирифтани талабагон амал менамояд.

Пас, усули ифодаи шифоҳии мавод дар низоми таълими мактаб усули аз ҳама серистеъмол аст ва дар тамоми синфҳо мувофиқи фанҳои омӯзиш кор фармуда мешавад.

*Ҳикоя.* Ин усул дар ҳама марҳилаҳои таълими мактаб истифода хоҳад шуд. Дар синфҳои ибтидоӣ он хеле мухтасар ва аниқ мегузарад. Дар байни синфҳои боло барои муваффақ гардидан ба баёни маводи ҳаҷман калонтар дар давоми вақте ки таъин шудааст, бештар аз усули ҳикоя истифода бурда мешавад. Лекин дар ин маврид ҳикоя монанди маърӯза тамоми дарсро фаро намегирад. Баъди анҷом ҳикоя бо сӯҳбат ва фаҳмонидан пурра карда хоҳад шуд.

Дар бобати боло бардоштани маданияти нутқ имконияти усули хонондан ва баёни шифоҳии фикр назар ба

усулҳои шифоҳии дигар ба маротиб зиёд аст. Ба ибораи дигар, ҳикояи муаллим яклухт ё ки ба қисмхо тақсим шуда, бо роҳи тасвирӣ образнок мухтасар ва пай дар пай баён намудани омил, хотима ва воқеаҳои мавзӯи дарс аст. Ин усул дар синфҳои боло ҳангоми таълими фанҳои гуманитарӣ, инчунин дар вақти гузаштани маводҳои монанд ба тарҷимаи ҳол, таърифи образҳо, тасвири ҳодисаҳои табиат ва воқеаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба кор бурда мешавад. Усули мазкур бештар дар таълими фанҳои физика, кимиё, забони модарӣ, забони русӣ ва монанди инхо мувофиқ меояд.

*Маърӯзаи мактабӣ.* Яке аз усулҳои таълими шифоҳӣ маърӯзаи таълим буда, барои ифодаи шифоҳӣ-даҳонии маводи таълим истифода мешавад. Маводи ин навъи таълим аз маводи ҳикоя аз ҷиҳати вусъати ҳаҷм, сохти мантиқӣ, образҳо, мураккабии исботу ҷамъбастсозии худ фарқ мекунад. Агар ҳикоя як қисми дарс ё машғулотро дарбар гирад, маърӯза тамоми онро фаро мегирад.

Маърӯза асосан дар синфҳои болоии мактабҳои таълими миёнаи умумӣ, омӯзишгоҳҳои ҳунару техника, коллеҷ ва донишкадаҳои олӣ кор бурда мешавад.

Маърӯзаи мактабӣ дар давоми машғулияти яксоата бо роҳи ошкор сохтани моҳияти ҳақиқии илмии мавзӯъҳои омӯзиш, ҷамъбасту хулоса кардани онҳо мунтазам баён кардани донишҳои илмист.

Барои дар синф ба вуҷуд овардани вазъияти муаммоӣ аз усулҳои додани саволҳое, ки фаъолнокии кори фикркунии хонандагонро зиёд мекунанд, намоиш додани маводи аёнии оид ба мавзӯъ, баровардани хулосаи умумӣ доир ба мавзӯи гузашта ва ғайра истифода мебаранд. Инҳо ҷиҳатҳое мебошанд, ки маърӯзаи мактабиро аз маърӯзаи мактабӣ олӣ фарқ мекунонанд. Маърӯзаи мактабӣ дар бобати ҳосил намудани маҳорати хонандагони синфҳои X-XI барои фаҳмидани маърӯзаи донишкадаҳои олӣ ва мустақилона навишта гирифтани он замина мегузорад.

Хелҳои баёни даҳонии усули маводи хониш ҳикоя ва маърӯзаи мактабӣ дар асоси як қатор қоидаҳои дидактикӣ ва талабҳои зерин ба кор бурда мешаванд.

1. Маводи мавриди баён бояд аз бобати ғоя мазмуннок, илмӣ ва барои алоқаманд кардани назария бо амалия нигаронида шуда бошанд;

2. Тавассути таъини дурусти аҳамияти тарбиявии маводи мавриди баён воситаҳои таъсиррасониро ба хонандагон муайян ва ба амал ҷорӣ кардан лозим аст;

3. Нутқи муаллим ҳангоми баён манбаи ягона ба шумор меравад, равонӣ ва фаҳмоии он омили асосист. Бинобар ин ифодаи ин маводи таълим бо ҳиссу эҳтирос дорои аҳамияти калон аст;

4. Қоида, таъриф ва қонунҳое, ки муаллим дар ҷараёни баён истифода мебарад, бо тафовути муайяне аз матни китоб бояд аз ҷониби хонандагон навишта гирифта шаванд. Инро низ бояд таъкид намуд, ки агар хонандагони синфҳои V-IX барои навиштани баъзе маълумотҳо ҷалб карда шаванд, пас, хонандагони синфҳои X-XI барои мустақилона навишта гирифтани матнҳои васеъ одат кунонида мешаванд.

Усули сӯҳбат яке аз усулҳои таълими шифоҳӣ буда, дар таҷрибаи мактабҳо бештар аз ҳама истифода мегардад ва усули самарбахш маҳсуб мешавад. Ин усул аксаран усули саволу ҷавоб низ номида мешавад, чунки ҳангоми истифодаи он дарс асосан ба тариқи саволу ҷавоб сурат мегирад.

Чунин сӯҳбатҳое низ вуҷуд доранд, ки дар ҷараёни онҳо хонандагон донишҳои пештар гирифтаи худро ба хотир меоранд, ба тартиб медароранд, ҷамъбаст карда хулосаҳо мебароранд, барои татбиқи онҳо ба ҳаёт мисолҳои нав ҷустуҷӯ мекунанд.

Дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши мавзӯъ сӯҳбатҳои муқаддимавӣ, асосӣ ва ҷамъбастӣ низ гузаронида мешаванд.

Бо мақсади боло бардоштани хусусияти тарбиявии таълим сӯҳбатҳое ҳам ташкил меёбанд, ки барои шакл гирифтани ҷаҳонбинӣ ва эътиқод хизмат хоҳанд кард. Ба муносибати ҷорӣ гардидани дарси “Одобнома” имконияти истифода аз сӯҳбатҳои ахлоқӣ хеле вусъат гирифт.

Дар вақти ташкил ва гузаронидани машғулот ба усули сӯҳбат муаллим бояд ба нуктаҳои зерин эътибор диҳад:

1. Саволҳои тайёр карда омадаи ӯ бояд ба ҳамаи хонандагон тааллуқ дошта бошанд ва лозим аст, ки онҳо ба миён гузошта шаванд;

2. Яке аз хонандагон барои ҷавоб даъват мешавад;

3. Тамоми хонандагон ҷавоби ӯро бо диққат гӯш мекунанд, онро пурра менамоянд, ислоҳ мекунанд ва барои равшантар гардидани он ёрӣ мерасонанд.

4. Сарфи назар аз он, ки ҷавоби хонанда чи андоза дуруст аст, муаллим бояд онро эзоҳ диҳад, ҷамъбаст ва арзёбӣ намояд.

Мо аз усулҳои таълим хелҳои усули шифоҳиро, ки дар мактабҳои таълими умумӣ истифода мешаванд, шарҳ додем. Вазифаи муаллим фақат аз ин иборат нест, ки усулҳои ҷамъшударо омӯзад, балки аз он низ иборат аст, ки дар вазъияти муайян аз онҳо оқилона истифода намояд, ҷиҳатҳои барои ин вазъият мувофиқи онро фикр карда ёбад, онро бо усулҳои дигар моҳирона омезиш дода тавонад.

***Усули аёнии таълим.*** Аҳамияти истифода аз усули аёнӣ дар ҷараёни таълим дар он ифода меёбад, ки вай хонандагонро барои чиз ва ҳодисаҳои омӯзишро ҳиссан идрок намудан, барои муояна ва мушоҳида кардан, бовар кардан ба ягонагии унсурҳои мантиқӣ ва назарӣ, ниҳоят, барои донишҳои назариро ба амалия татбиқ карда тавонистан даъват ва сафарбар менамояд.

Хонандагон чизҳоеро, ки ҳиссан идрок кардан мумкин аст, бо ёрии узвҳои ҳис, яъне он ҳама чизҳоеро, ки ба воситаи чашм дидан мумкин, тавассути гӯш шунидан мумкин, бо ёрии бинӣ бӯидан мумкин ва ниҳоят чизҳо-

еро, ки таъм доранд, бо мадади чашидан мефаҳманд, эҳсос менамоянд.

Усули аёнӣ дар таълим ба тариқи намоиш-мусаввара ва экскурсия сурат мегирад. Фоида бурдан аз ин усул ба хусусияти маводи асосӣ, мазмун, шакл ва ҳаҷми он вобаста аст. Маводҳое, ки дар мактабхо намоиш дода мешаванд, аз бобати хосият ба ду гурўҳ ҷудо хоҳанд шуд.

1. Ашё ва асбобҳое, ки ба сурати аслӣ нишон дода мешаванд: растаниҳо ва таркиби онҳо, ҳайвонот, маъданҳо, коллексияҳо, асбобу мошинҳо, моделҳо ва ғайра.

2. Маводҳои аёнии тасвирӣ, ки аз бобати мазмун ва сохти шакл низ ду навъ мешаванд.

а) маводҳое, ки сурати чиз, асбоб, ҳодиса ва воқеаҳоро ба тарзи тасвирӣ нишон медиҳанд: расм, сурати фото, диафилм, кинофилм ва мисли инҳо;

б) маводҳои рамзӣ ва схематикӣ, ки чиз, асбоб, ҳодиса ва воқеаҳоро тавассути ягон аломати шартӣ ифода менамоянд: харитаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ, нақшаҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва назири онҳо.

Ҳар ду навъи маводи тасвирӣ-намоишӣ маводҳои мусаввар номида мешаванд.

Гуногунии маводи аёнӣ ба ҳар тарз истифода шудани онҳоро талаб менамояд. Масалан:

1. Намоиши ашё ва асбобҳоро дар шакли табиӣ метавон дар ду шакл иҷро кард: а) маводи бадеии оид ба мавзўи омўзиш дар як вақт бо маводи таълим, ки муаллим баён карда истодааст, нишон дода мешавад; б) шумораи маводи табиии намоиш басанда бошад, он ба ҳар талаба дода мешавад.

2. Ҳар як навъи маводҳои аёнии тасвириро ба ду тарз кор фармудан мумкин аст: а) маводи аёниро муаллим намоиш медиҳад; б) маводи аёнӣ ба хонандагон паҳн карда мешавад.

Дар таълим маводҳои тасвирӣ-мусавварро фаровон ба кор мебаранд. Барои истифодаи самараноки он риояи қоидаҳои зерин зарур аст: пеш аз машғулот мақсади на-

моиш мухтасар шарҳ дода мешаванд; маводҳои намоишӣ дар вақти муайяни баёни муаллим нишон дода мешаванд ва ё паҳн карда мешаванд, рафти намоишро муаллим шарҳ медиҳад.

***Усули экскурсия.*** Ашё, ҳодиса ва воқеаҳоеро, ки бо мазмуни дарс алоқаманд мебошанд, ҳамеша дар шароити синф намоиш додан мумкин нест. Аз ин ҷост, ки мувофиқи хусусияти мавзӯъ аз усули экскурсия низ фоида мебаранд. Усули экскурсия аз усули таълим, ки дар синф ба амал меояд, тамоман фарқ дорад.

Экскурсия чунин усули таълим ва тарбия аст, ки омӯзиши ҳодиса ва чизҳо тавассути он дар шароити табиӣ (дар завод, фабрика, саҳро, мушоҳидаи табиат) ё дар муассисаҳои махсус (музей, намоишгоҳ ва ҳоказо) ба тарзи ташкилӣ сурат мегирад.

Усули экскурсия ба воситаи шарҳу баёни муаллим ё ки шахси масъули экскурсия дар бораи объекти мушоҳида воқеъ мешавад. Хонандагон дар давоми экскурсия фақат бо муояна ва шунидан қонеъ нанамуда, балки маводҳои зарурира ба дафтарҳои худ менависанд, расми онҳоро мекашанд, корҳои чену ҳисобро ба амал меоранд.

Хонандагон дар давоми экскурсия бояд саволҳои гуногун тартиб диҳанд, дар асоси он сӯҳбат ороянд, доир ба объект хулосаҳои зарур бароранд. Дар хотимаи дарс, ҳатман дарси ҷамъбастӣ гузаронида мешавад, ки он дар маводи аз ҷониби хонандагон тайёршуда истифода хоҳад шуд. Онҳо дар бораи таассуроти худ аз экскурсия сӯҳбат хоҳанд кард. Муаллим фикру мулоҳизаҳои умумӣ медиҳад, хулоса мебарорад ва машғулотро ҷамъбаст менамояд.

***Усулҳои таълими амалӣ.*** Доираи усули таълими амалӣ хеле васеъ аст. Онҳо машқҳои хаттӣ (ҳалли масъалаҳо, тайёр намудани нақшаҳо); машқҳои таҷрибавии дорои хосияти лабораторӣ (таҷрибаҳои ҷабҳавӣ, корҳои лабораторӣ, амалиётҳо, воситаҳои техникии таълим, мошин-

ҳои таълимӣ ва кор кардан ба монанди ин чизҳо); усулҳои иҷрои супоришҳои меҳнатиро дарбар мегиранд.

Ба ин усулҳо корҳои хаттӣ дохил мешаванд. Ба воситаи он татбиқи донишҳои назарӣ ба амалия омӯзонида мешавад.

Кори хаттӣ, эҷодии хонандагон мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Машқҳои хаттӣ, эҷодиро дар соҳаи фанҳои забону адабиёт, таърих, ҷуғрофия низ истифода кардан мумкин аст. Шакли ибтидоии кори хаттии хурд ва мӯъҷази иншо аз синфҳои поёнӣ шурӯъ мешавад.

Яке аз дигар шакли корҳои хаттии эҷодии хонандагон навиштани маърӯзахо доир ба мавзӯъҳои гуногун. Мавзӯи маърӯза ба ҳалли мавзӯъ ва муаммои муайяне нигаронида мешавад ва хонандагон дар он мувофиқи маводе, ки хонда омӯхтаанд, фикру ақидаи худро баён менамоянд ва ин фикру ақидаашонро ба воситаи мисолу далелҳо ба исбот мерасонанд.

Дар давоми ин ҳама лозим аст, ки хатоҳои содиршудаи имловӣ, арифметикӣ ва графикӣ, хусусан, он хатоҳое, ки дар малака ва маҳорати хонандагон ҷой гирифтанаш мумкин аст, муайян ва барои зуд пешгирӣ намудани онҳо чораҳо андешида шаванд. Бинобар ин, супоришҳои барои машқ додашударо диққаткорона тафтиш кардан, сабабҳои хатоҳои руйдодаро муайян намуда, кори дубораи талабагонро таъмин кардан лозим аст.

***Усулҳои лабораторӣ.*** Машқҳои лабораторӣ ба тарзи таҷрибаҳо, корҳои лабораторӣ, амалияҳо, воситаҳои техникии таълим ва дигар асбобу ускунаҳои хониши мактабӣ дар шакли машғулот гузаронида мешавад.

Усулҳои лабораторӣ дар ҷараёни таълим барои баёни маълумоти нав доир ба чизу ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ, ки моро иҳота кардаанд, шаклу ҳаҷм, таркибу сохт ва қонунияти тағйиру ривоҷи онҳо, таҳкими маводи илмии омӯхташуда, ҳамчунин мусаллаҳ намудани хонандагон бо маҳорат ва малакаи зарурӣ дорои аҳамияти муҳиманд.

Машғулотҳои лабораторӣ дар хонаи махсус ҷиҳозонида шуда ва дар хонаҳое, ки аппарат, асбобу ускунаҳо: лупа, микроскоп, колба, асбобҳои ченак ва ҳоказо таъминанд, дар замини участкаи мактаб гузаронида мешаванд.

Дар сурати дуруст ташкил ёфтани машғулиятҳои лабораторӣ шавқи мушоҳидаи мустақилонаи хонандагон доир ба чизу ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ меафзояд, мустақилият, фаъолиятмандӣ ва ташаббускории онон қувват мегирад. Дар онҳо таҷрибаҳои амалӣ — маҳорат ва малака ҳосил мешавад, маданияти меҳнат ривоҷ меёбад.

Фарқи усули лабораторӣ аз усулҳои дигари таълим ин аст, ки дар вақти истифодаи он ҳар як хонанда чизеро мустақилона, шахсан таҷриба менамояд. Дарс пурра таҳти роҳбарии муаллим сурат мегирад.

Усули лабораторӣ мувофиқи хосияти машғулияти лабораторӣ ба ҳар ранг ташкил меёбад:

1. Машғулиятҳое, ки бо ҳамаи хонандагон мегузарад.

2. Машғулиятҳои таҷрибавие, ки бо ҳар кадоме аз хонандагон алоҳида-алоҳида сурат мегиранд.

Машғулиятҳои умумӣ дар соҳаи фанҳои физика, химия ва биология ба амал меоянд. Ин гуна таҷрибаҳо одатан пеш аз мавзӯи нав сурат гирифта, дар бобати таълими он вазифаи муқаддимаро адо мекунанд, барои минбаъд умумиятҳои назарӣ, хулоса ва қоидаҳои нав баровардан, ҳукм кардан ва монанди инҳо ба сифати маълумотҳои таҷрибавӣ хизмат хоҳанд кард. Азбаски чунин машғулиятҳо таҳти роҳбарии муаллим бо ҳамаи хонандагон сурат мегиранд, машғулиятҳои умумӣ маҳсуб мешаванд.

***Усулҳои тазаккур (репродуктив) ва муаммоиву тадқиқии таълим***. Усулҳои тазаккур ва муаммоиву тадқиқии таълим, пеш аз ҳама, аз рӯи арзёбии дараҷаи фаъолияти мусбати хонандагон дар бобати донистани мафҳумҳои ҳодиса ва қонуниятҳои нав ба гурӯҳҳо тақсим мешавад.

Усулҳои тазаккур-репродуктив дар навбати аввал барои таъмини мустаҳкамтар дар хотир нигоҳ доштани до-

ниш, раҳнамоӣ бо фаъолияти оид ба дониш ҳосил кардани маҳорат ва малакаҳо барои ба зудӣ муайян намудани камбудиҳо ба кор бурда мешаванд.

Усулҳои тазаккур-репродуктив хусусан ҳангоми хусусияти хосаи ахборӣ доштани мазмуни маводи таълим, таърифи усулҳои ҳаракати амалӣ, ниҳоят нав будани донишҳое, ки мустақилона кофта ёфтан ва азбар намудани хонандагон лозим аст, номавҷудии дониши тайёр барои ҳалли вазифа самарабахш истифода мегардад.

Хусусияти тазаккурии тафаккур фаъолона идрок намудан ва дар хотир нигоҳ доштани ахбороти донишеро, ки аз ҷониби муаллим ё ягон манбаи дигар содир мегардад, дар назар дорад. Ба кор бурдани ин усулҳо бидуни фоида бурдан аз махсусиятҳои таълими шифоҳӣ, усулҳои аёнӣ ва амалӣ номумкин аст.

Ҳангоми тартиб додани усули ҳикоя ба тарзи репродуктивӣ муаллим таснифи омилҳо, далелҳо ва мафҳумҳоро дар ҳолати тайёр пешниҳод мекунад, эътибори хонандагонро асосан ба масъалаҳое ҷалб менамояд, ки мустаҳкам азбар карданашон зарур аст.

Маърӯза низ айнан ба ҳамин тарз тартиб дода мешавад: муаллим маълумоти муайяни илмиро баён мекунад, чизҳои даркориро дар тахтаи синф навишта ба охир мерасонад, шунавандагон бошанд онҳоро мухтасар навишта мегиранд.

Корҳои амалии дорои хусусияти репродуктивӣ бо ҳамин фарқ мекунанд, ки дар давоми ин корҳо хонандагон аз рӯи намуна донишҳоеро, ки пеш ё ки ба наздикӣ омӯхтаанд, ба кор мебаранд. Машқҳои тазаккур-репродуктив ба туфайли такрори чандкарата аз рӯи намуна барои мустаҳкам намудани маҳорат ва малакаҳои амалӣ ба хусус таъсири пурсамар хоҳанд кард.

Дар ин ҷо ҳаминро алоҳида таъкид кардан лозим аст, ки дафъатан методҳои технологияҳои педагогӣ (дар фаҳмиши аввали он) барои фаро гирифтани дараҷаи репро-

дуктивии таълим (аз худ намудани ҳаракат чун асоси намуна) кор карда шуда буд.

Таълими репродуктивӣ унсури зарурии ҳама гуна таълим ба шумор меравад. Он дар доираи як предмети хониш бо назардошти азхудкунонии таҷрибаи бани башар баъди дар талабагон "таҳкурсӣ"-и дониши муайян ва малакаро ташаккул додан ба методҳои таълими продуктиви (таҳсилдор) ва эҷодию тадқиқотӣ гузашта метавонад.

***Усулҳои ташкили вазъияти муаммовӣ.*** Зери мафҳуми таълими муаммовӣ вазифаҳои ба тарзи монанд ба таҳқиқоти илмӣ ва падидойии муаммоҳо омӯзонидани маводи таълим фаҳмида мешавад. Дар фаъолияти фикркунии хонандагон муаммоҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро барои ҷустуҷӯ ва азбар намудани хулосаҳои илмӣ ва мантиқан дуруст шавқманд месозанд. Хонанда ҳаракат менамояд, ки барои ҳалли муаммои пайдошаванда қоидаҳои мавриди омӯзишро дуруст фаҳмад, ёд гирад.

Дар таълими ибтидоӣ вазъиятҳои муаммовӣ метавонанд ҳар хел шаванд. Муаллимони пешқадам хеле вақт боз дар синфҳои ибтидоӣ аз супоришҳо, масъалаҳо, шароити мувофиқи бачагон ва ҳавасманду шавқмандсозандаи онҳо барои донистани масъалаҳои гуногун, ки фаҳмиши хонандагонро ривоҷ хоҳанд дод, истифода карда истодаанд. Дар ин маврид вазифаи муаммовӣ дар ёфтани ҷавоби чистон ё шарти масъала ифода меёбад. Чунин чистон ва шартҳои масъала ба тарзи дар шуури хонанда ба вуҷуд овардани саволе ва пайдо шудани ҳаваси ҷавоб гардонидани вай ба ин савол сохта мешавад.

Ҳар як навъи таълим барои хонанда муаммо ҳисоб меёбад, зеро он хонандаро бо чизе, ки то ҳол барояш ноошност, шинос менамояд: зарур аст, ки хонанда маводи навро ҳатман азбар намояд, тамоми талабҳои муаллим ва мактабро иҷро кунад.

Дар фаъолияти фикркунии хонандагон ба вуҷуд овардани вазъияти муаммовӣ барои пайдо кунонидани ҳавас

дар онҳо ҷиҳати донистани чизе фаросатнокӣ, мустақилият, шавқи хондан, кӯшиши эҷод барин фазилатҳои шахсӣ ёрӣ мерасонанд.

Дар бораи пайдо кунонидани вазъиятҳои муаммовӣ дар шуури хонандагон, фаъолияти фаъолонаи дарки дониш, маводи таълимро пухта ёд гирифтани хонандагон педагогҳои Шарқ низ бисёр фикрҳои пурқимат изҳор намудаанд, ки дар курси "Таърихи педагогика" муфассал баён гардидаанд.

Бо мақсади пайдо кунонидани ҳаваси омӯзиш дар хонандагон дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои рағбатангез ба ҷустуҷӯ дар онҳо падид овардани ҳиссу андешаҳои ақлӣ бояд вазъиятҳои муаммовӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Мавҷудияти вазъиятҳои назорат ва озмунӣ (санҷидан-таҷриба намудан) худ аз худ таълимро муаммовӣ нахоҳад кард. Моҳияти кор аз он иборат аст, ки хонанда ба ин вазифаҳо чӣ андоза хусусиятҳои муаммовӣ бахшида метавонад. Агар вазифа талабҳои зеринро қонеъ кунонида тавонад, моҳияти асосии масъалаи мазкур метавонад ба муаммои дониш табдил ёбад:

1. Дар ҳалли муаммо фикр кардани хонандагон;
2. Пайдо кардани ҳаваси дониш дар хонандагон;
3. Дар ҷараёни таълим истинод намудан ба таҷриба ва донишҳои пешинаи онон.

Ба вуҷуд овардани вазъияти муаммовӣ дар ҷараёни таълим, пайдо кунонидани усулҳои фоидабарӣ аз онҳо махсуси фанҳоест, ки дар марҳилаҳои ҷудогонаи силсилаи таълим омӯзонида мешаванд. Вазъияти муаммовӣ дар ҳолати ба ҳисоб гирифтани мазмуни фан, хусусиятҳои ба худ хос ва усули таълими он ташкил карда мешавад.

Пӯшида нест, ки қобилияти фаҳмиш, фикр намудан, иҷрои кор вобаста ба хусусиятҳои ҷисмонӣ ва ақлии хонандагони ҳар синну сол ба тариқи гуногун буда метавонад.

Дар чунин муомилаю муносибат фаро гирифтани тарзу усули ҳаракати нав ин хоҳад буд, ки дар хонандагон

қобилияти ҳалли муаммоҳо ривоҷ дода шавад, таҷрибаи наверо, ки ҳанӯз ба охир расонида нашудааст, бо кӯшишоти зарури ибратбахш ба инҳо расонанд. Мазмуни таълими моделҳои ҷустуҷӯии хондани хонанда, робитаи онҳо бо табиат ва ҷамъият, мавқеъ ва макоми тадқиқот бурда тавонистани шахс — ин ҳама касро сӯи корбарии фаъолу эҷодӣ раҳнамун месозад.

***Усулҳои индуктивӣ ва дедуктивии таълим.*** Ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарс зарурияти интихоби усулҳое, аз қабили индуктивӣ ва дедуктивӣ, низ пеш меояд. Солҳои охир ба таълими дедуктивӣ эътибор қувват гирифт. Бе ташаккул додани усулҳои индуктивии тафаккур фақат ба туфайли таҷрибаҳое, ки дорои хусусияти умумианд, ноил шудан ба муваффақият амри маҳол аст. Истифодаи усулҳои индуктивӣ ё дедуктивӣ дар таълим дар он ба зуҳур меояд, ки ҳини ошкор сохтани мазмуни муайяни мантиқӣ-хусусиятии мавзӯи мавриди омӯзиши кадоме аз усулҳои таълим усули хусусӣ ё усули аз хусусӣ ба умумӣ рафтан интихоб мешавад.

Усулҳои индуктивӣ дар вақти омӯхтани афзорҳои техникӣ ва иҷрои супоришҳои амалӣ васеъ ба кор бурда хоҳанд шуд. Бисёр масъалаҳои математикӣ ва физикӣ, дар ҳолатҳое, ки муаллим мехоҳад баъзе формулаҳои умумӣ боиси омӯзиши мустақилонаи хонандагон гарданд, тавассути усули индуктивӣ ҳал мешаванд.

Усули дедуктивӣ барои зудтар гузаштани мавод кӯмак мекунад, сабаби фаъолтар ривоҷ ёфтани тафаккур мегардад. Махсусан, дар бобати омӯзиши маводи назарӣ, ҳалли масъалаҳое, ки муайян кардани оқибатҳои ҷудогонаро аз бисёр ҳолатҳои умумӣ талаб менамоянд, истифода кардан аз усули дедуктивӣ судманд аст.

***Усулҳои ҳавасмандсозӣ ва танбеҳдиҳии хонандагон дар ҷараёни таълим.*** Зуҳури захиравии фаъолияти мавҷуди

шахс ҳавасмандсозии фаъолияти таълим номида мешавад. Бинобар ин, ҳавасмандсозӣ, омили фаъолияти хонанда ба ҳисоб меравад. Аммо ҳавасмандсозӣ вақте дар роҳи мақсади воқеӣ раҳнамун менамояд, ки ба майли дохилии фаъолияти шахс таъсир намояд. Ба иловаи ин чунин ҳаракати дохилӣ на фақат таҳти таъсири ҳавасмандсозии беруна, балки бо таъсири худ ба худ ва пешинаи хонандагон, эҳтиёҷҳои онон ва амсоли инҳо низ ба зуҳур хоҳад омад.

Яке аз хелҳои ҳавасмандсозӣ, бо хонандагон дар таълим дучори душвории муайяне шуда, ба вуҷуд овардани вазъияти муваффақиятнок аст. Чунки шодмонии муваффақиятро ҳис ва душвориҳои хонишро бартараф накарда, дастёб шудан ба натиҷаҳои хуб мумкин нест.

Вазъияти ба муваффақият ноил шуданро бо роҳи рағбатманд кардани ҳаракатҳои мобайнии хонанда, яъне ба воситаи ангехтани зӯри нав ба вай, низ метавон ташкил намуд. Дар бобати ташкили вазъияти муваффақиятнок таъмини муҳити маънавӣ-руҳӣ ҳангоми иҷрои ину он супориш мақоми хосае дорад. Чунончи, ҳавасмандсозӣ бо роҳи баҳо, бо роҳи ба вуҷуд овардани вазъияти муваффақиятнок тавассути супоришҳои интихобӣ дар хондан, иштирок дар тайёр кардани корҳои таҷрибавӣ ва лабораторӣ, ҷиҳозонидани экран, ҳавасмандсозӣ тавассути намоиш додани дониш дар байни ҷомеа ва ҳоказо.

Танбеҳҳои оид ба таълим аз танбеҳҳои даҳонии ҳангоми дарс, паст кардани баҳо, сабт дар дафтар, нишон додани хатоҳо ва усулҳои дигар иборат аст.

Коҳиш баъди истифодаи тамоми навъи ҷазоҳо ба тарзи истисно истифода хоҳад шуд, чунки вай чораи охирини ноилоҷ ба ҳисоб меравад.

Дар мактаб ҷазои ҷисмонӣ додан ба хонанадагон, таҳқир кардани онон барои надонистан он маводи дарсро, расидан ба иззати нафси онҳо, дошном доданашон ва таъбирҳои дурушт қатъиян манъ шудааст.

***Усулҳои назорат ва худназорат дар таълим.*** Зарурати назорат дар низоми таълим, пеш аз ҳама, аз эҳтиёҷи

кори самараноки силсилаи таълим дар ҷамоаи донишгоҳҳо бармеояд. Назорат яке аз қисми таркибии ҷараёни таълим ба шумор меравад. Чунки ба туфайли назорат мулоқоти байниҳамдагарӣ дар таълим, роҳбарии фаврӣ ба рафти таълим ва сарвақт ислоҳ намудани камбудиҳо, имкони алоқаи ба дарсҳои нав гузоштани вазифаҳои аниқ ба амал меояд.

Ниҳоят, назорат як қатор вазифаҳои хоси ҷараёни таълим ривоҷи таълиму тарбия барин вазифаҳои асосиро иҷро менамояд.

Тақсими хусусияти назорат ба хелҳои алоҳида иборат аз ин аст, ки дар ҳар хели назорати сонӣ аломатҳои назорати пешин намоён мешаванд. Аз ин ҷост, ки навъҳои шифоҳӣ, хаттӣ, лабораторӣи назорат ва усулҳои шифоҳӣ истифода хоҳанд омад.

Назорати шифоҳӣ бо роҳи пурсиши якка ва гурӯҳи амалӣ мешавад. Дар пурсиши якка муаллим дар давоми вақти муайян дараҷаи аз ҷониби хонандагон азхуд кардани Мафҳумхо, қонунхо, назарияҳо, ҳамчунин далелхоро муқаррар менамояд. Дар ин навъи назорат маҳорати ҳалли масъалахо ва амалияҳои муайян истифода бурда тавонистани хонандагон аз воситаҳои техникӣ тафтиш карда мешаванд.

Дар давоми хониш ба воситаи гузарондани диктант, баён ва иншоҳо аз фанҳои математика, физика, забони модарӣ ва фанҳои дигар назорати хаттии дониши талабагон сурат мегирад.

Муддати гирифтани корҳои хаттӣ гуногун шуда метавонад. Гоҳ онҳо қисми ками дарсро ташкил менамоянд, доир ба ягон ҳиссаи мавзӯъе, ки пеш омӯхта шудааст, кори хаттии кӯтоҳмуддат, гузаронида мешавад, бори дигар ин кор метавонад тамоми як дарсро дар бар бигирад. Барои сарфаи вақт ҳар ду намуди назоратро муттаҳид намуда, дар муддати масъалаҳои муҳими омӯхташударо тафтиш намудан лозим аст.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар бораи қонуниятҳои таълим маълумот диҳед.
2. Мазмуни маълумотро фаҳмонда диҳед.
3. Усулҳои таълимро номбар кунед.
4. Экскурсия ба кадом намуди усули таълим тааллуқ дорад?
5. Усули кор бо китоб дар кадом шароит истифода бурда мешавад?
6. Аҳамияти таълими якнавохт дар чист?
7. Қоида ва қонуниятҳои таълим навъҳои нав дорад ё не?
8. Муаллим оё метавонад усули нави таълимиро дар дарси худ ҷорӣ намояд?
9. Муаллимони пешқадами Республикаи мо ба назарияи таълим чи саҳме гузошта истодаанд?
10. Таклиф ва таҷрибаҳои нави педагогҳои донишгоҳатонро номбар кунед.

## БОБИ IX

## ШАКЛҲОИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ ТАЪЛИМ

Дар давраи инкишофи таърихии мактаб шаклҳои ташкили таълим яксон набудааст. Шаклҳои ташкил додани таълим мутобиқи сохти иҷтимоӣ ва манфиатҳои сохти иҷтимоии мазкур ташаккул ёфтаанд.

Педагоги номбардори чех Я.А.Коменский (1592—1670) дар таърих аввалин шуда дар таълими мактаб низоми синф-дарсро ба вуҷуд овард. Назар ба афкори Я.А.Коменский, оиди ташкил додани таълим ба чандин монеаҳо дучор шуда бошад ҳам, он дар мамлакатҳои Ғарб ба зудӣ паҳн шуд ва ҳамчун шакли яккаву ягонаи ташкил намудани таълим эътироф гардид.

Низоми синф — дарс дар одамони Шарқ, аз ҷумла дар мактабҳои кӯҳнаи Осиёи Марказӣ татбиқ карда нашуд. Дар чунин мактабҳо пеш аз табаддулоти октябр низоми таълими ба мактабҳои асрҳои миёна хос идома ёфт.

Дар як дарсхона гурӯҳи бачагони аз 6 то 15—16-сола дар як вақт дарс мехонданд. Инчунин, савияи дониши таълимгирандагон (20—30 нафар) низ гуногун буд.

Алҳол бо тақозои замон ва эҳтиёҷоте, ки дар назди коркунони маорифи ҳалқ гузоштааст, хелҳои нав ба нави ташкил додани таълими мактаб ба вуҷуд оварда мешавад.

Синф аз гурӯҳи муайяни хонандагоне таркиб меёбад, ки синну сол ва дониш якхела аст.

Дарс чунин мушкилоти таълимест, ки бо роҳбарии муаллим бо гурӯҳи муайяни хонандагон бурда мешавад.

Дарс — шакли асосии ташкил додани корҳои хониш аст.

Дарс — қисми марказии корҳои хониш аст.

Дар давраи муайяни таърихие, ки мактабҳои мо паймудаанд, шаклҳои ташкил додани таълим дигаргун шуд, ривоҷу инкишоф ёфт. Низоми синф-дарс, ки алъон дар мактабҳо ҷорӣ карда шудаанд, дар шаклҳои зерин бурда мешаванд:

1. Ҳар як синф бино бар синну сол ва дониши худ ба гурӯҳи доимии бачагони дараҷаашон як хел соҳиб мешавад.

2. Машғулоти дарс асосан барои 45 дақиқа пешбинӣ шуда, тавассути ҷадвали қатъӣ бурда мешавад.

3. Дарс бевосита таҳти роҳбарии муаллим ба тарзи ҷамоа ва якка бурда мешавад.

4. Дарс бо тақозои маводи таълимдодашаванда бо усулҳои гуногун бурда мешавад, чун як қисми низоми таълим, ҳатман дониши мукаммал медиҳад ва барои аз худ кардани донишҳои навбатӣ созмон дода мешавад.

Дар айни замон дар мактабҳо шаклҳои ташкил додани таълим дар ин тарз бурда мешавад.

1. Машғулотҳое, ки дар шакли синф — дарс бурда мешаванд.

2. Машғулотҳое, ки дар шакли амалӣ ва корҳои таҷрибавӣ бурда мешаванд.

Машғулотҳое, ки дар шакли синф — дарс бурда мешавад, дар худ баёни пайдарпаии маводи ҳаррӯзаи таълим, истифодаи усулҳои гуногун, баҳисобгирии мунтазамии дониш, одат ва малакаи хонандагон, ба кори мустақилона омӯзонидани мактабиёнро фаро мегирад.

Машғулотҳое, ки дар шакли амалӣ ва корҳои таҷрибавӣ бурда мешаванд, дар шароити берун аз синф, устохонаи таълимӣ, участкаҳои таҷрибавӣ ва майдонҳои киштзори деҳаҳо, тавассути экскурсияҳо ба вуқуъ мепайванданд.

Дидактикаи замони ҳозира дар давоми бисёр сол аз ҳисоби қоидаҳои ғуншудаи таълим, дастовардҳои илму фан, таҷрибаҳои пешқадам ғановатманду бой мегардад. Аммо та-

моми ҷиҳатҳои ҷараёни таълим, мазмун, тарзу усул, восита ва шаклҳои он, муносибати ба ҳамдигар доштаи онҳо бояду шояд, ба таври дилхоҳ кушода дода нашудааст, ҳамаи ин дар амал аз қоидаҳои дидактикӣ истифода бурданро душвор мегардонад. Вазифа ва эҳтиёҷоте, ки дар назди мактабҳо гузошта шудаанд, ҳаминро тақозо дорад, ки сифати таълим ва тарбияи хонандагон беҳтару хубтар гардад.

Муаллим чунин ҷараёни таълимро бояд дидаю дониста интихоб намояд, ки ба шароити муайян ва имкониятҳои худ хеле созгор ояд, муфиду фоидаовар бошад. Ин кор пеши роҳи интихоби кӯр-кӯронаи ҷиҳатҳои муҳими дарсро мегирад, намегузорад, ки идора кардани дониш, одат ва малакаҳои хонандагон, ҷараёни назорат кардани он ба ҳоли худ гузошта шавад.

***Талабот ба дарс.*** Дарс, навъе, ки дар боло гуфта шуд, шакли тағйирнопазир, шахшудамондаи ташкил намудани таълим нест. Амалиёти таълим ва тафаккури педагогӣ доимо роҳҳои такмил додани онро ҷустуҷӯ дорад.

Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои гуногун дарс бояд ҷавобдеҳи талаботи зерини дидактикаи умумӣ бошад:

1. Ҳар як дарс барои ба амал баровардани як мақсад ва пухта ба нақша гирифта шавад.

2. Ҳар як дарс тамоили мустаҳками ғоявию сиёсӣ дошта бошад.

3. Ҳар як дарс бо ҳаёт, бо амалиёт иртиботе дошта бошад.

4. Ҳар як дарс бо истифодаи самаранокии тарзу усулҳои гуногун, воситаҳои ҳархела бурда шавад.

5. Ҳар соат ва дақиқаҳои барои дарс пешбинишударо сарфакорона истифода кардан, аз онҳо бо чашми кордонӣ фоида бурдан лозим.

6. Дар ҳар як дарс фаъолнокии муштакари муаллим ва хонанда бояд таъмин карда шавад.

7. Дар дарс вобаста ба мазмуни маводи таълим бояд шароити истифодабарии асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникӣ ва компютерҳо фароҳам оварда шавад.

8. Дар баробари бо иштироки тамоми синф бурдани машғулот, бояд хусусияти индивидуалии ҳар як хонанда, афзудани корбарии мустақилонаи ҳар кадоми он ба ҳисоб гирифта шавад.

9. Дар ҳар дарс бо тақозои характери мавзӯъ ба мероси бойи педагогии ҳалқ рӯй оварда, имконияти аз ин сарвати маънавӣ истифодабарӣ ҷустуҷӯ карда шавад.

***Навъҳои шакли синф-дарс ва сохти онҳо.*** Машғулоти муташаккиле, ки баёни мазмуни яксоатаи маводи дастур пешбинӣ шудааст у он аз рӯи мақсад ва талаботи дидактикӣ бурда мешавад, навъҳои дарс ном дорад.

Навъҳои дарсе, ки дар низоми таълим хеле бисёр истифода мешаванд инҳоянд:

1. Дарси баёни донишҳои нав.
2. Дарси мустаҳкам кардани маводе, ки гузашта шудааст.
3. Дарси тафтиш ва баҳогузории дониш, малака ва одати хонандагон.
4. Дарсҳои такрорӣ-ҷамъбасткунанда ва муқаддимавӣ.
5. Дарси омехта (якбора истифода бурдани навъҳои дарсе, ки зикр шуданд).

Сохти муайян ва хусусиятҳои ба худ хоси ҳар як навъи дарс вуҷуд дорад ва ин ҷиҳат ба он мусоидат мекунад, ки муаллим маводи таълимро дуруст ва самаранок шарҳу маънидод кунад, чизи гузаштааш дар хотир мустаҳкам бимонад, такрор ёбад ва маводи таълимдодашуда ҳазм гардида, назорат карда шавад.

Дар навъи муайяни дарс, ки машғулот бурда мешавад, унсурҳои дарсҳои навъи дуюм, ҳатто сеюм вуҷуд дошта метавонад. чунки, дар мактабҳо яке аз навъҳои бисёр истифодашаванда, ин дарси баёни донишҳои нав мебошад. чунин навъи дарс ба қарори зайл сохта мешавад:

а) баён кардани донишҳои нав;

б) мустаҳкам намудани донишҳои нав;

г) машқ бар болои донишҳои нав;

д) алоқамандона бо донишҳои нав, супориши вазифаи хонагӣ.

Аз ин бармеояд, ки дарс саропо бо навъи як дарс бурда намешавад, балки дар ин дарс баробари баёни дониши нав, унсурҳое ба монанди мустаҳкам кардани он (унсури дар ин навъи дуюм гузаронидани саволу ҷавоб), гузаронидани машқ бар болои донишҳои нав (унсури дар ин навъи сеюм — ҳалли масъала ва мисолҳо, таҳлили грамматикӣ, бурдани корҳои графика), супориши вазифаи хонагӣ (унсури дарси дигар фаҳмонида додан, нишон додани роҳу равиш ва ҳоказо) ҷой доштанаш мумкин. Вале сарфи назар аз ин мурод аз дарс ба хонандагон додани дониши нав буда, ба ин тамоми усулҳои дидактикӣ тобеъ кунонида мешавад. Аз ин ваҷҳ чунин дарсро дарси додани дониши нав гӯянд.

Ҳангоми гирифта бурдани навъи муайяни дарс унсурҳои навъи дигари дарс метавонад ҷой дошта бошад ва дар айни замон метавонад сохтори навъи дарси асосиро созмон диҳад. Пас аз ин бармеояд, ки сохти дарс сохтори ин ё он навъи дарс, қисмҳои ҷудогонаи онро мефаҳмонад.

Вале ҳар як қисми сохтори навъи дарс, аз ҷумла усули дидактикӣ, сохтори дарс шуда наметавонад. Он дар сурати алоқаманд будан бо усули таълим сохти дарсро ташкил карда метавонад. Яъне баробари дигаргуншавии сохтори дарс усули дарсгӯӣ ҳам тағйир меёбад. Пас, аз ҳамин қисми дарс сар карда шакли дарс, усули он дигаргун мешавад, моҳияти нав касб мекунад, таҷдид меёбад. Бо ин марҳилаи нави дарс шурӯъ мешавад.

Маънои марҳилаи дарс ин аст, ки сохтори дарс аз яке ба дигаре мегузарад ва тавассути ин шакли дарс ва усулҳои он (тарзи таълим) тағйир меёбад.

Масалан, сохтори нави дарси омехта:

1. Пурсидани вазифаи хонагӣ, тафтиш кардани он.
2. Баён кардани маводи нав.

3. Мустаҳкам кардани маводи нав.

4. Супоридани вазифаҳои хонагиро дар бар мегирад. Дар ин маврид:

а) муоинаи вазифаҳои хонагӣ бо роҳи сӯҳбат (саволу ҷавоб), ҳалли мисол ва масъалаҳо бурда шуданаш мумкин. Ин қисми 1-уми сохтори дарс, марҳилаи якуми дарс мебошад;

б) муаллим ҳангоми баёни маводи нав аз усулҳои ба монанди фаҳмонидан, ҳикоя, маърӯзаи мактаб, сӯҳбат фоида бурда метавонад. Ин қисми дуюми сохтори дарс, марҳилаи дуюми дарс мебошад;

в) дар ҷараёни мустаҳкам намудани маводи нав аз усули сӯҳбат, машқ кунонидан, бо китоб кор бурдан истифода кардан мумкин. Ин қисми сеюми сохтори дарс марҳилаи сеюми дарс аст;

г) ҳангоми супоридани вазифаҳои хонагӣ аз усули фаҳмонида додан, сӯҳбат истифода кардан мумкин. Ин қисми чаҳорумин сохтори дарс марҳилаи чаҳоруми дарс мебошад.

Навъҳои дарсе, ки аз хусуси онҳо дар боло сухан рафт, ҳама мисли оне ки сохтори худро дорад, ба марҳилаҳои муайян низ ҷудо мешавад.

Дар синфҳои ибтидоӣ ва V—IX бештар навъҳои дарси омехта, мустаҳкам намудану дониш додан, тафтиши одату малака истифода мешавад. Дар синфҳои болоӣ бошад, бештар аз навъи дарси баёни донишҳои нав, такрориву ҷамъбасткунанда истифода мебаранд. Одатан, ҳангоми гузаштани дарси такрору ҷамъбасткунанда зарур аст, ки барои тайёрӣ дидани хонандагон вақт ҷудо карда шавад, аз рӯи маводи машғулоти пешина саволҳо гузошта шавад, руйхати адабиёти истифодашаванда пешниҳод гардад.

**Дарс-лексия**

Дарс-лексия бо усули фаҳмонидан ва намоиши факту далелҳо, воқеаю ҳодисаҳо гузаронида мешавад, ки ба мазмуни дарс алоқадор бошад. Зимни нақл кардани мазмуни

лексия вобаста ба мавзӯъ аз портрет, расмҳо, кинофилмҳо, пластинка, гуфторҳо ва экспонатҳои музей истифода бурдан мумкин аст. Лексия аз рӯи нақша таҳия мешавад.

Пас аз нақл дар муддати 35—37 дақиқа дар назди хонандагон муаммоҳо гузошта, ҳалли онҳо талаб карда мешавад. Ин намуди кор асосан барои синфҳои болоӣ пешбинӣ шудааст.

**Дарс-семинар**

Мақсади ин намуди дарс ба хонандагон дониши чуқур дода, аз адабиётҳои иловагӣ истифода бурданро омӯзонидан, нутқи шифоҳии хонандагонро инкишоф додан аст. Ин намуди дарс ҳам дар синфҳои болоӣ гузаронида мешавад. Семинарро худи муаллим бо сухани муқаддимавӣ оғоз мекунад. Мавзӯъ, мақсад ва аҳамияти семинарро мефаҳмонад. Баъд шогирдон ба муҳокимаи нақшаи семинар шурӯъ мекунанд.

Ба семинархо 2—3 ҳафта тайёрӣ дида мешавад. Миқдори чунин машғулотҳо ба мазмуни мавзӯъ ва ба вақте вобастагӣ дорад, ки барои гузаштани он вақти муайян ҷудо кардаанд. Хонандагон дар машғулотҳо ахборот медиҳанд; ба ахборот ба ашёи гуногуни аёниятро илова мекунанд. Дар муҳокимаи масъала тамоми хонандагон иштирок мекунанд. Барои ба семинар тайёрии пухта дидан муаллим аёнӣ як вазифаро ба ҳама ва ё чанд нафар хонанда доданаш, пеш аз саршавии машғулот маърӯзачиро таъин карданаш мумкин.

**Дарс-мубоҳиса**

Ин кор бо мақсади равнақи фаъолияти эҷодии хонандагон гузаронида мешавад. Мубоҳиса асосан дар синфҳои болоӣ гузаронида шуда, дар атрофи барномаи таълим сурат мегирад. Ин шакли дарс ба ташаккули малакаи пеш бурдани баҳсу мунозира кӯмак мерасонад.

**Дарс-конференсия**

Бо мақсади ривоҷ додани фаъолияти эҷодкории шогирдон ва инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии онҳо дарс-конференсия ташкил карда мешавад. Барои тайёрӣ ба кон-

ференсция хонандагон чанд ҳафта вақт дода мешавад. Мавзӯъ ва ҳаҷми маърӯза муайян карда мешавад.

Саҳнаро бо портрет, расмҳои гуногун, шоҳбайтҳо, харитаҳо, намоишгоҳи асарҳо ва кори эҷодии хонандагон оро додан мумкин.

**Даср-клуби хозирҷавобон (КВН)**

Ин навъи дарс барои мустаҳкам намудани дониш, қувваи ҳофиза ва инкишофи нутқи шифоҳии шогирдон мусоидат мекунад. Дарсро худи хонандагон мегузаронанд. Онҳо ба гурӯҳҳо тақсим шуда, ҳар кадом як қисми асосии мавзӯъро тайёр мекунанд. Дар асоси он саволу ҷавобҳо мегузаронанд. Дарс шакли баҳсу мунозирaро мегирад.

Хулоса, демократикунонии фаъолияти муаллимон ва хонандагон пеш аз ҳама ба такмили машғулиятҳои тарбияви, ки асосан дар ҷараёни дарс ба амал бароварда мешавад, дахлдор аст.

**Ташаккули машғулотҳои шакли синф-дарс**

Муваффақияти ҳар як дарс аз бисёр ҷиҳат ба дуруст ташкил кардани машғулот вобаста аст. Дар мактабҳо даври саршавии дарсро чун дақиқаҳои ташкилии дарс ба забон мегиранд. Дуруст аст, ки як қисми хурди ташкилии дарс ҳам вуҷуд дошта бошад. Вале ин ҳол набояд ба ягон марҳилаи шакли дарс ва ё сохтори он дохил шавад. Дар дақиқаҳои ташкили мушоҳидаи тайёрии синф муҳим аст.

Муаллимони пуртаҷриба фурсатро аз даст надода, кори худро фавран сар мекунанд. Дар айни ҳол дар назди муаллим ду вазифа гузошта мешавад: ба худ ҷалб намудани диққати хонандагони тамоми синф ва таъмин намудани ин, ки ҳамаи хонандагони синф ба зуди ба машғулот фаъол дохил шаванд.

Мақсади асоси аз ташкил додани дарс ва гирифта бурдани он, таъмин намудани самаранокии ҷараёни таълим мебошад. Барои ин:

а) баробари таъкид кардани мақсади мавзӯи таълими, хонандагон бояд ба идроки фаъоли маводи хониш сафар-

бар шаванд. Яъне маводе, ки муаллим баён кардааст, ба он мусоидат кунад, ки хонандагон бобати он мустақил фикр ронанд, ба дидаю дониста азхуд намудани он кӯшиш ба кор баранд;

б) дар давоми вақти ҷудокардашуда муаллим баробари баёни пайдарпай муназзам шавад ва ҳатман ба он дастёб шавад, ки оиди мавзӯъ низ ба таври мустақил кор бурда тавонанд. Таъмини ин ҷиҳати масъала хеле муҳим аст.

Муаллим дар рафти баёни маводи дарс ба хонандагон бояд саволҳое гузорад, ки дар он вазъияти аниқ фикр кардан ба вуҷуд ояд ва хонандагон бо роҳи пурсуҷӯ фикрронӣ ва ҷустуҷӯи маводи таълимдодашударо пухта азхуд мекардагӣ шаванд. Дар ин маврид ҷамоаи синф ва хусусиятҳои ба худ хоси ҳар як хонанда бояд ба ҳисоб гирифта шавад; .

в) дар ҳоли ҳозир ба ҳолатҳои вақти зиёдро сарф карда муайян намудани дониши хонандагон ва баҳогузории он хотима дода мешавад, ба ҳодисаҳои маҳдуд кардани баёни донишҳо ва мустаҳкам гардони мавзӯи дарсҳои гузашта аз ҷониби хонандагон роҳ дода намешавад. Дар ҷараёни донишҳо фаъолиятмандии хонандагон (машқҳои даҳонӣ ва хаттӣ, корҳои лабораторию таҷрибавӣ, корҳои эҷодии мустақилона) бояд ба кор андохта шавад. Ин дар навбати худ ба он хидмат мекунад, ки хонандагон донишҳои пеш азхудкардаашонро ба кор андозанд ва барои арзёбии дуруст имконияти калон ба вуҷуд оранд;

г) бобати ба таври мустақил фикр рондани мантиқии хонандагон, тарбия намудани суботкориву ироданокӣ, инчунин инкишоф додани маданияти нутқ (ҳусни одоб), бо одат ва малакаҳои дахлдор мусаллаҳ намудани онҳо кори мустақилона бояд дар маркази диққат бошад, ҷараёни дарсро мувофиқи ҳамин мақсад созмон додан дар мадди назар бошад;

д) дар ҷараёни дарс алоқамандии маводи таълими ҷориро бо фанҳои дигар нишон додан низ аҳамияти ҷудогона дорад.

***Семинар ва машғулотҳои шакли корҳои амалию таҷрибавӣ.*** Машғулотҳои семинарӣ чунин шакли таҳсилу тадрис аст, ки хонандагон тавассути он ҷиҳатҳои муҳими мавзӯъро ба нияти амиқ омӯхтани мустақилӣ ба кор мебаранд, минбаъд бо иштироки шарикдарсон ҷамоа шуда онро муҳокима менамоянд.

Қабл аз омӯхта шудани мавзӯъ муаллим барои хонандагон саволнома ва супоришҳо тартиб медиҳад. Дар машғулоти муқаддимави ӯ хонандагонро мухтасар бо мазмуни мавод, характери кори иҷрошаванда шинос мекунад, барояшон аз рӯи мавзӯи ҳар як семинар супориш медиҳад ва барои тайёрӣ дидан руйхати адабиётро пешниҳод мекунад. Дар ин маврид тамоми хонандагонро лозим аст, ки минимуми маводи иҷбории дар барнома-дастур пешбинишударо кор карда бароянд.

Машғулоти семинар бо роҳбарии муаллим гузаронида мешавад, ӯ кори хонандагонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, саволномаҳои мавзӯъро ҷамъбаст менамояд, иловаҳои зарурӣ, дигаргуниҳо дохил менамояд, маводро ба низом медарорад. Ба хонандагоне, ки маърӯза карда, дар муҳокимаи он иштирок кардаанд, баҳо гузошта мешавад.

Афзалияти ин усул дар он зоҳир мегардад, ки баробари ба дарс ҷалб кардани эътибори хонандагон мароқи онҳо ба дарс меафзояд, малакаи аз болои худ кор кардан пайдо мешавад, тарзи фикру мулоҳизаронӣ омӯзонида мешавад, фаъолиятмандиашон дар дарс назаррас мегардад ва қобилияташон такмил меёбад.

Машғулотҳои таҷрибаи амалӣ навъи машғулоти хориҷӣ низоми синф-дарс буда, он дар хонаи махсуси ҷиҳозонидашуда ва ё дар участкаи таҷрибавии ҷудогона, инчунин дар объекти муайяне, ки бевосита ба кори таълим алоқаманд асту онро ба мушоҳида гирифтан, назорат кардан мумкин аст, гузаронида мешавад.

Асосҳои назариявии машғулотҳои амалӣ дар синф таълим дода шуда, дастурҳо ва нишондиҳандаҳои ба ташкили

машғулот алоқаманд дар китъаҳои замин ва ё дар ҷои ба мазмуни машғулот оид дода мешаванд.

Меҳнати иҷтимоию фоиданоки хонандагони синфҳои X—XI дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ, майдонҳои пахта, соҳаи боғдориву чорвопарварӣ бурда мешавад, дар асоси бригада ба амал бароварда мешавад. Вале мазмун ва ҷиҳатҳои ташкил намудани он хеле мураккаб ва ҳархела аст.

***Машинаҳои электронии ҳисоббарор дар ҷараёни таълим.*** Компютерҳо ба ҷараёни таълими мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна амиқтар сар фуру бурда, татбиқи суръатнокии он сол аз сол меафзояд. Дар солҳои охир микдори барнома-дастурҳое, ки ба бозори ҷаҳон бароварда шудаанд, чандин ҳазорро ташкил дода бошад, компютерҳое, ки барои истифодаи доими пешбинӣ шудаанд бешуморанд, ҳадду ҳисоб надоранд.

Бо тақозои такомулёбии МЭҲ дар мактабҳои олӣ ва миёнаи таълими ҳамагонӣ тарзи истифодаи онҳо дар се тамоил муайян шудааст:

1. Истифодаи МЭҲ барои ҳисоби ҷамъбасти корҳои лабораторӣ, сохтани модели математикӣ, ба ҳам муқобилиятгузории ҷараёнҳои мураккаб, ба лоиҳа гирифтани нақшаҳои мураккаб ва автоматикунонии тадқиқотҳои илмӣ.

2. Истифодаи як қатор барномаҳои низоми автоматии идоракунии корҳои маъмуриву идоракунӣ.

3. Истифода аз МЭҲ дар таъмини суръати афзоиши таълим ва индивидуаликунонии хониш, инчунин ривоҷ додани қобилияти эҷодии талабагон

Интихоби маводи таълим ва кор карда баромадани супоришҳо дар асоси хусусиятҳои шахсии ҳар як хонанда ба амал бароварда мешавад. Омӯзиши қисматҳои ҷудогонаи ин ё он фанни таълимиро худи таълимгиранда нишон дода метавонад. Дар ин ҳол ӯ вазифаеро, ки МЭҲ соҳаи муайяни фанро нишон додааст, ҳал мекунад.

Дар солҳои охир системаи таълими интеллектуалӣ бештар паҳн мегардад. Ба назари мо, системаҳои таълими интеллектуалӣ бо хусусиятҳои зерин характерноканд:

1. Системаҳои таълими интеллекутуалӣ танҳо ба натиҷаҳои идора кардани таълим не, балки дар ҷараёни ҳалли масъала низ ба амал бароварда мешавад.

2. Таълим ба забони содда бурда мешавад, ба нақша гирифтани хатту ҳаракат, стратегияи таълим муҳокима карда мешавад.

3. Модели таълимгиранда дар ҷараёни таълим муайян мегардад.

4. Системаи мазкур қувваи таъсиррасонии асосӣ ва ёридиҳадаро дар ҳоли тайёр намегирад, балки онҳоро кор карда мебарояд.

Ҳангоми арзёбии афзалияти чунин системаҳо имкониятҳо, таҷрибаҳо бо фаъолияти педагог қиёс карда мешавад.

Дар мавриди ба зиммаи компютер вогузоштани марҳилаҳои таълимдиҳӣ, функсияҳои таълим барои ба амал баровардани таҳлили муфассали функсияҳои мазкур, пеш аз ҳама, параметрҳои асосии инъикоси фаъолияти хонишро ҷудо карда нишон додан лозим аст. Ин ҳол, дар навбати худ, тадқиқи мазмуни фаъолияти хониш ва ҷаҳонбинии оператсионии он хусусиятҳои ба инъикоси ҷараёни фаъолияти хониш ҷалб кардани таълимгирандагон, масъалаҳои хонишро муфассал таҳлилу тасниф кардан, инчунин таъсири ёрирасони таълимро тақозо дорад. Барои сохтани системаи таълими компютерӣ, пеш аз ҳама, таснифи дақиқи саволномаҳоро додан лозим. Ба назари мо, саволномаҳоро бо тамоюли зерин тасниф кардан хеле муҳим аст: саволи гузошташуда ба кадом синфи масъалаҳои хониш мансуб аст, саволи мазкур ба кадом ҷиҳати фаъолияти хониш нигаронида шудааст; савол аниқ аст ва ё ноаниқ; он кадом навъи фаъолиятмандиро ба дастур медарорад; дараҷаи умумӣ, ҷомеъ будани саволномаҳо дар назар дошта мешавад.

Системаи мазкур аз навъҳои усулҳои таҳлил намудани ҷавоб, калима ва воҳидҳои фразеологии муҳим, эталонҳо, ифодаҳои шакливу зоҳирӣ истифода мебарад. Таҳлили

системаҳои таълим ба ҳамин чиз бисёр дучор омада, вайроншавии оидаҳои психологиро дар тартиб додани мулоқот нишон додаанд ва онҳо инҳоянд; аз меъёр зиёд ва кам ёрдам додан; аз ҳад зиёд ба тартиб даровардани фаъолияти таълимгиранда; мулоқоти зиёдатии ёрирасон; аниқ пай бурдани баҳогузорӣ; асоси сатҳӣ доштани ёрдам; аз ҳад зиёд қатъӣ будани ҷавобҳо ва ҳоказо.

Навъе, ки дар боло гуфта шуд, технологияи таълимдиҳӣ ҳалқаи восилаи байни назарияи умумии таълим бо татбиқи амалии он аст.

Дар шароитҳои истифодабарии МЭҲ технологияи мазкур тавассути барнома-дастурҳои таълимдиҳанда ба амал бароварда мешавад. Аз ин сабаб ба лойиҳа гирифтани масъалаҳои психолого-педагогӣ гурӯҳи саввуми муаммоҳоро ташкил медиҳад. Дар ҷараёни хониш барои ин, ки аз компютер самаранок истифода бурда шавад, муаммоҳои мазкурро ҳал кардан лозим. Ҳар як гурӯҳи муаммоҳои психолого-педагогие, ки дар боло таъкид ёфт, байни ҳамдигар алоқаи узвӣ доранд. Технологияи таълим ба воситаи барнома-дастурҳои таълимдиҳанда ба амал бароварда мешавад.

Таълими мунтазам ва пайдарпае, ки барои мақсади ченшавандаву диагностикӣ пешбинӣ шудааст, дар таълими технологӣ ҷиҳатҳои ба худ хоси баҳогузариро муайян карда медиҳад. Туфайли ин ки мақсади таълим ба тарзи диагностикӣ ифода ёфтааст, рафти хониш чун эталон ба нишонаҳои он нигаронида шуданаш мумкин. Дар ҷараёни таълим баҳогузории ҷорӣ нақши аксулолаҳоро мебозад ва ба эталон мақсад итоат кунонида мешавад. Агар ба мақсади ба нақша гирифташуда муваффақ нашавад, дар ин ҳол натиҷаҳои назорати ҷорӣ зарурияти ба ҷараёни хониш тасҳеҳоти дахлдор даровардaнро ба миён мегузорад ва дар ин бора маълумот медиҳад.

Аз ин рӯ, дар ин маврид баҳогузории ҷорӣ ташаккулдиҳанда ҳисоб меёбад ва одатан он бо баҳо итмом намеёбад. Хонандае, ки аз баҳогузории ҷорӣ андешаву муло-

ҳиза бардоштааст, хусусияти мазмунӣ дошта, ин ҷиҳати масъала ба ҳамин мусоидат мекунад, ки фаъолияти таълим аз нав ташкил карда шавад. Баҳои ҷамъбастӣ (он номи маҷмӯъ-суммативиро гирифтааст) дар баллҳо ифода меёбад.

Баҳогузории ҷамъбастӣ низ мисли баҳогузории ҷорӣ ба тарзи диагностикӣ дар асоси нишонаҳои эталони мақсади гузошташуда гузаронида мешавад ва аз ин сабаб ба характери критериалӣ молик мебошад. Тамоми ҷараёни таълим низ ба тамоилоти дахлдор молик мешавад.

Ба мақсади дар хонандагон ташаккул додани баҳогузории ҷорӣ аз рӯи ҳар як бахши фан корҳои тафтишоти (тестҳо) тақдим мегардад. Мақсади чунин корҳо аз он иборат аст, ки душвориҳои дар хонандагон пайдошаванда бо тезӣ бартараф карда шаванд.

Яке аз вариантҳои чунин тестҳо — саволномаҳоест, ки маводи як бахшро пурра фаро мегирад. Дар шафати ҳар як савол барои интихоб иборат аз 4—5 вариант ҷавобҳо дода мешавад. Онҳо одатан бо ҳарфҳои А, В, С, Д, Е муайян карда мешаванд. Ҷавобҳо ба варақа — бланкаи худтафтишкунӣ дохил карда мешаванд. Баъди пур карда шудани варақа — бланка хонанда тести мазкурро бо эталон муқоиса намуда тафтиш карда мебинад, ҷавоби нодурусти ҳар як саволро низ фаҳмида мегирад.

Навъе ки Б.Л.Фарберман таъкид кардааст, се роли мусовӣ-паралелли кор карда баромадани супоришҳои тест мавҷуд аст. Онҳо аз инҳо иборатанд:

— роли ба вазифаҳо асосёфта (мақсадҳои таълими идентификатсия шаванда);

— роли ба таксономияи Б.Блум асосёфта;

— роли ба таксономияи Б.Блум асосёфтае, ки ба мақсади таълими идентификатсияшаванда гузаштан мумкин аст.

Сарфаи қувва барои таҳлилу ба тартиб даровардани мақсадҳои таълим мисли оне, ки мағз андар мағзи ҷараёни таълим ҷо ёфта ба нақша гирифта шудааст, ҳамзамон мо-

нанди назорат бурдану баҳо гузоштан ҷиҳати муҳими фаъолияти муаллимро фаро гирифта, ин ҳама натиҷаи матлуб хоҳад дод.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Калимаи “дидактика” чи маъно дорад?
2. Моҳияти таълим чист?
3. Мазмуни маълумот аз чи иборат аст?
4. Усулҳои таълимро номбар кунед.
5. Шаклҳои ташкили таълим чанд намуд доранд?
6. Дарс-синф кай ва аз тарафи ки ҷорӣ карда шудааст?
7. Талабот ба дарсҳои ҳозира аз чи иборат аст? Технологияи нави педагогӣ чи аҳамият дорад?
8. Навъҳои нави шакли дарс-синф аз чиҳо иборатанд?
9. Дарсҳои амалӣ чи аҳамият доранд?
10. Дар бораи МЭҲ маълумот диҳед.
11. Аҳамияти компютер дар таълими ҳозира.

# БОБИ X

# НАЗАРИЯИ ТАРБИЯ

## Моҳияти ҷараёни тарбия

Назарияи тарбия ҷузъи фанни педагогика буда, масъалаҳои моҳият, усул ва ташкил намудани онҳоро меомӯзад. Ба рӯзгори ҷомеа аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ дар муомилаю муносибат будан, аз нав дида баромадани тарбияи насли наврасро ба миён мегузорад, ки он пояи камолотро тадриҷан мепаймояд.

Назарияи тарбия бо қисмҳои ҷудогонаи педагогика: асосҳои умумии педагогика, назарияи таълим, шинохти мактаб дар алоқаи узвӣ мебошад.

Моҳияти ҷараёни тарбия робитаҳои дохилӣ ва мутаносибатҳоеро инъикос менамояд, ки хоси ҷараёни мазкур буда, холо дар қонуниятҳои муайяни чунин ҷараён чашмрас мешаванд.

Дар педагогикаи муосир арзиши тарбия бо таъсири оддии тарбиятгар ба тарбиятшаванда муайян нагардида, балки ба мақсади тарбия нигаронида шудани майли ҳарду ҷониб, муносибати ҳамкории ҳар ду тараф, таъсири мутақобилаи онҳо муайян карда шуда, ин ҷиҳати масъала алоҳида таъкид меёбад.

Дар ҷараёни тарбия қобилиятҳои гуногуни инсон ривоҷ меёбад, хислатҳои ғоявӣ, ахлоқӣ, дорои иродаи қавӣ будан ва эстетикии шахс шакл мегирад, муносибати муайяни ба табиату ҷамъият доштаи инсон, яъне муназзами таркиб меёбад, нерӯ ва қувваи ҷисмонӣ мустаҳкам мегардад.

Бача таҷрибаҳои калонсолонро на ба тарзи суст, балки ба тарзи фаъол азхуд мекунад: дар чунин азхудкуни кӯшиши бошуурона аҳамияти калон дорад. Агар фаъолиятмандии тарбияшавандагон ба дараҷаи муайян набошад, пас онҳо таҷрибаву донишро аз худ карда наметавонанд. Баробари калон шудани синну соли бача чунин фаъолнокӣ хусусиятҳои мустақилро соҳиб мешавад: тарбияшавандагон ба он одат мекунанд, ки дар худ ҷаҳонбиниро ташаккул бидиҳанд, аз пайи такомулоти маънавии худ бишаванд, ба ҳар он ҷо, ки дар табиату ҷамъият ва рӯзгори ҷомеа руй медиҳад, дар муносибати танқидӣ бишаванд, руйдодҳоро ба таври мустақил мулоҳиза карда бинанд.

Равшанзамирон ва хирадмандони давру замонҳои гуногун ба масъалаи тарбия баҳои баланд додаанд. Маҳз аз ҳамин ҷост, ки ғояҳои тарбияи насли наврас, омӯхтани илму ҳунар ва тарбияи ахлоқу одоб ҳанӯз дар замонҳои кадим пайдо шуда, аввал дар эҷодиёти даҳонакии ҳалқ ва баъдтар дар баъзе асарҳои давраҳои то ислом ифода ёфтаанд. Шоирони пешқадами давраҳои гузашта, ки ба ҳалқ наздик буданд, он ғояҳои тарбиявии ҳалқро дар эҷодиёти худ акс кунонидаанд. Бузургии он шоирон дар ҳамин буд, ки онҳо ақлу хирад ва ахлоқу одобро беҳтарин сифатҳои инсонӣ ва воситаи пешрафти ҷамъият мешумориданд ва адолатро бе ҳамин сифатҳои инсонӣ тасаввур карда наметавонистанд.

**Қоидаҳои тарбия**

Кори муҳим ва асоси тарбия ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифа ба оила низ вобаста мебошад ва тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақили оилавӣ аз ҳама пеш вазифаи падару модарон аст. Кӯдаки маъсуми навзод, ки баъзан ӯро ниҳоли наврас, лой ё хамири навошӯрда монанд мекунанд, дар оила чашм кушода, оламро мебинад, падару модар, хешу таборашро мешиносад, табассум кардан, хестану нахустин қадам гузоштан, давидану аф-

тидан меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроти ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар бо таъсири бевоситаи онҳо шакл мегирад, вобаста ба мусбӣ ё манфӣ будани онҳо мусби ё манфӣ мешавад.

Вақте ки кӯдак аз вуҷуди модар ҷудо шуда, "мустақилона" дар арсаи ҳаёт пайдо мешавад, бисёр хислатҳои одамиро чун мерос бо худ мегирад. Ҳиссиётҳои аввалине, ки дар кӯдакон зуҳур мешавад, "хӯрда" (хӯрок ва хунук) "нӯшидан", "хобидан" аст. Инҳо ҳиссиёти табиии онҳост. Қонеъ нашудани онҳо ба воситаи "бонги хатар"-и гиря зоҳир мегардад. Навзод ҳоло забон ва адаб надорад. Инҳо маҳсули таҷриба ва тарбия мебошанд. Аммо мушкилоти асосӣ ё решагии тарбияи одами дар кӯдак ҳамин аст, ки ҳиссиётҳои табии, "ҳайвонӣ" ё нафсонии он объективан ба тарбияи иҷтимоӣ-ахлоқии он мамониат мекунад. Ин масъалаи бисёр мураккаб аст.

Мутаассифона, ҳамин қонуният дар илм пурра тадқиқ, ва дар амалия (ба одамон) татбиқ нашудааст. Гап дар он аст, ки аз рӯи қонунияти табиӣ организми кӯдак мисли ҳар мавҷудоти зинда моил ба он аст, ки бе ягон мамониат ҳамеша аз ҷиҳати хӯрокӣ, пӯшокӣ, нӯшокӣ орому осуда бошад. Бинобар ин ҳар гуна мушкилоти дар ин "роҳ" ба ӯ пеш оянда боиси нороҳатӣ, пас боиси хашму ғазаби ӯ мегардад. Тибқи ҳамин қонуният аст, ки ҳамаи одамон чун қоида (истисно низ ҷой дорад) барои таъмини талаботҳои нафсони-ҷисмонии худ, сӯи мақсадҳои дуру наздики худ ҳамеша аз тариқи осонтарин васоит, кӯтоҳтарин роҳ, камтарин вақт ҳаракат мекунанд ва агар он чизҳо муфт муяссар мешуда бошанд, даст ба пешаи заҳмат намезананд. Вале илоҷи дигар, ҷуз меҳнат надошта, ночор аз ҳамин роҳи заҳмат ё меҳнат мераванд.

Ба таъбири дигар, майли ҷисм ва талаби нафс бар он аст, ки ҳар чӣ зудтар ва ҳарчӣ беҳтар вай қонеъ шавад; ба ҳар чизе ки хилофи ин аст, муқобилият мекунад. Барои қонеъ гаштани майлу рағбат, эҳтиёҷу талаботи кӯдак садҳо чизҳо ҳалал мерасонад. Дертар шир додани модар, зуд-

тар сари даст нагирифтан ва умуман ҳар хел майлу рағбати пайдокардаи кӯдакро дарҳол қонеъ накардан боиси хашму ранҷиши он мегардад.

Ин ҳолат якчанд сол давом карда, як одати бад ва як чизи муқаррарӣ шуда мемонад. Ҳамаи ин, ки то фаро расидани давраи тарбияи бохирадона (тақрибан аз 5-солагӣ) сурат мегирад ва чун одат, ки "табиати дуюм" ҳисоб мешаваду қувватдиҳандаи нафсӣ-ҷисмонӣ мебошад, дар навбати худ боз дар муқобили тарбияи маънавӣ, бохирадона қарор мегирад. Ба ибораи дигар гуем, кӯдак "табиатан" дар худ хеҷ майлу хоҳиши ба касе "чизе" додан, бахшише намудан надорад. Ҳатто бозичаи ночизашро бебозгашт ба кӯдаке нахоҳад дод. Ин қонуни нафсонияти ӯст.

Мушкилоти тарбия ҳам маҳз дар он аст, ки бояд як одати фавқулодаи тамоман бархилофи табиати нафси ӯ бударо бар вай одат кунонидан. Ба таъбири Рудакӣ, бояд ӯро бар сари нафси худ амир бисозем. Одати танҳо аз пайи нафси худ рафтан, ки барои ӯ табиист, хеҷ, набошад "то нисф" кам намуда, расми "барои дигарон" ҳам саъй карданро омӯзем. Танҳо сабукию оромии кайфияти худро одат накарда, барои дигарон, ки дар навбати худ барои ӯ коре кардаанду мекунанд, низ ташвише, заҳмате бикашад. Ва ин бар ӯ бояд одат бишавад. Одати хуб, нек!

Албатта, барои тарбияи самарабахш пеш аз ҳама хусусиятҳои психологии кӯдакону наврасонро донистану ба инобат гирифтан зарур аст. Қонунияти сабзишу парвариши кӯдакон хеле марғуб буда, аз калонсолон — тарбиягарон диққату эхтиёти ҳамешагиро тақозо мекунад. Дар синни навзоди ва кӯдаки бачаҳо (духтарҳо) қобилияти модарзоди худро инкишоф медиҳанд. Ин ҷараёни ниҳоят босуръат буда, онро идора кардан, роҳбарӣ намудани калонсолон ниҳоят эарур аст: пеш аз ҳама барои он ки ин ҳаракату амалиёт самти номатлуб нагирад, ба нафъи худи кӯдаку оилаю ҷамъият равона бошад. Масалан, дар ин марҳилаи инкишофи кӯдак ба вай имконияти бозиҳои мазмундору мақсаднок фароҳам овардан лозим. Қобили-

яти иҷрои бозиҳои оддитарини ба мақсад ва нигаранда дорад. Бозӣ (бозичаҳо) бояд сурати ҳайвонот, асбобҳо, тасвири олотҳои техникӣ, сохтмон ва ғайра бошанд, то ки дар зимни "ҳаракат"-и онҳо, яъне бозиҳои кӯдакона, унсурҳои амалиёти мазмундору мақсаднок дар назари кӯдак намоён шаванд, ӯ бо чашми худ бинад, бо ақли худ "санҷад", ба "ҳунар"-и дасти худ баҳо диҳад, "шод" шавад, фикру андеша васеъ гардад. Бозичаҳо, ки образҳои аёнии предметҳои воқеӣ ҳастанд, дар мавриди "бозидан"-и онҳо бо дасти кӯдак дар шуури вай таассуротхо дар бораи амалиётҳои воқеъие, ки ба он вобастаанд пайдо мешавад. Дар ӯ тадриҷан, "таҷриба" пайдо гардида, оҳиста-оҳиста ба одат ва малакаҳо табдил меёбад, ки ин барои ташаккули шахсияти кӯдак ва қобилияти эҷодии ӯ бисёр мадад мерасонад.

Кӯдак дар ҳама бобат ба калонсолон: падару модар, бачаҳои кӯча пайравӣ ё тақлид мекунад. Пас ба ӯ намунаи бад шудан ё ибрати бад нишон додан лозим нест. Баръакс, дар амал намунаҳои хуби ахлоқӣ ва меҳнатиро дар пеши назарӣ ӯ ҷилвагар сохтан зарур аст. Ӯ бояд равшан бинад, ки кадом рафторҳо ва кирдорҳо хубанду аз тарафи калонсолон сазовори баҳои мусбат мебошанд ва кадом ҷиҳатҳо нохубу манфӣ, зарарноку бефоида аст. Сипас ӯро водор намудан лозим аст, ки худаш онҳоро санҷида бинад, аз сар гузаронад.

Қоидаи тарбия ба нияти беҳтару хубтар такмил намудани ҷараёни таълиму тарбия ҳолати ибтидоист, асоси роҳбарӣ кардан мебошад. Қоидаҳои тарбия ба ҳукми дастури қоидаҳое амал мекунад, ки барои муаллиму тарбиятгарҳо пешбинӣ шудааст ва барои ташаккули одами нав чун ҳаво зарур аст. Дар ин маврид меъёри қоидаи тарбия чӣ будани худро возеҳ нишон медиҳад. Қоидаҳои тарбия ба афкори файласуф ва донишмандони Машриқзамину Осиёи Марказӣ, инчунин дастовардҳои педагогикаи миллӣ истинод мекунад. Қоидаҳои тарбия хусусияти мустақили дошта, ҷиҳатҳои ба худ хос ва қонуниятҳои тарбияро дар худ инъ-

икос менамояд. Дар ҷараёни тарбия ба ин қоидаҳо амал карда шавад, пас самаранокии он афзуда, натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.

Мазмун ва моҳияти тарбия, ташкил кардани он, усулҳо ва талаботи дар назди онҳо гузошташуда маҳз дар ҳамаи қоидаҳо акси худро меёбад. Мазмуну мундариҷа, арзишу моҳият, қоидаҳои тарбия ба туфайли шароитҳои нави муносибатҳои иқтисодие, ки дар мамлакатамон бурда мешавад, вусъат пайдо мекунад, тағйир меёбад.

Барои беҳтар кардани ҷараёни тарбия, ба ҳолати ҷавобдиҳии давр овардани он, мо бояд тамоми қоидаҳо, усулҳо, ғояву омилҳоро аз сари нав дида баромадан, ба шахсияти бача диққату эътибор додан, аз таҷрибаҳои мусбати дар давоми солҳо ҷамъшуда босамар ва чашми кордонӣ бояд истифода намуд.

Ба қоидаҳои тарбия инҳоро дохил кардан мумкин аст: ба мақсади муайян равона кардани тарбия, қоидаи башардӯстӣ ва ҷиҳати демократии он, қоидаи бо ҳаёту меҳнат алоқаманд будан, қоидаи бартарии миллию маданӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ, қоидаи дар тарбия ба ҳисоб гирифтани синну сол ва маҳдудиятҳои шахсии хонанда, қоидаи пайдарҳамӣ, муназзамӣ, ваҳдату ягонагии таъсири тарбия, давомнокии он ва ҳоказо.

### Қоидаи ба мақсад нигаронида шудани тарбия

Мақсади асосии ҷомеа аз тарбия ин ташаккули шахси баркамол мебошад, ки он аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ ҳаматарафа ривоҷёфта бошад. Мазмун, шаклу намудҳои ташаккул додану усулҳои фаъолияти тарбиявӣ, барои расидан ба ҳамин мақсад аст.

Вазифаи асосии мактаби таълими ҳамагонӣ аз он иборат аст, ки то қадри имкон шахс аз лиҳози ақлӣ, ахлоқӣ, эҳсосоту андеша, ҷисмонан ривоҷ ёбад, истеъдоду қобилият аз ҳар ҷиҳат дар доираи имкон такомул ёбад. Инчунин пешбинӣ мекунанд, ки дар хонандагон ғурур ва ифтихори миллӣ, ахлоқу одоби миллӣ ташаккул ёбад.

Кори тарбиявӣ мақсади муайянро дар назар дорад ва он чараёни пайдарпаю бардавом мебошад. Дар ин раванд аксаран мақсаду вазифа якчоя ичро мегардад ва чунин ҳол дар навбати худ, пешравии ақливу ахлоқии чамоаи хонандагонро таъмин мекунад. Манфиатҳои ташаккули шахс ҳаминро тақозо дорад, ки ҳар як тадбири педагогӣ бо мақсадҳои умумии тарбия алоқаманд бошад, онро аз рӯи нақшаи муайян ва ба тарзи қатъӣ амалӣ гардонидан лозим.

Қоидаи ба мақсади муайян нигаронида шудани тарбия ба чамоаи бачагон аз он чиҳат ёрӣ мерасонад, ки онҳо истиқболи худро дида ба мулоҳиза гирифта тавонанд, ба қувва ва лаёқати хеш бовар кунанд. Агар ҳар як чорачӯии тарбиявӣ пешакӣ пухта, ҳаматарафа мулоҳизаву муҳокима карда шавад, ба амалӣ гардидани моҳияту мақсад тобеъ гардонида шавад, пас ин ҳол дарачаи ғоявию сиёсии чунин тадбирро мебардорад, усул ва воситаҳои интихобшуда мувофиқи мақсад мегардад, таъсири тарбиявӣ баланд мешавад.

**Қоидаи инсонпарварӣ ва демократӣ дар тарбия**

Мактаби таълими ҳамагонӣ ба шахси муносиби соҳиби тафаккури нави педагогӣ, муаллими пурҳунару ниёзманд аст. Равияи дониши муаллим, сатҳи маънавияти ӯ аз омилҳои пешбарандаи чомеа, қувваи муҳаррики чамъият ба шумор меравад.

Рафтори накӯ, нишасту бархост, гуфтору кирдор, тарзи либоспӯшӣ, бо муомилаи хушу неку, ба қалби хонанда роҳ ёфтани омӯзгор, хонандаро сӯи мақсадҳои оливу начиб мебарад. Дар мактаб аз чорачӯиву тадбирҳои маърифатӣ хуб истифода кардан лозим, зеро чунин амр барои муайян кардани кайфияти хонандагон, ба кадом чиз марок зоҳир намудани онҳо, қобилияти онҳо мусоидат мекунад, то ҳадди имкон ёрӣ мерасонад.

Барои дар рӯҳияи фазилатҳои олии инсонӣ тарбия намудани чавонон истифодаи осори мутафаккирону хирад-

мандони классикӣ хеле муҳим аст. Ҳоҷати баҳс нест, ки "Девони луғати турк"-и Махмуд Кошғарӣ, "Кутадғу билиг"-и Юсуф Хос Ҳоҷиб, "Ҳибалул ҳақоиқ"-и Аҳмад Югнакӣ, "Қобуснома"-и Кайковус, "Хикматҳо"-и Аҳмад Яссавӣ, "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, шоҳасарҳои Алишер Навоӣ, ҳикмат ва панду андарзҳои дигар донишмандону саромандони сухан аҳамияти хоси тарбиявӣ доранд. Аз ин рӯ, дар мактаб ҳангоми аз фанҳои гуманитариву иҷтимоӣ сабақ гирифтани хонандагон, бештар диққату эътиборро ба ин масъала нигаронидан лозим.

Демократикунонии тарбия — ин маънои аз эҳтиёҷот ва ҳавасманди боло гузоштани тарбия, ҳосил кунонидани боварӣ дар байни тарбиятгару тарбияшаванда, дар асоси ҳамкорӣ, дигаргун намудани муносибатҳои педагогиро дорад. Дар айни замон ба кори тарбия эътибори аҳли ҷамъиятро кашидан, барои рушду такомули он омили аҳли илму адабро ба кор андохтан лозим аст, ки ин хеле муҳим аст.

Дар муносибатҳои байни мардум, аҳли ҷомеа тавлиди инсонпарварӣ, байни муаллимону волидон ҳосил кунонидани иззату эҳтиром айни муддаост. Ба фикру мулоҳизаҳои бачаҳо эътибор додан, бо онҳо дар муносибати меҳрубон будан лозим. Мактаб маскани осоиштагиву саранҷомӣ, гаҳвораи меҳру муҳаббат нисбати инсон бояд бошад. Муаллими хуб сухани хонандагонро бо диққат мешунавад, онҳоро орому ботамкин мегардонад, ба ҷавобҳо баҳои муносиб мегузорад, ҳамаро бо як чашм мебинад, бачагонро дӯст медорад.

Муаллим ба хонанда мисли пештара, на ба тарзи объект, балки монанди худ ба сифати субъект дар муомилаву муносибат бошад. Яъне, омӯзгор ба шогирд на ҳамчун ба фармонбардор, балки ёвару баробарҳуқуқ, ҳамкору ҳамдаст рафтор кунад.

Демократикунонӣ ба завқу саликаи хонанда наздик кунонидани тарбия, мулоҳиза карда баромадани моҳият

ва мазмуни онро дар назар дорад, ҳуқуқи инкишофи шахс, рушду камоли инсон ва худшиносиро таъмин менамояд.

**Қоидаи бартарии арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ дар тарбия**

Хонандагонро бо арзишҳои миллӣ, маданияти кӯҳану ғановатманди Ватан шиносонидан, эҳтиёҷоти ба донишҳои фарҳангӣ ва динӣ доштаи онҳоро ташаккул додан, малакаро афзуда, торафт бой гардонидан, шакл гирондани Мафҳумҳои эстетикӣ хеле муҳим аст.

Арзишҳои маънавӣ ва ғояҳои миллӣ хонандагони гуногунмиллатро муттаҳид мекунад, дӯсту тифоқ мегардонад, дар ташкили хониш ва фаъолияти меҳнатӣ ёрӣ мерасонад.

Дар кори тарбия пурра истифода накардани таҷрибаҳои бои педагогикаи ҳалқӣ, сарфи назар кардани афкори педагогии алломаҳои бузург, урфу одатҳои ба мардуми Шарқ хос, дар ҳаёт татбиқ нагардидани анъанаҳои бой, боиси як қатор камбудиҳои соҳаи тарбия гардид.

Арзишҳои бисёрасраи ҳалқро надонистан, беэътиноӣ ба мероси маданӣ боиси он мешавад, ки худшиносии миллӣ осеб мебинад, ҳиссиёти ифтихору ғурури миллӣ номукаммал мегардад, коҳиш меёбад.

Аҷдоди мо дар давоми инкишофи таърихӣ, маданияти басо олӣ ба вуҷуд овардаанд. Сарватҳои ба вуҷуд овардашудаи маънавӣ дар тарбияи ҷавонон арзиши бузурге дорад, хидмати калонеро ба такдим мерасонад.

Асарҳои ал-Бухорӣ, ал-Хоразмӣ, Берунӣ, Форобӣ, Сино, Юсуф Хос Хоҷиб, Аҳмад Югнакӣ, Саъдии Шерозӣ, Аҳмад Яссавӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фариддуддини Аттор, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигар мутафаккирон дар хонанда хислатҳои беҳтарини инсонӣ, ахлоқи ҳамида ва рафтори писандида, бахтиёр шудан, боинсофӣ, покиву иффат, сабру матонат, меҳру шафқат, ҳифзи саломатӣ, эҳтироми падару модарро парварида, бобати ҳар як қоидаи ахлоқу одоби номбурда тасаввуроти том медиҳанд. Мафҳуми одаму одамгарӣ, фарзанди бани башар васеъ буда, ба

таркиби он хислатҳои зебанда ва хуби инсонӣ дохил мешавад, яъне ҳар як шахс дар ҷомеа ба мардум дар муомилаву муносибати нек бошад, дӯсту рафиқ шавад, нисбати падару модар эҳтиром орад, волидони хешро аз сидқи дил дӯст дорад, меҳнатдӯсту бодиёнат бошад, баробари ин дигар ҷиҳатҳои болоиро фаро гирад. Бобову аҷдод, падару падаркалон ҳамин хел хислатҳои наҷиби инсониро тарбия карда, ба он аҳамият додаанд.

Ҳоло якчанд мисолҳо аз дурдонаи Шарқ:

Унсрулмаолии Кайковус дар шинохтани ҳаққи падару модар мегӯяд: Эи писар, ки хиради фарзанд дар ҳурмат ва нигоҳбонии худ ва асли худ, яъне падару модар аст. Зеро онҳо аз бахри ту хештанро ба куштан диҳанд. Он фарзанд, ки хирад роҳнамои ӯ бувад, аз меҳри падару модар холӣ нест.

Зинҳор, эи писар, падару модаратро хор мадор. Падару модар бунёдгузори некӣ ва нафси туанд. Агар ту дар ҳаққи эшон гунаҳкор бошӣ, сазои хеҷ некӣ нестӣ...

Бо падару модари худ нек бош, то рӯзе фарзандонат низ бо ту накӯ бошанд. Зеро он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки аз падару модар дорӣ. Зеро ба масал одами ҳамчун мева аст ва падару модар ҳамчун дарахт. Харчанд дарахтеро нигоҳубин беш кунӣ, мева аз ӯ накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату шафқат бештар кунӣ ва бештар қабул шавад ва бо хушнудии онҳо наздиктар бошӣ".

**Қоидаи мунтазамӣ, системанокӣ. Таъсири ба ҳам мувофиқ ва пайдарҳамии тарбия**

Ба тарбия аз меъёри томи мунтазами наздик шавем, дар фуровард дараҷаи ба мароми мақсади муайян нигаронида шудани он маълум мегардад, сатҳи самараву натиҷаи он муайян мешавад. Дар ин маврид мақсад ва вазифаҳои педагогӣ, мазмуни кор аз тарафи ҳамаи касоне, ки дар ҷараёни тарбия иштирок доранд, бояд эътироф карда шавад.

Ба он аҳамият додан лозим аст, ки амалан ҷараёни тарбия кори ҳамагон ва пайдарҳам бошад, ҳамаи бачагони синну соли гуногунро фаро гирад, тамоми ҷиҳатҳои тарбия ҳамоҳанг бошад, кӯшиши аҳли ҷомеа, институтҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмие, ки ба ташаккули камолоти шахс нигаронида шудааст, таҷассуми худро ёбад.

Дар тарбия мунтазамӣ, пайдарҳамӣ хеле муҳим аст. Тарбиятгар дар ибтидо аз бачаҳо ягон чизро талаб намуда, сипас ин талабро фаромӯш кунад ва ё худ хилофи тарбия амал кунад, ин ҳол ба кори тарбия таъсири хеле бад мерасонад. Муаллим бояд босубот, аз ӯҳдаи сухан барояд. Масалан, "Пагоҳ рӯзномаатонро тафтиш мекунам", "Равған молидани пойафзолро месанҷам" ва монанди ин супоришҳо дода бошад, назорати иҷроро фаромӯш накунад. Педагог ба бачаҳо гузаронидани ягон тадбиреро ёдрас кунаду баъди гузаштани фурсати муайян онро фаромӯш кунад, хонанданагон ба чунин муаллим бовар накарда мемонанд. Қавлу феъл, гуфтору кирдори педагог бояд ягона бошад.

Тамоми тарбиятгарон дар муомилаву муносибат бо хонандагон набояд дар амалиёти зидди ҳамдигар бошанд, назди онҳо вазифаи ягона гузоштан лозим. Дар кори тарбия ба чунин пайдарҳамӣ риоя кардан хеле муҳим аст.

Тарбия ҷараёни дарозмуддату мураккаб буда, дар он падару модарон, муаллим, аҳли ҷомеа ва дигарон вазифадор мебошанд. Аз ин сабаб, дар раванди тарбия риоя кардани пайдарҳамӣ ва давомнокӣ зарур буда, дар муддати махсус муайян намудани дараҷаи тарбия ёфтани хонандагон, усулу шаклҳои тарбия хеле муҳим аст. Ин қоида бобати ба амал баровардани тамоми зинаҳои тарбия, хонандаҳо ва ташкилотҳои ҷавонон, муассисаҳои тарбиявии берун аз мактаб, ҷамоаҳои истеҳсолӣ, аҳли васеи аҳли ҷомеа, шахсони вазифадорро водор мекунад, ки ҳамҷиҳату бомаслиҳат кор баранд. Зеро системаи таъсири дар тарбия мавҷуд буда на танҳо ҷавонон, балки тамоми табақаҳои гуногуни аҳолиро фаро мегирад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Робитаҳои дохилии моҳияти ҷараёни тарбия чист?
2. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба масъалаҳои тарбия чи гуфта буд?
3. Рӯдакӣ иродаро чӣ тавр шарҳ медиҳад?
4. Форобӣ 12 хусусияти шахсро чи тавр номидааст?
5. Қоидаҳои тарбияро номбар кунед.
6. Қоидаҳои саломро гӯед.
7. Қоидаи демократиякунони тарбияро фаҳмонед.
8. Фазилатҳои умумиинсонӣ чист?

# БОБИ XI

## УСУЛҲОИ УМУМИИ ТАРБИЯ

Тарбиятгарон молики донишу тарбия буда, тарбиятшавандагон ҷавононе мебошанд, ки донишу тарбия меомӯзанд. Вале тарбиятшавандагон ба дараҷаи муайян фаъолият нишон надиҳанд, донишу таҷриба омӯхта наметавонанд. Аз ин ваҷҳ, усули тарбия — ин усули фаъолияти ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи тарбиятгару тарбиятшаванда мебошад. Дар адабиёти илмӣ усулҳои тарбия бо истилоҳи методҳои тарбия низ ба кор бурда мешавад.

Калимаи "метод" юнонӣ буда, маънои роҳу равиш, усулро мефаҳмонад. Чун усулҳои таълим усулҳои тарбия низ ба қисмҳои ҷудогона тақсим мешаванд. Чунончи, муаллим дар синф барои тоза намудани синфхона бори аввал шанбегӣ мегузаронад. Пеш аз тақсими кор, омӯзгор бобати тар кардани латта, тарзи тоза кардани партаву фарш гап зада, иҷрои онро дар амал нишон медиҳад. Сухани муаллим дар ин маврид услуб ба шумор меравад. Усул ва услуб баробари ҳамдигарро тақозо намудан, маъқул будан, байни ҳамдигар робитаву алоқа дошта, бино ба моҳияту ҷараёни педагогӣ метавонад аз яке ба дигаре гузашта истад.

Воситаҳои тарбия барои мувофиқи мақсад, табъи дил ҳал кардани ин ё он масъалаи тарбиявӣ истифода мешаванд (аёният, китобҳо, радио, телевизион). Ба ғайр аз ин, навъу хелҳои фаъолияте, ки ба он хонандагон ҷалб карда шудаанд — кинофилмҳо, асарҳои санъат, сухани зиндаи хонанда, бозиҳои бачагона, варзиш, маҳфилҳои бадеии ҳаваскорон ва монанди ин хелҳои фаъолият метавонанд воситаҳои тарбия шаванд.

Воситаҳои тарбия барои ба амал баровардани марому мақсади тарбия бояд муаллимро ба низоми мукаммали тарбия кашад. Чунончи, барои ин ки китобхонаи мактаб ба воситаи тарбия мубаддал гардад, муаллиму китобдор бояд тадбири мулоқот бо нависандагон ва муҳокимаи асарҳои хондашудаоро созмон диҳанд. Масалан, гузаронидани соати тарбиявӣ ба мавзӯи “Китоб – дӯсти мо”. Китоб хосиятҳои аҷоибе дорад. Вай на танҳо аз насл ба насл дониш, маданият, таҷрибаи ҳосил кардаи инсонро медиҳад, балки инчунин барои истифодаи ҷамъият имкониятҳо фароҳам меоварад. Як китобро ба туфайли эҳтиёткорӣ бисёр одамон хонда метавонанд. Китоб таъсири калони тарбиявию дарккуниро дорост. Бисёр одамони бузург – олимон, файласуфон, шоирон, нависандагон ба китоб ҳамчун ба муаллими бузург, рафиқ баҳо дода, ҷавононро даъват кардаанд, ки аз овони бачагӣ ба китобхонӣ одат кунанд. Шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ мегуяд:

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст!*

Натиҷаи тарбия ба он вобастагӣ дорад, ки мутасаддиёни кор аз усулҳои ҷараёни тарбия, услубҳо ва шаклу воситаҳо ба кадом дараҷа моҳирона ва ё сарсарӣ истифода мебаранд.

Тарбиятгарон усули дилхоҳи таъсири тарбияро нисбати бача интихоб намуда, барои дигаргун кардани шахсияти ӯ бояд шароити мусоид фароҳам оваранд.

Усулҳои тарбия ба ҳар бача, ба ҳар як ҷамоаи кӯдакон дар муомилаю муносибати ҷудогона шуданро дар мадди назар дорад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни тарбия муаллим бо назардошти манфиати як нафар хонанда ва ё ҷамоаи синф, ҳалли ягон масъалаи тарбиявӣ синну соли хонандагон ва маҳдудияти индивидуалӣ, дараҷаи тарбиятёфтаи онҳоро, хусусияти вазъияти педагогиро, хуллас, бо назардошти

маҷмӯи шаклҳои таъсиррасонӣ кор барад, ки ин ҳамаро методи тарбия мегӯянд.

Тарбия ҷараёни ниҳоят мураккаб буда, ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҳар кадом даврро дар худ акс мекунад. Усулҳои он, восита ва шаклҳои он дар давоми чандин аср ташаккул ёфта мукаммал мегардад, ҳамон урфу одатҳое, ки ба рӯзгори мардум созгор омадаанд, ба анъана мубаддал мегарданд. Аз ин рӯ дар тарбия урфу одат ва расму русуми ҳар як халқ, ки таърихан ташаккул ёфтааст ва ё дар амал ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии ӯ аз санҷиш гузаштааст, воситаҳои тарбия шуда метавонанд. Барои ҳамин тарбия аз заминаи миллӣ ва таърихӣ набояд канда шавад.

**Тавсифи усулҳои тарбия**

Чӣ тавре, ки дар бобҳои гузашта таъкид намудем, педагогикаи ҳалқӣ ахлоқу одоб ва тамоми ҷиҳатҳои тарбияи хоси миллиро таҷассум кардааст. Дар педагогикаи ҳалқӣ аз хелҳои гуногуни усул ва воситаҳои тарбия истифода бурда мешавад ва ин усулу воситаҳо ниҳоят гуногуну рангин буда, бисёр ҷиҳатҳои он аз педагогикаи илмӣ бартарӣ дорад. Зеро усулҳои мазкур барои ташаккули педагогикаи илмӣ низ таъсири худро гузоштааст.

Дар педагогикаи халқӣ усулҳои гуногуни тарбия ба кор бурда шудаанд, ба тарзи умумӣ чунин тасниф мешаванд:

1. Фаҳмонидан (омӯзонидан, одат кунонидан машқ кунонидан).

2. Намуна овардан (маслиҳат додан, узр пурсидан, бобати хубию некӯӣ гап задан, намунаи ибрат шудан).

3. Панду насиҳат додан (дахолат кардан, розӣ кунонидан, илтимос кардан, таваллою тазаррӯъ намудан, изҳори орзуву хоҳиш намудан, маъқул кардан, раҳмату ташаккур гуфтан, дуо кардан, роҳи сафед талабидан ва монанди инҳо).

4. Маҳкумкунӣ ва ҷазодиҳӣ (манъ кардан, таъна задан, гилаву гузор кардан, танбеҳ додан, маҷбур кардан, коҳиш намудан, айбдор намудан, шарм доронданн, тарсо-

нидан, бо нафрат нигоҳ кардан, савганд додан ва ҳоказоҳо).

Агар эътибор диҳед, чаҳор усули зикршуда як чизи яклухту томро ифода мекунад. Пеш аз ҳама ба бача манзараи умумӣ фаҳмонида дода мешавад. Дар сурати ба моҳияти чизу чора ва ҳодисаҳо сарфаҳм нарафтани бачагон, тарбиятгар воситаи намунаро ба кор мебарад, яъне ба мушоҳидакории мустақили бачаҳо эътибор дода мешавад. Дар ин маврид нафаҳмидагон туфайли панду насиҳати калонсолон ба моҳияти чизу ҷора ва ҳодисаҳо сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Фараз кардем, ин дафъа ҳам бача нафаҳмад ва ё фаҳмиданро нахоҳад, дар чунин ҳол аз усулҳои маҳкум кардан ва ҷазо додан истифода карда мешавад. Вале ин чораю тадбири охирин аст, ки ҳалқ онро хуб сарфаҳм рафтааст. Педагогикаи илмии замони ҳозира маҳкум кардану ҷазо доданро чораи охирин донистааст, кушодатар карда гӯем, он чораест, ки самарааш ночиз буда, ба исбот ҳам расидааст.

Намунаҳои нодири педагогикаи халқӣ, усулҳои тарбия ва қувваи таъсиррасонии тарбия бо воситаҳои муайян ба амал бароварда шудаанд. Интизори қабули меҳмон будан, ба меҳмонӣ рафтан, ҷараёнҳои гуногуни меҳнат, ҳашарҳо, ҳама гуна ҷамъомадҳо (чойхона, маросимҳои тӯй), сайлҳо, қайд кардани ҳама гуна тадбир, маросимҳои гуногун ва монанди инҳо вазифаҳои тарбиявиро иҷро мекунанд.

Барои тарбияи хонандагони ҷавон анъанаҳои миллӣ, кадриятҳои умуминсонӣ бояд ба асос гирифта шавад. Ин ҳол, дар навбати худ, услуб ва шаклҳои мувофиқи ба тарзи нав тарбия карданро тақозо мекунад.

Барои омӯзиши усулҳои тарбия, таҳлили онҳо, истифодаи онҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ, осон намудани фарогирии одату малакаҳо, онҳоро ба таври шартӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мекунем: усулҳое, ки шуури иҷтимоиро ташаккул медиҳанд, усулҳои ташаккул додани ахлоқи ҷамъиятӣ ва таҷриба; усулҳои худтарбиякунӣ, инчунин усулҳои рағбатнок кунонидану ҷазо додан.

**Усулҳои ташаккули шуури иҷтимоӣ**

Ба нияти ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқоди шахсӣ, ғояҳои маънавию сиёсии хонандагон, мебоист усулҳоеро дохил кард, ки ба шуур, эҳсосот ва ирода таъсир расонад. Моҳияти усулҳои ин гурӯҳ аз ин иборат аст, ки ҷамъият назди шуури хонандагон чи гуна талабҳо мегузорад. Барои ёрӣ расонидан ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, сарфаҳм рафтани мазмуни зиндагии ҷавонон, бояд усулҳое истифода шаванд, ки шуури иҷтимоиро ташаккул бидиҳанд.

*Фаҳмонидан.* Дар хонандагон тарбия кардани шуурнокии сиёсӣ, фаъолиятмандии иҷтимоӣ зарур аст, яъне онҳо сиёсати дохиливу хориҷии давлатро бифаҳманд ва идрок бикунанд. Фаҳмонда додан усулҳоест, ки барои ташаккул додани шуури иҷтимоӣ бисёр кор фармуда мешавад. Вазифаҳои фаҳмонида додан ин аст, ки хонандагон дорои маданияти олӣ, соҳиби ғуруру ифтихори миллӣ бошанд. Ва фаҳмонида додан ба ҳамин кори амри хайр бояд мадад расонад.

*Сӯҳбат.* Сухани зиндаи муаллим барои ташаккул додани хислатҳои ғоявӣ ва ахлоқии хонанда усули пуртаъсир ба ҳисоб меравад. Ҳангоми интихоби мавзӯи сӯҳбат (барои ин ё он синф) аҳамияти хоса доштани мавзӯъ, дар хонандагон барангехтани боварии ахлоқӣ ва натиҷаҳои дилхохи онро бояд ба ҳисоб гирад.

Сӯҳбатро дар мавзӯъҳои гуногун ташкил додан мумкин: мавзӯъҳои ахлоқу одоб (меъёри ахлоқии одамон дар ҷамъият, қоидаҳои худдорӣ), мавзӯъҳои эстетикӣ (зебоии табиат, муносибатҳои байни мардум, зебоӣ ва хушхулқии инсон) мавзӯъҳои сиёс ( сиёсати дохилӣ ва берунии давлат, рӯйдодҳои ҷаҳон), мавзӯъҳои оиди таълиму тарбия сарфаҳм рафтан ба моҳияти ҳодисаҳо (кайҳон, олами ҳайвонот).

Дар давоми сӯҳбат он чиз аҳамияти хос пайдо мекунад, агар муаллим ба хонанда чунин саволҳоро гузорад, ки дар ӯ ҷуръати гап заданро барангезад, сухани дар пе-

шаш сабтшударо бе ҳеҷ биму ҳарос гуфта тавонад, хонандаро ба фикр кардан водор намояд.

*Ҳикоя.* Одатан хонандаҳо ба ҳикояҳое мароқ зоҳир мекунанд, ки онҳо ҳаётӣ бошанд, образҳои ибратбахш дошта бошанд. Ба мактабиён оиди принсипҳои ҷудогонаи ахлоқ, меъёри ахлоқ, қонуниятҳои таърих, сарватҳои табиии Ватан, одамони наҷиб, оиди таърих, адабиёт, санъат маълумот хоҳад дод. Адабиёти бадеӣ, радио, телевизион, мақолаҳои ба газетаву маҷаллаҳо дарчшуда низ маводи пурарзишанд. Чи сӯҳбату чи ҳикоя дар мавзӯъҳои муносиби синну соли хонанда интихоб гардида, ба забони таҳсил бояд гузаронида шавад. Хеле хуб мебуд, ки мавзӯи сӯҳбату ҳикояро худи хонандагон интихоб кунанд, зеро дар чунин ҳол сӯҳбат ба иштирокдоронаш завқу шавқ мебахшад ва табиист, ки хонандаҳо ба чунин сӯҳбат бефарқ намешавад.

*Намунавӣ шудан.* Он чиз ниҳоят муҳим аст, ки хонандаҳо дар одамони гирду атроф сифатҳои хуби ахлоқиро дида, аз он намунаи ибрат гиранд. Шахсан намуна шудани муаллим, алалхусус ба ҷавонон таъсири калон мерасонад. Онҳо худдории муаллимро ҳангоми дарсдиҳию байни ҷомеа, бо одамони гирду атроф, дар чи гуна муомилаву муносибат будан, ба кадом тарз иҷрои вазифа кардани эшонро ба мушоҳида мегиранд. ,

Хонандагон ба хулқу атвори касони наздики худ тақлиду пайравӣ мекунанд. Хулқу атвор бошад, дар баъзеҳо ҳам барои таркиб ёфтани сифатҳои наҷиби инсонӣ, ҳам ҳислатҳои ношоиста таъсир мерасонад. Аз ин мебарояд, ки муаллим ва падару модарон дар ҳолатҳои гуногун худро идора карда тавонанд. Онҳо дар куҷое, ки набошанд, бояд ҳис кунанд, ки дар гирду атроф бачаҳо ҳастанд. Дар байни қавлу феъл, сухану амали онҳо тафовуте набошад.

Маълумотхо, мустанаде, ки ба рӯзгор ва фаъолияти инсони пешқадам оид аст, феълу атвор ва ҷиҳатҳои ибратангези каҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, кинофилмхо ва спектаклҳо ба шуури бачаҳо таъсири пурзӯр мерасонанд.

Дар мактабҳо бо пешқадамони истеҳсолот вохӯриҳо гузаронида мешавад. Хонанандаҳо бо дастоварду муваффақиятҳое, ки падару модарон фахр мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо монанд бошанд.

Дар намунаи ибрат истифода намудан аз намунаҳои педагогикаи ҳалқи низ аҳамияти калон дорад. Бобову бобокалон, волидон фарзандони худро даъват кардаанд, ки аз инсони хушхулқу донишманд, одамони бузург ибрат гиранд. Чунончи “Парранда он кунад, ки дар лонааш дидааст”. Хулосаи басо содда, вале пурмаъно. Мо дар ҳамин хикмат мундариҷа ва ҷамъулҷамъ гаштани фикрҳои наҷибро ҳамеша сарфаҳм намеравем. Халқ бо ин гуфтан мехоҳад, ки тартибу оростагиро аввал дар хонаи худ ҷори намо, дар акси хол фарзанди ту дар кӯча авбошу бадахлоқ мешавад.

Омили асосии рушду камолот, худмуайянкунии бача —ин фаъолият мебошад. Қоидаи аз нуктаи назари фаъолият наздик шудан мағз андар мағзи тамоми ҷабҳаҳои таълиму тарбия ҷойгир шудааст.

Фаъолият хонандагонро водор менамояд, ки донишҳоро ба таври мустақил фаро гиранд, барои аниқ кардани майли онҳо ба ихтисос, мусоидат мекунад. Аз он ҷиҳат ёри мерасонад, ки чи гуна таҷрибаҳои фаъолияти эҷоди, арзишҳои ба эҳсосот алоқамандро аз худ кунанд.

Аз синфи якум оғоз намуда ба он ноил гардидан лозим аст, ки хонандаҳо бо меҳнати фоиданок машғул шаванд. Чунин меҳнат дар он сурат натиҷаи хуб хоҳад дод, ки вай аз тарафи аксар одамон, ҷомеа ба иҷро расад.

**Усулҳои машқ ва омӯзонидан**

Машқ, одат кунонидан, ин фаъолияти бачаҳоро оқилона, бо чашми кордони ба як мақсад нигаронида ва боҳамҷиҳати ташаккул дода мешавад, онҳоро ба риояу мезони ахлоқ ва иҷрои қоидаҳои хулқу атвор раҳнамун месозад. Одатҳо дар бачаги таркиб ёфта, сипас мустаҳкам шуда мераванд.

Муаллимон, падару модарон дар бачаҳо шакл гирифтани одатҳои мусбиро бояд зери назорат бигиранд. Хонандаҳо одатҳоро дар натиҷаи мулоқоти бардавом бо касони наздик, тақлид кардан ба кирдори онҳо, тавассути тарбия ҳосил мекунанд. Ва дар натиҷа одат ба эҳтиёҷ табдил меёбад.

Машқ такрори бисёрдафъаинаи ҳаракати муайянро дар бар мегирад. Барои хонанда машқ ва одат кунонидан ҷараёни бошуури эҷод аст. Дар натиҷаи машқ малака, одат, донишҳои нав ба нав тавлид меёбад, истеъдоди ақлии хонанда ривоҷ меёбад, таҷрибаи ахлоқии ӯ васеъ мешавад. Тарбияи беодат ба бинои бепойдевор монанд аст, одат бошад ба туфайли машқи пайдарҳам мустаҳкам мегардад.

Омӯзонидан маҷмӯи ҳаракату корҳои амалӣ мебошад, ки ба мақсади ба шакли одат даровардани хулқу атвор ахлоқу одоби иҷтимоии тарбиятгирандагон ва иҷрои он аз рӯи нақшаи муайян ва пайдарҳам бурда мешавад.

Омӯзонидан аз маҷмӯи чандин ҳаракати пайдарҳам иборат аст. Муаллим вазифадор аст, ки ин ҳаракатҳоро нишон бидиҳад, фаҳмонида диҳад, ба мушоҳида гирад. Дар амалиёти тарбия хелҳои гуногуни машқ кардан вуҷуд дорад: машқ дар фаъолият; машқҳои рӯзмарра, машқҳои махсус.

Машқ андар фаъолият, ба тарбияи меҳнат, фаъолияти иҷтимоӣ, фаъолият дар байни ҷомеа ва муносибатҳои байни мардум нигаронида шудааст. Машқҳои вориди рӯз маънои онро дорад, ки ба тартиботи дар мактабу оила ҷорӣ буда амал карда шавад, алоқамандона ба ин одатеро меомӯзад, ки кас хоҳишу ҳаракатҳоро идора кунад, аз кор ва аз вақтҳои холӣ дуруст истифода барад. Машқҳои махсус ахлоқӣ маданӣ, рафтори писандида ва маслаку малакаҳоро тавлид мекунад ва мустаҳкам мегардонад, таҳким мебахшад.

Супориш. Ба таври ҷамоа иҷро кардани супоришҳои меҳнатӣ дар хонандагон таҷрибаҳои ахлоқиро ташаккул медиҳад ва ин хол ба аҳамияти ҷудогона молик аст. Хо-

нандагон ба он одат мекунанд, ки қувват ва нерӯи худро ба кори умум сарф кунанд, дар назди ҷамоа масъулиятро ҳис намоянд. Меҳнат характери бачаро ташаккул медиҳад, мустаҳкам мегардонад.

Талаби педагогӣ. Талаби педагогӣ яке аз усулҳои басо муҳими тарбия мебошад. Талаб метавонад ҳар хел шавад: иҷрои вазифаҳои гуногун аз ҷониби хонанда; ифодаи меъёри феълу атвор, ахлоқу одоби иҷтимоӣ; дар ин ё он фаъолият иштирок карда, ҳангоми иҷрои он ба сифати вазифадори мушаххас намоён гаштан; ба ҳаракатҳои оқилона далолат кардан.

**Усулҳои худтарбиякунӣ**

Агар дар ниҳоду сиришти хонанда эҳтиёҷоти худтарбиякунӣ, яъне аз паи такомулоти худ бошуурона кор бурдан пайдо шавад, дар он сурат ҷараёни тарбияро самаранок ҳисобидан мумкин мешавад. Хонандагон, алалхусус мактабиёни синну соли миёна ва калонсолро ба он раҳнамун сохтан лозим аст, ки онҳо дониш ва малакаи худро мустақилона афзоянд. Худтарбиякунӣ маънои онро дорад, ки хонандагон дар фаъолияти худидоракунӣ иштирок кунанд, ин бошад воситаи пуртаъсир, ташаккул додани мавқеъ дар фаъолияти иҷтимоӣ мебошад. Хонандагон дар хониш, тарбия, вақти истироҳат, аз усулҳои худро тарбия кардан истифода мебаранд, худро тарбия кардан бошад касро ба ташаббускори ва мустақил амал кардан мебарад.

Дар мактаб фаъолияти мустақил корбарӣ, марому мақсади кор, аз тарафи ҷомеаи педагогӣ маънан тайёр карда шавад, дар он сурат байни муаллимону хонандагон, эҳтиром, хайрхохӣ, ҳусни тафоҳум (ҳамдигарро нағз фаҳмидан) ба амал меояд, ки инро шароити мусоид ба вуҷуд оварданаш мумкин.

Тамоми ташкилотҳои худидоракунӣ ҳар якчанд вақт, аз фаъолияти худ бояд ҳисобот диҳанд, қавлу амалро, гуфтору кирдорро нигаҳ доранд, ҳар касеро, ки аз ҳуқуқи

вазифа рағбатноку ҳавасманд кардан даркор, онро ба эътибор бояд гирифт.

Сифатҳои худтарбиякунӣ дар вақте пайдо мешавад, ки бача бо ҳисси вазифашиносӣ рафтор карда, худро ҳамчун шахс ба идрок кардан сарфаҳм равад, дар корҳои амалӣ соҳибистиқлол буданашро нишон диҳад.

Дар худтарбиякунӣ маслиҳат ва нишондодҳои гуногуни ахлоқӣ, ҷисмонӣ, эҳсосоту кавиироdaгӣ ва интеллектуалиро додан лозим. Дар ин маврид хуб мебуд, ки хонандагон нисбати худ, феълу амалӣ худ, дар муносибати танқидӣ шаванд ва инро ба онҳо омӯзонидан муҳим аст. Хонандагон барои дар вақти муайян ба сомон расонидани вазифаҳо, ӯҳдадор мешаванд ва онҳоро дар рӯзнома навишта мемонанд. Пас аз ин, ҳар вақт, бо гузаштани муддати муайян аз иҷрои ӯҳдадорӣ дар назди худу падару модарон ҳисобот медиҳанд. Ин ҳол мусоидат мекунад бар ин, ки онҳо барои феълу атвор, гуфтору кирдор ҷавобдеҳ бошанд, масъулиятро ҳис кунанд.

Рафтори худро таҳлил кардан. Таҳлили шахс ва фазилатҳои худ касро барои ба мулоҳиза гирифтани феълу атвор, кирдор ва амалиёти хеш водор мекунад.

Барои феълу атвори худро дар зери назорат гирифтан, хонанда ҳар он чиро ки ба рафтору кирдор, нишасту бархост, интизом, афзудани одатҳои мусбат дахл дорад ва бар акси ин хоҳиш ёфтани одатҳои манфиро ба таври доимӣ дар рӯзнома навишта меравад.

Ба худ баҳо додан. Ба он мусоидат кардан зарур аст, ки қобилияти хонанда бо қувваи ӯ ба зуҳур пайванданд. Ба кори худ баҳо додан мушкилиҳо дорад, вале хонандаро ба ин бояду шояд тайёр кардан мумкин. Аз ин сабаб хонанда боирода бошад, вазифаи худро сарфаҳм равад, барои таҳсилу тарбияи ӯ сабабҳову мотивҳо чун асос хизмат кунанд, яъне ӯ хоҳиши тарбия гирифтанро дошта, худро аз дидгоҳи рафиқону касони наздик арзёбӣ карда, барои такомулоти худ кӯшиш ба харҷ диҳад.

Ба худ баҳо додан ба он ёрманди мерасонад, ки хонанда имкониятҳои хешро ҳисобу китоб карда бинад, инчунин мусоидат кунад, ки ӯ баҳои холисонаи худро бевосита аз берун гирифта, ин тарафи масъала дар ӯ ҳисси каноатмандиро ба вуҷуд оварад.

**Усулҳои рағбатнок кардан ва ҷазо додан**

Бачаҳои мактабхон ҳаминро бояд ҳис кунанд, ки ҳар кадоме аз онҳо рушду камол меёбанд ва аз ин хурсанд ҳам мешаванд. Танҳо дар чунин ҳолат бача пешравии худро дида метавонад, ба қувваи худ боварӣ ҳосил мекунад. Иззату ҳурмати бачаро баҷо меоранд, ба вай боварӣ изҳор намуда, ба суханаш гӯш меандозанд, вай чун фарди ба ҷамоа даркорӣ аст, муаллим низ ба ӯ мароқ зоҳир мекунад. Барои ноил шудан ба ин, аз усули рағбатнок гардонидан истифода кардан лозим. Зеро рағбатнок кунонидан ба эътирофи қуввае асос ёфтааст, ки калонсолон ба бача бовар мекунанд, тавлиди қобилият ва фазилатҳоро ҳамчун ҳодисаи мусбӣ арзёби менамоянд. Рағбатнок кунонидан, дили хонандаро мебардорад, ӯро шавқу завқ мебахшад, мусоидат мекунад, бар ин, ки хонанда боз ҳам хушхулқу хушодоб шавад. Дар таҷрибаи мактабҳо хелҳои зерини рағбатноккунонӣ истифода мешаванд.

1. Қувва ва имконияти хонандаро ба ҳисоб гирифта, ба супоридани вазифаи масъулиятнок ба ӯ боварӣ кардан; дар ин маврид хонанда бо қадру қиммати худ мефахрад.
2. Таърифу тавсиф кардан (дар назди падару модарон, ҷамоаи бачагон).
3. Додани тӯҳфаҳои хотиравӣ (китоб, ручка, аёният ва монанди инҳо)
4. Додани Ифтихорномаҳо.
5. Бо стипендия тақдир намудан.
6. Фотосурати ӯро ба лавҳаи ҳурмат гузоштан.
7. Дастгириву ҷонибдорӣ кардан.
8. Масъулият ва изҳори миннатдории ҷомеа.
9. Дар саф дар қатори якум истодан.

10. Дар мусобиқаҳо бардоштани байрақ.

11. Эълону иттилоот дар рӯзнома, радио ва монанди инҳо.

Ҳар як навъи рағабтнокгардонӣ бо ба ҳисобгирии талабҳои педагогӣ бояд истифода шавад. Яъне рағбатнок кардан, мувофиқи хизмати ҳақиқии хонанда бошад, пайи ҳам нашавад; таърифи аз хад зиёд, натиҷаҳои дилхоҳ нахоҳад дод; ба нисбати дигар хонандаҳо онҳоро таҳқир кардан нашояд, талаби ба рағбатнокгардони бударо суст кардан лозим нест ва ҳоказо.

Ҷазо додан ин баҳои манфиест дар ҳаққи феълу атвор, гуфтору кирдор ва фаъолияти тарбиятгиранда.

Ҷазо усули охирини тарбия буда, ба манфиати хонанда ва тамоми синф нигаронида мешавад. Ҳангоми истифодабарии усули ҷазо, ҷазои ҷисмонӣ додан, задан, калтаккорӣ кардан мумкин нест, тарсонидан ва дарғазаб кунонидани бача низ натиҷаи хуб нахоҳад дод, зеро хонанда аз бими тарс ба дуруггуӣ одат мекунад, мунофиқу дурӯя мешавад. Ба чораҳои ҷазо, ки дар мактабҳо то дараҷаи имконпазир истифода мекунанд, инҳо дохил мешавад:

— *Танбеҳ додан* навъи хеле сабуки ҷазо мебошад. Муаллим ба бача рӯбарӯ истода танбеҳ медиҳад ва ин танбеҳро дар рӯзнома нависта мондан мумкин.

—*Огоҳонидан* барои пешгирӣ кардани амалиёти номаъкул истифода карда мешавад.

— *Ҳайфи ту додан.* Агар танбеҳу огоҳонидан натиҷаи чашмрасро надиҳаду хонанда интизоми муқарраршударо вайрон кардан гирад, дараҷаи айбу иллат ва вайроншавии интизоми ӯро ба инобат гирифта ба хонанда ҳайфи ту эълон кардан мумкин.

— *Шармсор кардан.* Яке аз эҳсосоти нозуки одамизод шарм, ор-номус, ҳаёст. Одатан, дар инсон иззати нафс, одамгарӣ чи андоза қавӣ бошад, пеш аз ҳама иззату ҳурмати хешро ба ҷо орад, дар чунин шахс ору номус, шарму ҳаё ҳамон қадар пурқувват мешавад. Ҳангоми тарбияи бачаҳо ҳамин гуна ҳислатҳоро бо эҳтиёткорӣ ривоҷ додан

даркор, вале бардавом ва ҳамеша шарм дорондану сурху сафед кардан нашояд. Аз усули шарм дорондан бо эҳтиёткорӣ ва дар мавқеи худ истифода карда шавад, дар он сурат ба натиҷаи мусбат умед бастан мумкин аст.

Паҳлӯҳои гуногуни ҷазоро ҳаматарафа ба мулоҳиза гирифта, онро истифода намудан лозим, ба эҳсосот дода шуда пайи ҳам ҷазо додан мумкин нест. Ҷазоҳо якнавохт, яъне як хел бошанд, он мувофиқи айбу гуноҳи хонандагон дода шавад, тез-тез истифода нагардад; хонандае, ки сазовори ҷазо гардидааст, бидонад, ки вай барҳак, барои гуноҳ мустаҳиқи ҷазо шудааст. Таъсири ҷазое, ки дар ҷомеа муҳокима гардида, аз ҷониби ҷомеъа дастгирӣ карда шудааст, чанд маротиба зиёд аст. Дар ҳама ҳолат ҷазо тарбиятшавандаро ба азобу уқубати ҷисмониву руҳӣ наандозад, ӯро таҳқир нанамояд, шаънашро паст назанад.

Хулоса, усулҳои умумии тарбияе, ки таърифаш дар боло дода шуд, тамоми соҳаҳои таъсиррасонии педагогиро фаро гирифта наметавонад. Фанни педагогика ва амалиёти он ҳамеша ривоҷ меёбад, аз ин ваҷҳ ҷараёни педагогӣ ҳам мукаммал мегардад.

Муваффақият ва комёбиҳои тарбия ба тарзи истифодаи он, дараҷаи ҷойгиркунии он дар системаи тарбия, ки барои ҷамоаи синф пешбинӣ шудааст, инчунин ба восита ва усулҳои истифодашаванда алоқаманд аст. Дар сурати бомуваффақият иҷро гардидани вазифа, ноил шудан ба мақсади дар пеш гузошташуда, тарбия ҷавобдеҳи талаботи имрӯза шуда метавонад.

### Ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон. Дониш — асоси ҷаҳонбинии илмӣ

Дар тамоми асру замонҳо ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар маркази диққати одамони пешқадаму равшанзамир шуда омадааст. Дар ҷамъияти синфии ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, ки ба истисмор асос ёфтааст, одамони босавод, донишманд ва илму фанни ҷаҳон, маданияти уму-

минсонӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Гиппоркат, Гераклит, Демокрит, Платон, Архимед, Гегел, Маркс, Энгелс, Кант, алломаҳои машриқ ал-Кинди, ар-Розӣ, Ғаззолӣ, Форобӣ, Берунӣ, Хоразмӣ, Ибн Сино, Ибн Рушд (Аверроэс), Баҳоуддин Нақшбанд, Начмиддин Кубро, Аҳмад Яссавӣ аз ҷумлаи чунин мардони таърихианд.

Сарфи назар аз ин, ки мардуми сарзамини мо дучори бисёр таъкиботу тазйиқ гардидааст, аз аҷдоди мо ҳазорон-ҳазор китобҳои ноёб ва дастнависҳои арзишманди адабӣ, илмию фалсафӣ, педагогӣ ва ғайра омада расидаанд, ки дар онҳо мероси маънавӣ дарҷ гардидааст. Дар чунин манбаъҳои пурқимат, ки чун дурдона арзише доранд, таърихи чандинҳазорсола, маданият ва худшиносии мо таҷассум ёфтааст. Дар шароити замони ҳозира, ки Ўзбекистон истиқлоли хўдро ба даст овардааст, барои авлоде, ки мехоҳад арзишҳоро барқарор кунад, гузаштаро омўзад, худшиносиро ба мулоҳиза гирад, маҳз чунин асарҳои арзишманду ноёб ҳатман ба кор меоянд.

*Ҷаҳонбинӣ.* Ҷаҳонбинӣ фақат хусусияти ба худ хоси инсон буда, он барои олами ҳайвонот (фауна), чизҳои дигар, ашё ва мавҷудот бегона аст.

Дар шароити ҳозира, тарзи тафаккури нав дар шууру ҷаҳонбинии мардум мустаҳкам ҷой нагирад, ғояи истиқлол, мазмун ва моҳияти он маънидод карда нашавад, дигаргунии калони назаррас имконнопазир аст.

Пас, масъалаи муҳими имрўза дар шуури халқ тағйир додани ҷаҳонбинии кўҳан, омўзонидани тарзи нави тафаккур дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг, дар шароити истиқлол, дастовардҳои он ҳимоя карда шавад ва дар шароити ҳозира мардум ба ҳаққу ҳуқуқи худ сарфаҳм рафта, нагузоранд, ки дар ҷомеа ҳодисаҳои нохуш роҳ ёбанд ва ба он далолат кардан зарур аст, то чунин иллатҳо харҷи зудтар решакан карда шаванд.

Ақл барои ҳар як инсон хусусияти модарзодӣ, табиӣ буда, майнаи кас сиҳатманд бошад, ақл ҳам нағз кор мекунад, баръакс майна осебу зиён дошта бошад, ақл

сусту заиф хоҳад шуд. Дар ин маврид ақли сусту заиф барои ҷаҳонфаҳмӣ, азхуд намудани илмҳое, ки пешгузаштагон ба вуҷуд овардаанд, инчунин илмҳои мавҷуда азоб мекашанд, зеро илм ва дониш чизи яксон нест. Илм чизест, ки мавҷуд ва арзи андом кардааст, ба вуҷуд оварда шудааст, дониш бошад аз тарафи инсон омӯхта мешавад. Ақл, дид (завқу салиқа) ва илм ба назария-фаросат, тамиз (имтиёз кардан, фарқ карда тавонистан), таҷриба тааллуқдор аст.

Ҳаминро фаҳмидан зарур аст, ки он ҳама марбути тафаккуру забон бо назарияи донистан, идрок кардан, дар алоқаи узвӣ буда, аз тасаввури Мафҳум, ақлу идрок, тафаккури Мафҳуми фалсафии шуур ҳосил мешавад. Эҳсос — инъикоси предметҳо ва ҳодисаҳои дунёи моддист, ки инсонро фаро гирифта, дар шуури ӯ акс ёфааст.

Идроки ҳисси ба ҷузъ эҳсосот ба шаклҳои қабули ҳиссӣ, тасаввур молик буда, ин ҳам барои амиқтар сарфаҳм рафтани воқеа ва ҳодисаҳо хизмат мекунад.

Ҳамин тариқа, донистан, сарфаҳм рафтан, ҷаҳонбинии илмӣ аз мушоҳидаи ҷоннок ба тарҳи фикррониии абстракт ва аз он ҷараёни ба амалиёт гузаштан ба вуқӯъ мепайвандад.

Ҷаҳонбинии илмӣ чун ҳодисаи иҷтимоию таърихӣ ҳамеша дар асоси варосат, яъне ҳамчун мерос қабул кардан ривоҷ меёбад. Ҷаҳонбиниҳои давру замонҳои гузашта решаи ҷаҳонбинии даврони навро ташкил дода, онро бо ғизои ҳаётбахш таъмин карда меистанд.

Ҷаҳонбинии ҳар як давр ҷиҳатҳои ба худ хос дошта, дар марҳилаи муайяни таърихӣ зарурати омӯзиши ҳамин чизро ба миён мегузорад, ки ин таълимот барои чи мавқеи ҳукмрониро ба даст овардааст. Аз ин бармеояд, ки дар ҷамъият барои ба тарзи нав фикр кардан, гузаштаро донистан даркор, зеро тафаккури нав аз осмон фуруд наомада, дар асоси мероси маънавии аҷдодон пайдо мешавад.

Дар гузаштаи наздик ба дин ва ҷаҳонбинии динӣ дар муносибати яктарафа шуда, ба роли он бобати такмил дода-

ни муносибатҳои ахлоқӣ дар муомилаи нодуруст шуданд, ба роли дину ҷаҳонбинии дини сарфаҳм нарафтанд. Ҳангоми муборизаи зиддидини расму русум, урфу одатҳои мо, арзишҳои мо, ки бо дин алоқаманд мебошанд, инкор карда шуд. Акнун иштибоҳоти ин соҳа ислоҳ карда мешаванд. Ҳоҷат ба исбот нест, ки маданияти Ислом чун қисми таркибии маданияти умумҷаҳонӣ дарк карда мешавад.

Ҷиҳати ба худ хоси ҷаҳонбинии фалсафӣ ин аст, ки вай дунёро дар асл чи гуна бошад, ягон чизи бегонаро ба он наомехта, бемуболиға фаҳмонида медиҳад, шарҳу маънидод мекунад; ҷаҳонбинии фалсафӣ ба одамон оиди табиат, ҷамъият, инкишофи тафаккури инсон, қонуниятмандии он маълумоти мукаммалу яклухт дода, ин ҳамаро дар асоси илмӣ шарҳу маънидод мекунад ва мегӯяд, ки олами моддие, ки инсонро фаро (печонда) гирифтааст, аз тарафи ҳеҷ кас ба вуҷуд оварда нашудааст, олам абадист, ҷамъияти инсонӣ сабабу моҳияти худро молик мебошад.

Ҷаҳонбинии фалсафӣ таъкид мекунад, ки тамоми мавҷудот — олами органикӣ ва ғайриорганикӣ, инсоният ва олами растаниҳо тағйирнопазир, дигаргуннашавандаю, шах шудамонда набуда, балки ҳамеша дар рушду нумӯъ, дигаргунӣ, инкишофу ривоҷ, алоқамандӣ ва ҳаракат мебошад. Ҷаҳонбинии фалсафӣ дар одамон ба ҷуз ташаккул додани ҷаҳонбинии том, ҳақиқӣ, яклухт барои тамоми фанҳо, бобати ҷаҳоншиносии онҳо, аслиҳаи методологӣ низ ба шумор меравад. Аз ин сабаб фанҳои дигарро аз фалсафа ва фалсафаро аз фанҳои дигар ҷудо кардан мумкин намешавад.

### Мазмуни тарбияи ахлоқӣ

Дар системаи маорифи ҳалқ кори тарбия бо такмил додани ахлоқи хонандагон пайваста бурда мешавад. Дар онҳо ваҳдат ва ягонагии шууру хулқ тарбия дода мешавад. Муносибатҳои шахсро ба ҷамъият ва Ватан, меҳнат ва одамон ба тарзи зерин санҷидан мумкин аст:

а) Тарбияи муҳаббату садоқат ба ҷамъият, ба Ватан.

Ин гуна муносибатхо ватанпарварӣ, камолоти шаҳрвандӣ, байналмилалӣ ва монанди ин фазилатҳоро акс менамояд, дар марому мақсад ва фаъолияти ӯ, ки ба афзудани сарватҳои Ватан, мустаҳкам кардан ва ҳимояи сарзамини хеш нигаронида шудааст, намоён мегардад.

Байналмилалӣ ба сифати қоидаи ахлоқӣ ватанпарвариро ғановатманд мегардонад, намегузорад, ки дар иҳотаи маҳдуди миллӣ бимонад. Даъват мекунад, ки бо мардуми олам дӯст шуда, барои амнияту тараққиёт мубориза барад.

Хонандагонро дар рӯҳи ватанпарварию байналмилалӣ тарбия намудан, дар онҳо ҳисси инсонпарвариро бармеангезад, бо миллат ва халқиятҳои гуногун дар муносибати дӯстона зиндагони карданро меомӯзад.

Тарбияи олимақоми ростӣ ва ростгӯи ҳанӯз аз давраи тифлӣ ва рӯзҳои беғубори аиёми ҷавонӣ оғоз меёбад ва тадриҷан такомул ёфта, ба камол мерасад. Падару модарон, мураббиён ва дигар бонуёне, ки тарбияи ҷавонон ба зиммаи онҳо вогузор аст, ба он эътибор медиҳанд, ки онҳо бо ҳамин руҳ тарбия гиранд ва бо ҳамин ғоя ба ҳалқу Ватани азизи худ хизмат кунанд.

Фарзанд бояд ростгӯю ростқавл бошад ва бо ҳамин руҳ тарбия ёбад. Бача ҳар гоҳ, ки ба дуруғгӯӣ одат мекунад, дар байни ҷамъият кадру эътиборро гум мекунад ва аз доираи боварӣ мебарояд, аз тарафи дигар, ба сабаби дуруггӯӣ боиси ба хиҷолат мондани чанд каси дигар мешавад.

б) Нисбати меҳнат тарбия додани муносибати ахлоқӣ тамоми тамоюли маънавии шахсро муайян мекунад. Меҳнат — манбаи зиндагонист.

Чунин муносибати ахлоқӣ дар шуури шахс дар ҷараёни меҳнат намоён мешавад, дар он ифода меёбад, ки инсон ба роли меҳнат дар ҳаёти то чи андоза сарфаҳм рафтааст, омода будан ба меҳнати хусусиву ҷамоавӣ, эҳтироми меҳнату меҳнатдӯстӣ қиёфаи худро нишон медиҳад.

Хонандагон ба туфайли дар ҷабҳаҳои гуногуни меҳнат иштирок кардан дар худ чандин фазилатҳоро ташаккул

медиҳанд, ки инҳо иборатанд аз ёрии ҳамдигарӣ, хурсанд будан аз муваффақиятҳо, аз рӯи адолат ба меҳнати худ ва ҳамкорон баҳо додан.

в) Ба одамони гирду атроф дар муносибати ахлоқӣ будан маънои онро дорад, ки шахс манфиати ҷомеа, аксари мардумро аз манфиати худ боло мегузорад.

Бояд донист, ки халқ — бунёдкори ҳамаи неъматҳои моддӣ ва муайянкори ороиши ҷаҳонӣ аст. Аз ҳалқ дур шудан, ҳалқро напарваридан ва бо ҳалқ якҷоя набудан мисли он аст, ки ғунчае аз гулшохи худ ҷудо гашта, пажмурда ва берангубӯй шавад.

Оқиле мегуяд: - Эй Ҷавони саодатманди замон! Ҳар гоҳ ҳалқ як гулшани беканори хушрангу бӯи, зебову дилрабое бошад, ту гуле аз гулзори он гулзори бехазонӣ. Оре, гул дар гулшан хоҳад буд. Пас, инро бояд ба хубӣ донӣ ва ба ҳалқ нигоҳ карда қадам гузорӣ! Инак, халқро дӯст доштан, ба хизмати ҳалқ будан, эҳтироми онро ба ҷо овардан ва бо ҳалқ якҷоя нафас гирифтан фазилати беҳтарин ва ҳислати накӯтарини инсон мебошад.

Дар корҳои ҷамъият иштирок кардани хонандагон ба он мусоидат мекунад, ки дар онҳо муносибат ба меҳнат, интизоми шуурнок ташаккул дода шавад.

г) Шахс нисбати худ, хулқи хеш, муносибати ахлоқиро тарбия диҳад, ин маънои онро дорад, ки хонанда дар худ тарбияи бошууронаро бипарварад ва ба ин одат ҳам пайдо намояд. Интизом меъёри ахлоқӣ буда, қиёфаи шахсро ҳамчун шаҳрванд муайян месозад.

Хонандагони мактабро ба меъёрҳои зерини интизом омӯзонидан лозим аст:

1. Ба қоидаҳои интизоми қабулшуда дар хониш, меҳнат, истироҳат намудан, дар худ ба онҳо эҳтиёҷ пайдо намудан.

2. Худро назорат намуда, идора кардани хулқи хеш.

3. Мубориэаи фаъолона бурдан бар зидди бачагоне, ки дар ҷамоа тартибро вайрон мекунанд, беинтизомӣ зоҳир менамоянд.

Асоси интизомро шуур ташкил медиҳад, онро ирода идора мекунад. Он қатъият, ташаббускорӣ, мустақилӣ, ки интизоми бошууронаро таъмин кардааст ва худдорӣ карда тавонистан, ҳамҷиҳати сифатҳои иродавӣ мебошанд.

Муносибатҳои ахлоқӣ, пеш аз ҳама, дар оила шакл мегирад. Сипас, муносибатҳои дар оила буда, дар ясли ва боғчаҳои бачагон, мактаб ва мактабҳои олӣ, ҷойҳои ҷамоавӣ такмил меёбад.

**Тарбияи ҳуқуқӣ**

Халқҳои Осиёи Марказӣ, таърихи чандҳазорсолаи бойи ҳуқуқ ва маданияти ҳуқуқӣ дорад.

Бобати дар шуури хонандагон ҷойгир кунонидани сифатҳои баланди шаҳрвандӣ, камолоти маънавӣ, аз тамоми омил ва воситаҳо, аз тамоми усулҳои педагогӣ оқилона, мувофиқи мақсад истифода бурдан, бешубҳа, натиҷаҳои пурсамар медиҳад. Ҳар як педагог бояд ба ваҳдати ягонагии таълим ва тарбия, яъне таълим дода тарбия кардану тарбия намуда таълим додан бояд эътибори ҷиддӣ диҳад.

Алалхусус, дар хонандагону ҷавонон бобати дидани тарбияи ҳуқуқӣ, дар онҳо парваридани ҳислатҳои наҷиб ва олии шаҳрвандӣ, таркиб ёфтани ягонагии таълим ва тарбия аҳамияти муҳим касб хоҳад кард. Ҳар як фанни дар мактаб таълимдодашаванда ҷиҳатҳои ба худ хоси аҳамияти тарбиявӣ дорад, ба имкониятҳои ҷудогона молик аст. Мавқеъи дуруст истифода шудани чунин имкониятҳо ба дониш, таҷриба ва маҳорати педагог, кори эҷодӣ ва ҷустуҷӯйҳои ӯ алоқаманд аст.

Омил ва воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ бисёранд. Яке аз онҳо дар дарсҳо ва машғулотҳои берун аз синф аз рамзҳои давлатӣ бамаврид истифода кардан мебошад. Дар дарсҳои "Ҷамъиятшиносӣ", "Таърих", "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ", ки дар дастури таълими мактаб пешбинӣ намудааст ва корҳои тарбиявии берун аз синф, истифода бурдани рамзҳои давлатӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Аз рамзҳои давлат ба мақсадҳои педагогӣ истифода кардан, дар ҷараёни таълиму тарбия моҳияти онҳоро ба хонандагон фаҳмонида додан — ин ҳама ба хулқу атвори хонандагон таъсири амиқ мерасонад. Дар вақти ҳозира баробари истифода бурдани рамзҳои давлат ба роҳ мондани корҳои хонишу тарбия яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз қарор мегирад.

Ҳар як навҷавон, ки ба ҳаёт қадам мегузорад, бояд Комуси давлати худро донад, ба он амал кунад. Дар хонандагон нисбати Мадҳия, герб ва байроқ тарбия намудани эҳтироми чуқур ба аҳамияти калон соҳиб буда, ин ҳол қисми корҳои тарбиявиро ташкил медиҳад.

Барои ҳалли муваффақиятнокии тарбияи ҳуқуқӣ, дар ҳар як мактаб, омӯзишгоҳ ба хонандагону талабагон, бояд моҳияти аслии рамзҳои давлатӣ фаҳмонида ва омӯзонида шавад. Рамзҳои ҳокимияти давлатӣ ба эътибору моҳияти худ бо ҳуқуқ вобаста буда, аҳамияти муҳимми тарбиявӣ дорад. Герб, байроқ, мадҳияи Давлатӣ рамзи ваҳдат ва бародарии тамоми миллату халқиятҳои мамлакат ба ҳисоб меравconfigured. Аз ин ҷост, ки рамзҳои давлатӣ Мафҳуми хеле бойи сиёсиву маънавӣ доранд.

Омӯзиши рамзҳои давлатӣ аз нуктаи назари педагогӣ ташкил карда шавад, ба эҳсосоту андешаи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, назари ватанпарварии хонандагон таъсири хуб мерасонад. Дар ин бобат имконияти корҳои тарбиявие, ки бо ҷамоаи хонандагон бурда мешавад, ҳадду ҳудуд надорад. Мунозира ва сӯҳбатҳои гуногуне, ки бобати мазмун ва моҳияти ахлоқӣ, сиёсӣ, ҳуқуқии Герб, байрақ, мадҳия, инчунин рамзҳои ташкилотҳои хонандагон ташкил дода мешавад, бешубҳа, натиҷаҳои пурсамар медиҳад.

Рамзҳои давлати танҳо воситаи пуртаъсири тарбия набуда, балки яке аз омилҳои муҳимми таълим ҳам мебошад.

Хонандагон бо тасвири Герби давлатӣ, матни Мадхияи давлатӣ шинос мешаванд, дар онҳо нисбати рамзҳои ҳокимияти давлатӣ эҳсосоти наҷиб пайдо мешавад.

Умуман, ҳангоми омӯзиши рамзҳои давлатӣ, ҳатман ба инобат гирифтани хусусиятҳои синну соли хонандагон, пурра амал кардан ба китобҳои дарсии мавҷуда, нишондодҳои услубиву дастурамалҳо, қоида ва низомҳо лозим аст.

Вайроншавии қоидаҳои ахлоқу одоб аз он сар мезанад, ки ба "бачаҳои тарбияаш" душвор ба дараҷаи даркорӣ таъсири педагогӣ расонида намешавад. Ҳаракати ғайриахлоқии наврас бо он эзоҳ мегардад, ки дар оила дар мактаб ба норасоиҳо роҳ дода шудааст. Барои ташаккул ёфтани наврас муҳити кӯча ҳам аҳамияти калон дорад. Аксар вақт барои шарҳу маънидод кардани хулқу атвори наврасоне, ки аз меъёри одоб берун рафтаанд, ба омилҳое кам эътибор дода шудааст, ки онҳо ҳангоми ба балоғат расидан аз ҷиҳати ҷисмонӣ тез инкишоф меёбанд ва камолоти пурзӯри системаи асабӣ ба таври бояду шояд аст.

Вобаста ба дигаргуншавии физиологии организм дар характер, феълу атвори наврасон фаъолиятмандӣ, ташаббускорӣ пурзӯр мегардад. Барои ба дараҷаи муайян истифода бурдани нерӯву кудрат ва имкониятҳои ҷисмонии худ баъзан меъёрро фаромӯш мекунад. Бетартибии аз ҳад зиёд, ба дараҷаи кофӣ набудани таъсири тарбия, боиси вайроншавии интизом ва тартиботи ҷамоатӣ мегардад, ҳассосӣ ва мутаассир шудан ба ташаккули характери онҳо ёрмандӣ мерасонад. Таассуроте, ки дар ин синну сол пайдо шудааст, роҳи зиндагиашро ба муддати дуру дароз муайян карда метавонад. Дар аксар вақт наврасон ҷӯёи идеали шахсии худ мешаванд. Чунин идеал бештар дар қиёфаи одамони атроф, шиносҳо ва қаҳрамони асарҳои бадеӣ намоён мегардад.

Дар наврaси ба худ аз ҳад зиёд баҳо додан пурқувват мешавад. Онҳо бобати худдорӣ, муомилаву муносибат, ҳатту ҳаракат мекӯшанд, ки ҳамчун калонсолон шаванд, нисбати ҳама гуна кӯшишоте, ки ба маҳдуд намудани мустақилии онҳо нигаронида шудааст, хеле ҳассос мешаванд. Одатан дар 14—15 солагӣ ирода ташаккул меёбад. Навра-

сон дар ин синну сол худро ба дараҷаи муайян чун шахси ташаккул ёфта пай бурда, шахсони қавиdatabaseироддаро намуна интихоб мекунанд, мекӯшанд, ки дар худ фазилатҳои онҳоро ривоҷ диҳанд.

Аломати асосии мавҷудияти шахс, ривоҷ ёфтан ва худро нишон дода тавонистан муомила ба шумор меравад. Дар мактабҳое, ки корҳои тарбия мелангад, таъсири гурӯҳҳои кӯчагӣ ба наврасон нақши назаррас мегузорад. Идора кардани муомилаи кӯча хеле мушкил аст. Он бештар шаклҳои дӯсту тифоқии сохта ва "қаҳрамонии" зоҳириро мегирад. Дар наврасон майли бозӣ кардан пурқувват мешавад. Худи ҳаёт барои онҳо мисли бозӣ метобад. Барои онҳо ченаки хулқу атвор буда, дар ҳаракатҳо инъикоси худро меёбад ва наврасон ба хатту ҳаракати худ баҳои дуруст доданро фаромӯш мекунанд. Дар натиҷа безорӣ, авбошӣ, азоб додани ҳайвонҳо барин амалҳои ношоиста ба хукми одати муқаррарӣ медарояд ва хислатҳои сангдилӣ, бефарқ будан ба кулфати касе, лоқайдӣ тавлид меёбад. Ба воя расидани шахс даври бағоят мураккаб ҳисоб меёбад. Ин ҷараён бо душворӣ мегузарад. Ба он оварда мерасонад, ки аз баҳри баъзе одатҳои ҳосилшуда даст кашида шавад.

Дар натиҷаи суст будани назорати оила ва мактаб, тарбияи ҳуқуқӣ ҳам андаке сусту заиф мешаванд. Дар ин давр ба ҳаёти нав одат кардани наврас зери назорат гирифта нашавад, хавфи ба тарафи манфӣ рафта мондани тарбияи ҳуқуқӣ пайдо мешавад.

Ба дараҷаи даркорӣ ташаккул наёфтани тарбияи ҳуқуқӣ дар чунин кӯшишоти бача зоҳир мегардад, ки дар вай ҳисси вазифашиносӣ дар сатҳи лозима ривоҷ наёфтааст, нисбати оила ва ҷамъият вазифаи худро ҳанӯз дарк накардааст ва гуфтаҳоро ба худ гирифтан ҳам нахостааст.

Бо бачагони хулқаш вайрон корҳои нахустинро дафъатан, кормандони маорифи халқ, ҷамоаҳо мебаранд. Дар ин маврид ҳамин чиз пешбинӣ шудааст, ки дар доираи имкон ба оилаҳои нотинҷ, ки ғамхории чунин оилаҳоро ба зимма гирифтаанд, бояд ёрмандӣ расонида шавад.

Барои пешгирӣ намудани ҷиноят чораю тадбирҳои зеринро дохил кардаанд: равона намудани бачагон ба таълими умумии маҷбурӣ, ҷой гирондани наврас дар гурӯҳҳои рӯзаш бардавом, ба ҳамкорӣ гирифтанро таъмин намудан, оиди ҳуқуқ ва вазифаи падару модарон сӯҳбат оростан, оилаҳои нотинҷро дар маҷлисҳо муҳокима кардан, оиди дараҷаи иҷрои вазифаи падару модарон маълумотҳоро ба суди рафиқона фиристодан ва ҳоказо.

Барои дар байни ноболиғон бурдани тарбияи ҳуқуқӣ аз тамоми воситаҳои ахбори умум (матбуот, радио, телевизион) истифода кардан зарур аст.

Барои дар байни ҷавонон ташкил намудани корҳои ҳуқуқӣ ва пурзӯр кардани фаъолияти педагогӣ оиди ҳодисаҳои содиркардаистодаи ҳуқуқшиносӣ чораҳои зеринро ба амал ҷорӣ кардан лозим:

1. Зоҳир кардани эътибор ба ташкили хонаҳои тарғиботи донишҳои ҳуқуқӣ дар мактабҳои таълими умумӣ.

2. Мустаҳкам намудани алоқаи тамоми мактабҳо бо суд, прокуратура, адвокатура, пеш аз ҳама, инспексияи ноболиғон ва ба балоғат расидагон, ки комиссияҳо бо кори онҳо машғуланд.

3. Ба тарзи доимӣ омӯхтани таҷрибаҳои хубу ибратбахш, умумӣ кунонида ва ба ҳаёт васеъ татбиқ намудани онҳо.

Оқилона ва бо чашми кордонӣ истифода намудани донишҳои илмии ҷамъшуда. Дар шуури наврасон ҳосил кунонидани малакаҳои мунтазам риоя намудани қонун ва қоидаҳои давлат ҳамчун омили пурсамар ба амал баровардани тарбияи ҳуқуқӣ.

**Тарбияи экологӣ**

"Экология" калимаи юнонӣ буда, фаннест, ки шароити зисти мавҷудоти зинда ва муносибатҳои ба муҳити гирду атроф доштаи он ва қонуниятҳои дар ин замина пайдошавандаро меомӯзад.

Истилоҳи “экология” соли 1886 аз ҷониби олими зоологи немис Э.Геккел ба муомилаи илмӣ дароварда шудааст. Ҳоло зарурати ҳалли муаммоҳо дар муносибат бо табиат пайдо шудааст. Дар баробари ин сиҳатманд гардонидани вазъияти экологӣ яке аз корҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар хонандагон ташаккул додани маданияти экологӣ, ба онҳо нисбати табиат, муҳити атроф дар чи гуна муносибат шуданро омӯзонидан, ба мавзӯи муҳиммии назарияи педагогика ва амалиёти мактаб тадбил ёфт.

Ҳар як ҷавон, ки мактабро хатм карда ба ҳаёти мустақил қадам гузоштааст, сарфи назар аз соҳиби кадом ихтисос буданаш, бояд оиди экология ва муҳофизати табиат донишҳои назарӣ ва амалӣ дошта бошад. Яке аз масъалаҳои асосии замони ҳозира шуда мондани муҳофизаи табиатро, дафъатан, ба шуури хонандагон ҷой кардан лозим меояд. Дар ҳақиқат, дар натиҷаи аз ҳад зиёд истифода бурдани сарватҳои табиӣ, бе нақшаи муайян аз худ кардани заминҳои нав мувозинати экологӣ қатъиян дигар шуд, муҳити атроф ифлос гардид. Ҳоло нодуруст ба нақша гирифтани корҳои хоҷагии қишлоқ, аз меъёр зиёд кор фармудани нуриҳои кимиёвӣ, сабаби афзоиш ёфтани кушандаҳои ҳайвонот ҳам, ба олами наботот ҳам таъсири манфии худро мерасонад.

Дар натиҷаи афзоиши босуръати аҳолӣ, муаммоҳои экологӣ низ меафзояд. Муаммоҳои бо замин, об, энергетика, хӯрокворӣ таъмин намудани аҳолӣ ба муаммоҳои тамоми ҷаҳон табдил меёбанд. Аз қаъри замин ҳар сол зиёда аз 120 миллиард тонна ашёи гуногун, масолеҳи бинокорӣ, сузишворӣ берун оварда, истифода карда шудани онҳо боиси кам гардидани миқдори сарватҳои табиӣ шуда истодааст.

Ба сабаби дар наздикии обҳои равон ҷойгир карда шудани бисёр заводҳое, ки ба табиат зарару зиён меоваранд, тоза нигоҳ доштани ҳавза ва манбаъҳои об муаммо шуда истодаанд. Саломатии шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ истиқомат доранд, бад шуда, бемориҳо меафзо-

янд. Акнун фаровон зиндагӣ кардани инсон дар кураи арз ба ҳалли муаммоҳои экологӣ вобаста шуда монд.

Тамоилҳои илмӣ, иқтисодӣ, техникӣ, гигиенӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, педагогӣ ва амсоли ин муаммоҳои экологӣ мавҷуданд. Дар байни тамоилҳои номбурда тамоили педагогӣ аҳамияти муҳим касб хоҳад кард. Зеро муаммоҳои экологӣ натиҷаи фаъолияти инсон мебошад.

Дар тамоили педагогӣ таълим ва тарбияи экологӣ мадди назар аст. Мурод аз таълими экологӣ системаи донишҳо фаҳмида мешавад, ки ба хонандагон ба кадри лозима бобати муносибати байни табиат ва инсон маълумот медиҳад.

Тарбияи экологӣ бошад, тарбия намудани муносибати инсон ва муҳити атроф аст. Таълиму тарбияи экологӣ шакли нав ва қисми таркибии таълим ва тарбияи умумӣ ба шумор рафта, пешбинӣ шудааст, ки дар мактаб ҳангоми таълими ҳамаи  фанҳо ба амал бароварда шавад.

Мақсади асосии таълим ва тарбияи экологӣ аз ташаккул додани ҳамин нукта иборат аст, ки насли наврас ба муҳити атроф ва муаммоҳои он дар муносибати бошууроона шавад.

Зимни тарбияи экологӣ сарфа намудани сарватҳои табиат, муҳофизати он омӯзонида мешаванд. Педагогӣ машҳур В.А.Сухамлинский дар асари худ “Ҷонам фидои бачагон бод” гуфта буд: “Ман мехостам, ки бачагон пеш аз “Алифбо”-ро кушода, то ҳиҷо карда хондани калимаи якум, китоби хеле аҷоиби дунё — китоби табиатро мутолиа кунанд”.

Дар тарбияи экологӣ то ҳадди имкон ҷалб кардани хонандагон ба корҳои кабудизоркунии мактаби худ, муҳити зисти худ, кӯчаҳои шаҳру деҳот, шинонидани дарахтҳои мевагиву зебоманзар, тоза нигоҳ доштани хиёбонҳо, ҳавзаҳои об, нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ аҳамияти калон дорад.

Саводхонӣ, яъне вазифашиносии экологӣ ва маданият, пеш аз ҳама, дар оила шурӯъ мешавад. Асоси ташакку-

ли ҷаҳонбинии экологӣ ба тарбия, оила бевосита алоқаманд аст. Агар ин масъала дар оила дуруст ба роҳ монда шавад, онро дар мактабҳо, зинаҳои минбаъдаи таълим, инчунин ҷараёни меҳнат барқарор намудан мумкин аст.

Системаи таълим ва тарбияи экологӣ дар боғчаҳои бачагон, мактабҳои таълими умумӣ, дар марҳилаи минбаъдаи таълим инчунин ҷамоаҳои меҳнатӣ давом дода мешавад. Дар ин маврид дар намунаи мисолҳои аз зиндагӣ гирифташуда дар оилаҳо паст будани саводхонии экологӣ, яъне ҳисси вазифа паст таъкид карда мешавад.

Мазмуни омода будан ба тарбияи экологӣ ҷиҳатҳои зеринро дарбар мегирад:

— муҳити атроф ва таъсири он ба олами маънавии шахс;

— табиат ва муайян кардани аҳамияти он;

— ҳамкории мактаб ва оила бобати ривоҷ додани меҳру муҳаббат нисбати табиат;

— афзудани шавқу ҳаваси хонандагон оиди кабудизоркунии ноҳия, шаҳр, деҳа ва саҳни мактаби худ, парвариши набототҳои дар синф буда низ;

— муҳофизати муҳити атроф, муайян карда додани вазифаи хонандагон дар ин хусус;

— ибрати падару модарон дар муҳофизати табиат;

— омӯзонидани беҳдошти табиат дар оила, дар мактаб, олами набодот, ҷонварон ва паррандагон;

— дар рафти муносибати бошуурона нисбати табиат васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон;

— ҳангоми ба ҷавонон додани тарбияи экологӣ анъана ва урфу одатҳои миллиро эҳё кардан, пурзӯр намудани эътибор ба онҳо.

Барои дар бачагон васеъ намудани тасаввуроти экологӣ аҳамияти фанни таърих калон аст. Ба саволҳое аз қабили табиати кишвари мо панҷсад сол, ҳазор сол пеш аз ин чи гуна буд, олами набодот ва ҳайвонот дар кадом ҳолат буд, ҷавоб ёфтан мумкин аст.

Аксари машқҳои забони модарӣ барои дар хонандагон пайдо кардани меҳру муҳаббат ба табиат созгоранд. Фикр-

ҳои алоқаманди обу ҳаво, олами наботот ва ҳайвонот, ки дар матни машқҳо дарҷ гардиданд, таҳлил карда шуда, тавассути ин ба табиат меҳр бастан мумкин аст.

Фанни адабиёт низ бо экология алоқаи узвӣ дорад. Дар ин маврид ҳангоми хонда таҳлил кардани ҳар як асар ва ба хонандагон фаҳмонида додани он на ба ҷиҳати зоҳирот, балки аз талаботи тарбияи экологӣ, яъне муҳофизати табиат наздик шуда таҳлил кардан даркор. Бо ёрии ҳамин усул низ дар дарсҳои адабиёт ба шуури хонандагон тарбияи экологӣ тадриҷан ҷойгир кунонида мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 5—11 дар натиҷаи созмон додани баҳсу шабнишиниҳои шеърхонӣ, гузаштани мавзӯъҳое аз қабили "Муҳофизаи табиат — муҳофизаи Ватан аст", "Табиатро азизу мукаррам дорем" низ тарбияи экологиро ба амал баровардан мумкин мешавад. Дар дарси адабиёт дар намунаи эҷодиёти даҳонии ҳалқ хонандагон ҳамин чизро дониста мегиранд, ки аҷдодонамон дар соҳаи экология чи гуна хатову иштибоҳ содир кардаанд ва дар ин соҳа чи гуна корҳои ибратбахш доранд. Дар афсонаҳое, ки барои хонандагон гуфта мешавад, хусусиятҳои ҳайвоноту наботот, мавқеи дар табиат доштаи онҳо кушода дида мешавад. Дар сӯҳбатҳое, ки дар мисоли китобҳои бадеии мутолиашуда ташкил дода мешаванд, далелҳои ба табиат дар муносибати нек будан ва назари сангдилӣ муҳокима карда мешаванд.

Дар маҳфилҳои тамоили экологӣ бачагонро ба он меомӯзанд, ки ба табиат зарар нарасонанд, аз зебоии табиат завқу шавқ гиранд, муҳити атрофро дӯст доранд. Мавзӯъҳое аз қабили "Табиатро азизу мукаррам дорем", "Табиат ва инсон", "Экология ва инсон", "Арал имдод мепурсад", ки дар маҳфилҳо гузашта мешаванд, шавқу ҳаваси хонандагонро ба табиат меафзояд. Баъзе бачагони сангдил, бешафқат, ба табиат бо кайфияти беписандона муомила мекардагиро ба ҳушёрӣ даъват менамоянд. Дар машғулотҳои маҳфил зарурияти муҳокимаи хулқу атвори бачагоне таъкид меёбад, ки онҳо ҳашаротҳоро дошта озор

медиҳанд, хонаи мӯрчагон, лонаи паррандагонро вайрон мекунанд, растаниҳоро зери пои карда мекананд. Хонандагон ҳангоми иштирок дар корҳои маҳфил бо аз худ кардани ин ё он мавзӯъ гузаронидани тадбирҳои шабона маҳдуд нашуда, бо корҳои амалӣ бевосита машғул мешаванд. Машғулиятҳои маҳфили экологӣ аз он ҷиҳат таъсири калон дорад, ки хонандагон ба туфайли он табиатро идрок мекунанд, ба мушоҳида гирифтани ҳодисаҳои табиатро муомӯзанд.

Дар асоси омилҳои болоӣ, гирифта бурдани тарбияи экологӣ дар хонандагон шавқу ҳаваси мунтазам мушоҳидабарии табиатро пайдо мекунад, ба он меравад, ки онҳо барои ҳифзи табиат мубориза баранд, зебоиҳои онро эҳтиёт кунанд. Нисбати табиат парвариши меҳру муҳаббат ва ба он эҳтиёткор будан, ба ривоҷ додани хислатҳои хушхулқии шахс ёрӣ мерасонад.

**Тарбияи иқтисодӣ**

Дар шароити мактабу оила тарбияи иқтисодӣ яке аз муаммоҳои асосии педагогика шудааст. Дар як вақте, ки ба иқтисодиёти бозор гузашта мешавад, дар ҷавонон тарбия намудани тафаккури иқтисодӣ муҳим аст.

Пеш аз ҳама оиди тарбияи иқтисодӣ маълумоти мукаммал доштан даркор. Тарбияи иқтисодӣ дар хонандагон ба камол расонидани қобилияти фикррронӣ оиди сарфакорӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ, корчаллонӣ, ҳисобу китоби иқтисодӣ ва монанди инҳо мебошад.

Тарбияи иқтисодӣ аз оила шурӯъ мешавад. Ҳамин, ки бача мактабрав шуд, дар ин бора ба гирифтани дониши пухта сар мекунад. Падару модарон меҳнати бачаҳоро оиди ба тартиб даровардани ҳавлию хонадон, хӯрокпазӣ, ҷомашӯӣ ва дарбеҳ намудани сару либос, таъмири асбобҳои рӯзгор ва таҷҳизоти хона ташкил мекунанд. Дар ин маврид падару модар вазифаҳоро бо назардошти имкониятиҷисмонӣ, ақлӣ, руҳияи бачагон бояд супоранд. Падару модар бо супоридани вазифа маҳдуд нашуда, аз ҷониби

бача чи тавр иҷро гардидани онро зери назорат гиранд, агар лозим ояд, маслиҳату кўмак расонанд, руҳи бачаро бардоранд, ин ҳама айни муддаост.

Афзун гардонидани самаранокии тарбия аз бисёр ҷиҳат ба тифоқ шуда сарф намудани қуввату ғайрати оила, мактаб, аҳли ҷомеа ва ҷамоаҳои меҳнати ва як хел будани талабҳои дар назди хонандагон гузошташуда вобаста аст.

Хонандагон бо қонунияти иқтисодии давлати Ўзбекистон бобати пешрафти моддӣ ва маънавӣ дар дарсҳои фанҳои табиӣ шинос мешаванд. Бачаҳо дар дарсҳои ҷамъиятшиносӣ барои ба дараҷаи баланд бардоштани некўаҳволии мардум зарурати иҷрои вазифаҳои иқтисодиро, чигунагии онро меомўзанд. Муаллимон дар дасрҳои кимиё, биология ба ҷавонон аҳамияти иқтисодии нуриҳои минералиро дар намунаи мисолҳои равшан нишон медиҳанд.

Як қатор вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ дар дарсҳои меҳнат амалӣ мегарданд. Ин дарсҳо то чи андоза мароқовар ва фоиданок ташкил карда шавад, хонандагон ба ҳамон андоза дониши иқтисодӣ мегиранд, малака пайдо мекунанд. Дафъатан, мазмуни ин дарсҳо бояд дуруст муайян карда шавад. Боз як қоидаи муҳимро дар назар доштан даркор. Дарсҳои меҳнат ба бачаҳо баробари дониши иқтисодӣ додан ба таври хос омили васлкунандаи ҳаёти гирду атроф шуданаш лозим. Масалан, хонандаҳо дар машғулоти дуредгарӣ бо ёрии асбобҳои даркорӣ нақшаи аниқ кашида, чўбҳоро арра мекунанд ва дар асоси андозаҳои ҳисобдор чизу чора месозанд.

Ба мақсади ба хонандагон додани тарбияи иқтисодӣ бояд вазифаҳои зерин муайян карда шаванд:

1. Дар дарсҳои ҷуғрофияи иқтисодӣ мавзўъҳои ба тарбия оидро чуқуртар фаҳмонида додан.

2. Дар ҳоли ҳозир истилоҳоти аз нутқи хонандагон ҷой гирифтаро ба касбу пеша вобаста намуда омўзонидан.

3. Бобати тарбияи иқтисодӣ ду тамоили дарсҳои ҷуғрофияи иқтисодӣ аҳамияти ҷудогона касб мекунад. Тамоили якум, дар дарс ба амал бароварда мешавад. Масалан,

дар китоби дарсии синфи 9 “Ҷуғрофияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон” барои донишҳои иқтисодӣ чунин бобҳои калон ва мавзўъҳои хурд-хурди он дохил карда шудааст:

а. Мавқеи ҷуғрофии Ўзбекистон.

б. Шароити табиии Ўзбекистон ва аҳамияти сарватҳои табиии он дар хоҷагии ҳалқ.

в. Аҳолӣ ва қувваҳои истеҳсолии Ўзбекистон.

г. Таърифи умумии хоҷагии ҳалқ.

д. Маҷмўаи табақаҳои соҳавии республика.

е. Нақлиёт ва алоқаҳои иқтисодӣ.

ё. Комплексҳои ҳудудии истеҳсолот ва ноҳияи иқтисодӣ.

ж. Таҳлили Мафҳуми нав ва эзоҳи истеҳсолот.

Дар китоби синфи 10 “Ҷуғрофияи иқтисодии мамлакатҳои хориҷӣ” дар асоси зерин таълим дода мешавад:

а. Саноати ҷаҳон.

б. Хоҷагии кишлоқи ҷаҳон.

в. Нақлиёти ҷаҳон.

г. Таърифи давлатҳои гуногун.

д. Алоқаи давлатҳои мазкур бо Ўзбекистон.

Тамоили дуюм дар он намудор мегардад, ки хонандагон супориш ва вазифаҳои китоби дарсиро, ки онҳо ба тарбияи иқтисодӣ нигаронида шудаанд, иҷро мекунанд. Дар ин маврид баъди ҳар як боби китоби дарсиро ба мавзўъҳо тақсим кардаву таҳлил намудан, барои ривоҷ додани тарбияи иқтисодӣ саволу супоришномахо дода мешавад. Масалан, мавзўъҳои “Алоқаҳои иқтисодии берунии Ўзбекистон” ва “Алоқаҳои иқтисодии байни ноҳияҳои иқтисодии Ўзбекистон”-ро дида бароем. Баъди ҳаллу фасли мавзўи “Алоқаҳои хориҷии иқтисодии Ўзбекистон” савол ва супоришномаҳои зерин дода мешавад, ки ин ҳарду ба Мафҳумҳои иқтисодӣ ва муаммоҳои имрўза созгоранд: Алоқаи хориҷии иқтисодӣ чист? Экспорт ва импорт чист? Валюта, бозори ҷаҳон чи маънӣ дорад? Ўзбекистон бо ка-

дом давлатҳо бо ашёи хом, бо кадом давлат бо маҳсулоти тайёр алоқа мекунад?

Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки шаҷараи алоқаи иқтисодии Ўзбекистонро бо дигар давлатҳо тартиб диҳанд ва ҷои онҳоро дар харита муайян намоянд.

Тамоми истилоҳоти иқтисодии ҳамагуна мавзўъ бо таърифу тавсиф дар луғатномаи хонандагон навишта мешавад. Ба ғайр аз ин, истилоҳоти зерин ба ҳар як мавзўъ алоқаманд кунонида, омўхта мешавад: иқтисоди бозор, биржа, бизнес, брокер, реклама, маркетинг, мененджер ва ғайра.

Дар машғулотҳои берун аз дарс пеш бурдани тарбияи иқтисодӣ имкониятҳои васеъро дар ин соҳа ба вуҷуд меоварад. Дар маҳфилҳои фанни ҷуғрофия ба хонандагон асосан донишҳои иқтисодӣ дода мешавад. Мафҳумҳои иқтисодии кишвар ва тараққиёти он, дар асоси илмӣ ташкил намудани меҳнат, сифати махсулот, ҳифзи табиат дар шуури онҳо ташаккул дода мешавад. Туфайли ҳамин гуна Мафҳум ва донишҳо хусусиятҳои ривоҷёбии хоҷагии ҳалқи республика, вилоят ва ноҳия амиқтар омўхта мешавад. Ин гуна донишҳо барои донистани ин ки хонандагон дар оянда дар кадом соҳа кор мекунанд, мусоидат менамояд ва ё барои интихоби ҷои таҳсил имконият медиҳад.

Тарзу усули тарбияи иқтисодӣ ҳархела аст. Аз ҷумла, сўҳбат, маърўза, машғулотҳои амалӣ, ташкил намудани саёҳат ба соҳаҳои саноат, муқоиса кардан, ҳисобу китоб тарзу усули пуртаъсир ба шумор меравад. Бобати дар хонандагон ташаккул додани тарзи фикрронии иқтисодӣ аз дарсҳо ва машғулотҳои берун аз дарс самаранок истифода бурдан лозим аст. То чи андоза ба тарбияи иқтисодӣ молик шудани хонандагон аз ҷониби муаллимон бояд ба мушоҳида гирифта шавад.

**Тарбияи эстетикӣ**

Тарбияи эстетикӣ маънои хеле васеъ дошта, шахсро аз нуқтаи назари идеалӣ ба идроки табиат ва зебоиҳои ҷамъ-

ият меомӯзад. Ҳамчунин шахси истеъдоднокро тарбия мекунад, ки ӯ молики фаъолиятмандии эстетикӣ буда, воқеиятро дар асоси қонун ва қоидаҳои зебоӣ дигаргун карда метавонад.

Ривоҷи эстетикӣ, ҷараёни дарозмуддатест, ки ин аз пайдоиши шуури эстетикии шахс, муносибатҳо ва фаъолияти эстетикӣ, тадриҷан такомулёбии он иборат мебошад. Ин ҷараён марҳила ва дараҷаҳои гуногун дошта, бо омилҳои навпайдову иҷтимоӣ муайян мегардад. Тарбияи эстетикӣ ба фаро гирифтани маданияти эстетикии ҷамъият аз ҷониби шахс вобаста буда, бо ёрӣ ва муносибату роҳҳо ва шаклҳои гуногун ба амал бароварда мешавад.

Мафҳуми маданияти эстетикии ҷамъият ва шахси ҷудогона мавҷуд аст. Ҳангоми ба забон гирифтани маданияти эстетикии ҷамъият, маҷмӯи қадриятҳои моддӣ ва маънавие фаҳмида мешавад, ки дар рафти таърихи ривоҷёбии тамоми инсоният фароҳам оварда шудааст.

Маданияти эстетикии шахси хонанда дар натиҷаи ба таври фаъол, эҷодӣ аз худ кардани мероси мадании ҷамъият ҳосил мешавад. Муносибати байниҳамдигрии шахс бо зебоӣ, инчунин туфайли таъсиррасонии сифатҳои ҷудогонаи шахс, маданияти эстетикии ӯ ҳамеша дигаргун шуда меистад. Қисми таркиби асосии маданияти эстетикии шахс, ин шуури эстетикӣ, эҳтиёҷот, муносибатҳо ва фаъолияти эстетикӣ мебошад. Чунин қисмҳои таркибии маданияти эстетикӣ сохтори мураккаби ба худ хос дорад. Шуури эстетикӣ идроки эстетикӣ, дониш, мулоҳиза, баҳс, идеали эстетикиро дарбар мегирад. Эҳтиёҷот ва муносибатҳои эстетикӣ бошад, дафъатан, дар шавқу ҳаваси эстетикӣ, дидгоҳу назар, ҳиссиёти эстетикии шахс ифода меёбад.

Шуури эстетикӣ дар ҷараёни мулоқот бевосита бо воқеият, табиат, санъат, дар натиҷаи назарияҳо, афкор, таълиму тарбияи бадеӣ, ташаккул меёбад. Асоси шуури эстетикиро идроки эстетикӣ ташкил медиҳад. Идроки эстетикӣ-инъикоси якҷояи моҳияти эстетикии тамоми қисмҳои таркибии ашёи гирду атроф, воқеият ва ҳодисаҳо

мебошад, яъне ҷараёни муқоиса кардани чизҳои ҳиссиву ақлии дар инсон мавҷуда мебошад.

Идроки эстетикӣ ҳангоми бо зебоӣ рубарӯ шудан пайдо мешавад ва бо он тасвир карда мешавад, ки ба мақсади муайян нигаронида шудааст. Идроки эстетикии мукаммал баробари ташаккул ёфтани Мафҳумҳои эстетикӣ ва мулоҳизаҳои эстетикӣ якҷоя содир мешавад. Мулоҳизаи эстетикии шахс бо амиқӣ, мукаммалӣ, мураккабӣ, баландиву пастии худ фарқ карда меистад. Дараҷаи мулоҳизаи эстетикӣ ба хулқу атвор ва савияи дониши шахс, таҷрибаи эстеткии ӯ вобаста аст. Шахс дар асоси қоидаҳои эстетикӣ, ғояҳо ба ҳодисаи муайян ва ё симо (қиёфа) баҳо диҳад, он баҳои эстетикӣ номида мешавад. Ҳангоми баҳои эстетикӣ додан, тарзи зисти шахс дар ҷомеа, баромади иҷтимоии он равшан ба назар мерасад, зеро категорияҳои чун зебои ва зишти, хушрӯӣ ва бадафтӣ дар сохтори гуногуни иҷтимоӣ баҳои хархела гирифтааст.

Идеали эстетикӣ маънои онро дорад, ки шахс чизҳои дар табиат, ҷамъият, санъат дидаашро метавонад, бомақсад идрок кунад, он инъикоси баҳоест бобати зебоии такомулёфта. Нишонаи муҳими идеали эстетикӣ мувофиқи хусусияти ҷаҳонбинии шахс муайян карда мешавад.

Мурод аз эҳтиёҷи эстетикӣ ҳамин чиз фаҳмида мешавад, ки омилҳои субъективи шахсро аз ҷиҳати эстетикӣ ба дониста гирифтани воқеият далолат мекунанд. Эҳтиёҷи эстетикӣ иштиёқи ахбороти эстетикиро пурзӯр мегардонад. Шавқу ҳаваси эстетикӣ дар он ифода меёбад, ки шахс ба аз худ намудани фаъолияти эстетикии инсон, воқеият ва асарҳои санъат аз ҷиҳати эстетикӣ шурӯъ кардааст.

Нишонаи асосии шавқу ҳаваси эстетикии хонанда дар муносибати ӯ ба фаъолияти эстетикӣ, асарҳои барояш маъқул афтодаи санъатро ҷамъ карда, рафтан, онҳоро такроран хонда ба мулоҳиза гирифтан, идрок намудан, дар саъю кӯшиши оиди ҳамин асарҳо фикри худро гуфта тавонистан, доир ба ин масъала хоҳиши фикри дигаронро донистан, ҳамчунин дар мавҷудияти хусусиятҳои интихоб кар-

да тавонистани ҷиҳатҳои афзалнок ва намоёни ин ё он санъаткор, жанр, тамоилҳо ва ғайра ифода меёбад. Чунончи, хонандагон расмҳо, асарҳои устоди санъатро, ки ба он шавқу ҳавас доранд, ҷамъ оваранд, гаштаю баргашта мехонанд.

Хонандагон бо вусъатноки, амиқӣ, барқарор ва ё беқарор будани завқу саликаи эстетикии худ фарқ карда меистанд. Ин дар сатҳи фаъолиятмандии онҳо ва муносибати эстетикии эшон ба муҳити гирду атроф намоён мегардад. Сатҳи шавқу ҳаваси эстетикии хонанда дар натиҷаи таъсири педагогӣ боло рафтан (бузург гардидан) ва ё таназзул (сусту фуруд) ёфтанаш мумкин. Шавқу ҳаваси эстетикӣ боиси пайдоиши эҳтиёҷи эстетикии хонандагон мегардад.

Дид ва ё завқу саликаи эстетикӣ самараи ҳодисаи мураккабест, ки дар шахс дар натиҷаи омезиш ёфтани хусусиятҳои фардию иҷтимоӣ пайдо шудааст. Дид, бино ба табиати худ, категорияи танҳо ба шахс дахлдор мебошад. Аммо ҳар як фард туфайли маҷмӯи муносибатҳои шахсӣ будан, чи нормаҳои субъективӣ ва чи объективро дар худ якҷоя мекунад, ки ин ҳарду чун меъёри баҳодиҳии эстетикӣ хизмат мекунанд.

Диди эстетикии хонанда чи андоза баланд бошад, хусусияти ба ашё додани баҳои эстетикӣ низ ҳамон қадар баланд мешавад, зеро диди эстетикӣ ба хусусияти баҳои эстетикӣ додан таъсир мерасонад. Эҳсосу ҳаяҷони эстетикӣ аз сар гузаронидани муносибати баҳодиҳии эстетикии шахс ба ашё ва ҳодиса мебошад. Ҳиссу ҳаяҷони эстетикӣ дар мушоҳида карда лаззат бурда тавонистани хонанда аз шакл, ранг ва ё мазмуни ашё ва ё баръакс аз он нафрат кардан зоҳир мегардад. Эҳсосоти наҷиби эстетикии инсон мувофиқи ақлу заковат ҳар хел мешавад. Эҳсосу хаяҷони эстетикӣ, шавқу ҳаваси амиқ ва барқарори эстетикиро метавонад ҳосил кунад.

Дар хонанда ваҳдати диди эстетикӣ ўро аз ҷиҳати эстетикӣ ба фаъол будан, нишон додани фаъолиятмандии

худ тайёр мекунад. Шахс тадриҷан, оҳиста-оҳиста мекӯшад, ки дар асоси қонунҳои зебоӣ, муҳити атрофро дигаргун созад, зебоӣ биофарад, зеро инсон на танҳо зебоиро ба мушоҳида мегирад, балки онро ба вуҷуд ҳам меорад. Каси аз ҷиҳати эстетикӣ тарбиятёфта барои зебо кардани ҳаёт мекӯшад, аз ҷиҳати эстетикӣ фаъол мешавад. Фаъолиятмандии эстетикии шахс дар малакаҳои эстетикие, ки бобати офаридани зебоии ҳаёт ба даст овардааст; пӯшидани либоси зебо ва камбудӣ, муомилаи маданӣ, худдорӣ, дар оила ва коргоҳ ба вуҷуд овардани муҳити эстетикӣ намоён мешавад.

Баробари ибораи "тарбияи эстетикӣ" Мафҳуми "тарбияи бадеӣ" низ мавҷуд аст. Онро тарбияи бадеӣ гуянд, ки шахс шуури худро ба воситаи ёрии санъат ривоҷ медиҳад, ба чизҳои муайяни санъат иштирок намуда, дид ва завқи бадеии барои фаъолияти эҷоди зарур ва қобилиятхоро ташаккул медиҳад. Дар санъат категорияҳои гуногуни эстетикӣ ба шахс таъсири ҳиссиву эстетикӣ мегузорад ва ӯро бо хелҳои гуногуни фаъолияти бадеӣ шинос мекунад.

Комилан ва пурра ба иҷро расидани вазифаҳои тарбияи эстетикӣ дар хонандагон фазилатҳои ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, пешбинӣ карда тавонистан, дар дил орзу парваридaнро ташаккул медиҳад.

Адабиёти бадеӣ дар бораи пеш бурдани тарбияи эстетикӣ имкониятҳои калон дорад. Адабиёти бадеӣ ба хонандагон фаҳмиши амиқи ҳаётро меомӯзад. Хонандагон оиди шеърҳо, ҳикояҳо, намунаҳои эҷодиёти даҳонии ҳалқ (фолклор) мақолу масалҳо, достон ва афсонаҳо, повест ва романҳо, маълумоти назариявиро аз худ мекунанд. Шиносоӣ бо рӯзгори шоир ва нависандагон, фаъолияти эҷодии онҳо, асарҳои онҳоро мутолиа карда таҳлил намудан доираи дониши хонандагонро васеъ мекунад, эҳсосу андеша ва захираи луғавии онҳоро мукаммал мегардонад. Ҳамчунин, дарсҳои адабиёт возеҳу равшан ва амиқии идроки эстетикӣ ва саргузаштҳои эстетикиро таъмин мена-

мояд. Хонандагон асарҳои насрӣ, порчаҳои шеъриро азбар мекунанд, дар натиҷа маданияти нутқ ва фасеҳбаёнии онҳо низ ташаккул меёбад.

**Тарбияи ҷисмонӣ**

Мақсади асосии тарбияи ҷисмонӣ баробари таъмин намудани ривоҷи солими тамоми аъзои бадани хонандагон аз тайёр кардани меҳнати ақлӣ ва ҷисмонии онҳо, ба мудофиаи Ватан омода сохтан низ иборат аст.

Ба мардум тарбияи ҷисмонӣ таъсири калон расонида, салоҳияташро мустаҳкам мекунад, қобилияти кориашро меафзояд, ба дидани умри дароз ёрӣ мерасонад. Спорт дар тамоми синну сол барои тарбияи қадду қомат, нигоҳ доштa мондани қувва ва иктидори инсон воситаи аҷоибест. Аз ин сабаб дар таърихи ҷамъияти инсонӣ аз сохти ибтидоӣ сар карда то рӯзҳои мо тарбияи ҷисмонӣ барои таъмин намудани камолоти чандин авлод чун восита ба шумор меравад. Гуфтан мумкин аст, ки таъмини камолоти ҷисмонии насли ҷавони ба воя расидаистода, танҳо кори падару модарон, мактаб набуда, балки кори дорои аҳамияти давлатӣ низ мебошад.

Мазмун ва мунариҷаи тарбияи ҷисмонӣ дар Мафҳумҳои камолоти ҷисмонӣ, ҳолати диагностикаи ҷисмонӣ, маданияти тарбияи ҷисмонӣ, машғулотҳои спорт, маълумоти ҷисмонӣ ифодаи худро меёбад. Камолоти ҷисмонӣ тағйирёбӣ ва ривоҷ ёфтани аъзои ботинии насли наврас мебошад. Дар навбати аввал, тағйирёбии дил ва шуш, инчунин системаи асабу ҳаракат, шакли бадан, вазни пусту мушак, мукаммал ривоҷ ёфтани бадан мебошад. Дар истилоҳи педагогӣ аз камолоти педагогӣ ҳамин чиз фаҳмида мешавад, ки дар инсон маълумотҳои ҷисмонӣ чи гуна тағйир ёфтаанд, яъне дигаргуниҳои аз соддагӣ ба мураккабӣ пеши чашм аст, ки пастӣ ба баландӣ, аз нишебӣ ба фарозӣ, аз номукаммалӣ ба мукаммалӣ рафтааст.

Вазифаи тарбияи ҷисмонӣ ин аст, ки он барои камолоти ҷисмонии хонандагон бояд шароити мусоид фароҳам оварад ва онро бо тақозои эҳтиёҷи зиндагони ифода кунад.

Дар системаи тарбияи ҷисмонӣ муайянкунии марҳилаҳои камолот ҷои муҳимро ишғол мекунад. Камолоти ҷисмонӣ дараҷаи тарбияи ҷисмонист, истилоҳи фаннӣ, нишондиҳандаи самаранокии тарбияи ҷисмонӣ мебошад.

Бо усули махсус ва таҷҳизоти техникаи ҷисмонӣ саломатии хонандагон, саввияи камолоти ҳар як шахсро ба таври ҷудогона метавон тадқиқ намуд: дар заминаи пешакӣ муайян кардани нормаи муқарраршуда ва аз он дур шудан (яъне риоя накардан) нишондиҳандаи доимии тарбияи ҷисмонӣ муайян карда мешавад. Аз камолоти ҷисмонӣ гармонияи намуди зоҳирии бадан, шакли зебоӣ, ба дараҷаи камолоти баланд будани сифатҳои ҷисмонӣ фаҳмида мешавад. Агар муайянкунӣ паст шуда рафтани нишондиҳандаи ҷисмонӣ ва тиббии мактаббача ва ё ину он хонандаро нишон диҳад, пас системаи мавҷудаи тарбияи ҷисмониро бо тезӣ дигар кардан лозим меояд. Барои ҳамин дар мактабҳо, омӯзишгоҳҳо ташкил додани тарбияи ҷисмонии якка ва ё гурӯҳҳои дифференсиалӣ зарур аст.

Маданияти ҷисмонӣ қисми таркибии тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Дар баробари ин маданияти ҷисмонӣ қисми ҷудонашавандаи маданияти умумбашарӣ ва ҷамъиятӣ низ ба шумор меравад. Ба мазмуни маданияти ҷисмонӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Сохти ботинии аъзои инсон ва камолоти функсионалии (вазифаро иҷро карда тавонистан) он. Идора кардани аъзои ботинӣ, асаб ва ҳаракат, системаи устухону мушак, мавзунии бадан ва фаъолияти функсионалии он.

2. Мустаҳкам намудани саломатии хонандагон.

3. Одат кардан ба қоидаҳои гигиенӣ.

4. Маҳорати хонандагонро аз ҳар ҷиҳат ривоҷ додан.

5. Сифатҳои ҷисмонӣ ва физиологии коргарҳои оянда — меҳнаткашонро аз ҷиҳати касбу ҳунар ташаккул додан, қобилияти кории онҳоро афзудан.

6. Омода кардани шароити мусоид бо назардошти хусусияти ҷисмонӣ ва синну соли хонандагон.

7. Дар хонандагон таркиб додани ҳиссиёти иродаи, сабру тоқат, интизоми қатъӣ, дӯстиву рафоқат.

8. Тарбия намудани лаёқати шахсии ҷисмонӣ.

Мазмун ва мундариҷаи тарбияи ҷисмонӣ бениҳоят васеъ аст. Ин восита тарзи зисти ҷавонон, дар асоси маданият ва спорт бо мазмун, бо фароҳназарӣ ташаккул ёфтани онҳоро таъмин менамояд.

Дар асоси нишондоди таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, тарбияи ҷисмонӣ ба тарзи зиндагонӣ ва дастури мактаббачагону ҷамоаҳои хонандагон мубаддал ёфтааст. Барои рағбатнок гардонидани дастовардҳои дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, тарғиби спорт ва тарбияи бадан, технологияи таълими истеҳсолот ва амалиёти истеҳсолот, ба муддати дуру дароз нигоҳ дошта мондани қобилияти хонандагон он чиз ба аҳамияти аз андоза берун молик хоҳад буд, ки сифатҳои ҷисмонӣ ва фазилатҳои ҷавонон ба мазмун ва моҳияти касбомӯзӣ табдил дода шавад, ба мундариҷаи он нигаронида шавад.

Ҳангоми машғулотҳои тарбияи ҷисмонӣ дар натиҷаи корбарии якка бо хонандагон, саломатии аъзои бадан сусту заиф шуда, нуқсону иллатдори ҷисмонии онҳо ва бачаҳои аз дарс озодшуда барқарор карда мешавад. Ба ҷуз ин бо назардошти шавқу ҳавас ва саъю ғайрати бачаҳои соҳиби қобилияти ҷисмонӣ ҳам, машғулотҳои индивидуалӣ ба роҳ монда мешавад. Бачагони ҷудогонаи қобилиятнок дар мактаб ва дигар омӯзишгоҳҳо, баробари таҳсил, дар корҳои оммавии спорт иштирок карда, метавонанд натиҷаҳои баландро ба даст дароранд, ҳатто соҳиби маълумоти миёнаи махсус ва олӣ шаванд.

Дар мазмун ва мундариҷаи тарбияи ҷисмонӣ ибораҳои "меҳнати ҷисмонӣ", "таъсири ҷисмонӣ", "ҷазои ҷисмонӣ" ва монандин ин таъбирхо дучор шуда меистад. Меҳнати ҷисмонӣ назар ба меҳнати ақлӣ бо қувваи ҷисмонии инсон, ҳаракати қисмҳои мушак ва ғайра алоқаманд мебошад. Ба дуруст ёки нодуруст ташкил дода шудани меҳнати ҷисмонӣ нигоҳ карда, ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки

он ба ҷавонон таъсири мусбӣ ва ё манфӣ расонида метавонанд. Дар ҳама гуна шароит низ хелҳои меҳнати ҷисмониро ба мазмуну мундариҷаи тарбияи ҷисмонӣ даровардан мувофиқи мақсад аст. Амонашвили дар таҷрибаи педагогии худ ба нияти ҳавасмандгардонии фаъолияти ақлии хонандагон, аз таъсиррасонии ҷисмонӣ зуд-зуд истифода намуд. Масалан, ӯ дар натиҷаи воситаи таъсиррасонии гуногун, навозиш кардани сари кӯдакон, дастони худро оҳистекак ба китфи онҳо монда, рӯҳбаланд гардонидан, дар партаи бача нишаста ҳамкорӣ изҳор кардан ба пурсамарии тарбия муваффақ шудааст. Дар ин хол монеаи байни муаллиму хонанда бартараф карда шуда, рӯҳи осоиштагию ҳусни ҳамдигарфаҳмӣ ва боварӣ таркиб меёбад.

Ҷазои ҷисмонӣ ба мақсади бартараф намудани норасоии ахлоқӣ ва ҳаракати ғайриахлоқии хонанда истифода мешавад. Ба ҷазои ҷисмонӣ гуруснашикамӣ ҳам дохил мешавад. Дар мактабҳои мо ҷазои ҷисмонӣ бекор карда шудааст.

**Корҳои тарбиявии берун аз синфӣ ва берун аз мактаб**

Муайян намудани ҷиҳатҳои ташкилии мактаб ва муассисаҳои беруназмактабӣ ва мақсади онҳо, ба ҳисоб гирифтани тамоми соҳаҳои имрӯзаро талаб мекунад. Корҳои тарбиявии зикршуда, ки дар синф ва берун аз мактаб бурда мешаванд, бо он тавсиф карда мешавад, ки онҳо ба муайян намудани марҳилаҳои камолоти шахс нигаронида шудаанд. Барои ҳалли мусбати ин муаммо бояд ба системаи корҳои тарбиявии дар синф ва берун аз мактаб бурдашаванда ҳатман инҳо дохил шаванд:

— ҳангоми тарбия каси ба камол расида истодаро чун қадрияти олии иҷтимоӣ тан гирифтан, бетакрор ва ба худ хос будани ҳар як бача, наврас ва ҷавонро эҳтиром намудан, дар мадди назар доштани ҳуқуқӣ иҷтимоии онҳо;

— ба воситаҳои анъанаи ба худ хоси миллӣ такя намудан;

— дар байни педагогҳо ва хонандагон муносибатҳои эҳтироми байни ҳамдигарро ташаккул додан.

Корҳои беруназсинфиву берун аз мактабӣ ҷараёни таълиму тарбияи хонандагонро, ки дар вақти аз дарс холӣ будан руй додааст, пурра ва васеъ мегардонад, имконият медиҳад, ки мактаббачагон ба таври мустақил дониш омӯзанд, қобилияти эҷодӣ ва ташаббускорӣ афзоиш ёбад. Дар чорачӯиию тадбирҳои берун аз синф, аз ҷумла дар маҳфилҳои гуногун муаллими фан бо хонандагоне, ки ба фанни худ шавқу ҳавас доранд, машғулот гузаронида, ҳавасмандии онҳоро ривоҷ медиҳад. Маҳфилҳое, ки корҳои беруназсинфиро мукаммал фаро гирифтаанд, якчанд хел шуда метавонанд:

а) маҳфилҳои фаннӣ;
б) маҳфилҳои дастони моҳир;
в) маҳфили дуредгарӣ;
г) маҳфили спорт;
д) маҳфили ҳаваскорони бадеӣ ва ҳоказо.

Дар мактабҳои миёнаи таълими умумӣ, ин корҳоро роҳбарӣ синф ва ё созмондеҳи корҳои тарбиявӣ ташкил медиҳад. Роҳбари синф барои ташкил додани корҳои берун аз синф ба роҳбарони маҳфил ёрӣ мерасонад. Хонандагони шавқу ҳавас ва саъю кӯшиши ягона доштаро барои ба ин ё он маҳфил аъзо шудан даъват мекунад. Дар кадом маҳфил тарзи машғулот бурданаш ба ҳисоб гирифта мешавад.

Корҳои тарбиявии берун аз мактаб ба ҳукми маскани тарбиявӣ мебошад, ки бачагонро ба эҷодкорӣ даъват менамояд. Таҷрибаҳои педагогӣ ҳаминро нишон медиҳанд, ки дар шароити ҳозира хонаҳои бачагон, қасри бачагон ва ҷавонон, қасри техникони ҷавон, хонаҳои техникони ҷавон, хонаҳои табиатшиносони ҷавон, ки корҳои тарбиявии берун аз мактабро мебаранд, бояд давомдиҳандаи бевоситаи тарбияи мактабиён бошанд. “Консепсияи корҳои тарбиявии берун аз синф ва мактаб”-и Республикаи Ӯзбекистон барои ба нақша гирифтан ва ба амал татбиқ намудани ин корҳо асос мешавад.

Маълум аст, ки кори хонандагонро аз ҷиҳати ғоявию сиёсӣ, ахлоқӣ, завқу саликаи баланд ва ҷисмонӣ аз ҳар ҷиҳат баркамол тарбия додан дар ҷараёни дарс шурӯъ мешавад. Аммо эҳтиёҷот, талабот ва тамоми шавқу ҳаваси хонандагонро фақат бо ҷараёни дарс маҳдуд наметавон кард. Ин гуна шавқу ҳаваси гуногунпаҳлӯро сурати якҷоя ва пайваста гирифта бурдани корҳои тарбиявии берунazсинфу мактаб қонеъ кунонидан мумкин аст. Аз ин сабаб дар вақтҳои охир, ба тарзи дилхоҳ ташкил додани корҳои тарбиявии берун аз синф ва мактаб аҳамияти ҷудогона дода мешавад.

Корҳои ташкилдодашудаи берун аз синф ва мактаб фаъолияти тарбиявии дар ҳаёти хонандагон ҷойдоштаро пурра мекунанд. Ба он мусоидат мекунад, ки ҷаҳонбини дуруст ташаккул ёбад, аз ҷиҳати хушхулқиву худшиносӣ камол ёбанд. Донишҳои назариявӣ барои пайвастани амалиёт, истеҳсолот замина ҳосил мекунад. Вазифаҳои созмондеҳи корҳои берун аз синф ва мактаб низ серсоҳа мебошад. Ба вазифаҳои ташкилкунандаи корҳои тарбиявии берун аз синф ва мактаб инҳо дохил мешаванд:

— ба нақша гирифтан ва ба амал татбиқ шудани корҳои тарбиявии берун аз дарсро назорат кардан;

— бо ёрии ҷамоаи педагогӣ, ташкилотҳои хонандагон, фаъолони синф ба роҳ мондани корҳои серсоҳаи хонандагон дар хориҷи синф ва мактаб;

— баробари ба корҳои ташкили берун аз синф ва мактаб роҳбарӣ кардан, ба муаллимон, роҳбарони синф, падару модарон, ташкилотҳои хонандагон, фаъолони синф ёрии методӣ (услубӣ) расонидан;

— ба тадбирҳои муҳимми тарбиявии умуммактабӣ ва байнимактабӣ иштирок кардан;

— ҳангоми ташкил намудани истироҳати хонандагон аз қувваи муассисаҳои тарбиявӣ ва маданият, инчунин аз ҷомеа васеъ истифода кардан.

Дар ин хусус се тарафи фаъолияти ташкилкунандагон ба назар мерасад: ташкилотчигӣ, усулӣ ва маъмурӣ.

Инҳо аксар дар намуди байни ҳамдигар дар алоқаи наздик будан зоҳир мегардад. Ба фаъолияти ташкилотчигии созмондеҳ чунин корҳоро дохил метавон кард:

— ташкил намудани муваффақият ва норасоиҳои корҳои тарбиявӣ;

— муайян кардани мақсад ва вазифаҳои корҳои тарбиявӣ;

— ба нақша гирифтани корҳои тарбиявӣ, оммавию сиёсӣ ва муайян кардани мазмун, шакл ва усули онҳо:

— ба гурӯҳҳо ҷудо кардани корҳои тарбиявии берун аз синф ва мактаб, муайян намудани шахсияти одамони идоракунанда.

Дар мактаб корҳои тарбиявиро ба нақша нагирифта, мазмун, шакл ва усулҳои онро муайян накарда, ба системаи маълум надароварда ба мақсад расидан душвор аст.

Таъсири тарбиявии корҳои беруназсинфӣ аз бисёр ҷиҳат ба савияи созмон додани ҷараёни хониш ва корҳои гуногунро ба кадом тарз ба роҳ мондани ҷамоаи хонандагон вобаста аст. Фаъолияти беруназсинфӣ бо дастури маҷбурӣ маҳдуд намешавад, балки хонандагони синну соли гуногунро ба таври ихтиёрӣ муттаҳид месозад, корҳоро дар асоси ташаббуси онҳо ба амал мебарорад, шавқи онҳоро ба фан пайдо мекунонад, ба муҳити ҳаёти маданий ҳалқ дохил мекунад. Корҳои беруназсинфӣ омили муҳимтарини ташаккул додани фаъолиятмандии иҷтимоӣ, шуури иҷтимоии шахс, инчунин одатҳои ахлоқӣ мебошад. Ин фаъолият ҷомеаи илми, кори театрҳои мактаб, дар мавзӯъҳои гуногун гузаронидани конференсияи хонандагон ва мушоираҳо, маърӯза ва сӯҳбатҳо оиди мавзӯъҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, илмию оммабоб ва меҳнат, меҳнати иҷтимоию фоидаовар, ахбороти сиёсӣ, шабнишиниҳои идона ва тадбирҳои субҳона, машғулотҳои маҳфилро дар бар мегирад.

Корҳои беруназсинфии хонандагон бо мазмуни худ фаъолияти тафаккур ва воситаи муносибат ба шумор меравад. Зеро ахбороти дар корҳои беруназсинфӣ гирифташуда идрок карда ва аз нав кор карда мешавад.

Хонандагон дар корҳои берун аз мактаб иштирок дошта, бо одамони гуногун дар муносибати муайян мешаванд, ба вазъиятҳои хархела дучор меоянд. Фаъолияти беруназмактабии хонандагон то чи андоза ҳархела бошад, муносибати онҳо ҳамон қадар бой, доираи муносибат васеъ ва пешравии маънавӣ пурсамар мегардад. Дар корҳои тарбиявии берун аз мактаб, хонандагон бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, сурури меҳнати иҷтимоиро эҳсос мекунанд, ба меҳнати истеҳсоли ҳамроҳ мешаванд, ба фикри аҳли ҷомеа итоат кардан одат мекунанд, барои шарафи ҷомеа мубориза мебаранд. Фаъолияти берун аз мактаб бо назардошти ривоҷи маънавӣ ва ҷисмонӣи дар он иштироккунандагон ва хусусияти синну соли онҳо муайян карда мешавад. Дар ин ҷараён шароити мактабҳое, ки худ дар он таълим мегиранд, низ таъсир мерасонад. Харчанд вазифаҳои тамоми мактабҳои мамлакатамон як бошад ҳам, ин мактабхо ҷиҳатҳои ба худ хос доранд ва ин хусусиятҳо дар шароитҳои маданӣ ва миллӣ равшан ба назар мерасанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки тарбиятгарон, роҳбарони синф бобати гирифта бурдани корҳои тарбиявии берун аз синфу мактаб аз усулҳои зерини кор истифода баранд.

*1. Усулҳои кори даҳонӣ.* Ахбори гуногун, маърӯзаҳо, конференсияи китобхонҳо, мунозираҳо, вохӯриҳо, газетаҳои даҳонӣ, радиожурналҳо.

***2. Усулҳои корбарии амалӣ.*** Саёҳат ба ҷойҳои гуногун, муносибатҳои спортӣ, олимпиада, фаъолияти кории пайшиносон, маҳфилҳои табиатшиносони ҷавон, шанбегиҳо.

*3. **Усулҳои кори аёният.*** Музейҳои мактаб, хонаи қаҳрамонони ҷанг ва меҳнат, ба намоиш гузоштани китобҳои нав.

Кори педагогӣ аз педагог талаб мекунад, ки вай тамоми қобилиятро ба кор барад, доимо дар ҷустуҷӯ бошад. Зеро туфайли меҳнати пурзаҳмат, аммо шарафноки вай авлоди оянда тарбия ёфта, муттаҳид, аҳл, шаҳрванди ҳақиқии Ватани ҷонаҷони мо мешавад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар бораи усулҳои фаҳмонидан, намуна, мукофот ва ҷазо маълумот диҳед.

2. Ба намуд ва роҳҳои усули фаҳмонидан мисолҳо оред.

3. Оё дар тарбияи ҷавонон падару модар, муаллим, қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ намуна шуда метавонанд?

4. Ба тарбияи иқтисодӣ дар оила мисолҳо оред.

5. Мазмуни тарбияи ахлоқӣ аз чи иборат аст?

6. Роҳ ва воситаҳои тарбияи ахлоқиро номбар кунед.

7. Аҳамияти тарбияи экологӣ дар чист?

8. Аҳамияти ҳуқуқшиносии ҷавонон дар чист?

10. Ҷавонон ба интихоби касбу ҳунар чи андоза тайёранд?

11. Коллеҷҳо чи аҳамияти замонавӣ доранд?

12. Дарозмуддатии ҷараёни тарбияро фаҳмонда диҳед.

13. Қоидаҳои тарбияро номбар кунед.

14. Дар бораи қисмҳои таркибии тарбия маълумот диҳед.

15. Асарҳои бадеии хондаатонро номбар кунед.

16. Ба кадом маҳфилҳо аъзо ҳастед?

# БОБИ XII

# МАКТАБ ВА ИДОРАИ ОН

**Идора кардани мактаб**

Идора кардан фаъолияти ба ҳама гуна ҷамъият хос, тақозои зарурати ҳаёт ва зиндагӣ мебошад. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ моҳияти фаъолияти номбурда боз такмил меёбад. Мақсади асоси назардошт аз ҳамин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии аҳли меҳнат, пеш бурдани истеҳсолот ва дар ҳамин асно тамоми муносибатҳои иҷтимоиро тараққӣ додан мебошад.

Идора кардан бо назардошти манфиати халқ дар заминаи усулҳои демократӣ ба амал бароварда мешавад. Аён аст, ки чунин ҷараёни идоракунӣ диққати махсусро ба омили инсон, ба такмил додани манфиати миллат ва қадриятҳои миллӣ тақозо дорад.

Идора кардан дар тамоми марҳилаи тараққиёт хусусияти дохилии хоси ҷамъият аст. Ин хусусият характери умумӣ дорад. Зотан ин хусусият дар меҳнати ҷомеаи иҷтимоӣ, аз алоқаи байниҳамдигарии одамон дар ҷараёни зиндагиву меҳнат аз зарурияти иваз кардани маҳсулоти фаъолияти моддӣ ва маънавӣ сар мезанад. Меҳнат дар тамоми даврахои таърихи инсоният ба характери иҷтимоӣ молик аст ва ҳамин тавр хоҳад монд, зеро қонуниятҳои ҷамъият ҳаминро тақозо дорад. Одамон ба дунё омада, баробари сар кардани зиндагии бошуурона ба муттаҳид шудан, якҷоя кор кардан эҳтиёҷ пайдо кардаанд. Вале ин имтиёз дар замонҳои гуногун ба хусусияти ягонаи барои тамоми даврҳо хос бо ҷараёни идоракунӣ эзоҳ меёбад.

Аз ин бармеояд, ки ҳама гуна шакли меҳнат меҳнати иҷтимоӣ ва ё якҷоя ба шахси идоракунанда ба дараҷаи

муайян муҳтоҷ аст. Идоракунанда корҳои ҷамоаи худро ба ҳамдигар мувофиқ мегардонад.

Маълум аст, ки ҷамъият дар худ соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва маънавиро дар бар мегирад. Мувофиқи ҳамин се тамоили асосии идора кардан низ вуҷуд дорад, асоситарини он идора кардани иқтисодӣ мебошад. Чунки иқтисод-истеҳсоли моддӣ асоси ҳаёти ҷамъият ва тараққиётро ташкил медиҳад. Дар як давре, ки Республикаи мо соҳибистиқлол шудааст, ба идоракунии иқтисодӣ эътибори ҷиддӣ додааст. Зотан, эҳёи миллӣ аз азнавсозии иқтисодӣ шурӯъ мешавад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мамлакатҳои тараққикарда расида гирифтани Ӯзбекистон, бо дуруст ба роҳ мондани идоракунии иқтисодӣ, узван вобастагӣ дорад.

Идоракунии иҷтимоию сиёсӣ муносибатҳои байни ҷамоаҳои гуногуни одамон ҳам (гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, халқиятҳо, ҷамоахо ва ҳоказо), муносибатҳои байниҳамдигарии дар дохили ҷамоаҳо ҷой доштаи одамонро идора кардан аст. Моҳияти асосии чунин навъи идоракунӣ-иттифоқи гурӯҳҳои гуногунро боз ҳам мустаҳкам кардан ва инкишоф додан мебошад.

Дар марҳилаи ислоҳот идора намудани пешравии иҷтимоии ҷамоаҳои меҳнатӣ аҳамияти бузург касб хоҳад кард. Зеро тамоми муваффақияти кори мо, сарнавишти нақшаҳоямон аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи такомулёбии муносибатҳои ҷамоавӣ, ба солимии “микроиқлими иҷтимоӣ”-и ҷамоаҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Маҳз аз ин, мақсади пешбинишуда бартараф намудани тафовутҳои иҷтимоӣ, ноил шудан ба ҳамраъйии иҷтимоии ҷамъият, идоракунии давлатиро ташкил дода, онро ба идоракунии иҷтимоӣ табдил додан мебошад.

Сариштаи кори ҷамъият ва аз ҷиҳати маънавӣ ривоҷ ёфтани аъзоёни ҷудогонаи ҷомеа боз як навъи асосии идоракунӣ мебошад. Барои он ки рӯзгори мо боз ҳам тараққӣ кунад, он бояд соҳиби мутахассиси потенсиали баланди истеъдодӣ бошад. Зарурати дар асоси илмӣ идора кардани

тарбияи ичтимоӣ, парваридани хислати илмнокиву маърифатдӯстӣ, ба чо овардани хизмати маишиву мадании аҳолӣ маҳз аз ҳамин сар мезанад. Дар асри инқилоби илмию техникӣ идора кардани соҳаи истеҳсолоти маънавӣ аҳамияти ниҳоят калон касб менамояд. Чунин шакли идора бо чашми кордонӣ ба роҳ мондани кори мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабӣ, органҳои таълими ҳалқ, омӯзишгоҳҳои ҳунару техника, мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ, сариштаи соҳаҳои илму фан, адабиёт, санъат, маданият ва тандурустиро дар бар мегирад. Фикру мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ҳаминро мефаҳмонад, ки идора кардани системаи маорифи ҳалқ, аз чумла фаъолияти мактаби таълими умумӣ қисми таркибии идоракунии ичтимоӣ мебошад.

**Омилҳои идоракунӣ**

Ба нақша гирифтан, ташкил кардан, мутобиқ намудан, назорат бурдан, ҳисобу китоб кардан омилҳои идоракунӣ ба шумор меравconfigure.

Ба нақша гирифтан-ривоч додан ва ба модел даровардани объектҳои идорашавандаро, прогноз (пешбинӣ) карда тавонистанро низ дарбар мегирад. Созмон додан бошад, интихоб намудан ва ташаккул додани сохти объекти истеҳсолот ва тарзи корбарии идоракунӣ аст. Муайян кардани амалиёти байниҳамдигарии унсурҳои система мебошад.

Мутобиқгардонӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар байни унсурҳои гуногуни система нисбати матлуб нигоҳ дошта шавад, ҳангоми кор кардани объекти идорашаванда ба он роҳ дода нашаванд, ки он аз нақша супориш хорич гардад. Ба чуз ин мутобиқгардонии фаъолияти ҳар як хидматгузорро ҳам мефаҳманд.

Назорат бурдан, чи андоза ба нақша мувофиқ омадани чараёни дар амал будаи истеҳсолотро ба мушоҳида гирифта тафтиш кардан, инчунин тафтиши фаъолияти ҳар як хидматгузор мебошад. Ниҳоят, ҳисобу китоби ба нақша

ва ё тарзи иҷрои марҳилаҳои муайяни амалӣ гардонидани он ҷамъ месозад. Баҳисобгирӣ ба ҷамъбаст кардани ахборот, барои ба система даровардани он имкон медиҳад, ки барои кор карда баромадани дастури кории системаи мазкур, ки давраи минбаъдаро пешбинӣ кардааст, аз базаи ахборот пурра истифода барад.

Омилҳои идоракунии дар боло баршумурдаро ба соҳаи дилхоҳи хоҷагии ҳалқ, аз ҷумла ба соҳаи мактабу маориф ҳам комилан татбиқ кардан мумкин аст. Вале мазмуни дақиқи омилҳои мазкур дар системаи гуногуни идоракунӣ бо мазмуни объекти идорашаванда вобастагӣ дорад. Модоме ки чунин аст, ҳар як роҳбарӣ соҳаи мактабу маориф фаъолияти идоракунии худро дар асоси омилҳои идоракунии зикршуда ташкил диҳад, ба натиҷаҳои хуб ноил мегардад. Барои ин ӯ бояд ба омилҳои идоракунӣ ва моҳияти онҳо пурра сарфаҳм равад.

Дар меҳнат одамони бо меҳнати идоракунӣ машғул (директори мактаб, ҷонишинҳои директор оиди таълиму тарбия ва корҳои хоҷагӣ, ташкилотчии корҳои тарбиявӣ, роҳбарӣ иттиҳодияи методӣ, раиси ташкилоти иттифоқи касаба) ҷамоаи идоракуниро ташкил медиҳад.

Дар мактаб системаи идоракунӣ асосан ба ду тақсим мешавад:

— Роҳбарияти мактаб

— муаллимон, тарбиятгарон, ташкилотчии ҷавонон, роҳбарони синф, аъзоёни иттиҳодияи услубӣ, ходимони техникӣ.

Ходимони иҷроияи соҳаи идоракуниро низ ба ду гурӯҳи асоси тақсим кардан мумкин аст:

а) мутахассисон (муаллимон ва тарбиятгарон);

б) ходимони техникӣ (лаборант, фаррош, электрик, монтёр, посбони мактаб).

Дар мактаб дуруст интихоб намудани муаллим, тарбиятгар, ходимони техникӣ ва ҷобаҷогузоррии онҳо яке аз масъалаҳои муҳими идоракунии дохилӣ мебошад. Дар ин маврид ҳангоми интихоби ходимони мактаб ба қоидаи зе-

рин риоя кардан аҳамияти муҳим касб хоҳад кард. Яъне, ҳангоми интихоби ходимони мактаб ба ҳисоб гирифтани дониши сиёсӣ, ҳалолкориву покизагӣ, кордонии онҳо зарур аст. Дар ин ҳангом ҳаминро пай бурдан лозим аст, ки донистани чашми кор, фаъолиятмандӣ, коркунӣ, таъмин карда тавонистани муттаҳидиву тифоқӣ вазифаи асосии кори аппарати идоракунӣ мебошад.

Дар мактабҳои таълими умумӣ идоракунандагон маданияти идораро бояд баланд бардоранд ва ба демократӣ кунонидан кӯшанд, ки ин яке аз талабҳои муҳими имрӯзаи иқтисоди бозорӣ аст. Дар замони ислоҳотҳо идора намудани хоҷагӣ ва ба он роҳбарӣ кардан дар асоси қоидаҳои конститутсионӣ, ақидаҳои миллӣ пеш бурда мешавад.

Шакл ва усулҳои идора кардани мактаб дар ҳар як марҳилаи тараққиёти иқтисодии республика мувофиқи вазифаҳое, ки онро бояд ҷамъият ҳал кунад, тағйир ёфта, мукаммал шуда рафтанаш мумкин. Вале дар тамоми марҳилаҳои пешравии иқтисодӣ ҳам, дар давраи ислоҳотҳои ҳозира ҳам, қоида ва мазмуни идора кардани соҳаи таълими халқ, аҳамияти худро нигоҳ медорад. Аз ин бармеояд, ки дуруст ташкил намудани идоракунии дохилии мактаб аҳамияти ҷудогонаро моил мебошад. Мо оиди ҳамин гуна қоидаҳои идоракунӣ ба таври алоҳида истода гузаштанро мувофиқи мақсад донистем.

***Қоидаи демократикунонӣ.*** Қоидаи хеле муҳими системаи таълими ҳалқ ва мактаб демократикунонӣ мебошад. Ақидаи мазкур дар даврони имрӯзаи истиқлол барои демократикунонии ҷамъият аҳамияти муҳим касб мекунад. Шарти асосиии идоракунии хоҷагӣ қоидаи демократӣ буда, ҷустуҷӯ карда ёфтани шаклҳои мақбули он яке аз муаммоҳои муҳим ва пураҳамияти имрӯза аст. Амалӣ гардонидани он риояи бечунучарои қонунҳо ва нормаҳои ҷамъиятии ташаббусу ҷустуҷӯйиро, ки ба интизомнокии мустаҳкам, намунаи ибратбахши ҳамҷиҳативу ягонагӣ асос ёфтааст, тақозо дорад.

Дар идора кардани мактабҳо ақидаи демократӣ, қонуну қоидаҳо бисёр муҳиманд. Дар ин маврид мубодилаи афкор, маслиҳат дар ҷараёни таълим омили зарурӣ ба ҳисоб меравад, ки онро алоҳида таъкид карда гузаштан лозим.

Дар шароити ҳозираи иқтисоди бозор илмӣ будани идоракунӣ бо он муайян мегардад, ки раҳбар қонунҳои тараққиёти иҷтимоиро тадриҷан мукаммал дониста равад. Ба илм такя намуда, дар амал татбиқ намудани қоидаи хоҷагидорӣ се шарти асосӣ дорад:

а) бо тамоми чораҳо ривоҷ додани асосҳои илмии идоракунии истеҳсолот, ба вуҷуд овардани чунин соҳае, ки муассисаҳои илмию тадқиқотӣ тамоми муаммои бо идоракунии истеҳсолот алоқамандро ба мулоҳиза мегиранд, аз ҷумла, барпо намудани соҳаи тадқиқи илмии маориф;

б) тайёр кардан ва аз нав тайёр кардани ходимони идоракунанда, ташкил додани системаи такмили ихтисоси онҳо, инчунин минбаъда такмил дода рафтан;

в) омӯхтани таҷрибаи беҳтарини (пешқадами) идоракунии истеҳсолот, аз ҷумла идора кардани мактабу маориф, ҷамъбаст намудан ва оммавӣ кунонидан. Ҳар як каси роҳбарикунанда дар хоҷагӣ ва ё омӯзишгоҳ ба ҳамин се шарт бояд пурра риоя кунад.

Дар мактаб дар асоси илмӣ ташкил намудани меҳнати педагогӣ тавре идрок мегардад, ки аксар аз вақт дуруст истифода баранд, чораҷӯиҳои беруназсинфӣ ва супоришҳои иҷтимоии муаллимон-тарбиятгаронро ба тартиб андозанд.

Дар асоси илмӣ ташкил додани меҳнати педагогӣ мафҳуми васеъ дошта, ба он, аввало бо назардошти малака, истеъдод ва шавқу ҳаваси ходимон масъалаҳои интихоби дуруст ва ҷобаҷогузорӣ, аз нав тайёр кардан, системаи истифодашудаистодаи такмили ихтисосро бемайлон такомул додан ва ба ҷараёни таълиму тарбия ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ дохил мешавад. Дар ин маврид тартиби кори педагогӣ, ташкил додани тарзи корбарии мактаб рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ва чорякҳо, бо чашми кордонӣ ба

нақша гирифта, гузаронидани маҷлисҳои шӯрои педагогҳо, конференсияҳои хусусияти илмию услуби ва тарбиявидошта ва такмил додани идоракунӣ дар назар дошта мешавад.

***Қоидаи ҷамоатии идоракунӣ ва масъулият*** — марҳилаи олии дуруст идора кардану роҳбарӣ намудан аст. Ин қоида баробари дар системаи идоракунӣ мавқеи устувор доштан ба инкишофи фаъолияти эҷодии омма ёрӣ мерасонад. Ҷомеа ва маслиҳати он заминаи роҳбарии дуруст мебошад. Хоҷагиро бо роҳи ҷамоа идора кардан ва роҳбарии онро ба ӯҳда доштан, аз ҳама муҳим қарорҳоро якҷоя, ба маслиҳат кор карда баромадан шарти муҳими идоракунии салоҳиятнок мебошад. Дар мактабҳои таълими умумӣ тамоми масъалаҳои идоракунӣ дар асоси муҳокимаи байниҳамдигарӣ ҳал карда мешавад. Ҳар он касе, ки бо меҳнат сарукор дорад, дар он ҷои муайяни худро дошта бошад, инчунин ӯ аз рӯи нақшаи аниқ ва супоришҳо корҳоро амалӣ мегардонад. ҳамаи ин, албатта, аз дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия ва манфиатҳои мафкураи истиқлол бояд сар занад.

***Қоидаи тафтиши иҷро дар идоракунӣ.*** Ин яке аз шартҳои муҳими идора кардан аст. Дар системаи идоракунӣ ташкилотчигӣ аҳамияти хеле калон касб мекунад. Ташкилотчигӣ ва иҷро ягонагии диалектикаро ташкил медиҳад. Зотан, мақсади асосие, ки аз тафтиши иҷро (вазифаи асосии тафтиш) дар назар дошта шудааст, пешгирӣ кардани эҳтимоли барбодравии нақшаи муайян намудани норасоиҳо ва бартараф кардани онҳо, таъмини иҷрои қарорҳои қабулшуда ва ташкили басомони кори амалӣ мебошад. Тафтиши иҷро ба таври қатъӣ ба амал овардани супоришҳои директивӣ ва ҳуҷҷатҳои аз ташкилотҳои болоӣ омадаро таъмин мекунад. Ин бошад, дар навбати худ ба он имкон медиҳад, ки ба ин ё он қарор ислоҳоти зарурӣ дароварда шавад, вазифаҳои мин-

баъда муайян гардад, барои ба мақсад ноил шудан шакл, метод ва усулҳои нав ҷустуҷӯ карда шаванд. Ягонагии қарор ва иҷро асоси роҳбарии дурустро ташкил медиҳад. Назорати бо чашми кордонӣ ташкил ёфта, ваҳдати фаъолиятмандии байни қарору иҷроро таъмин мекунанд. Чунин тарзи ташкили кор дар муаллимон ва тарбиятгарон нисбати худу дигарон фазилатҳои олии серталабиро тарбия мекунад, оиди кор ҳисси масъулиятро пурзӯр мегардонад, интизомро мустаҳкам менамояд ва монанди инҳо.

***Қоидаи аз рӯи нақша идоракунӣ*** дар системаи идора кардан ақидаи (принсипи) хеле муҳим ба шумор меравад. Дар идоракунии мактаб системаи муайян бояд шавад. Чунки он аз маҷмӯи тадбирҳои тасодуфӣ, байни ҳамдигар алоқанадошта, таркиб наёфта, балки аз маҷмӯи тадбирҳои қатъиян ба тартиб даровардашуда, байни ҳам алоқаманд ва амиқ ба мулоҳиза гирифташуда иборат аст. Ин дар назди тамоми ҷамоаи педагогӣ, инчунин гурӯҳҳои ҷудогонаи он, вазифаҳоеро бо назардошти шароити аниқ, хусусиятҳои вазъияти муайян вомегузорад, ки хусусиятҳои супоришҳои вогузошташуда қатъиян бонизом бошанд, байни ҳамдигар робита дошта бошанд, тадбирҳои аз ҳар ҷиҳат амиқу пухта андешида бошанд.

Тамоили мазкури ба таълими ҳалқу мактаб роҳбарӣ кардан ва идора намудани он, дар мактабҳои таълими умумӣ ислоҳ кардани соҳаи таълиму тарбия ва онро минбаъда такмил додан, барои бомуваффақият ба амал баровардани нақшаҳо, ташкили дурусти кори мактаби миёнаву олӣ аҳамияти муҳим касб мекунад.

Тамоили аз рӯи нақша идора кардани таълими халқ, аз ҷумла нақшаҳои ба мактаб роҳбарӣ карданро бо ба ҳисобгирии сиёсати хукумат оиди соҳаи таълими халқ ва дар амал ҷорӣ намудани он тартиб додан лозим. Дар мавриди ба нақша гирифтан донистани моҳияти кор,

бобати ба мақсад моҳирона расидан, як зинаи асоси будани масъаларо пеши назар овардан лозим. Инчунин мувофиқи мақсад мебуд, ки нақшаи узвҳои таълими халқ, аз ҷумла мактаб дар асоси доираи мавзӯи тадбирҳои аниқ, ба мақсади муайян нигаронида шавад, ба хусусиятҳои дониш, мунтазам ва пайдарпай гирифта бурдан молик бошад, дар он ҳангоми гузаронидани ин ё он тадбир вазифаи шахсони масъул амиқ нишон дода шавад.

***Қоидаи самаранокӣ ва сарфакории идоракунӣ*** дар назди ҷамъият вазифа мегузорад, ки барои дар як муддати кӯтоҳ ба мақсад расида, ба даст овардани муваффақиятҳои калон маблағи ночиз ҷудо карда шуда, қувваи корӣ низ кам сарф гардад.

Тамоили мазкур оиди сарфаи вақт ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба маънои пурра ба системаи идоракунии дохили мактаб бевосита алоқаманд аст. Роҳбарии мактаб дар кори идоракунӣ ба масъалаи сарфа намудани вақти муаллим, тарбиятгар ва хонандахо бояд бо назари эътибор нигаранд. Ташаккули ба амал баровардани идоракунии дохили мактаб, ба ин масъала пурзӯр намудани эътибор аҳамияти калони педагогӣ хоҳад дошт.

***Дар асоси Стантдарти давлатии таълим*** ташкил кардан ва дуруст пеш бурдани кори таълиму тарбия қисми таркибии усули идоракунӣ мебошад. Дар фаъолияти ҳар як ҷамоаи идоракунӣ мавҷудияти системаи муайян шарт аст. Чунин хусусияти шароити аниқ, ҳолат ва вазъият бо тамоми вазифаҳои дар назди мактабистода вобастагӣ дорад.

Стандарти давлатии таълим барои пешгирӣ намудани ҳама гуна иштибоҳот, барҳам додани хато ва норасоиҳои аввал содир кардашуда ёрӣ мерасонад. Инчунин он барои дуруст ба роҳ мондани тартиб ва интизоми мактаб аҳамияти ҷудогона касб мекунад.

Барои мактабҳои таълими умумӣ стандарти давлатии таълим чунин масъалаҳои зеринро муайян менамоянд:

1. Нақшаи корие, ки истиқболи давраи муайяни мактабро ба истиқбол гирифта сохтаанд. Инро нақшаи кори истиқболи мактаб меноманд. Чунин нақшаи кор дар асоси нишондиҳандаҳои нақшаи хоҷагии ҳалқи умумимактабӣ тартиб дода мешавад. Дар он дар асоси рақамҳои гуногун пешравии давраи муайяни мактаб (базаи моддӣ ва техникии таълим, сохтмони мактаб, шумораи хонанда ва муаллимон, миқдори синфҳо, миқдори кабинетҳои фаннӣ ва монанди инҳо) нишон дода мешавад.

2. Нақшаи корие, ки бо назардошти як соли хониш тартиб дода мешавад.

Нақшаи мазкур бо назардошти қисми ба ҳамин соли хониш дахлдори нақшаи кории истиқболи мактаб ва вазифаҳое, ки дар назди мактаб истодаанд, сохта мешавад. Нақшаи барои як соли хониш пешбинишуда дар асоси нақшаи кории мактаб, хелҳои амалиёти он мураттаб меёбад.

3. Нақшаи кори ҷории мактаб. Нақшаи мазкур дар асоси ба ҳисоб гирифтани як соли хониш кор карда мешавад. Ба силсилаи ин нақша аз системаи нақшаи ҷории мактаб инҳо ҷой мегирад:

— нақшаҳои корие, ки директори мактаб ва ҷонишинҳои директор як соли хонишро ба ҳисоб гирифта месозанд;

— нақшаҳои корие, ки иттиҳодияҳои методӣ бо назардошти фанҳои таълимдодашаванда ташкил додаанд;

— нақшаҳои кори роҳбари синф;

— нақшаҳои кори маҳфилҳои фаннӣ;

— нақшаҳои кори маҳфилҳои фаннӣ ва роҳбарони гурӯҳи рӯзаш бардавом;

— нақшаҳои кори китобхонаи мактаб;

— нақшаи кори комитети падару модарони мактаб;

— нақшаи кори духтур ва ҳамшираи мактаб;

— нақшаи кори харрӯзаи дарсгуии муаллими синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони фанҳо ва монанди инҳо.

Кор бо дуруст тартиб додани нақша буд намешавад. Муваффақияти кор аз бисёр ҷиҳат ба он вобастааст, ки ин нақша бо кадом усул ба амал бароварда мешавад. Бобати амалӣ гардонидани нақша ҷиҳатҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунанд:

1. Барпо намудани алоқаи мустаҳкам бо ташкилотҳои болоӣ, шўъбаҳои таълими халқ ва муассисаҳои гуногуни ба мактаб наздик.

2. Ба кори идоракунӣ ва роҳбарӣ ҷалб намудани одамони донишманд, ҳалолу покизакор, ходимони педагогие, ки қобилияти хуби маъмурӣ доранд.

3. Ташкили дурусти тақсимоти кор дар байни кадрҳо.

4. Бо тақозои нақшаи умумӣ аз ходимони роҳбарикунанда сар карда то иҷрокунандаи зинаи поёнӣ нақшаи кори шахсиро тартиб дода, дар ҳамин асос коргузорӣ кардан.

5. Аз тарафи роҳбар ҷорӣ кардани назорати пурсамар ва пайдарпай бобати иҷрои нақшаҳои корӣ.

Муаллим симои асосии мактаб аст. Минбаъд низ чунин хоҳад монд. Барои ин дар нақшаи кории мактаб қувваҳои ҷамоаи муаллимонро тавре тақсим кардан лозим аст, ки ҳар кадоми онҳо барои иҷрои супоришҳо тамоми қувва ва ғайрати худро сафарбар карда тавонанд, ба чунин имконият молик буда бошанд. Маҳз аз ин ҷиҳат ҳангоми ба нақша гирифтани корҳои таълиму тарбия ба се шарти зерин риоя намудан мувофиқи мақсад аст:

1. Бо роҳи вазъияти ибтидоии корро таҳлили амиқи педагогӣ кардан, яъне дар вақти ба нақша гирифтан тавсифи ҷараёни педагогиро аниқ фаҳмидан.

2. Дар охири ба нақша гирифтани кор, аниқ тасаввур кардани дараҷаи таълиму тарбияе, ки ба хонандагон дода шудааст.

3. Барои ба дараҷаи талаботи имрўза бардоштани кори мактаб интихоб намудани воситаҳои мақбули педагогие, ки ба он имкон медиҳад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Ҳуқуқ ва вазифаҳои роҳбарони мактабро фаҳмонед.
2. Дар бораи роҳбари синф маълумот диҳед.
3. Технологияи нави педагогӣ чист?
4. Ҳуқуқ ва вазифаи мудири қисми илмии мактаб аз чиҳо иборатанд?
5. Вазифаи ташкилотчии мактаб аз чи иборат аст?
6. Дарсҳои мавзӯъҳояшон аз нав ба нақша гирифта чи маъно дорад?
7. Ҷорӣ намудани технологияҳои нави педагогӣ аз чи иборат аст?

## БОБИ XIII

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ПЕДАГОГӢ

Баробари пешрафти ҷамъияти инсонӣ, соҳаи таълиму тарбия низ ба зинаҳои нав баромада, ҳамвора қуллаҳои нави роҳу усул ва мазмуни нави назария ва амалияи педагогикаро фатҳ мекунад. Аз ин рӯ, олимону устодони пуртаҷриба ҳамеша дар ҷустуҷӯи дарёфти роҳҳои самарабахши таълиму тарбия, услубҳои нав ба нави дидактикӣ мебошанд, ки моҳиятан он ҳама технологияи нави педагогӣ ном доранд.

Дар бахши 4-уми "Барномаи миллии тайёр намудани кадрҳо" таъкид гардидааст, ки технологияи пешқадами педагогӣ, шакл ва усулҳои нав, аз ҷумла барномаҳои дифференсияшуда дар таълим бояд амалан ҷорӣ карда шавад. Барои дар амалиёт ҷорӣ намудани ягон маводи нави таълим, пеш аз ҳама дарёфт намудани усули самарабахши он лозим мебошад.

Технология – аз калимаи мураккаби лотинии technyo (техно) – санъат, маҳорат ва logos – усули коркард, суфтаву равон кардани таълимот таркиб ёфтааст. Дар истеҳсолот технология – мавод (материал) -ро кор карда тарзу усулҳои суфтаву равон намудани онро дар назар дорад. Технологияи таълим чунин маъно дорад, ки тибқи он дар беҳбуди кори таълиму тарбия ва ривоҷ додани шуури таълимгирандагон истифода намудани маҷмӯи маҳорати санъаткорӣ ва усулҳои навини таълим дар назар дошта мешавад.

Технологияи нави педагогӣ ҳамчунин ба вуҷуд овардани маҷмӯи таълим ва тарзу усули нави замонавиро (ноанъанавӣ), аз ҷиҳати дидактикӣ таъмин намудани кори

хонишу тарбияро мефаҳмонад. Дар айни ҳол вай усули нав ва самараноки ҷараёни таълим, асл ва моҳияти онро дар назар дорад, ки ба истифодаи пурсамараи воситаҳои хониш асос ёфта, дигаргуниҳои сифатии дар ин ҷараён бо хонандагон содиршавандаро пеши назар меоварад.

Ҳангоми технологикунонии ҷараёни таълим муайян кардани қонуниятҳои дидактикӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Таркиби масъалаҳои дидактикӣ: талаба (хонанда), мақсади таълиму тарбия, мазмуни таълиму тарбия ва узвҳои онро дарбар мегирад. Дараҷаи аз худ кардани маводи таълим: шиносоӣ, алгоритмнокӣ, эвристикӣ ва эҷодӣ буда, мотиватсия бошад, марҳилаи аввалини фаолияти хонишу дониш аст. Аз ин рӯ, шаклҳои ташкили хонишу дониши талабагон бевосита аз педагог маҳорати калонро талаб мекунад. Нишонаҳои сифатии технологияи нави педагогӣ – замонавӣ ва илмӣ будани таълим, технологияи хабаррасон дар таълим ва истифодаи пурсамари воситаҳои дигари дидактикӣ дар таълим мебошад.

### Асосҳои умумии технологияи нави педагогӣ

“Технологияи нави педагогӣ” (минбаъд мухтасар ТНП ишора мешавад) дар назди муаллимони оянда вазифа мегузорад, ки онҳо корҳои таълиму тарбияро дар асоси талаботи замон ташкил диҳанд. Омӯзиши моҳияти ТНП барои ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат мекунад:

1. Омӯзонидани системаи муайяни донишҳо оид ба ТНП.

2. Шинос намудани шогирдон бо таҷрибаҳои андӯхташудаи кишварҳои хориҷа, ИДМ ва Ӯзбекистон оид ба ташаккули системаи ТНП.

3. Ба талабагон мутобиқи тахассусоти худ мустақилона ба лоиҳа гирифтани фанҳои таълимдиҳанда, аз рӯи мавзӯъҳо мақсади умумии тадрисро ба мақсадҳои муайяни таҳсил ҷудо кардан, муайян намудани матлабро меомӯзонад.

4. Ташаккул додани малакаву маҳоратро дар талабагон оид ба кор карда бароmадани супоришоти тест меомӯзонад.

Фаро гирифтани дониш, рағбатнок гардонидани истеъдод, қуввае, ки тамоми ислоҳоти соҳаи таълимро ба ҳаракат меорад, ин Технологияи Нави Педагогӣ ба шумор меравад.

Кор карда баромадани технологияи нави педагогӣ, муаммои тайёр намудани кадрҳо диққати педагогҳо, психологҳо, сотсиологҳоро ҳарчи бештар ба худ ҷалб месозад. Барои ҳалли муаммои мазкур ба нашри мақолаҳо, дастурҳои таълимии ёрирасон эътибори калон дода мешавад. Марҳилаи ҳозираи пешрафти ҷамъият дар назди муассисаҳои таълим ҳамчун супоришоти иҷтимоӣ тайёр намудани коргарон, техникҳо, агрономҳо, муаллимон ва монанди ин мутахассисони донишёр, ташаббускор, дорои малакаи баландро гузоштааст. Ин ҷараён хеле тӯлонӣ буда, дар он олимони педагог, ҷомеаи фаъоли муаллимон иштирок мекунанд. Аз ин ваҷҳ, имрӯзҳо дар назди ходимони соҳаи таълиму тарбия вазифаҳои мураккаб ва бисёр марҳиладор: омӯхтан ва таҳлил намудани технологияҳои пешқадами педагогӣ, ба қонуниятҳои муайян тобеъ кунонида, аз сари нав ба системаи таълим ҷорӣ намудани онҳо гузошта шудааст.

Алҳол дар асоси омӯхтани таҷрибаҳои муассасаҳои таълими мамлакатҳои хориҷӣ, ба вуҷуд овардани лоиҳаҳои нав бағоят муҳим аст. Вақтҳои охир дар адабиёти педагогӣ маърӯзаҳои доири муаммои таълим ва ҳуҷҷатҳои расмӣ мавҳумоти “Технологияҳои нави педагогӣ”, “Технологияҳои пешқадами педагогӣ”, “Технологияҳои прогрессивии педагогӣ” васеъ истифода мешаванд. Ҳатто аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда маҷаллаҳои педагогӣ бо ҳамин ном ба чоп мерасанд. Аз ҷумла, дар ИМА маҷаллаи “Технологияи педагогӣ” (1961), дар Англия “Технологияи педагогӣ ва таълими ба программа даровардашуда” (1964), дар Япония “Технологияи педагогӣ” (1965) ва дар Италия “Технологияи педагогӣ” (аз соли 1971 сар карда) нашр карда мешаванд. Баробари ин муассасаҳои махсус, ташкилотҳое таъсис дода мешаванд, ки онҳо бо технологияи

педагогӣ машғул мешаванд. Барои тасдиқ ва тақвияти фикр хотиррасон кардани ҳамин нуқта ҷоиз аст, ки аз соли 1971 ин ҷониб дар Англия Шӯрои миллӣ амал карда, он бо муаммоҳои технологияи педагогӣ шуғл меварзад. Аз моҳи декабри соли 1999 дар Маркази таълими назди Вазорати маорифи халқи Республикаи Ўзбекистон маркази "Технологияҳои нави педагогӣ" ташкил дода шуд. Ҳамчунин дар заминаи Кумитаи давлатии Фан ва техникаи Республикаи Ўзбекистон Маркази "Технологияҳои баланди педагогӣ" ба кор шурӯъ намуд.

Дар рӯзгори мо истилоҳи технологияи педагогӣ ба маънои хеле васеъ истифода мешавад. Ин ҳолро мутахассисон ҳар хел шарҳу маънидод менамоянд. Усули нави таълим, назорат кардани ҷараёни таълим, идора кардани таҷрибаҳои пешқадам, ташкил ва таҳлил намудани ҷараёни таълим, муносибати нисбатан тару тоза ба ин соҳаҳо - ин ҳамаро технологияи педагогӣ ё худ технологияи таълим меноманд. Аз ин рӯ, дар мавриди истифодаи истилоҳи номбурда салоҳ ва зарур аст, ки тасҳеҳи лозим дароварда шавад.

Ба назари мо, чун технологияи педагогӣ ном бурдани ягон усули нави таълим ва ё шаклҳои он эҳтимол бемаврид бошанд. Мафҳуми технологияи педагогиро бобати ташкил додан, идора кардан, арзёбӣ (баҳогузорӣ) ва таҳлил намудани тамоми ҷиҳат ва ё ягон соҳаи муайяни ҷараёни таълим истифода бурдан айни муддаост, ки ин ҳама бо назардошти фаро гирифтани тамоми марҳилаҳои муносибати нави ба илму амал, техникаву технологияҳои информатсионӣ, усулҳои таълим асосёфта бояд ба кор бурда шавад.

Мафҳум ва истилоҳи "Технологияи нави педагогӣ" ба стандарт дароварда нашудааст. Дар қомусномаҳо баён нагардидааст ва таърифи илмиву шарҳу маънидоди ягонаи он вуҷуд надорад. Аз ин ваҷҳ, таъкид кардан ҷоиз аст, ки "Технологияҳои нави педагогӣ" таърифу тавсифи аз ҳамдигар фарққунанда дорад. Метавон гуфт, ки таърифи зе-

рини ЮНЕСКО моҳияти аслии технологияи педагогиро, тамоми ҷиҳатҳои онро кушода медиҳад. “Технологияи педагогӣ тарзу усули системанокест, ки тавассути он назди омӯзгор вазифаи мақбулу манзур гардонидани шаклҳои таълим дарёфт карда шуда, бо назардошти захираҳои техникиву инсонӣ таъсири мутақобила ва робитаи байниҳамдигарии тамоми ҷараёни таълим ва азхудкунии дониш ба вуҷуд оварда, ба кор бурда ва муайян карда мешавад”.

Дар ин таъриф бешубҳа ибораи “тарзу усули системанок” (ва ё муносибати системанок) иборати истинодшаванда буда, боқӣ тамоми калимаву ибораҳо ҳамчун система аз тавсифи компонентҳои технологияи педагогӣ иборатанд. Маҳз чунин муносибати системанок технологияи педагогиро дар таълим аз дигар технологияҳо фарқ мекунонад, тафовут мебахшад. Баъзан дар ҷараёни таълими анъанавӣ ҳамбастагии назорат бурдан, тарҳандозиву ба лоиҳа гирифтани мақсадҳои таълим, мазмуни таълим, методҳои омӯзонидан ва таълим, натиҷаҳои таълим мехобанд. Чунончи, ҷараёни таълим бо назардошти асосан дар хотир нигоҳ дошта тавонистани ахбори омӯзиш созмон дода шуда, фаъолияти талабагони оянда бо иҷрои оператсияҳои муайян ва ё худ лаёқати ташкилотӣ, идоракунӣ ва ҳалли муаммои касбию тахассусӣ алоқаманд мебошанд.

Технологияи нави педагогӣ танҳо фикру мулоҳизаҳои гуфташударо намефаҳмонад. Он ба вуҷуд овардани маҷмӯи таълиму тарзу усули нави замонавиро (ноанъанавиро), аз ҷиҳати дидактикӣ таъмин намудани кори хонишу тарбияро мефаҳмонад. Дар айни ҳол усули нав ва самаранокии ҷараёни таълимро, асл ва моҳияти онро дар назар дорад, ки ба истифодаи пурсамараи воситаҳои хониш асос ёфта, дигаргуниҳои сифатии дар ин ҷараён дар хонандагон содиршавандаро пеши назар меоварад.

Дар ин ҷо ҳаминро алоҳида таъкид кардан лозим аст, ки методҳои технологияҳои педагогӣ (дар фаҳмиши аввали он) барои фаро гирифтани дараҷаи репродуктивии таъ-

лим (аз худ намудани ҳаракат чун асоси намуна) кор карда шуда буд.

Таълими репродуктивӣ компоненти зарурии ҳама гуна таълим ба шумор меравад. Он дар доираи як предмети хониш бо назардошти азхудкунонӣ таҷрибаи бани башар баъди дар талабагон "таҳкурсӣ"и дониши муайян ва малакаро ташаккул додан ба методҳои таълими продуктивӣ (таҳсилдор) ва эҷодию тадқиқотӣ гузашта метавонад. Барои методҳои мазкур Р.Ганьйе, Л.Бригтс (ИМА), А.Ромишевски (Англия), В.Гузеев (Россия) вариантҳои технологияи педагогиро ба вуҷуд оварданд.

Дар фанни педагогика, ки ҷамъулҷамъи назарияҳои педагогӣ мебошад, донишҳои басо доманадору пурвусъат ва таҷрибаи педагогӣ фароҳам оварда шудааст. Вале то нимаи дуюми асри бистум ҳар як педагоги машҳур машғулотҳоро барояш дар самтҳои баланд бурда бошад, барои шогирдону пайравони онҳо сикли педагогии барқароршаванда кор карда нашудааст, ки аз рӯи он машғулотҳо ҳадди имкон муназзаму пайдарпай гузаронида шавад. Ба фикри мо, сабаби асосии ин ҳол шояд дар он бошад, ки методҳои педагогҳои замони ıузашта аз бисёр ҷиҳат рафтору кирдори ҳар як фарди педагогро дар худ таҷассум карданд. Пайравоне, ки кори педагогҳои номдорро давом додаанд, ба комёбиҳои муайян соҳиб шудаанд, аммо аздусар, ба таври умумӣ, натиҷаи ҷамъбастӣ мисли асосгузорон набудааст.

Истеҳсолоти педагогии мо, - навишта буд А.С.Макаренко - ҳеч вақт ба бунёди мантиқи технологӣ сохта нашудааст, балки ҳамеша дар асоси мантиқи тарғиботи ахлоқӣ бино ёфтааст. Аз ин сабаб дар мо қисматҳои муҳими истеҳсолот умуман вуҷуд надорад. Ба ҷумлаи онҳо ҷараёни технологӣ, баҳисобгирии амалиёт (оператсияҳо), кори лоиҳакашӣ, истифодаи ускунаҳо, ба меъёр (норма) даровардан, назорат, сараро аз сақал ҷудо кардан дохил мешавад. Дар саноат новобаста аз шахси иҷрокунанда, дар мавриди ба талаботи ҳуҷҷатҳои техникӣ риоя намудан, ҳазо-

рон ҷараёнҳои технологие, ки маҳсулоти кафолотноки хушсифатро истеҳсол кунад, санҷида шудаанд.

Дар педагогика ба вуҷуд овардани сикли аз нав барқароршаванда ҷараёни хеле мураккаб аст. Ба ин гуногунии вазифаҳои хониш (таълиму, тарбия), унсурҳои мазмуни таълим, ҳархелагии навъи маводи таълим, алоқамандона ба хусусияти фардии мутааллим яксон намоён нашудани қонуниятҳои азхудкунӣ, тарзу усули фаъолияти хониш ва омилҳои дигари сершумор ҳалал мерасонад.

Сарфи назар аз ин, ба туфайли саъю кӯшиши педагогҳои машҳури ИМА Б.Блум, Д.Кратвол, А.Гронлунд, Ж.Керолл ва дигарон технологияи педагогие, ки сикли педагогикаи барқароршавандаро дар бар мегирад, ба вуҷуд оварда шуд. Технологияи мазкур имкон медиҳад, ки натиҷаҳои дилхоҳи пешакӣ ба нақша гирифта шуда ба даст оварда шавад. Дар рӯзгори мо мақсади чашмдоштае, ки технологияҳои нави педагогиро ба ҷараёни таълим ҷорӣ мекунанд, ин аст: якӯм, барои ин ки дар рафти дарс фаъолиятмандии фаҳмиши хонандагон таъмин гардад, ба сари худ кор бурдан ва лаёқати дар хотир нигоҳ доштани онро ривоҷ дода шавад, бояд муаллимон бо тарзу усули ғайрианъанавии (нави) ёрирасони хонондану омӯзонидан мусаллаҳ гардонида шаванд: дуюм, ҳиссиёт, фаҳмишу идрок, тасаввур, фикррони, устувории ирода барин фаъолияти рӯҳӣ (психикии) онҳо тақвият дода шавад, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносиашон таркиб ёбад ва табиист ин барои сариштаи чунин амрҳо муаллимро бо тарзу усулҳои нави ғайрианъанавии хонондану омӯзонидан шинос кунонидан лозим.

Баробари мафҳуми технология мафҳуми харитаи технология ҳам вуҷуд дошта ин ҳарду байни ҳамдигар узван алоқаманд мебошанд. Харитаи технологӣ шакли ҳуҷҷати технологӣ буда, дар он рафти коркарди ашё ба қайд гирифта шудааст. Амалиёт ва қисмҳои таркибии он нишон дода мешавад. Дар он, аз ҷумла, мавод, таҷҳизоти истеҳсолот, режимҳои технологӣ кардани чизу чора лозим аст,

соҳибтахассусии (квалификатсия) хидматгузор ва монанди инҳо ҳатман қайд карда шаванд.

Технологияи педагогӣ ба консепсияи педагогикаи илмӣ такя мекунад. Барои расидан ба мақсад ба асосҳои дидактикӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ ва фалсафӣ истинод менамояд. Технологияи педагогӣ системаи худро дорост. Дар ин маврид пайдарҳамию муназзамӣ, алоқамандии байниҳамдигар, яклухтӣ нигоҳ дошта мешавад.

Хулоса, технологияи педагогӣ, ин бешубҳа, муносибати ба худ хоси инноватсионӣ нисбати таълим мебошад. Он дар педагогика ифодаи тарзи фикрронии иҷтимоию муҳандисӣ, тасвири шуурӣ (фаҳмишӣ) илмии техникавиест, ки дар соҳаи таълим ҷараёни хонишро ба стандарт андохта муайян мекунад.

Фанни педагогикаи ҷаҳонӣ, ки ҳамакнун нуфуз ва таъсири тараққиёти илму техникаро аз сар мегузаронад, якҷоя бо фанҳои психология, назарияи идоракунӣ ва ғайра ба марҳалаи ҷараёнҳои фаъоли инноватсионӣ торафт амиқ дохил мешавад ва ин имконият медиҳад, ки амалиёти пурсамари педагогии башар пеш бурда шавад.

Дар саноат маҳфуми "Технологияи баланд" вуҷуд дорад. Он, одатан, хеле мураккаб буда, ба дастовезҳои охирини фан ва техника асос ёфтааст ва аз ходимони коргару техникӣ тайёрии махсусро талаб мекунад. Он ба рақобат тоб овардан, баланду хушсифат шудани маҳсулот ва дар натиҷа додани фоидаи калонро таъмин менамояд.

Технологияи педагогиро ҳамчун "Методологияи баланди таълим" ба мулоҳиза гирифтан мумкин аст, вале ҷорӣ намудани он хароҷоти калонро талаб намекунад. Ба сифати мифтоҳи (калиди) таълим ягон омӯзишгоҳ ва муаллими мушаххасро ба ҳисоб гирем, дар ин маврид азхудкунии технологияи педагогӣ фақат ба хонанда ва педагогҳо алоқаманд шуда мемонад.

Соли 1996 таҳти сарпарастии ЮНЕСКО дар Университети Иерусалим бахшида ба технологияи педагогӣ конференсияи байналҳалқӣ доир гардид. Дар он бобати ин ки

бо ёрмандии технологияи педагогӣ чи гуна муваффақиятҳо ба даст оварда шудааст, на танҳо вакилони мамолики мутараққӣ - ИМА, Британияи Кабир ва дигар, балки вакилони давлатҳои Коста-Рика, Туркия, Малта ҳам маърўза намуданд.

Аксари давлатҳо туфайли ба ҷараёни таълим ҷорӣ намудани муносибати технологӣ бобати хушсифат намудани таълим, баланд бародоштани азхудкунии хонандагон муваффақиятҳои назаррасро ба даст меоранд. Чунончи, аз 5000 хонандае, ки дар Кореяи Ҷанубӣ дар эксперименти технологияи педагогӣ иштирок дошт, 75% он ба чунин натиҷаҳо муваффақ шуд, ки онҳоро дар усули таълими анъанавӣ фақат хонандагони хеле хушсалиқа ба даст оварда метавонанд.

Таҷрибаҳои дар як қатор мамолик гузаронидашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки истифодаи системаи таълимдиҳии мазкур ба хонандаи миёнаҳол имкон медиҳад, ки ба нишондодҳои баланд ноил гардад.

Дар Сингапур, Корея, Япония аз худ намудани технологияи педагогӣ ба он роҳ кушод, ки бачагони 9-13 сола ва чанде аз хатмкунандагони мактаб ҷои 3-юмро гиранд. Ҳамаи ин фаро гирифтани методҳои технологияи педагогиро, дар амалиёт ба кор бурда тавонистани ин ки кадрҳо хушсифат тайёр карда шаванд, тақозо дорад. Ин ҳол ба талаботи "Барномаи миллии тайёр намудани кадрҳо" созгор меояд, зеро навъи дарсе, ки дар боло таъкид ёфт, зарурияти аз технологияи навӣ педагогӣ ва ахбори тару тоза истифода бурда таъмин намудани суръатафзоии таълими хонандагон ҷавобан таъкид ёфтааст.

Маълум аст ки дар ҷараёни таълим як қатор тарзу усули фаолиятмандии талабагон кор карда шудааст, ки онҳо ба мустақилона дониш андўхтан ва такмил додани таҳсил нигаронида шудаанд. Ба ҷумлаи онҳо таълими проблематикӣ, бозиҳои амалӣ, бозиҳҳое, ки дар он нақш (роль) иҷро карда мешаванд ва монанди онҳоро дохил кардан мумкин аст. Вале мо гуфта наметавонем, ки онҳо

дар системаи маорифи ҳалқ пурра истифода мешаванд. Ба фикри мо, сабаби асосии ин дар он аст, ки ба ҳар яки ин машғулот тайёрӣ дидан ба ҳукми як тадқиқоти педагогӣ буда, он профессионализми баланд, муносибати эҷодӣ ва сарф намудани вақти зиёдро тақозо дорад. Намоишнома — сенарияи ҳар як машғулот, одатан, ба худ хос буда, вариантҳои гуногуни онро ба вуҷуд овардан мумкин нест.

Барои пай бурдани моҳияти аслӣ ва мақсади муносибати ба технологияи таълим доштаи омӯзгор, хелҳои анъанавии фаҳмонидану намоиш додан, инчунин ҷустуҷӯиву эҷодии таълимро дида мебароем.

## Хелҳои таълими анъанавии фаҳмондан ва намоиш додан

Тарзу усули чунин таълим навъи анъанавии таълим буда, дар он ахбори хониш асосан аз ҷониби муаллим баён карда мешавад. Хонандагонро лозим аст, ки донишҳои мазкурро дар хотир нигоҳ доранд ва мустаҳкам кунанд. Дар хотири хонандагон маҳфуз мондан ва ё намондани донишҳоро имтиҳон ошкор месозад, аз ин рӯ талабагон чизи медонистагиашонро дар хотири худ аз нав барқарор намуда ва такрор карда гуфта медиҳанд, аз санҷишу имтиҳон мегузаранд, яъне охир ба донишҳои андӯхтаи хонандагон бевосита муроҷиат карда шавад, бидуни ягон воситаи таълим аз хотир гуфта додани он тафтиш карда мешавад. Дар системаи номбурда донишҳо, асосан, натиҷаи дар хотир нигоҳ доштан буда, дар дигар маврид он маълумоти зоҳирию формалӣ мебошанд. Онҳо хотираро аз ботин берун мекушоянд ба иборай дигар вақте, ки рӯирост муроҷиат карда савол мегузоранд, ҷавобаш ба хотир мерасад. Вале натиҷаи хондану хонондан — донишҳое, ки дар сатҳи хотир қарор доранд, дурудароз нигоҳ дошта намешаванд, дар вақти зарурӣ хонандагон онҳоро бо душворӣ ба ёд меоранд, дар бисёр маврид умуман фаромӯш мекунанд.

Ҳангоми манзур гардонидани маводи таълим, ки аз рӯи системаи муайян бурда мешавад, "ба хонанда — талаба" бо назардошти имконияти худ, сарфи назар аз фаъолиятмандиашон, баҳои объективӣ гузошта мешавад. Ин ба ин маънист, ки хонандагон дониш доранд ё не.

Аз ин ваҷҳ, вазифаи асосии муаллим аз ҷамъоварии ахбор, аз нав кор кардани он, манзур гардонидан, дар хотир нигаҳ доштан ва мустаҳкам намудан ва монанди ҳамин корҳо иборат аст.

Дар чунин ҷараёни таълим соатҳои барои фан пешбинишуда, маърӯзаҳо, корҳои лабораторӣ, машғулотҳои амалиро бо қатъият тақсим намудан муқаррар карда мешавад. Вале натиҷаи хондану хонондан умуман муайян намегардад, он асосан ба виҷдони педагог ҳавола карда мешавад.

Ба методикаи таълими анъанавӣ баёни мақсадҳои хондану хонондан характернок буда, онҳо бо талаботи барнома ифода меёбаду ҳалос. Дар ин маврид бобати вазъни таълимгиранда туфайли "азхудкунӣ" ба тасаввуроти каме соҳиб мешавем. Ҷараёни таълим бошад, одатан, дар заминаи умумикунонии таҷрибаи муаллимоне, ки фаъолияти педагогиро бомуваффақият пеш мебаранд, ташкил дода мешавад. Барои ҳар як вазъияти муайян намунаи педагогӣ ҷустуҷӯ карда мешавад, ки фаъолияти назаррасу боэътимод дорад. Вале, бино ба нишондоди қисми бештари олимону амалиётчиён он дар таълим замони гузаштаи методикаи хусусӣ гузашт ва умумӣ кунонидани таҷрибаи басо хуби педагогӣ (агар имконияти дар бораи умумӣ кардани ҳодисаҳои нодир гап задан мумкин бошад), илмӣ ташкил додани системаи кафолатёфта ва таълими самараноки ба мақсад нигоронидашударо намедиҳад.

### Технологияи педагогӣ

Акнун характеристика-тавсифномаҳои умумии муносибати технологиро нисбати таълим дар мисоли хеле оддӣ — сатҳи таълими репродуктивӣ дида мебароем.

Маълум аст, ки таълими репродуктивӣ имконияти онро медиҳад, ки хонандагон дар асоси қоидаҳои аз ёд кардаашон аз рӯи типҳои якхелаву якандоза ҳаракатро азхуд бикунонанд. Ҳаминро ба таври ҷудогона таъкид бояд кард, ки компоненти репродуктивӣ дар аксари предметҳои таълим баъзан дар сатҳи намоён вуҷуд дошта метавонад. Компоненти мазкур ба комбинатсияи қоидаҳои хонандагон истинод низ намуда, ҳаминро талаб мекунад, ки ба таври субъективӣ алгоритмҳои навро кор карда бароянд, ҳалли вазифаҳои дар вазъияти номуайян қарордоштаро ба ӯҳда гиранд, яъне бо тақозои ниёзи продуктивӣ кор баранд.

Дар сатҳи репродуктивӣ таълим дар доираи технологияи педагогӣ аниқ, фаҳмо қайд шуда аст ва натиҷаҳои дилхоҳ бо тамоми ҷузъиёташ дар шакли конвейер ташкил дода шудааст, ки маълумоти дар он буда дақиқу барқарор шавандаанд. Маводи таълим аниқу фаҳмо қайд шудааст, мувофиқи мақсад кор карда шуда, ба порча — фрагментҳо (модулҳо) ҷудо карда мешавад.

Дар ин маврид усулҳои алтернативии манзур гардонидани маводи таълим дар назар дошта мешавад, ҳар як пора — фрагмент ба тест баргардонида мешавад ва ба туфайли тасҳеҳ ворид сохтан (коррексия), ки созгори он буда бошад, омӯхта мешавад.

Кори хонишу таълим барои ба натиҷаҳои эталон муваффақ шудан нигаронида шудааст. Чунин нигаронида шудан мароқнокӣ, унсурҳои баҳсу мунозира ва ёрии байни ҳамдигарро инкор намекунад. Дар айни вақт он барои рафти тамоми ҷараёни таълим характери репродуктивӣ ато мекунад. Аз ин ваҷҳ низ он барои фаро гирифтани дониш минимуми иҷборӣ, одату малакаҳо самараи калон хоҳад дод. Истифодаи муносибати технологӣ дар бобати ташкил додани ҷараёни таълим барои дар сатҳи кафолат ноил шудан ба мақсадҳои таълим, ки ба миён гузошта шудааст, имкон медиҳад. Барои таъмин намудани чунин самаранокӣ баъдтар механизми имконпазирро дида мебароем.

Дар педагогика чӣ муносибати технологӣ ва чӣ муносибати ҷустуҷӯ зарур аст. Соҳаи татбиқ намудани ҳар кадоми аз муносибатҳо вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия онҳоро ба таври оптимал якҷоя гирифта бурдан айни муддаост. Навъе, ки дар боло таъкид гардид, дар вақти ҳозира дар мамлакатҳои тараққикарда барои дараҷаҳои гуногуни педагогӣ моделҳои технологияи педагогӣ, аз ҷумла моделҳои продуктивӣ (самаранок) ва ҷустуҷӯиву эҷодӣ кор карда шудаанд. Дар вақтҳои охир бобати истеҳсол намудан, намоиши технологияҳои таълимие, ки онҳоро муаллимони пешқадам ба кор мебаранд, инчунин баҳри ба амал татбиқ намудани онҳо корҳои пурвусъату доманадорро сар кардаанд.

Дар доираи муносибати педагогӣ истифода бурдан аз тарзу усули ба лоиҳа гирифтани дидактика имконияти онро медиҳад, ки аз ҷараёни таълим ратсионал истифода бурда шавад ва дар айни замон ин ҷиҳати масъала мусоидат мекунад барои ин ки дар як вақт нақшаи эҷодии он кашида шавад. Муаллифони китобҳои дарсӣ низ дар асоси технологияи педагогӣ ҷиҳатҳои ба худ хоси ташкил намудани таълимро бояд ба инобат гиранд, ки ин хеле муҳим аст. Дар ҷараёни таълими анъанавӣ муносибати технологиро фақат ба таври комплекс ҷорӣ накарда, балки унсурҳои ҷудогонаи технологияи педагогӣ (онҳоро аз худ намуда ва торафт тайёр кардани таъминоти методии дахлдор) ҳам амалӣ мегарданд. Ин дар навбати аввал ба тарзу усули мушаххас намудани мақсадҳои педагогӣ тааллуқ дошта, онҳоро ҷиҳати маркази технологияи педагогӣ ё мағзи он номидан мумкин аст. Акнун онҳоро дида мебароем.

Ҳаминро алоҳида таъкид бояд кард, ки то замони пайдошавии технологияи педагогӣ ба лоиҳа гирифтани ҷараёни таълим ва қоидаву қонуни пурсамари он бояду шояд кор карда нашуда буд. Технологияи педагогӣ дар ихтиёри педагог бобати ба лоиҳа гирифтани ҷараёни таълим имконияти калон, саҳни васеъ вогузошта, ба норасоии мазкур барҳам дод.

Хусусияти технологияи педагогӣ аз ҳамин иборат аст, ки дар ин маврид барои ба амал баровардани мақсадҳои хониши ба нақша гирифташуда, ҷараёни таълим ба лоиҳа гирифта мешавад.

## Технологияи мақсадҳои таълими диагностикӣ дар ТНП

“Ҷараёни технологӣ” мундариҷ буда, онҳо системаи муайяни амалиётеро дар назар доранд, ки ба муваффақ шудани натиҷаҳои аниқи ҷамъбаст — хулосабарорӣ нигаронида шудаанд. Чунин натиҷаҳои аниқи хулосабарориро дар саноат ҳуҷҷати техникӣ, дар технологияи педагогӣ бошад коркарди методикӣ меноманд.

Мифтоҳ, яъни калиди пай бурдани технологияи педагогӣ ин аст, ки дар таълим барои ноил шудан ба мақсад пайи ҳам бо назардошти вазифаи гузошташуда амал карда ва дар ин маврид дар таълим робитаи аксуламалии босуръатро истифода мебаранд, инчунин фаъолияти хониши таълимгирандаро ба ҳисоб мегиранд. Ин ҳол фалсафаи асосии технологияи педагогиро ташкил медиҳад. Ин тезисро мукаммал аз назар мегузаронем.

Навъе ки маълум аст, омӯзгор одатан дар назди худ мақсад мегузорад, ки ба хонанда мазмуни маводи таълимро фаҳмонда диҳад, ба фаро гирифтани донишҳои муайян мусоидат карда, дар амалиёт аз онҳо низ истифода бурда тавонад. Вале “фаҳмидан” (пай бурдан), “аз худ кардан”, “истифода бурдан” чиро мефаҳмонад? Педагог ба ноилшавии мақсади дар наздаш гузошташуда чи гуна муваффақ шудааст? Ин масъаларо худ чи гуна ба муҳокима гирифта метавонад? Агар муаллим дар ихтиёр далелу санъати боварибахшро оиди ноил шудан ва ё нашудани мақсадҳои дар наздаш гузошташуда дошта бошад, дар чунин маврид ба саҳеҳии метод ва усули таълими худ имон оварда дарс медиҳад, ба маҳсули меҳнати худ бовар карда кор мебарад ва ё оиди ислоҳи фаъолияти педагогии худ маълу-

мотҳои боэътимодро соҳиб мешавад. Ҷонибдорони технологияи таълим мактаби анъанавиро мавриди танқид қарор дода, маҳз чунин идеали мақсаднокро дар назар дошта буданд.

Маълум аст, ки дар тарзу усули анъанавии амалкунанда чӣ мактаб ва чӣ омӯзгор вазифаи аз тарафи ҷамъият ба зиммаашон гузошта шударо ба тарзи умумӣ қабул мекунанд. Кор ба дараҷаи таассуфангезе расидааст, ки мақсадҳои дар дастурҳои предметҳои таълим инъикосёфта печида, баён муғлақ, дарҳам-барҳаманд, таърифоти дар онҳо мавҷударо ҳама ба як маром фаҳмидаву пай бурда наметавонад. Аз ин ваҷҳ, дар чунин ҳол ҷиҳатҳои ба худ хоси марҳилаҳоро оиди муайян намудани мақсадҳо ба вуҷуд овардан мумкин аст: аз талабу эҳтиёҷоти умумии мактаб сар карда то вазифаҳои системаи таълим; бо назардошти онҳо то иҷрои вазифаҳои мушаххаси омӯзишгоҳ; ҳамзамон ба кадом ваҷҳ будани маҷмӯи предметҳои таълиму мақсадҳои умумии предмети хониш. Акнун сӯҳбат сари сатҳу дараҷаи қабулшудаи предмети таълим ва ҷузъҳои тематикии он, дар хусуси мақсадҳои таълим суръат ҳоҳад гирифт, чун муаллим ба дараҷае бо мазмуни предмет ва бахшҳои ҷудогонаи он бевосита машғул мешавад, мақсадҳои таълимро муайяну аниқ менамояд, лоиҳаи ҷараёни таълимро мекашад ва дар ҳамин асос онро ташкил медиҳад.

**Вобаста ба фаъолияти талаба гузоштани мақсад**

Навъе, ки тарафдорони технологияи педагогӣ таъкид кардаанд, мақсадҳои таълимро туфайли мазмуни предмет, педагог ё ин тавассути ҷараёни фаъолияти хонанда муайян кардан бобати натиҷаҳои чашмдошт тасаввуроти комил намедиҳад.

Дар бораи онҳо фикру мулоҳизаро танҳо бо назардошти намуди зоҳирӣ, фаъолияти зоҳирӣ ифода ёфтаи хонандагон рондан мумкин аст. Омӯзгоре, ки муайян

намудани натиҷаи таълимро маромномаи худ қарор додааст, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нишонаҳои ба мушоҳида гирифташавандаи он, яъне нутқ, ҳаракатро пурра ифода намояд.

Тарзу усуле, ки технологияи педагогӣ мақсадҳои таълимро пешниҳод мекунад, аз он иборат аст, ки мақсадҳои таълим туфайли натиҷаҳои хониш ифода ёфта, он дар фаъолияти гуногуни хонанда намоён мегардад. Мақсадҳои таълим дар чунин фаъолияти корбарӣ ифода меёбад, ки онҳоро муаллим-педагог ва ё ягон эксперт муқаррар шинохта гирифта ва ё ин ки чен карда метавонад. Моҳияти ин фикр аз он иборат аст, ки дар технологияи педагогӣ мақсадҳои таълимро педагог ва ё ягон эксперт аз рӯи меъёрҳои муайяни ченкунӣ ҳатман пай мебарад ва дар ин ҳол натиҷаи таълим бо фаъолияти серсоҳаи хонандагон марбут гардонида мешавад.

Дар баъзе мамлакатҳо барои педагог ва хонанда ифодаи ҷудогонаи мақсадҳо қабул карда шудааст. Ин мувофиқи мантиқ аст, зеро таълим чунин соҳаи фаъолиятест, ки он аз ҳамкории якҷояи педагог бобати хонондан ба талаба сар мезанад. Ин ҳолро бо калимаи ***вазифа*** ном мебаранд, зеро мақсад туфайли фаъолияти муаллим (омӯзонидан, шарҳу маънидод кардан, фаҳмонида додан, намоиш кардан, ҳикоя кардан), кӯшиш ва саъю ҳаракати хонандагони таълимгиранда ба даст меояд.

Барои он, ки вазифаро пурра ташхис кунанду таълимро ба ҷараёни аз нав барқароркунонда табдил диҳанд, меъёрҳое бояд ба миён гузошта шаванд, ки мақсаду муддао ҳатман ба даст ояд, мақсадҳо ҳамин тавре бояд ифода ёбад, ки кас бобати ба он муваффақ шудан фикру мулоҳизаи амиқ дошта бошад. Ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки дар тадқиқотҳои педагогӣ вазифаро баъзан чун мақсадҳои таълими идентификатсияшаванда ба забон мегиранд. Калимаи “Вазифа” чандин маъно дорад ва минбаъд барои ин ки хонандагон натиҷаҳои таълимро ба маънои пурра, комил ва доманадору пурвусъат ифода кунанд, онро бо

истилоҳ ва ибораҳои “Вазифа” ва ё “Мақсади таълими идентификатсияшаванда” муайян менамоянд.

Ғояи ба як маънои мутлақ баён кардани мақсадҳои таълими пурра идентификатсияшуда дар ифодаи охирини худ қобили мулоҳиза буда метавонад, зеро ин ҳол фаъолияти хониши талабагонро на ба тарзи номуайянии анъанавӣ, муҷмалу мубҳам, балки дар истилоҳоти мушоҳидабурдашаванда, амалиёти ченкардашаванда баён мекунанд.

Асосгузори таълими дастурнок Б.Скиннер таъкид мекунад, ки дар мавриди ба кори таълим дигар хел муносибат кардан, ба туфайли аз ҷониби муаллим кор карда нашудани методикаи таълим, ӯ маҷбур мешавад, ки мақсади таълимро аз сари нав таъриф диҳад ва онҳоро ба андозае номуайяну мубҳам ифода менамояд, ки оқибатуламр натиҷаҳои онро бо усули экспримент тафтиш кардан имконнопазир мегардад. Аз рӯи таомули ва ё анъанот, мазмуни таълим бо он характернок аст, ки он асосан ба мавзӯи муайян нигаронида мешавад ва дар он фарқ кунонидани мақсадҳои таълими аниқ, як маънодор душворӣ пеш меорад. Барои ин, ки таърифи вазифаҳо, идентификатсия кардани мақсадҳо сабук кунонида шавад, ҳангоми баёни онҳо аз феълҳое истифода менамоянд, ки рафтору кирдори таълимгирандаро ифода мекунад. Чунончи,

— факту сабаби муайянро медонад;

— қоидаро медонад;

— маводи бо калима баён шударо ба ифодаи математикӣ баргардонида метавонад;

— схема (графика, диаграмма ва монанди инҳо)-ро мефаҳмонад;

— аз маълумотҳои мавҷуда хулоса мебарорад;

— мафҳумҳоро дар вазъияти нав кор фармуда метавонад;

— қоида (қонун, ҳолати назариявӣ)-ро ба кор мебарад;

— дуруст истифода бурдани қоидаи ба ҳама маълумро дар вазъияти нав намоиш дода метавонад;

— тахминҳои номуайянро фарқ карда метавонад;

— хато ва норасоии дар мулоҳизаронӣ ва мантиқ ҷой доштаро меёбад.

Ҳаминро алоҳида бояд таъкид кард, ки феълҳо чӣ ба характери умумӣ ва чӣ ба характери мушаххас соҳиб шуда метавонад.

| | |
|---|---|
| Омӯхтан; | дониста гирифтан; |
| нишона кардан; | ба гурӯҳҳо ҷудо кардан; |
| муайян кардан; | шинос шудан; |
| фарқ кардан; | фаҳмонидан; |
| ислоҳ кардан; | |

Дар ҷараёни таълим барои вазифаи (мақсадҳои таълими идентификатсияшаванда) дар амалиёти дақиқӣ аз ҷониби хонандагон ҳадди имкон иҷрошаванда бояд интихоб гардад, ки ҳангоми баён ва ё чен кардан ба феълҳои баёния ё ин ки ченкунӣ имтиёз дода мешаванд. Чунин феълҳо дар сутуни тарафи рост оварда шудаанд. Аз чумла, аз 2 таърифи мақсадҳо:

1. Хонандагон қоидаҳоро аз худ мекунанд ва ...

2. Хонандагон қоидаҳоро дар вазъияти барояшон ошно (ва ё нав) истифода мебаранд... дуюминашро ба сифати аниқу дақиқ интихоб намудан зарур аст.

Ташакулли мақсад таълими идентификатсияшаванда (вазифа пеши назар аст дар чандин марҳила ба амал бароварда шуда, он аз рӯи схемаи:

— мақсади асосии масъалаи таълим,

— мақсади таълими хусусӣ, тадриҷан гузаштан ба мақсади таълими идентификацияшаванда (вазифа) ҷамъбаст карда мешавад.

Аз ифодаҳои мазкур мақсади таълимро дар омӯзишгоҳ ба андозае пай мебарем, ки дар таълимгоҳ предмети хониш ва ё силсилаи предметҳо ин хел омӯзонида мешавад, омӯзгор барои ноил шудан ба мақсад кадом тарзу усули таълимро ба кор бурдааст. Вале барои ифодаи аниқу дақиқи вазифа (мақсади таълими идентификатсияшаванда) душвориҳое низ пеш меоянд, ки ин як ҳолати табиист. Дар баъзе маврид ҳосилаи таълим ба қисмҳои алоҳида ҷудо ме-

шавад ва инро ба назар гирифта, унсурҳои элементҳои он суфтаву сайқал дода мешаванд. Аз ин ваҷҳ, бо назардошти мақсади таълими идентификатсияшаванда ба схемаи супоришоти тест комилан гузаштан айни муддао мебуд, ки дар он маврид схемаи зикр шуда фазилатҳои худро аён месозад.

Дар мавридҳои ҷудогона як чизи яклухт ва кулл аз ҷузъиёти алоҳида тартиб ёбад ҳам, он ба маҷмӯъ баробар шуда наметавонад, ки чизи яклухту томро ташкил додааст ва ё ин ҷузъиётро ба як маводу маром баён кардан амрест маҳол. Дар чунин ҳолат низ мақсадҳои таълимро идентификатсия кардан мумкин, вале ин кор бо душворӣ меанҷомад.

Навъе ки М.В.Кларин таъкид кардааст, мо баробари ба мақсадҳои дорои характери эҷодӣ рӯй овярданамон, барои нишонаҳои онро аниқу дақиқ (натиҷаи чашмраси таълим) ба як маъно, ба тарзи объективӣ баён кардан мелангем, тарзи баён андаке сусту фуруд мешавад. Баҳои муаллим ба кулли эксперт бошад ҳам, он аз бисёр ҷиҳат дар маънои интуитивӣ қарор дорад ва тарзи баҳогузории омӯзгор ба савияи дониш, тафаккури эҷодии ӯ вобаста шуда мемонад. Аз ин сабаб, мақсадҳои таълим, ки характери "сахт гирифтан" дорад, бояд андаке сусту ҳаммабоп гардонида шавад, дарси гузашташаванда хусусияти эҷодӣ дошта бошад ҳам, муаллим бо назардошти савияи гуногуни хонандагон ба аз худ кардани маводи таълим мусоидат намояд.

Дар чунин маврид мутобиқи таксономияи Б.Блум аз мақсадҳои таълими соддакардашуда фоида бурдан зарур аст. Мафҳуми "Таксономия" дар заминаи робитаи табиии байниҳамдигарии объектҳо тавлид ёфта, он принсипи иерархии (бисёр марҳиладорӣ) баёни категорияи ҷудогонаи объектҳоро фаро мегирад ва таснифи (классификатсияи) объектҳо ва систематикаи онҳоро ифода менамояд. Таксономияи мақсадҳои таълим дар дунё хеле васеъ паҳн шудааст. Истифодаи таксономияи Б.Блум барои ташаккули мақсадҳои таълими умумӣ имкон медиҳад.

Педагог таксономияи Б.Блумро мавриди истифода қарор дода, танҳо бо ҷудо кардан ва муайян намудани мақсад кифоя накарда, онҳоро ба тартибу танзим медарорад. Аз рӯи иерархия тасниф (классификатсия) намудани мақсадҳо барои педагогӣ амалиётчӣ аз чанд ҷиҳат маълум аст:

— қувваро (қувваи интеллектуалӣ) барои ҳалли масъалаи асосӣ ҷамъ кардан;

— мақсадҳои аниқу дақиқи таълим ба кори умумии педагогҳо ёрӣ расонида, бар он мусоидат мекунад, ки ориентир-нишоначӯбҳоро дар назар дошта бошанд, онҳоро ба муҳокима гиранд ва ба чизҳои мубҳаму шубҳанок рӯшноӣ андозанд.

Ҳангоми кор карда баромадани супоришоти тест истифодаи пайдарҳам, муназзами таксономияи Б.Блум мақбул аст ва вариантҳои ҷудогонаи чунин истифодабарӣ низ мавҷуд мебошад. Агар дар ифодаи мақсадҳои таълими идентификатсияшаванда душворӣ пеш ояд, бо тақозои таксономияи Б.Блум гузаштан ба категорияи мақсадҳои таълим зарур аст. Вале вазъияти дигар низ буда метавонад. Дафъатан барои коркарди осони раванди таълим таксономияи Б.Блум ҳамчун қутбнамо, маслиҳатчиву мушовир метавонад хизмат бикунад. Дар ин маврид дар категорияҳои “дониш”, “фаҳмидан”, “истифода бурдан”, “таҳлил”, “синтез” ва монанди инҳо мақсади таълим ба тарзи умум муайян карда мешавад, сипас феълҳое интихоб мегарданд, ки ба натиҷаи дилхоҳи таълим аз бисёр ҷиҳат созгоранд.

То пайдоиши технологияи педагогӣ системаи таълимро дар бобати хондану хонондан ва қоидаҳои самарабахши омӯзгориро кор карда баромадаанд.

Технологияи педагогӣ ба педагог барои муносибати эҷодкориаш оид ба лоиҳа гирифтани ҷараёни таълим ва ба нақша гирифтани он дасти мадад дароз намуда, норасоиҳои дар таълиму тарбия ҷой доштаро аз байн рабудааст.

Ҷиҳати ба худ хоси технологияи педагогӣ ин аст, ки дар он барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда

ҷараёни таълим ба лоиҳа гирифта, дар амал ҷорӣ мегардад. Дар ин маврид чунин ҷараёни таълим кафил шуда метавонад. Муносибати технологӣ, даставвал, дар он намоён мегардад, ки дар ихтиёри педагог на схемаи баён кардан, таърифу тавсиф намудан, балки барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳе, ки дар лоиҳа акс ёфтааст, схемаи конструкторӣ фармондиҳиро вомегузорад.

Дар фаъолияти педагог ҳар як мавзӯъ бояд ба мақсади муайян нигаронида шавад, натиҷаҳои ҷорӣ бо усули диагностика тафтиш карда шавад ва дар сариштаи ин амр ба эпизод-лавҳаҳои ҷудогона эътибор додан лозим, зеро ин ҳама барои беҳдошту мукаммал намудани системаи таълим, силсилаи ғояи дарсҳо мусоидат мекунад.

Он лавҳаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

— ба миён гузоштани мақсади умумии таълим;

— пеш аз ҳама ба тарзи умум ба миён гузоштани мақсадҳои умумии таълим, гузаштан ба аниқу дақиқ кардани он;

— ба сатҳи дониши таълимгирандагон баҳо гузоштан (арзёбии диагностикӣ);

— ба амал баровардани маҷмӯи корҳое, ки дар соҳаи таълим ба ҷо оварда хоҳанд шуд (дар марҳилаи мазкур дар асоси аксулробитаи оперативӣ ҷорӣ намудани тасҳеҳот).

## Технологияи ба забони ҳаракат гузаронидани мақсадҳои хониш

Маълум аст, ки технологияи пурра ба забони ҳаракат гузаронидани мақсадҳои таълим, ки қобили мушоҳида бурдан мебошанд, ҳанӯз дар солҳои 50—60-ум ба туфайли ғоя ва методҳои бихевиоризм ташаккул ёфт. Бихевиоризм (аз калимаи behaviouz — хатти ҳаракат, хулқ, рафтору кирдор) ба тамоили аниқ ифода кардашуда, инструментал молик аст. Он омӯзиши психика, яъне аҳволи руҳияи касеро меомӯзад, ки ин ҷиҳати масъала дар амалиёти ӯ зоҳир мегардад, имконияти ба мулоҳиза гирифтани "ҳара-

кати мушоҳидашаванда”-ро медиҳад, аниқтараш бо ҳамин амр ба он роҳ мекушояд, ки ҳаракати инсонро ба маҷрои таҳлил ворид сохта, бо дуюмин иваз кунад. Чунин муносибат бар он мусоидат мекунад, ки дар хонандагон мақсади таълим туфайли ҳатти ҳаракати аниқу дақиқи хонандагон, ки ба мушоҳида расидааст, шакл бигирад ва оқибатуламр ба маҷмӯи ҳаракати қатъиян мушоҳидашаванда оварда расонад.

Ҳаминро маҳз бояд таъкид кард, ки чӣ дар мақсадҳои илмӣ ва чӣ дар мақсадҳои амалӣ низ моделҳои соддакардашудани ҳодисаҳои мураккаб зарур аст. Вале аз хотир фаромӯш накунем, ки дар модели соддакардашуда ки мавридан истифодабарии мо қарор гирифтааст, танҳо як мисли муайяни воқеияти зиндагӣ акс ёфтааст. Байни фаъолияту ҳаракат, алалхусус ҳаракати мушоҳидашаванда аломати баробарӣ гузоштан матни онро дорад, ки ҳодисаи мазкур хеле содда кунонида шудааст.

Одатан ҳаракатҳои қобили мушоҳидаи ҷудогонаро ба ҷузъҳо тақсим кардан корест душвор, зеро он бо ҷараёни муддатии таҳсил ва эмотсионалӣ (аз ҷумла ташаккул додани таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ) алоқаманд буда, аз доираи таъсири бихевиористика соқит мегардад. Доираи истифодабарии он сфераи таълими репродуктивӣ (аз ёд кардан ва бозгӯй намудан, дар асоси намунаи муайян ҳаракат кардан ва ҳоказо) мавҷуд шуда мемонад. Чунин маҳдудияти муҳимро ба назарӣ эътибор гирифтан зарур аст.

Ғояи қобили пурра идентификатсияшаванда, баёни мутлақи мақсадҳои таълим дар ифодаи охирини худ хонандагонро бо фаъолияти таълими номуайянии анъанавӣ, муҷмаливу мубҳамӣ не, балки дар истилоҳоти хатти ҳаракат, рафтору кирдори хонандагонеро, ки ба мушоҳида гирифтаву чен карда шавад, баёни худро меёбад.

Бо тақозои бихевиористикӣ мақсадҳои таълимро ҷудо кардан маънои онро дорад, ки онҳо ба мафҳуми ҳаракати мушоҳидабарандаи оянда гузаронида шаванд, яъне ба забони назоратшаванда, мушоҳидабаранда бадал карда ша-

ванд. Аз ҷумла, калима ва ибораҳои "шинос шудан", "такрор кардан", "навиштан", "донистан" ва ё "фаҳмидан" хеле муайян мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти методие, ки барои омӯзгорон тавсия шудааст, барои муайян кардан, интихоб намудан ва ташкил додани мақсадҳои таълим ба муаллимон пешниҳод мекунанд, ки аз истифодаи калима ва ибораҳои ноаниқу мавҳуми "донистан", "барои худ кашф кардан", "қабул кардан", "фаҳмидан" худдорӣ намоянд. Ба ҷои ин барои хонандагон калима ва таҷрибаҳое аз қабили "интихоб намудан", "номидан", "гузаронидан", "баён намудан", "таъриф додан" пешниҳод мешаванд, ки онҳо барои тавлиди малакаи ҳаракати зоҳирифодаёбанда созгор меоянд.

Ба таври бихевиористикӣ паиҳам баён кардан ва паҳн намудани мақсадҳои таълим (якҷоя бо он рафти тамоми ҷиҳатҳои омӯзгорӣ) ба он оварда мерасонад, ки ҷараёни таълим байни ҳамдигар ба ташаккули маҷмӯи малакаҳои ғайримарбут оварда мерасонад. Аз ҷумла, "ба хонандагон ҷамъ кардани тамоми рақамҳоро омӯзонидан" ба мақсаду мароми таълим, тамоми фаъолияти хониш созгор омада, ба маҷмӯи зерини мақсадҳои омӯзгорӣ мувофиқ меояд:

— хонанда дар ҳосилаи 10 рақамҳои яктогиро ҳамроҳ мекунад (2+5):

— дар ҳосилаи аз 10 зиёд рақамҳои яктогиро ҳамроҳ мекунад (6+8):

— дар маҷмӯъ то 10 се рақамро ҳамроҳ мекунад (2+3+4):

— дар маҷмӯи зиёда аз 10 се рақами яктогиро ҳамроҳ мекунад (7+5+3):

— рақамҳоро бетағйир мононда рақами дуттогиро ба ҳамдигар ҳамроҳ мекунад (21+34):

— бо роҳи кӯчонидани оддӣ рақамҳои дутогиро ҳамроҳ мекунад (36+27):

— рақамҳоро ба 9 кӯчонида, рақамҳои дуттогиро ҳамроҳ мекунад (57+48):

— рақамҳоро такрор кӯчонда, рақамҳои дуттогӣ ва зиёда аз онро ҳамроҳ мекунад (887+839).

Худ аз худ аён аст, ки ба ин минвол муайян кардан заҳмати омӯзгорро ба дараҷаи возеҳу равшан содда менамояд.

Н.Ф.Тализина кӯшиши ба нишонаҳои зоҳирӣ гузоранидани мақсадҳои таълимро таъкид намуда, ҳаминро таъкид мекунад: дар бобати он, ки дар шуури хонандагон пешрафтҳои дохилӣ содир мешаванд, мулоҳиза рондан мумкин нест. Бихевиоризм инсонро ҳамчун “Организми эҳсоскунанда, ҷавобгӯи таъсири беруна” ба мулоҳиза мегирад. Чунончӣ, ҳангоми ҳалли масъалаи амалӣ ҷамъ кардани арифметикӣ ҳаракате, ки дар хонандагон ба мушоҳида мерасад, метавонад туфайли чӣ ҳаракати интеллектуалӣ ва чӣ соф хотираи механикӣ ба иҷро расад. Магар ин маънои онро дорад, ки натиҷаҳои, дилхоҳи фаъолияти хонандагон ба забони ҳаракати мушоҳидабаранда гузаронида шавад? Ба фикри мо, ин масъаларо хеле эҳтиёт шуда ҳал кардан лозим аст, яъне фаъолиятро, алалхусус фаъолияти хонишро бо модели бихевиористикӣ алоқаманд кунонда, бо тақозои корҳои таълим ҳангоми истифода аз сарҳадоти он берун баромадан нашояд.

Дар мавридҳои ҷудогона натиҷаи таълимро, қисмҳои таркибии онро ба ҷузъҳои ҷудогона тақсим кардан ва унсурҳои онро сайқал додан имконпазир мегардад ва аён аст, ки дар чунин ҳол схемаи бихевиористикӣ барои муайян намудани мақсадҳои таълим пурра кор карда меравад.

Дар ҳолатҳои дигар як чизи тому яклухт ба маҷмӯи ҷузъҳои ташкилкунандаи он баробар шуда наметавонад ва ё қисму ҷузъиёти онро ба як маъно баён кардан корест душвор. Дар ин маврид низ мақсадҳои таълимро идентификатсия кардан мумкин аст, вале он бо душворӣ меанҷомад. Онро ба як маънӣ амалӣ кунонидан мумкин нест, вале аз ифодаи муаянкардашудаи мақсад (чунончӣ, аз категорияҳои баланди таксономияи Б.Блум) фоида бурдан имконпазир мегардад.

Мавридҳое ҳам мешаванд, ки натиҷаи таълимро комилан (дар доираи таълими репродуктивӣ) ифода кардан мум-

кин мегардад. Вале дар чунин ҳол аз байн рафтани қисмати начандон калони он рӯй медиҳад.

Акнун, аз хусуси муносибати ба муайян кардани мақсад нигаронида шудаи худ гуфтугузор мекунем. Он аз ҳамин иборат аст, ки дар аксари маврид натиҷаҳои мушоҳидашавандаи ҳаракат хусусияти умумӣ гирифта, танҳо дар ҷузъиёти он қисман намоён мешаваду бас. Аз ин боис мақсади идентификатсияшаванда аз ифодаи пурра ва мутлақи натиҷаи таълими ба мушоҳида расида иборат набуда, баёни тақрибӣ ва максималии дастрасшаванда мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки мақсадҳои таълими умумиро ба мақсадҳои аниқу дақиқ гузоронидан набояд характери соддакардашудаву дар зераш хаткашидашуда дошта бошад: онро бо "салоҳдиди" пайдо кардани тасаввуроти комил бобати мақсад гузарондан лозим.

## Ташаккул додани эталон ва мақсадҳои ченкардашаванда дар ТНП

Ба фикру мулоҳизаҳои дар боло баён гардида истинод намуда, акнун дар бораи гузаштан аз тасаввуроти умумии натиҷаи таълим ба эталони аниқ, меъёри аз ҷониби хонанда фаро гирифтани он гуфтугузор мекунем. Талаботи умумии гузаштан аз тасаввуроти умумии натиҷаи таълим ба эталони аниқ аз ин иборат аст, ки ҳангоми ҷараёни таълим хонанда чӣ чизро дар доираи имкон аз худ кардааст, яъне нишонаҳои ба мақсад ноилшуда чи гунаанд.

Чунончи, дар мавзӯи "Фронти обу ҳаво" (ҷуғрофияи табиӣ) мақсаде мавриди мулоҳиза қарор гирифта, он аз баёни духелаи ифода таркиб ёфта буд: 1) хонанда қоидаро аз худ мекунад ва 2) хонанда қоидаро дар вазъияти барояш ношинос (нав) татбиқ менамояд. Худ аз худ аён аст, ки аз ин ду ифода дуюмаш лиҳози ифода аниқу дақиқ буда, интихоб намудани он мувофиқи мақсад мебошад.

Қоидаи умумии муайян намудани мақсадҳо — ин аз истифодаи афъоле иборат аст, ки кӯшишоти ба натиҷаи

аниқ соҳиб шуданро нишон медиҳад. Чунончи, дар мавзўи “Фронти обу ҳаво” (ҷуғрофияи табиӣ) мақсади ба миён гузоштаи “Истифодабарии аломатҳои рамзӣ зимни омўхтани обу ҳаво” боиси натиҷаҳои зерини хониш мешавад. Хонанда:

1) Рамзи навро, ки дар харитаи обу ҳаво истифода шудаанд, дар хотираи худ аз нав барқарор мекунад;

2) Рамзҳои дар харита бударо мешиносад;

3) Аз рамзҳо истифода бурда харитаро мешиносад;

4) Аз рамзҳо истифода, карда харита тартиб медиҳад;

5) Аз рамзҳои дар харита дарҷ гардида истифода намуда, маълумоти обу ҳаворо манзур мегардонад.

Аз ин мисол бармеояд, ки аз як тараф, мақсади умумии таълимро ба дараҷаи паст ва натиҷаҳои соддаи азхудкунӣ овардан (масалан, рамзҳои дар харитаи обу ҳаво истифодашударо як бору ду бор аз сари нав барқарор намудан ва шинохтан), аз тарафи дигар бошад, натиҷаҳои таълими дараҷаҳои гуногуни навъи азхудкуниро бо тартиб додани рўихати васеъ интишор додан мумкин аст.

Тартиб додани ҳамин гуна рўйхати натиҷаҳои хониш ба муаллим имконият медиҳад, ки дастури мақсадҳои дидактикӣ тартиб диҳад, ки онҳо бошуурона ва муназзам ба дараҷаи баланд азхуд карда шаванд. Инро дар мисоли зерин ҳам дидан мумкин аст, ки дар он баёни мақсад ба дараҷаи хеле мураккаб суръат гирифтааст, яъне хонанда:

1) тафовути байни маълумотҳои мустакид ва афкору мулоҳизаро нишон медиҳад;

2) тафовути факту санадҳо ва тахминҳоро муайян мекунад;

3) алоқаҳои сабаб-оқибатро ҷудо мекунад;

4) аз мулоҳизаҳо хатову норасоҳоро ҷудо мекунад;

5) далелҳои муҳимеро, ки ба кор алоқа надоранд, ҷудо мекунанд;

6) фикрҳои асоснок ва беасосро фарқият мебахшад;

7) хулосаеро ифода мекунад, ки ба матн асос ёфтаанд;

8) шароитҳоеро нишон медиҳад, ки хулосаҳо асоси ҳаққонӣ доранд.

Акнун барои таъриф намудани мақсадҳои умумии таълим рӯйхати тахминии амалҳоро меорем: таҳлил кардан, ҳисобу китоб намудан, фаҳмонидан, намоиш додан, донистан, шарҳу эзоҳ додан, истифода кардан, баҳо гузоштан, пай бурдан, аз нав сохтан (дигаргун кардан), истифода кардан, ба вуҷуд овардан.

Барои мақсадҳои таълими муайянкардашуда рӯйхати амалҳоеро зикр мекунем ки, ба чанд намуди мақсад тааллуқ доранд.

1. Амале, ки барои муайян намудани мақсадҳои нави эҷодӣ дахл доранд: тасриф кардан (дигаргун сохтан); ба шакл даровардан; аз сари нав ба гурӯҳҳо ҷудо кардан; аз сари нав сохтан (созмон додан); пешгӯӣ (башорат) кардан, масъаларо ба миён гузоштан, аз сари нав ташкил намудан, синтез кардан (умумӣ кунонидан), ба система даровардан, содда кардан.

2. Амале, ки барои муайян кардани мақсадҳои соҳаи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ созгоранд: ҷудо кардан, дар шакли калима ифода намудан, навиштан, нишона кардан, ҷамъбаст кардан, қайд кардан, қироат кардан, талаффуз намудан (гуфтан), хондан, ба ҳиҷо ҷудо кардан, ҳикоя карда додан.

3. Амале, ки барои муайян кардани мақсадҳои соҳаи муносибати байни ашхос: ба мулоқот даромадан, фикрро ифода намудан, розӣ ва ё норозӣ буданро фаҳмонидан, маъзарат (узр) хостан, ҷавоб додан, ташаккур гуфтан, ёрӣ расонидан, таклиф кардан, ҳамроҳ шудан, ҳамкорӣ кардан, табассум кардан, иштирок доштан.

Навъе, ки дар боло нишон дода шуд, дар дигар соҳаҳо низ барои ифодаи мақсадҳои муайяни таълим рӯйхати амалҳоро кор карда баромадан мумкин.

Дар муносибати худ ба таҷрибаи технологияи педагогӣ ё худ ҳангоми баёни мақсадҳои таълиму баҳогузории минбаъдаи онҳо бояд ба имконияти стандартикунони пурра

такя намоем, дар айни замон баробари нигаҳ доштани чорчӯбаи таълим ва ё риояи характери ҷустуҷӯии он, инчунин арзёбии хониш мо роҳеро бояд интихоб намоем, ки ҳадди имкон бо номуайяни муросо бикунем. Ба фикри мо, интихоби роҳи дуюм ва мақсадҳоро дар сарҳадоти оқилона бо "қатъият" муайян кардан айни муддаост.

Дар бораи муваффақ шудан ба мақсади таълим дар ин бора сухан рондан тарзу усули баҳогузориро муайян кардан лозим: баъзе натиҷаҳои таълимро бевосита мушоҳида кардан мумкин аст, дигари он бошад истифодаи усулҳои муайянро (чунончи, тартиб додани пурсишнома барои муайян намудани муносибатҳо, барои ҳалли масъала, тестҳои ба стандарт дароварда шуда, иҷрои супоришҳои эҷоди) талаб мекунад.

Аз ин ваҷҳ баъзе мутахассисон структураи чаҳоркомпонентии зеринро пешниҳод мекунанд:

1) Тавсиф — характеристикаи шароити беруна;

2) Натиҷаҳои чашмдошти фаъолият (ё худ ҳаракоти мушоҳида баранда);

3) Аломатҳои эталони (меъёрҳои) онҳо;

4) Методи баҳогузори (чен кардан).

Ҳангоми муайян намудани нишондодҳои миқдории баҳогузори ба дараҷаи муайян зарур аст, ки ба соҳибихтиёри роҳ дода шаванд кӯшиши аниқу дақиқи онҳоро ба тavри сунъи зиёд кардан, алалхусус ба номуайянии мулоҳизаҳои эксперт роҳ додан муқаррар боиси зиддияти ҷидди мегардад. Дар ҳоли нисбатан одди чунин зиддият ҳатман ба вуҷуд намеояд. Дар таърифоти зерини мақсади эталони низ чунин зиддият аз байн бурда шудааст: бо роҳи мушоҳида ошкор гардид, ки дар арафаи тамомшавии синфи дуюм дар китоби хониш он маводе мавҷуд аст, ки хонандагон супоришоти даҳони ва хаттиро бобати алоқаи байни ҳамдигарии овозҳои садоноку ҳарфҳои ба он алоқаманд ба андозаи 75 фоизи аниқ ченкардашуда иҷро намудаанд.

Вале ин мақсад нафақат аз зиддиятҳо, балки он аз мазмуни аз ҷустуҷӯй низ озод кунонда шудааст.

Бобати ташаккул додани эталонҳо барои мақсадҳои фаъолияти таълими эҷодӣ номуайянниву ғайридақиқӣ вуҷуд дорад. Ин ҳол бо он алоқаманд аст, ки зиддиятҳои ин ё он ҳодиса ба таври ошкоро, рӯирост намоён гардида бо арзёбии натиҷаҳои эксперт робитае дорад, ки дар чунин маврид мазмуни асосиро ба стандарт даровардан мумкин нест. Дар чунин вазъият проседураи (иҷрои амалӣ) технологии муайян намудани мақсадҳо мусоидат мекунад бар ин ки зиддияти мазкур намоён гардад, ёрӣ мерасонад бар ин ки муаллим бобати зиддиятҳо фикр ронад, онро зиддиятҳо ба предмети мулоҳиза табдил диҳад, ҳангоми арзёбӣ кардани он дар муносибат шуда, онро аниқтар бифаҳмад.

Ба усулҳои ҳамкору ҳамҷиҳат, гурӯҳ-гурӯҳ шуда кор кардан низ (муаллим, методист ва мутахассисҳои предметҳои ҷудогона-ҳама дар якҷоягӣ) муроҷиат кардан мумкин аст. Вале амали гурӯҳ-гурӯҳ шуда кор карда баромадани мақсадҳои таълим аз он далолат медиҳад, ки перомуни таърифоти коркардашуда баҳсу мунозираҳои дурударози бефоида рух дода, ин ҷиҳати масъала вақти бисёреро мегирад.

### Технологияи ба мақсади таълим муваффақ шудан

Таълими муназзам ва пайдарпае, ки барои мақсади ченшавандаву диагностикӣ пешбинӣ шудааст, дар таълими технологӣ ҷиҳатҳои ба худ хоси баҳогузариро муайян карда медиҳад. Туфайли ин ки мақсади таълим ба тарзи диагностикӣ ифода ёфтааст, рафти хониш чун эталон ба нишонаҳои он нигаронида шуданаш мумкин. Дар ҷараёни таълим баҳогузории ҷорӣ нақши аксулолаҳоро мебозад ва ба эталон мақсад (ва ё ба қисмҳои таркибии он) итоат кунонида мешавад. Агар ба мақсади ба нақша гирифташуда муваффақ нашавад, дар ин ҳол натиҷаҳои назорати ҷорӣ зарурияти ба ҷараёни хониш тасҳеҳоти дахлдор даровარданро ба миён мегузорад ва дар ин бора маълумот медиҳад.

Аз ин ваҷҳ низ дар ин маврид баҳогузории ҷорӣ ташаккулдиҳанда ҳисоб меёбад ва одатан он бо баҳо итмом намеёбад. Хонандае, ки аз баҳогузории ҷорӣ андешаву мулоҳиза бардоштааст, хусусияти мазмунӣ дошта, ин ҷиҳати масъала ба ҳамин мусоидат мекунад, ки фаъолияти таълим аз нав ташкил карда шавад. Баҳои ҷамъбасти (он номи маҷмӯъ-суммавиро гирифтааст) дар баллҳо ифода меёбад.

Баҳогузории ҷамъбастӣ низ мисли баҳогузории ҷорӣ ба тарзи диагностикӣ дар асоси нишонаҳои эталонӣ (критериал) мақсади гузошташуда гузаронида мешавад ва аз ин сабаб ба характери критериалӣ молик мебошад. Тамоми ҷараёни таълим низ ба тамоилоти дахлдор молик мешавад.

Ба мақсади дар хонандагон ташаккул додани баҳогузории ҷорӣ аз рӯи ҳар як бахши фан корҳои тафтишотӣ (тестҳо) тақдим мегардад. Мақсади чунин корҳо аз он иборат аст, ки душвориҳои дар хонандагон пайдошаванда бо тезӣ бартараф карда шаванд.

Яке аз вариантҳои чунин тестҳо саволномаҳоест, ки маводи як бахшро пурра фаро мегирад. Дар шафати ҳар як савол барои интихоб иборат аз 4—5 вариант ҷавобҳо дода мешавад (дар назар аввал тамоми вариантҳои ҷавобҳо саҳеҳу рост намуданаш мумкин, вале фақат яктои он бояд дуруст бошад). Онҳо одатан бо ҳарфҳои А, В, С, Д, Е муайян карда мешаванд. Ҷавобҳо ба варақа-бланкаи худтафтишкунӣ дохил карда мешаванд. Баъди пур карда шудани варақа хонанда тести мазкурро бо эталон муқоиса намуда тафтиш карда мебинад, ҷавоби нодурусти ҳар як саволро низ фаҳмида мегирад.

Навъе ки Б.Л.Фарберман таъкид кардааст, се роли мусовӣ-паралеллии кор карда баромадани супоришҳои тест мавҷуд аст. Онҳо аз инҳо иборатанд:

— роли ба вазифаҳо асосёфта (мақсадҳои таълими идентификатсияшаванда):

— роли ба таксономияи Б.Блум асосёфта:

— роли ба таксономияи Б.Блум асосёфтае, ки ба мақсади таълими идентификатсияшаванда гузаштан мумкин аст.

## Силсилаи таълими аз нав барқароршаванда, сохт ва ҷиҳатҳои ба худ хоси он

Ба нақша гирифтани мақсад, тафтиши диагностикии натиҷаҳои ҷорӣ, ба лавҳаҳои ҷудогона тақсим намудани таълим — ба ғояи силсила (сиклӣ) омӯзонидан таҷассум ёфтани ҷараёни таълими азнавбарқароршаванда. Он ҷиҳатҳои асосии зеринро дар бар мегирад: ба тарзи умумӣ ба миён гузоштани таълим аз ифодаи умумии мақсад ба муайян кардан гузаштан арзёбии (диагностикӣ) аввалии дараҷаи азхудкунии хонандагон – маҷмӯи машғулоти (проседурии) тамоми таълим (дар марҳилаи мазкур одатан дар асоси аксулалоҳа содиршавии ислоҳот дар ҷараёни таълим) арзёбии натиҷа (дар мавриди ҷудогона коррексия, яъне даровардани дигаргунӣ баъд аз марҳилаи мазкур, ки ба мақсади чараёни таълим нигаронида мешавад., ба тарзи такрор ҳам руҳ медиҳад). Туфайли чунин сохтори аз нав барқароршаванда ҷараёни таълим ба характери “модул” соҳиб мешавад, аз блокҳои ҷудогона, воҳидҳо таркиб меёбад, ки онҳо бо вуҷуди молик будан ба сохтори умумӣ бо мазмуни гуногун пурраву мукаммал гардонида мешавад (расми 8).

Дар асл дар ин ҷо силсилаи алгоритмии фаъолияти муаллим пешниҳод гардида, ин ҷиҳати масъала бо роҳи такрорёбии чандин каратие, ки ба бахшҳои нави мазмун созгор ояд, ҷараёни таълим пурра ва комилан ривоҷ дода мешаванд (якҷоя бо вариантҳои дахлдори мақсадҳо, назорати аниқ ва проседураҳои таълим).

Дар таълим ҷиҳатҳои ба худ хоси муносибати технологӣ дар он намоён мегардад, ки вай дастуруламали баён карданро не, балки схемаи маслиҳатгузории конструктивиеро пешниҳод мекунад, ки туфайли ин амал имкония-

ти ба натиҷаи пешакӣ ба нақша гирифташуда расидан ҳосил мегардад.

Дақиқӣ ва муваффақиятнокии алгоритми мазкур бо он таъмин карда мешавад, ки мақсадҳои таълим ба забони андозаи пурра гузаронида шавад. Навъе, ки дар боло таъкид ёфт, ҳамин гуна меъёри ба стандарт гузаронидан метавонад чунин шакл бигирад: а) баланд, вале абсолют (мутлақ) не; б) абсолют (мутлақ).

Дар мавриди аввал, мураккабии мақсадҳои таълим роҳ намедиҳад, ки онҳо ба забони ҳаракати мушоҳидабаранда пурра гузаронида шавад. Аз ин ваҷҳ силсилаи таълим ба маънои том силсилаи аз нав барқароршаванда буда наметавонад. Дар мавриди дуюм ба туфайли корбаст намудани навъи ҷараёни таълими репродуктивӣ силсилаи таълим ба ҷараёни ба худ хоси конвейр табдил меёбад.

Боз як ҷиҳати ба худ хоси силсилаи омӯзгории барқароршаванда аз он иборат аст, ки дар чунин ҳол "таълим" ба таври мушаххасу назаррас намоён намешавад. Дар ин ҷо мо ба ҷои хеле сусту заифи технологияи педагогӣ дучор мешавем. Дар ҳақиқат масъалаи дақиқии хеле баланд ва пухтаномие, ки хоси ҷараёни таълим аст, ҳамин ки бо нуқтаи марказӣ — ба амал баровардани мақсадҳои таълими ба нақша гирифташуда рӯбарӯ шавад, барбод хоҳад рафт. Аз бо назардошти ин ҷиҳати масъала мекӯшем сабабҳои онро дарёбем.

Худ аз худ равшан аст, ки дар варианти пайдарпай, бихевиористикии технологияи педагогӣ онро барои ягон номуайяниву мубҳами таъна кардан нашояд. Агар ин масъаларо аз ҳамин меъёр ба мулоҳиза гирем, пас он аз ҳамин иборат хоҳад буд, ки дар марҳилаи номбурдаи таълим хонандагон маводи хонишро бо ҷузъиёташ фаро гиранд, ба ҳаракату намунаҳои таъсирбахш бефарқ набошанд.

Дар намуди умумӣ роҳҳои ташкил намудани ҷараёни таълимро бо чандин қоидаҳои аниқ ифодаёфта овардан мумкин аст. 1. "қоидаи амалӣ эквивалентӣ" (ба кулли созгор омадани шароити таҳсили хонандагон дар ҷараёни таъ-

лим ва натиҷаҳои пиндории онҳо бо тест ё худ қабули имтиҳон). 2. "қоидаи амали монанди" (монанд будан, вале натиҷаи феълу атвор яксон набуда, имконияти машқ кардани феълу атвор). 3. қоидаи "донистани натиҷаҳо" (ба хонанда фавран расонидани ахбор оиди ҳаракати ӯ: ин принсип асоси баҳогузории ҷориро ташкил медиҳад).

Ин қоидаро Э.Торндайк пеш бурда, он дертар аз ҷониби Б.Скиннер инкишоф дода шуд ва дар барномаи таълим чун принсипи аксулолоҳо мавриди истифода қарор гирифта буд.

Ба қоидаҳои зикрёфта боз як қоидаро зам кардан мумкин аст, ки он аз тарафи муаллимон васеъ истифода шудааст: қоидаи реаксияи қувватдиҳандаи мусби (тақвият бахши мусбат). Хонанда реаксияи дар ҳаракати хеш ҷойдоштаи мақбулу писандидаро бояд мустаҳкам намояд; ба рафтору кирдори хонанда эърод нагирифта, танбеҳ надода, ба таври маслиҳатомез шарҳу маънидод кардан лозим аст, ки вай дар болои худ кор кушад ("Бори дигар ба таъриф додан кӯшиш кун" ёки "Охири мазмуни бахш бори дигар кор бикун").

**Сохтори аз нав барқароршавандаи силсилаи таълим**

Характери ҳамрангии (дорои як маъно будани) қонуниятҳои мазкур ва ҷараёни таълимие, ки туфайли ҳамин методҳо муайян мегарданд, аз он далолат мекунад, ки дар таълим компоненти репродуктивӣ ба як хел ҳуқуқи зистан молик бошад, онҳо низ дар чунин сатҳ буда метавонанд (танҳо қоидаи 4 ум аз сарҳадоти он ҳориҷ мегардад). Вале қоидаҳои "дурушти" дар боло нишондодашуда ба тамоми ҷараёни таълим ҷори карда шаванд, ин хатои авфнопазир мебуд.

Қисми зиёди педагогҳои ғарб ба стандарт даровардани шароити таълим ташаккули одату малака, маҳдуднокии тавсияҳои бихевиористикиро пеши назар оварда, мегӯянд, ки пиндори ин ҳама таълим додан не, балки аз паси хо-

нанда гашта омӯзонидани бесару нӯг мебошад. Ин ҷиҳати масъала бесабаб мавриди танқиди педагогҳо қарор нагирифтааст. Педагогҳои соҳибтахассусе, ки бо дарсгӯии хонандагони лаёқатнок машғуланд, бо изтироб ҳамин нуқтаро таъкид менамоянд, ки ҷиҳати хонишро ба программаи бихевиористикӣ даровардан тафаккури эҷодии толибилмонро сусту фуруд мегардонад, таъсири манфӣ мерасонад. Аз байн рафтани компоненти тадқиқиву ҷустуҷӯии ҷараёни таълиму тарбия ин номукаммал будани муносибати "дурушти"и умумдидактикиро нишон медиҳад.

Вале агар тарғибу интишор намудани унсурҳои мақсадҳои таълим кушоду равшан намоён гардида, ба душвориҳо рӯбарӯ кунанд, дар сохтори ҷараёни таълим аз муносибати технологӣ даст накашида, ба он ҷиҳати муқобил — алтернативиро ҳам гузоштан мумкин будагист. Пайдо шудани чунин суол як ҳолати табиист.

Бешубҳа, қоидаи сохтор тақозои назарияи таълим мебошад. Аз ин ваҷҳ бо назардошти дигар назарияҳои таълим имконияти ҷустуҷӯи дигар орентир-нишонаҳо низ мавҷуд аст. Яке аз чунин имкониятҳо фаъолияти интеллектуалию ақлӣ буда, он бо назарияи марҳила ба марҳила ташаккул додан вобастагӣ дорад ва аз бихевиоризм бо ҳамин тавофут дорад, ки дар ин ҳол ҳаракат бевосита ба мушоҳида гирифта нашавад ҳам, аз дусар ба идентификасиякунонидани ҳаракат дастёб шудан мумкин аст.

Маълум аст, ки назарияи аз рӯи марҳилаҳои муайян ташаккул додани фаъолияти инсонро ҳанӯз дар солҳои 50 психолог П. Я. Галперин пеш бурда, он дар ҳоли ҳозир бо роҳбарии Н.Ф. Тализина аз аз ҷониби як гурӯҳи тадқиқгарон кор карда мешавад. (Нигаред: Н.Ф.Тализина, Управление процессом формирования знании.— Москва, 1975; Аз ӯст: Формирование познавательной деятельности учащихся.— Москва, 1983 ва ғайра).

Боз як муносибат — ин фарқ кунонидани ҷиҳатҳои инструменталӣ, технологии муносибати психологию педагогӣ мебошад ва ниҳоят боз як имконият мавҷуд аст,

ки тибқи он ҷиҳати азнавбарқароршавии таҷрибаи омӯзгоронро аз нуқтаи назари фанни психология, педагогика намоён кардан ва умумӣ кунонидан мебошад.

Дар васоити таълими мамолики хориҷӣ кӯшишоти бартараф намудани ҷиҳати мушкилписанди технологӣ, "дурушти " дар як самт бурда мешавад:

1) Бо роҳи муроҷиат кардан ба модели алтернативии фаъолияти хониш

(дар аксар ҳол онҳо бо модели бихевиористи қаринанд);

2) Ба як сӯ оҳиста баровардани фаъолияти ташаккулёфтаистодаи хонандагон аз ҳисоби фарогирии репродуктивӣ.

Психолог-дидактҳои Америка Р. Ганйе, Л. Бригтс сохти (стуктураи) дарсӣ ба мақсадҳои муайян нигаронидашударо пешниҳод карда будаанд, ки мо ҳоло ин ҷиҳати таълимро дида мебароем:

а) ташкил намудани диққати хонандагон:

б) хонандагонро аз мақсади дидактикӣ хабардор кардан;

в) ҳавасмандгардонии дар хотир нигаҳ доштани дониши зарурӣ ва малакаву одат;

г) пешниҳоди маводи таълимие, ки реаксияи муайянро бармеангезад;

д) рағбатнок намудани реаксияи хонандагон;

е) таълими аксул-алоқа;

ж) роҳбарӣ кардан ба фаъолияти фикрронӣ;

з) дониш ва малакаву одат, ҳавасманд гардонидани онҳо аз лиҳози маҳкаму мустаҳкам будан;

и) арзёбии ҳаракоти хонандагон;

Вале дидан мумкин аст, ки берун аз ҳудуди соф таълими репродуктивӣ иқдомоти муҳим (г, д, е, ж, з,) азнавбарқароршавии технологиро гум карда, номуайяну мубҳам шуда мемонад.

Суоле ба миён меояд: аз ташаккули одату малакаи репродуктивӣ ба ташаккул додани одату малакаи тадқиқиву ҷустуҷӯи гузаштан чӣ гуна бояд шавад?

Дар ин хусус дидакти Англия Ромашевски варианти зеринро пешниҳод мекунад:

1) расонидани донишҳои зарурӣ;

2) дар сатҳи репродуктивӣ ташаккул додани малакаву одат;

а) намоиш додани фаъолият дар яклухтӣ ва аз рӯи унсурҳо (дар ин маврид намоиш додани донишдиҳиро бо асоси принсипи + фаҳмонидану шарҳ додан якҷоя ҳамроҳ кардан мумкин аст);

б) дар шароити номураккабу содда ба меъёр расонида ташаккул додани малакаву одат (супоришро ба таври сунъӣ содда кардан, ба қисматҳо ҷудо кардан);

в) туфайли аксулолаҳо пайдарпай ташкил намудани амалиёти мустақил ва аз ҷониби муаллим онро ҳамчун рӯйдоди мусбат таҳлил бахшидан;

г) ба марҳила - фазои маҳсулдор, тадқиқиву ҷустуҷӯӣ гузаштан, вазъияти гуногуни муаммоӣ-проблематикиро ташкил кардан — ҳалли масъалаҳои ғайри стандарт, воқеиятро аз лиҳози имитатсионӣ ба модел даровардан;

д) аз ҷониби хонандагон ба тарзи иҷборӣ таҳлил намудани фаъолияти худ; онро якҷоя бо муаллим (гурӯҳ) муҳокима кардан.

Ба ин ташаккул додани малакаву одат исботи теорема аз фанни геометрия мисол шуда метавонад. Муаллим тарзу усули асосии баёни фукру мулоҳизаро фаҳмонида медиҳад (иқдоми 1); онҳоро дар намунаи чандин мисол нишон медиҳад (иқдоми 2,а); машқи исбот карда додан монанди чандон мураккаб набуданро ташкил медиҳад (иқдоми-2,б); исбот карда додани мисолҳои мураккабро нишон медиҳад (иқдоми 2,в). Сипас, хонандагон барои исбот кардан масъалаҳои ғайристандартро гирифта, ба гурӯҳҳои хурд-хурд тақсим мешаванд ё худ онҳоро дар тахтаи синф ҳал мекунанд (иқдоми 3,а), дар айни ҳол масъалаҳои дафъашон додашударо бо тарзу усули барояшон мақбул ҳал мекунанд, рафти исботро ба мулоҳиза мегиранд, муносибати пурсамари худро арзёбӣ мекунанд, онро аз нав дида

мебароянд, аз паи ҷустуҷӯи муносибати алтернативии эвристикӣ мешаванд (иқдоми 3, б).

Бобати ташаккули малакаву одати идора кардани автомобил мисоли дигарро ба мулоҳиза мегирем: баёни маълумотҳои зарурӣ (иқдоми 1), намоиш додан (иқдоми 2,а), машқ дар шароити содда карда шуда (иқдоми 3,б), дунболаш ин дар шароити мураккаб таҳти назорати инструктор ба таври мустақил машқ кардан (иқдоми 2,в). Дар ин ҷо дарси анъанавӣ ба поён мерасад. Вале дар баъзе мактабҳо курси таълими идора кардани автомобил дар ҳаҷми соати бисёр бо рондани он дар кӯчаҳои мошингарди шаҳр ба амал баровардa мешавад. Дар ин маврид ронандаи шогирдпеша шароити бемайлон тағйир ёфта истодани ҳаракати нақлётро, шароити кӯчаву пасткӯчаҳоро бо овоз таҳлил мекунад ин ҳамаро бо инструкторе, ки дар оқиб нишастааст, муҳокима менамояд (иқдоми 3,б)

Ба мақсади чуқуртар ва васеътар омӯхтани афкори педагогии мутафаккирони Осиёи Марказӣ аз фанни педагогика ва методикаи корҳои тарбиявӣ дастуре таълиф намудем. Аз рӯи он донишҷӯён аз "Авесто"-и зардуштиён, "Қуръон"-и Карим, "Ҳадисҳо"-и Муҳаммад пайғамбар, "Қобуснома"-и Кайковус, "Баҳористон"-и А.Ҷомӣ, "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдӣ ва ғайраҳо огоҳанд ва баҳра мебаранд. Барои таълими самараноки ин мавзӯъ роҳу усули гуногунро истифода кардан мумкин аст.

Чанде аз таҷрибаҳои худро дар ин бобат ба эътибори шумо расонидем. Алалхусус, ҳангоми супоридани корҳои мустақилона бояд таъкид намуд, ки шогирдон на танҳо ба омӯхтани аҳамияти тарбиявии хазинаҳои бебаҳои мероси адабиву бадеии бузургон шуғл варзанд, балки ба муқоиса, таҳлил ва татбиқи он низ эътибор диҳанд.

Барои муқоиса намудан як лаҳзае аз асари "Пирӯзнома"-и Ибни Сино, "Қобуснома"-и Кайковус, "Футувватномаи Султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва "Усулҳои асосии муомилаи байниҳамдигарӣ"-и олими амрикоӣ Дейл Карнегиро меорем. Усули дарси муқоисакуниро ба шакли

бозӣ-дарс ташкил намудем. Фарз кардем: дар курси III 20 нафар донишҷӯ илм меомӯзанд. Ононро ба 4 гурӯҳ тақсим намуда, ба ҳар яки гурӯҳҳо чунин вазифаҳо супоридем:

**Супориши 1**. Аз мутафаккирони Осиёи Маркази киҳоро медонед, ки ба тараққиёти афкори педагогӣ саҳм гузоштаанд?

а) Ибни Сино, Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ

б) Ломоносов, Толстой, Саъдӣ

в) Дейл Карнеги, Макаренко, Коменский.

Гурӯҳе, ки ба саволи гузошташуда ҷавоби мусбӣ дод, ба гирифтани балли баланд соҳиб мегардад.

**Супориши 2.** Асарҳои "Пирӯзнома", "Қобуснома" ва "Футувватномаи Султонӣ" ба кадоме аз гурӯҳи ин олимон мансубанд?

а) Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ибни Сино

б) Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Кайковус, Ҳофизи Шерозӣ

в) Ибни Сино, Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**Супориши 3.** Асари "Усулҳои асосии муомилаи байниҳамдигарӣ" ба қалами ки мансуб аст?

а) Дейл Карнеги

б) Макаренко А.С.

в) Коменский Я.А.

**Супориши 4.** Хондан ва мутолиа кардани асарҳои дар боло зикр шуда хонандаро бо кадом ғоя мусаллаҳ мекунад?

А) ғояи накӯкорию адолат, ободию фаронвонӣ, ватанпарварӣ

Б) ғояи афтодаҳолию инсонбадбинӣ, меҳнатгурезию маишатпарастӣ

В) ғояи зиштию зӯравонӣ, ватанпарастиву ватандӯстӣ

Инак, он гурӯҳе, ки аз ҳама баҳои баланд гирифт, бозиро давом медиҳад, яъне супориши 5-ро иҷро менамояд.

**Супориши 5.** Ҳамин тариқ, мо ба чунин хулоса омадем, ки ҳар кадом аз ин асарҳо амсоли "Қобуснома", "Пи-

рўзнома”, “Футувватномаи Султонӣ”... ба як масъалаи муҳим-таълиму тарбияи инсон нигаронида шудааст.

Инак, аз ҳар як асар порча оред, ки маданияти сухандониву сухангўиро ифода карда бошад?

**Ҷавоби 1**. Намуна аз “Пирўзнома” -и Ибни Сино;

Гуфтам:

— Аз ҷавонон чи беҳтар ва аз пирон чи некўтар?

Гуфт:

— Аз ҷавонон шарму далерӣ, аз пирон донишу оҳистагӣ.

Гуфтам:

— Аз мардумон ки оқилтар аст?

Гуфт:

— Он ки кам гўяду беш шунавад ва бисёр донад...

**Ҷавоби 2**. Намуна аз “Қобуснома”-и Кайковус;

“Ва агарчи сухандон бошӣ камтар аз он намой, то ба вақти гуфтор пиёда намонӣ. Ва бисёр дону камгўй бош, на камдону бисёргўй, ки гуфтаанд, хомўшӣ дуввумин саломатист ва бисёр гуфтан дуввумин бехирадӣ”.

**Ҷавоби 3.** Аз “Футувватнома Султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ;

“...зоҳири футувват аввал, банди забон аст аз ғайбат ва бўҳтони кизб (дурўғ) ва сухани беҳуда ва аҳди футувват аз касе дуруст аст, ки аз забони ў мардум ба саломат бошанд:

Агар мардӣ, забони худ нигаҳ дор,
Зи кибру ғайбату бўҳтону озор.

**Ҷавоби 4.** Намуна аз “Усулҳои асосии муомилаи байниҳамдигари”-и Дейл Карнеги:

“Дар олам ҳам ҷустуҷўи бахт мебошанд ва ягона усули дурусти онро пайдо намудан мавҷуд аст. Барои ин бояд шумо идора намудани фикратонро омўзед. Бахт аз шароитҳои берунӣ вобаста намебошад. Он аз шароитҳои муқаррарии дохили вобаста аст... Шунавандаи хуб шавед. Дигаронро ҳавасманд кунед, ки дар боаи худ суханронӣ кунад. Дар бораи он ҳарф занед, ки ҳамсўҳбатон ба он майлу рағбат дошта бошанд. Аз ҳама аввал ҳурмати муо-

милаи дўстонаро риоя кунед. Бигзоред, ки қисми зиёди вақт ҳамсўҳбатон ҳарф занад...”

Барои ба ингуна ҷавобҳои дуруст муваффақ шудан, мо якчанд рўз пеш ба донишҷўйён вазифа месупорем, пас онҳо ба дарси семинарӣ бо завқ иштирок намуда, машғулотҳои ояндаро мунтазир мешаванд.

Дар натиҷаи ин усули нави технологияи педагогӣ, дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ рўй ба беҳбудӣ ниҳод ва афзуд. Боз як бартарии дигари ин усули дарсомўзӣ он буд, ки донишҷўён аз омўзгоро хоҳиши такрор намудани ин усули таълимро талаб карда, супоришҳои бисёреро иҷро намуданд.

Дар натиҷа, аксарият бо лаёқати мустақилона омўхтан, таҳлил намудан ва озодона фикру мулоҳиза рондан муяссар шуданд.

Ҳоло барои мисол як намуди азхудкунии маводи таълимро дар ҷараёни дарсҳои амалӣ-семинарӣ аз фанни “Педагогика ва методикаи корҳои тарбиявӣ” дар мавзўи “Муаллим” -ро дида мебароем.

Барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои хониши ба нақша гирифта шуда ҷараёни таълим ба лоиҳа гирифта мешавад ва ин ба комёб шудани натиҷаҳои амиқи ҷамъбастӣ, хулосабарорӣ нигаронида шудаанд.

Барои санҷиш як мисоли оддӣ: дар якчанд гурўҳҳои тоҷикии факултаҳои физика, риёзӣ, педагогика, биология ва филологияи тоҷики донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи А.Навоӣ чунин тарзи нави дарсҳоро ҷорӣ намудем: донишҷўёни мазкур барои аз худ намудани маводи таълимии “Муаллим” вазифаи навиштани иншоҳоро дар мавзўи озод чун: “Муаллим-модар”-ро супоридем.

Донишҷўён ҳангоми иҷрои ин вазифаи хонагӣ ба чунин масъалаҳо эътибори худро ҷалб намуданашон лозим буд: муаллим шахси таълим ва тарбиядиҳандаи бачагон аст; интихоби касби муаллимӣ; фаъолияти педагогӣ, қобилият ва маҳорати педагогӣ; сифатҳои касбии муаллим ва ҳоказо.

Омӯзгор ҳангоми таҳлил намудани иншои донишҷӯён, яъне ҷамъбаст намудани натиҷаи ин маводи таълимӣ ба чунин хулоса меояд: онҳо чи андоза аз хурдсолӣ ба муаллим ва касби муаллим эҳтиром пайдо кардаанд ва "муаллими аввалин" ба туфайли меҳнати ниҳоят душвору пуршарафаш аз синфҳои ибтидоӣ то чӣ андоза ҷой гирифтааст.

Сипас ҳангоми омӯхтани мавзӯи "Таълиму тарбияи фарзандон дар оила" ба донишҷӯёни гурӯҳҳои мазкур иншо ба мавзӯи "Фарзанди нағз — боғи падар, фарзанди бад — доғи падар" навиштанро супоридем.

Хулоса, омӯзгори оянда фаъолияту қобилияти педагогии худро маҳз дар ҷараёни омӯхтани фанҳои "Педагогика ва методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб", ҳангоми иҷрои ин гуна услубҳои дарсомӯзӣ мукаммал аз худ намуда ба мутахассиси ботаҷриба табдил меёбад.

Донишҷӯи имрӯза фардо муаллими мактаб, асосан донишҷӯёни факултаи педагогика ва руҳшиносӣ бошанд, муаллимони синфҳои ибтидоӣ мешаванд ва масъулияти вазнини таълиму тарбияи кӯдаки хурдсол ба зиммаи онҳо меафтад. Мо боварии комил дорем, ки хатмкунандагони донишгоҳи мо малакаю маҳорати ҷамъкардаи худро албатта дар оянда ба ҳаёт татбиқ намуда, барои мустаҳкам гардидани истиқлолияти Ӯзбекистони соҳибихтиёр саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Ҷараёни технологӣ чист?
2. Самаранокии технологияи педагогиро гӯед.
3. Ба ҷараёни таълим татбиқ намудани технологияи педагогиро фаҳмонед.
4. Дар бораи таълими анъанавӣ маълумот диҳед.
5. Ба лоиҳа гирифтани ҷараёни хонишро фаҳмонед.
6. Натиҷаи таълим аз чӣ иборат аст?
7. Идентификатсиякунандаи таълим чист?

8. Технологияи пурра муайян кардани мақсадҳои таълимро фаҳмонида диҳед.

9. Ҳангоми кор карда баромадани супоришоти тест аз чӣ сабаб ба коркарди ҷавоби эталон эътибори ҷудогона дода мешавад?

10. Дар вақти кор карда баромадани супоришоти тест барои афзудани самаранокии он ба кадом талабот такя кардан лозим?

11. Таснифи (классификатсияи) тестҳоро фаҳмонида диҳед.

12. Хусусиятҳои аз ҳам фарққунандаи санҷиши анъанавии тестро (кори хаттӣ, пурсиши даҳонӣ) номбар кунед.

13. Ба воситаҳои техника, ки ҳангоми гузаронидани назорати тест истифода мешаванд, тавсиф диҳед.

14. Бо назардошти кадом мақсадҳо тестҳо аз меъёри таҳрир, эксперт ва экспериментали тафтиш карда мешаванд?

## АДАБИЁТ

1. Каримов И.А. Баркамол авлод орзуси. – Т.: 1997.
2. Каримов И.А. Ўзбекистон – бозор муносабатларига ўтишнинг ўзига хос йўли. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 1993.
3. Каримов И.А. Истиқлол ва маънавият. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 1994.
4. Каримов И.А. Ўзбекистон иқтисодий ислоҳотларни чуқурлаштириш йўлида. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 1995.
5. Каримов И.А. Ўз келажагимизни ўз қулимиз билан қурмоқдамиз. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 1999.
6. Ўзбекистон Республикаси Конституцияси. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 2008.
7. Ўзбекистон Республикасининг давлат рамзий белгилари. Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 2003.
8. Ўзбекистон Республикасининг ҳалқ таълими хақидаги қонуни. – Т.: 1997, июль.
9. Ўзбекистон Умумитаълим мактабларининг Концепцияси. – Т.: 1993.
10. Олии таълим концепцияси. – Т.: 1995.
11. Миллий истиқлол ғояси: асосии тушунча ва тамойиллар. – Т.: "Янги аср авлоди" наршриёти, 2001.
12. Ўзбекистоннинг миллии истиқлол мафкураси. – Т.: "Ўзбекистон" нашриёти, 1993.
13. Ўзбек педагогикаси антологияси. – Т.: "Ўқитувчи" нашриёти, 1995.
14. "Маънавият ва маърифат" ижтимоий марказларнинг ишларини такомиллаштириш ҳақидаги Президент фармони. – Т.: 1996, 9 сентябр.
15. Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо. – Душанбе: 1997.

16. Аҳмад Яссавий. “Девони Ҳикмат”. – Т.: Ғ.Ғулом номидаги нашриёт, 1986.

17. Абдулла Авлоний. О разуме и науке. – Алма-Аты: АН Казахстана, 1995.

18. Абдуллозода Р. Пандномаи рўзгор. – Душанбе, нашриёти“Маориф” , 1995.

19. Ал-Бухории. Ҳадислар. – Т.: “Қомуслар бош таҳририяти”, 1991.

20. Алишер Навоий. “Маҳбуб-ул-қулуб”. – Т.: Ғ.Ғулом номидаги нашриёт, 1986.

21. Амонашвили, Ильин ва бошқалар. Педагогик изланиш. – Т.: 1987.

22. Антология педагогической мысли Узбекистана. – М.: “Педагогика”, 1986.

23. Аскаров Ю.Н. Оила педагогикаси. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1988.

24. Ёдгоров Р. Таълим ва тарбия бирлиги. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1972.

25. Ёшларни касб танлашга ўргатиш давр талаби. – Т.: “Ўзбекистон” нашриёти.

26. Искандаров И. ва бошқалар. Ўзбекистон педагогикаси антологияси. – Т.: 1995.

27. Исмоилий М. Инсон ҳусни. – Т.: “Адабиёт ва санъат” нашриёти, 1989.

28. Кайковус. “Қобуснома”. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1984.

29. Коменский Я.А. “Буюк дидактика”. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1994.

30. Мунавваров А.К. Педагогика. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1996.

31. Оила ахлоқи ва одоби. Тўплам. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1995.

32. Орифи М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. – Душанбе: 1976.

33. Ражабов С. ва бошқалар. Педагогика. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1981.

34. “Тафаккур” ойномаси. – 2002 иил 1-4 нусхалари.
35. Усманов Р. Одобнома. – “Ўқитувчи” нашриёти, 1985.
36. Хайруллаев М.М. Фаробий. – Т.: “Ўзбекистон” нашриёти, 1991.
37. Юсупов Э. Маънавий камолот омиллари. – Самарканд: СамДУ. 1995.
38. Юсуф Хос Хожиб. Кутадғу билиг. – Т.: “Фан” нашриёти, 1990.
39. Ғайбуллаев Н.Р. Таълим-тарбиянинг амалий йуналиши. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1986.
40. Қурбонов. Одобнома. – Т.: “Ўқитувчи” нашриёти, 1981.
41. Ҳасанбоев Ж., Ҳасанбоева О. Педагогика тарихи. – Т.: 1996.
42. Баркамол авлод - Ўзбекистон тараққиётининг пойдевори. Президент И.Каримовнинг Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси IX сессиясида сўзлаган нутқи, 1997 йил, 29 август.- Тошкент: Шарқ нашриёти, 1997.
43. Баркамол авлод орзуси, - Тошкент: Шарқ нашриёти, 1999, 182 б.
44. Беспалько Б.П. Слагаемые педагогические технологии, - М: Педагогика, 1989, 190 с.
45. Вертгеймер М. Продуктивное мышление. - М: Прогресс, 1987, 336 с.
46. Гузеев В. От методики - к образовательной технологии, //Народное образование. 1998, № 5, 84- 91 с.
47. Дахин А.Н. Педагогический мониторинг: концепция и применение. //Школные технологии. 1997, № 3, 39- 42 с.
48. Кларин М.В. Метафоры и ценностные ориентации педагогичиского сознания. Педагогика. 1998, 1.
49. Кларин М.В. Педагогическая технология в учебном процессе. - М: Знание 1989.- 75 с.
50. Марквардт К.Г. Развиваюшая система подготовки специалистов. - М: Знание 1981.- 84 с.

51. Назарова Т.С. Педагогические технологии: новый этап эволюции. //Педагогика. 1997, № 3, 20- 26 с.

52. Никандров Н.Д. Программированное обучение и идеи кибернетики (Анализ зарубежного опыта). - М: Наука, 1970.- 206 с.

53. Объективная оценка качества усвоения знаний учащихся и студентов.- Ташкентский Технический Офис Тасис. Составители Ян Смит, Борис Фарберман. Т: 1999, 150 с.

54. Сластенин В. Домината деятельности. //Педагогика. 1997, №9, 41-41 с.

55. Селевко Г. Взгляд на проблему. //Педагогика. 1997, №9, 27-32с.

56. Томас К. и др. Перспективы программированного обучения. М: Мир, 1996. -246 с.

57. Фарберман Б.Л. Илғор педагогик технологиялар. - Тошкент, 1999. ОЎММИ нашри, - 83 с; Фарберман Б.Л. Основы теории инвариантных тестовых заданий. Таълим муаммолари, илмий-услубий ютуқлар ва илғор тажрибалар. 1997, № 3 -6, 40-45 с.

58. Фарберман Б.Л., Асомов Л.К. Педагогик тестлар ва талабалар билимини назорат қилиш ва баҳолашнинг рейтинг системаси. - Тошкент, 1995.

59. Шодиев Н., Муронов Б. ва б. Тест назорат услубияти. -Самарқанд: СамДУ нашри, 1997. - 99 бет.

60. Шодиев Н. Такомиллик зарур. // “Маърифат”, 1998.

61. Монахов В.М. Технологические основы проектирования и конструктирования учебного процесса. - Волгоград “Перечена”, 1995.

62. Монахов В.М. Аксиоматический подход к проектированию педагогической технологии // Педагогика, 1997, № 6.

63. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии. Учебное пособия. - М: Народное образование, 1998.

64. Янги педагогик технологияларнинг йўналишлари, муаммолари ва ечимлари. Тўплам, - Т: РТМ нашриёти. 1999.

65. Ерецкий М.И. Совершенствование обучения в техникуме. Учеб.-мет. пособие. - М: Высшая школа, 1987.

66. Крулль Э.В. Значение тестовых фондов // Совершенствование учебной литературы. - Тарту, 1988.

67. Йўлдошев Ж.F. Янги педагогик технология. // Халқ таълими, 1999, № 4.

68. Янги педагогик технологиянинг йўналишлари, муаммолари ва ечимлари, Тўплам, Республика таълим маркази, - Тошкент, 1999.

69. Саидахмедов Н.С. Очилов А. Янги педагогик технология моҳияти ва замонавий лойиҳаси. - Тошкент, ХТВ, РТМ нашриёти, 1999 - 55 б.

70. Саидахмедов Н.С. Ўқитувчининг педагогик тизимдаги фаолияти // Халқ таълими, 1993, №-7.

71. Саидахмедов Н.С. Педагогик технология концепциясининг ривожланиш тарихи. - Маърифат, 1999, 17 март.

72. Саидахмедов Н.С. Ўқитувчи фаолиятининг технологиялануванлиги. - Маърифат, 1999, 19 июль.

73. Саидахмедов Н.С. Янги педагогик технология принциплари. // "Маърифат", 1999, 27 октябр.

74. Саидахмедов Н.С. Дидактик жараён. - Маърифат, 1999, 17 февраль.

75. Янушкевич Ф. Технология обучения в системе высшего образования. - М: 1987.

## МУНДАРИЧА

**БОБИ I**

ФАННИ ПЕДАГОГИКА, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ... 6

УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ ИЛМИИ ПЕДАГОГИКА... 16

**БОБИ II**

МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ... 24

**БОБИ III**

ТАРБИЯ ВА РИВОҶИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДА ... 34

**БОБИ IV**

МУАЛЛИМ - УСТОДИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ ... 46

**БОБИ V**

НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚ ДАР ЎЗБЕКИСТОН ... 56

**БОБИ VI**

НАЗАРИЯИ ТАЪЛИМ ... 65

**БОБИ VII**

ҚОНУНИЯТ ВА ҚОИДАҲОИ ТАЪЛИМ ... 82

**БОБИ VIII**

УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ ... 95

**БОБИ IX**

ШАКЛҲОИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ ТАЪЛИМ ... 112

**БОБИ X**

НАЗАРИЯИ ТАРБИЯ ... 127

**БОБИ XI**
УСУЛҲОИ УМУМИИ ТАРБИЯ .................................... 139

**БОБИ XII**
МАКТАБ ВА ИДОРАИ ОН ............................................ 183

**БОБИ XIII**
ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ПЕДАГОГӢ ..................... 195

АДАБИЁТ ............................................................................237

**Ҳасанова Кибриё**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯИ ПЕДАГОГИКА

*китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо*
*(тожик тилида)*

Муҳаррир **З.Тоҳириён**
Мусаҳҳеҳ **Т.Абдуллоева**
Муҳаррири техникӣ **М.Алимов**
Саҳифабанди компютерӣ **А.Рӯзиев**

Ба чоп 07.07.2008 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 15,25. Теъдоди нашр 500 нусха.
Супориши № 98.

Дар нашриёти «IQTISOD-MOLIYA» тайёр карда шуд.
700084, Тошканд, кӯчаи Ҳ.Асомов, 7. Шартномаи № 47-2008

Дар матбааи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди
«TOSHKENT TEZKOR BOSMAXONASI» чоп карда шуд.
100200, Тошканд, тангкӯчаи Радиалний, 10.